Организация местной власти имела массу недостатков: ограничение избирательного начала, наделение органов самоуправления полицейскими функциями, отсутствие единообразия в функционировании этих органов у разных слоев населения и в разных районах генерал-губернаторства, несостоятельность деления населения по этнографическому признаку, постепенность и нерешительность реальных изменений, в отличие от более радикальных проектов и т.д. Однако главной тенденцией оставалось приобщение местных жителей и органов общественного управления коренного населения в Туркестане к положению низших сословий внутренней России и системе сельского самоуправления империи.

Одним из таких слегка подновленных институтов был так называемый Народный суд. Помимо народного суда были узаконены еще два института – съезд судей и чрезвычайный съезд судей, которые выполняли роль окончательной апелляционной инстанции в случае несогласия с единоличным решением кази. По желанию сторон, местные жители могли обращаться в российские суды, но в случае, если народный суд вынес свое решение, это право аннулировалось. Съезды также могли инициировать процесс отрешения судьи от его обязанностей. В ведение народного суда передавались все гражданские дела, за исключением тяжких преступлений, преступлений против власти и государственного имущества [9, с.85].

Судьями обычно выбирались местные богатеи-ростовщики, которые добивались этих должностей с помощью различных интриг и подкупов. Выполнение служебных функций в судах издавна было связано с получением значительных доходов, уплачиваемых сторонами в соответствии с установившимся обычаем. Действуя на основе шариата, судья часто смешивал понятие уголовно наказуемого деяния с понятием аморального поступка и на основании этого определял наказание.

Еще разработчики проекта Положения 1867 г. пришли к выводу о невозможности сиюминутного подчинения коренных жителей общеимперскому судопроизводству. Поэтому в сферу ведения российского суда отнесли только дела переселенцев из внутренних районов империи (споры между собой и с местным населением, между жителями оседлых и кочевых районов), а также наиболее тяжкие преступления. Другими словами, была сделана попытка создать новую судебную систему параллельно традиционной в надежде, что «справедливый русский суд» станет более привлекательным для коренных жителей [12, с.69-70].

Судебная часть в Туркестанском крае была вверена различным органам: военно-судным комиссиям, областным правлениям, уездным судьям, уездным начальникам и народному суду. Органами судебной власти считались – кази и муфти, в некоторых случаях раисы. Из числа первых один, с утверждения хана, получал звание – кази-калон или главного, ученого судьи.

Муфтии были чем-то вроде присяжных поверенных и вместе с тем секретарей у казиев. Они составляли всякого рода прошения, договоры и акты и писали решения казиев. Кроме того, муфтии, присутствуя при разборе дел казиями, давали свои заключения о постановлениях шариата по каждому отдельному случаю.

Помимо этого данного положения, для народного суда оседлого населения были установлены лишь две самостоятельных инстанций: казия, решающего окончательно дела на сумму до – 100 рублей, и съезд казиев для решения исковых дел на сумму свыше – 100 рублей, как гражданских, так и уголовных дел [11, с.111].

Этот порядок подсудности отличается от прежнего, то есть традиционного, главным образом, тем, что во времена беков одному казию подлежали все гражданские дела и уголовные меньшей важности, а преступления, сопряженные с тяжкими наказаниями, и прежде разрешались в съездах казиев, не имевших характера периодического учреждения, созывавшихся беком по мере надобности, под председательством Кази-Каляна, в сущности, один он являлся вершителем дела, так как другие казии, из уважения к его учености и лично к нему, считали долгом во всем с ним соглашаться. Судопроизводство казиев отличалось, главным образом, тем, что за каждый уголовный проступок полагалось наказание, они всегда приговаривали виновных к взысканиям, причем наибольшей строгостью отличались приговоры по преступлениям против собственности [3, с.326].

В зависимости от вида судебных дел имперская судебная власть в крае принадлежала уездным судьям, временным военно-окружным комиссиям, областным правлениям на правах Палаты уголовного и гражданского суда и съезда мировых судей, а также Правительствующему Сенату. В 1878 г., не получив на то «высочайшего соизволения», обязанности дополнительной кассационной инстанции в крае принял на себя генерал-губернатор. Судебными вопросами в канцелярии главного начальника края ведало специальное судебное отделение, не имевшее аналога в остальной России.

В отличие от Положения 1867 г. и всех до этого существовавших временных положений и правил, основные цели Положения 1886 г. состояли «в устройстве наиболее соответственного местным условиям и нуждам населения гражданского управления, которое, способствуя развитию его благосостояния, вместе с тем служило бы целям прочного закрепления края за Россией, уменьшения расходов казны на его управление и увеличения доходов» [5, с.103].

Таким образом, Положение 1886 г. имело своей целью превратить Туркестан в типичную колонию, облегчить его эксплуатацию русскими, держать массу в страхе перед царизмом, пресекать малейшие проявления недовольства народных масс колониальным режимом.

С 1 января 1887 года состоялось преобразование в Туркестанском крае. В громадных среднеазиатских владениях России был установлен – по русскому восприятию – правильный, основанный на законе, судебный порядок. По словам Н. Дингельштедта, - «Туркестану особенно посчастливилось относительно скорого устройства судебной части и что край этот поставлен в лучшие условия, чем все другие окраины, например, Сибирь, Прибалтийские губернии» [4, с.1].

Заботы об устройстве в Туркестане судной части, на правильных и прочных основаниях, были всегда близки всем главным начальникам этой окраины империи. Например, первый устроитель края К.П. фон Кауфман, с первых дней деятельности серьезно обратил внимание вопрос, о правильном и возможно лучшем устройстве судебной части, и, именно благодаря его усердиям, пусть слабо, но все-таки начали действовать судебные уставы.

При первоначальном устройстве Туркестанского края много говорилось о местных условиях и обычаях и, вообще, стремились к установлению такого порядка управления, который, при наименьших материальных пожертвованиях со стороны государства (обратите внимание, при наименьшей затрате) представлял весь задаток к постепенному введению общего гражданского управления, и в то же время, не производит слишком крутой ломки (ну, насколько это правдиво, это большой вопрос) в внутреннем быту местного населения. Поскольку трогать местный традиционный суд означало, затронуть религию, а это очень опасно и это хорошо понимали сами русские. С другой стороны, невозможно было оставить казийский суд неприкосновенным, так как никто не сомневался, что этот суд являлся для народа проводником всякого рода упорства и невежества. Русская администрация даже

умудрилась применить опыт Дагестана и Тверской области, то есть устроить народный суд, под председательством русского чиновника, однако это могло бить сочтено как явное нарушение шариата. Такой метод мог бы оказаться плачевным, поскольку по ставленный чиновник либо мог сломать шариатские порядки, либо подпасть под влияние казиев и тем самым унизить русскую власть.

Однако весьма важно суть и содержание шариатского законодательства, то есть насколько оно гуманное или справедливое, ведь она на протяжении веков не деформировалось, не обновлялось, не модернизировалось, более того, оно использовалось как рычаг государственной социальной безопасности. Отметим, что шариат в целом, содержит уголовные, гражданские правовые нормы [8, с.11]. Необходимо отметить, что мусульманский шариат не проводит различия между грехом и преступлением. Поэтому нарушение любой из норм, установленных религией, является нарушением шариата. В частности, воровство, убийство, прелюбодеяние считалось особыми грехами, и они карались разными степенями наказания [10, с.52]. Подчеркнем особенности – шариата, что в нем определены все правовые нормы, начиная от казикаляна до муфтия, от норм иска до ответчика.

Например, Ван ден Берг, который все нормы, содержащиеся в шариате, разделил на пять правовых направлений: религиозные, гражданские, индивидуальные в частном порядке, семейно-бытовые, уголовные и государственные [2, с.240]. Голландский ученый-правовед XIX века Л.В.С. Ван ден Берг объективно и доброжелательно исследовал конкретные формы шариата с позиций правовой теории и практики на материале Нидерландской Индии (сов. Индонезия) с учетом местных обычаев и традиций. Однако надо отметить, что знаток шариатского закона, несмотря на его бесспорные знания в области ислама, шариата, исходил совершенно из другого географического пространства со специфическими различиями.

Продолжая мысль о становлении народного суда, вспомним слова одного из широко известных русских администраторов в Туркестанском крае Н.С. Лыкошина, который писал следующее: «Существующий в настоящее время у оседлых туземцев Туркестана народный суд сменил существовавший ранее при мусульманском владычестве – суд казиев. Гуманное стремление завоевателей привлекло за собою, с одной стороны, то что полностью преступления были подчинены юрисдикции общих судебных установлений, а с другой – совершенную отмену телесных наказаний, отсечения рук и ног, наконец, смертной казни по приговору казиев» [7, с.53].

Этот факт вызывает сомнение по нескольким моментам, во-первых, гуманизм по своей природе отличается по изменению географического пространства, то есть где и какой народ живет; во-вторых, у каждого народа имеется свои нравы и самобытность; в-третьих, да и внутри религии имеется разные направления и в каждой из ветвей имеется свой взгляд на гуманизм, законопроект и духовные ценности. То есть, с одной стороны, можно определенно сказать судебная система, служащая государству и определенному кругу правительства по вышеуказанным признакам, имели специфические черты. С другой стороны, Запад и Восток они всегда во всех отношениях были две разные стороны полушария.

Обратимся к следующему тезису, в котором приводиться весьма интересный аргумент: «Во-времена мусульманского владычества в руках казия, как представителя правосудия, находилось право жизни и смерти над каждым из подданных мусульманского государя, поэтому только достойные люди могли иметь нравственное и законное право занять ответственную должность казия, а мусульманский правитель той или другой области, задолго до назначения кого-либо на должность казия, тщательно знакомился с личностью предложенного кандидата, чтобы выяснить, соответствуетли он всем требованиям» [7, с.53].

Обратите внимание на другой факт, который демонстрирует процедуры статус и демократичность ставленников на должность казия. На первый взгляд, чувствуется непредвзятость и справедливость, однако практика показывает совершенно другое. Например, по мнению мусульманских законоведов, казием мог бы стать каждый, кто свободен, здоров, был совершеннолетним, исповедует ислам и в своем прошлом не имеет позорящих человека проступков, например, не был обвинен в клевете. В государстве было очень много лиц, удовлетворявших всем этим условиям, а потому правитель должен был приложить немало старания, чтобы из лиц, правоспособных по закону, избрать на должность судьи человека,

наиболее заслуживающего доверия и способного к исполнению сложных обязанностей блюстителя правосудия.

Однако, если обратиться к шариату, то можно найти и другой момент, выходящей за рамки вышеуказанной конструкции. – «Шариат допускает, в случае необходимости, назначение на должность казия лиц, не сведущих в шариате, так как казий может постановить справедливое решение и на основания мнения других, сведущих лиц» [7, с.54].

Но на практике, выбор в большинстве случаев падал на одного из местных знатоков шариата, заслужившего во мнении своих сограждан популярность своей ученостью, при всех других необходимых казию достоинствах. Да и при выборе, правитель советовался с духовной и светской властью и только затем он мог остановиться на одном из кандидатов и предложить занять должность казия.

Хотел обратить внимание на такой важный момент – шариат положительно запрещал кому-то ни было добиваться назначения на должность казия, одно только желание достичь этой высокой степени власти уже являлось, по мнению мусульманских законоведов, преступлением. Самые строгие толкователи шариата находили даже то, что они считали непристойным принимать на себя и по назначению исполнения обязанностей казия, если избранный соглашался принять должность добровольно, без принуждения.

В данной трактовке главным доводом служили слова пророка Мухаммада (Саллалолоху Вассалам), который сказал: - «кто назначается казием, терпит такое же мучение, как и животное, горло которого режется тупым, а не острым ножом» [7, с.54].

Из этого следует, что при строгом выборе кандидатов назначенный на должность казия приобретал на глазах народа большое значение, являлся в полном смысле слова высшим представителем правосудия. Вместе с тем, будучи всецело обязанным – правителю высокой честью, которой он удостоился, вновь назначенный казий становился первым и усердным слугой главы государства, направляя все свои усилия к тому, чтобы оправдать на деле оказанное ему высокое доверие и стараться в своих решениях руководствоваться исключительно указаниями шариата.

В этом отревке хотелось бы рассмотреть на маленьком историческом примере роль казия в судебном процессе. В этом плане весьма интересным этюдом могли бы послужить некоторые эпизоды из исторического романа устода С. Айни [1, с.224], где красочно рассказывается о реальном правосудии, сложившемся уже при новом режиме.

Роль казия в сущности сводилась к исполнению обязанностей посредника, так как стороны, приходя в суд, запасались так называемыми «риваятами», вернее, справками из книг шариата, составляемыми местными знатоками мусульманского кодекса. Несколько слов о «риваяте», лицо, желающее нарушить закон, но при этом оставаясь на легальной почве, обращалось к какому-нибудь муфтию и просил его приискать в юридических сочинениях случай, когда буквальный смысл шариата был нарушен таким лицом или при такой обстановке, что это нарушение не считалось греховным. Муфтий легко находил такой случай и давал засвидетельствованную выписку. Этот документ подносился для подписи казию или нескольким казиям, они скрепляли своею печатью, ривоят таким образом превращался в «фатву», то есть делался сепаратным постановлением, имеющим силу закона, которым можно было руководствоваться, и вот прямой смысл нарушения шариата.

И вот, что является в этом привлекательным, муфтий цитировал соответствующие постановления шариата и, согласно решению казия, писал приговор, к которому прикладывался печати казия и муфтия [6, с.56-60]. Муфтий всегда состоял при казиях, а казии, в большинстве случаях сами были этими лицами, эти лица получившие духовно-юридическое образование в высших школах, питомцы которых никогда в приискании подходящих ривоятов не затруднялись.

По этому поводу приведем еще один пример, в судебном процессе, каждый из тяжущихся старался поручить составление риваята для себя лучшему законоведу и тот (материально заинтересованный), кто брался за это дело, прилагал все свои усилия, чтобы извлечь из юридических трактатов и толкований побольше самых убедительных цитат, доказывающих правоту клиента, имевшего представить риваят казию. Противная сторона также заботилась о возможно большей убедительности своего риваята и, таким образом, перед судом казия

выступали тяжущиеся с самыми подробными справками из закона. А казий со своей стороны должен был предложить представленные ему риваяты на обсуждение состоявших при нем «аалямов» (советников) и, выслушав их мнения, а также ознакомившись с объяснениями тяжущихся и представленными документами, казий постановлял решение на основании внутреннего своего убеждения.

Или обратим свое внимание на еще один интересный момент: решения казия считалось окончательным (такой регламент является правдивым – автор), однако это было далеко не так, поскольку никакой высшей инстанции не существовало, хотя каждый, испытавший на себе не справедливость казия, мог найти себе защиту пред лицом представителя административной власти бека или хана. Иногда несправедливость или судебная ошибка казия влекла за собой пересмотр дела в присутствии бека при участии местных законоведов или же, если появились бы подозрения на пристрастие или корысть, то немедленно сменяли казия с изгнанием или с конфискацией его имущества. То есть можно сказать, что, несмотря на осторожность при назначении, несмотря на страх кары за несправедливый суд, казии, конечно, и в мусульманском режиме не были безупречными.

Надо отметить, что человеческая слабость, присущая и этим стражам законности, оказывала свое вечное и низменное влияние на решения казиев, во всяком случае, можно было поручиться за преданность таких казиев тому правительству, волею которого они были поставлены судить народ.

Но, с приходом русского закона, начало преобразовываться и правосудие, то есть по русскому законодательству было предоставлено местному населению выбрать себе народных судей по своему усмотрению, ограничив это право лишь требованием, чтобы в народные судьи избирались жители волости, пользующиеся уважением и доверием народа.

Убеждение в несостоятельности народного суда, по мнению русских администраторов, выражалось и в том, что «казийское правосудие всегда и прежде было в подозрении и, кроме вопиющих несправедливостей, издавна чинимых казиями, считавшимися, в большинстве случаев, доступными так называемым посторонним влияниям, в самом шариате оказывался готовый и притом богатейшей материал для юридических обходов и софизмов» [4, с.5].

Таким образом, суммируя, можно отметить несколько важных моментов в эволюции правосудия в Туркестанском крае: во-первых, столкновение двух систем правосудия, синтез или преобладание; во-вторых, специфика шариата и Российского законодательства; в-третьих, соотношения традиционного и русского суда; в-четвертых, ислам под колпаком империи. Итак, приведенные материалы свидетельствуют о том, что, несмотря на то что край попал в колониальную зависимость, новая администрация зависимо от мировоззрения имела неоднозначные подходы к этому вопросу, от «мягкой» кауфманской до «жесткой» черняевской политики. Единственно, можно с уверенностью утверждать, что независимо от изменения руководства до новых положений, традиционная система правосудия, основанная на шариате, медленным, но эффективным методом была сохранена.

**Рецензент: *Кушматов А.* – доктор исторических наук, профессор ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Айни Садриддин. Смерть ростовщика. (Повесть и очерк. Пер. с тадж.). Душанбе: Адиб,1987. -224 с.
2. Ван ден Берг, Л.В.С. Основные начала мусульманского права согласно учению имамов Абу Ханифы и Шафии /Пер. с голландского. Предис. Л.Р. Сюкияйнена. -М.: Наталис, 2005. -240 с.
3. Гирс Ф.К. Отчет ревизующего, по Высочайшему повелению, Туркестанский край, Тайного Советника Гирса / Ф.К. Гирс. - СПб., 1884. -С. 326.
4. Дингельштедт Н. Судебные преобразовании в Туркестане / Н.Дингельштедт //Журнал гражданского и уголовного права. -СПб., 1892. -С.1.
5. История Узбекской ССР. –Ташкент, 1956. -С. 103.
6. Крафт И.И. Судебная часть в Туркестанском крае / И.И. Крафт Оренбург: Типолитография Н.Н. Жаринова, 1898. -С.56-60.
7. Лыкошин Н.С. Полжизни в Туркестане: очерки быта туземного населения / Н.С. Лыкошин. – Петроград, 1916. -С. 53.
8. Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР / М.М.Муллаев /Под ред. Б.С. Утевского. – Сталинабад, 1960. -Ч. 1. -С. 11.

9. Отчет по ревизии Туркестанского края, произведенной по Высочайшему повелению сенатором гофмейстером графом К.К.Паленом. Вып. 4. Народные суды Туркестанского края. СПб. 1909. С. 84.
10. Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 1987. -С. 52.
11. Трегубов С.Н. Прокурорский надзор в народном суде Туркестанского края //Журнал Министерства юстиции. - СПб., 1903. -С. 111.
12. Тухтаметов Ф.Т. Правовое положение Туркестана в Российской империи (вторая половина XIX века) / Ф.Т.Тухтаметов. – Уфа, 1999. -С. 69-70.

## СУДИ АНЪАНАВИИ ҚОЗИЁТ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН ВА ТАКМИЛИ ОН

Дар мақола масъалаи низоми суннатии ҷазо дар қаламрави Туркистон ва навсозии он бо омадани ҳукумати Русия баррасӣ шудааст. Бояд гуфт, ки бо пайдоиши ҳукумати нав аслан бо назардошти хусусияти маҳаллӣ ҳеҷ гуна навсозӣ сурат нагирифта, танҳо нақшаи сохторӣ тағйир дода шуд, зеро зуд вайрон кардани низоми мавҷуда метавонист ба оқибатҳои душвор оварда расонад. Аз ин рӯ, ҳукумати Русия ба ин масъала хеле нозук муносибат кард, аммо бо вуҷуди ин, ҳукумати нав барои ворид ва ҷорӣ кардани шаҳрвандияти русӣ ба кишвар, кӯшиш менамуд. Аз ин лиҳоз, ҳукумати нав таҷдиди сохтории муайянро амалӣ намуда, ба ин васила кӯшиш мекунад системаи анъанавии пенитенсиарии кишвари Туркистонро ба тартиботи умумии империя баробар кунонад. Ин амал бо мақсади мустаҳкам намудани қудрат ва заминаи иҷтимоӣ тавассути «сиёсати муҳоҷиркунонӣ» сурат мегирифт ва дар асоси қонунгузории умумиимпериягӣ ҷойгиркунонии аҳолии рус дар кишварҳои Туркистон маҳсуб меёфт.Бояд тазаккур дод, ки асоси декларативӣ, яъне Низомномаи солҳои гуногун, ки асоси қонунгузорӣ барои муҳокимаи судӣ дар кишвари Туркистон буд, низ ба назар гирифта мешуд. Илова бар ин, он низоми мурофиаи судии суннатӣ, сохтор ва фаъолияти низоми додгоҳӣ, ба истилоҳ суди мардумӣ ва нақши қозию муфтӣ дар ин низомро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар он хусусият, тартиби тайёр кардан ва пеш бурдани кори судӣ низ муайян карда мешавад.

***Калидвожаҳо:*** суд, қонун, шариат, қозӣ, муфтӣ, ривоят, даъво, мурофиаи судӣ.

## ТРАДИЦИОННЫЙ КАЗИЯТ В ТУРКЕСТАНСКОМ КРАЕ И ЕГО МОДЕРНИЗАЦИЯ

В настоящей статье рассматривается вопрос традиционной пенитенциарной системы в Туркестанском крае и ее модернизации с приходом русской власти. Надо отметить, что с приходом новой власти в принципе не была проведено модернизация с учетом местной специфики, всего лишь было изменено что-то в структуральном плане, поскольку быстрая ломка существующей системы могла бы привести к неизвестным последствиям. Соответственно, русская власть относилась к этому вопросу весьма деликатно, но тем не менее, в целях водворения русской гражданственности, новая власть все-таки делает определенные структуральные реорганизации и тем самым пытается традиционную пенитенциарную систему Туркестанского края свести к общеимперским порядкам. Данный акт проводился с целью усиления собственной власти и укрепления социальной базы путем «переселенческой политики» и на общеимперской законодательной основе водворить русское население. Кроме того, рассматривается и декларативная основа, то есть Положения разных годов, которые и были законодательными основами судопроизводства в Туркестанском крае. Помимо этого, рассматривается система традиционного судопроизводства, структура и деятельность судебной системы, так называемого народного суда и роли казий, и муфтиев в этой системе. Также раскрывается характер, процедура подготовки и проведение судебного дела.

**Ключевые слова:** суд, закон, шариат, кази, муфтий, ривоят, иск, судопроизводство.

## TRADITIONAL KASIAN COURT IN TURKESTAN REGION AND OF ITS MODERNIZATION

This article examines the issue of the traditional penitentiary system in the Turkestan Territory and its modernization with the advent of the Russian government. It should be noted that with the advent of the new government, in principle, no modernization was carried out taking into account the local specifics; it was only changed structurally, since a quick breakdown of the existing system could lead to unknown consequences. Accordingly, the Russian government treated this issue very delicately, but in order to establish Russian citizenship, the new government still does certain structural reorganizations and thus tries to lead the traditional penitentiary system of the Turkestan Territory to a general imperial order. This act was carried out with the aim of strengthening their own power and strengthening the social base by means of "resettlement policy" and, on a general imperial legislative basis, the Russian population would be installed.In addition, a declarative basis is also considered, that is, the Regulations of different years, which were the legislative basis for legal proceedings in the Turkestan Territory. In addition, it examines the system of traditional court proceedings, the structure and operation of the judicial system, the so-called people's court and the role of the kaziy and mufti in this system. It also reveals the nature, procedure for preparing and conducting a court case.

**Key words:** court, law, shariat, kazi, mufti, rivoyat, claim, legal proceedings.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мамадалиев Иномджон Абдусатторович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва диншиносӣ. **Суроға:**. 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи. Мавлонбеков, 1.
***Фаттоҳзода С арфароз–*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, докторанти кафедраи таърихи умумӣ ва диншиносӣ. **Суроға:**. 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи. Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторах:** ***Мамадалиев Иномджон Абдусатторович*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доктор исторических наук, профессор кафедры общей истории. **Адрес:** 735700,

Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.
***Фаттохзода Сарфароз*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, докторант кафедры общей истории и религиоведения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.

**Information about the authors:** ***Mamadaliev Inomjon Abdusattorovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of General History. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1.
***Fattokhzoda Sarfarosis***- Khujand State University named after academician B. Gafurov, doctoral student at the Department of General History and Religious Studies.. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1.

**УДК 81`373.21**

## АЗ ЗАРАФШОН ТО ХУҶАНД: НАЗАРЕ БА ИНЪИКОСИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ТОПОНИМИКА

***Аюбов А.Р.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Номҳои ҷуғрофӣ яке аз нишонаҳои тамаддуни инсон ба ҳисоб меравaнд. Маводи соҳаи номшиносии таърихӣ манбаи бебаҳои омӯзиши таърихи маҳалли мушаххас, рушди хоҷагии он, хусусияти маскуншавии одамон ва шуғли онҳо мебошад. Дар шароити имрӯза соҳаи номшиносии таърихӣ ҳамчун илми ёрирасони таърих баромад мекунад ва барои омӯзиши ин ё он зухуроти таърихӣ мусоидат менамояд.

Омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ дорад. Аз таҳлили номҳои қадимӣ ва ҳозираи маҳалҳо доир ба кӯчи қавму тоифаҳо, маскангирӣ ва муносибати онҳо бо қавмҳои дигар хулосаҳои дақиқи илмӣ баровардан мумкин аст. Дар баробари ин номҳои ҷуғрофӣ дар бораи машғулияти аҳолӣ низ маълумот медиҳанд.

Рушди истеҳсолот ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат оварда, боиси навгониҳо дар соҳаҳои мухталиф гардид. Ҳунармандони ҳар як соҳа имкон пайдо карданд, ки дар алоҳидагӣ фаъолият намуда, навовариҳо намоянд, макони зисти худро дар як ҷойи муайян интихоб намоянд.

Чунин навовариҳо на танҳо дар соҳаи ҳунармандӣ, ҳамчунин дар истеҳсолоти кишоварзӣ ва хизмати ҳарбӣ ба амал омаданд. Ба ҳарбиён барои хизмат қитъаи замин медоданд. Онҳо дар ин ҷо манзил бунёд карда, барои бунёди маҳалли аҳолинишини оянда асос мегузоштанд. Ин раванд ҳанӯз аз замони қадим оғоз ёфта, садсолаҳо давом кардааст. Барои мо муҳим он аст, ки ин гуна маҳалҳо номҳоеро мегирифтанд, ки ба ихтисосмандии сокинони аввалини худ мувофиқ буданд.

Маҳалла дар ибтидо ба ҷамоаи ҳамсоягии ибтидои асрҳои миёна монандӣ дошта, ҳунармандони як соҳаро дар ҳудуди худ муттаҳид менамуд. Бинобар ин, омӯзиши таърихи маҳалла, новобаста аз он ки дар он кадом гурӯҳи аҳолӣ зиндагӣ мекунад ва бо кадом кор машғуланд, барои омӯзиши таърихи ноҳия, вилоят ва минтақа аҳамияти зиёд дорад.

Дар китоби «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ истилоҳи «маҳалла» истифода шудааст [2, с.19]. маҳалла калимаи арабӣ буда, маънои «маскун шудан», «ишғол кардани ҷой»-ро дорад.

Асоси истилоҳи «маҳалла»-ро «ҳалл» ташкил медиҳад, ки маънои «истодан»-ро дорад ва чуноне ки дар боло қайд гардид, аз он мафҳумҳои «маскун шудан», «ишғол кардани ҷой» баромадаанд. Аз «ҳалл» ҳамчунин мафҳумҳои «ҳаллатун» - оташдон, «маҳаллат» - хона, бино, қаср, майдон, кӯча ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд. Дар шароити Осиёи Миёна «маҳалла» танҳо барои ишораи ҷойи истиқомати гурӯҳии одамон истифода мешавад [11, с.116]. Дертар, тақрибан дар асри XVII, истилоҳи номбурда дар баъзе минтақаҳо ҷои худро ба «гузар» додааст.

Дар таърихи умумиҷаҳонӣ номҳои ҷуғрофие, ки вобаста ба шуғли аҳолӣ пайдо шудаанд, хеле зиёд мебошанд. Одатан, ин гуна номҳо бо пайдоиши маҳаллаҳо рӯйи кор омадаанд. Ин гуна номҳои ҷуғрофиро дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Истаравшан ва Хуҷанд дидан мумкин аст.

Яке аз маҳаллаҳои шаҳри Самарқанд Наҳралкассарин ном гирифтааст. Ин ном ба

намадмолон ишора мекунад. Аз ин бармеояд, ки сокинони маҳалла мардуми туркзабон буда, ҳунари тайёр кардани намадҳоро доштанд. Намад – қолинест, ки онро аз пашми гӯсфанди сафед тайёр мекарданд ва он технологияи махсуси худро дошт. Истилоҳи «ал-кассар» арабӣ буда, маънои «сафедкунанда»-ро дорад. Дар забони туркӣ он дар шакли вайроншудаи кастар истифода мегардид [11, с.356]. Дар байни мардуми туркзабон ҳамчунин гурӯҳи этникие мавҷуд аст, ки номи «Оқ кийгиз»-ро дорад. Он бо чорводорӣ алоқаманд буда, маънояш «намади сафед» аст.

Дар солҳои аввали паҳншавии дини ислом воҳаи Бухоро баъди шаҳри Марв дуюмин маркази калони истеҳсолоти бофандагии Осиёи Миёна буд. Дар ин ҷо матои машҳури пахтагии асримиёнагӣ бо номи «занданиҷӣ» ё «занданичӣ» истеҳсол мегардид, ки он ҳамноми деҳаи Зандана дар вилояти Бухоро аст. Матои «занданичӣ» ҳамчунин дар деҳоти дигари Бухоро низ истеҳсол гардида, берун аз ҳудуди Осиёи Миёна талаботи калон дошт. Он баробари матои парча қимат дошт. Дар ибтидо ин матоъро аз шоҳӣ ва минбаъд аз пахта тайёр мекарданд. Арзиши гарони ин матоъ аз ҳисоби кор дар дастгоҳи мураккабсохт буд [6, с.272]. Дар манбаъҳои хаттӣ «занданичӣ» ҳамчун матои сафеди пахтагин тавсиф карда шудааст. Дар аҳди Сомониён аз ин матоъ барои аскарон дар соли аввали хизмати онҳо либос дӯхта мешуд. Ҳамчунин, намудҳои дигари гаронарзиши ин матоъ мавҷуд буданд.

Муҳаммад Наршахӣ яке аз аввалин муаррихонест, ки дар бораи маҳал ва шаҳрҳои Бухоро ва тафсири номи онҳо навиштааст. Яке аз шаҳрҳои дигари калони мулки Бухоро Пайканд буд. Дар бобати ин шаҳр Муҳаммад Наршахӣ навишта буд, ки «Байкенд ҷойи калон, хуб буд. Сокини ҳар як деҳа дар он ҷо меҳмонсарои худро бунёд мекарданд, одамони худро мегузоштанд ва аз деҳа таъмин мекарданд» [2, с.27]. Дар манбаъҳои таърихӣ шаҳри мазкур низ чун Мадинат-ут-туҷҷор – «Шаҳри тоҷирон» ёдрас шудааст.

Шаҳри Истаравшан бо гузарҳои сершумори худ машҳур аст, ки онҳо дар ду даҳа – Охунон ва Хӯҷа Фахриддин гирд омадаанд. Дар ин ҷо бисёр гузарҳое мавҷуданд, ки ҳамчун маҳалла ёдрас шуда, вобаста ба шуғли сокинони худ номгузорӣ шудаанд. Дар таълифоти академик Аҳрор Мухторов баробари тавсифи умумии таърихи пайдоиши гузарҳо, дар бораи шумораи хоҷагиҳо, осиёбҳо, дӯконҳои фурӯши маҳсулоти мухталиф ва соҳибони онҳо маълумотҳои мушаххас гирд омадаанд.

Дар маъхазҳои хаттии таърихӣ оид ба замони пайдоиши гузарҳои Истаравшан маълумотҳо вуҷуд надоранд. Дар ин бора муҳаққиқи тоинқилобии рус Л.Ф. Костенко навиштааст: «Шаҳр ба гузарҳо тақсим шудааст, ки шумораи онҳо 58 адад мебошад. Ин тақсимот ба гузарҳо дер боз мавҷуд буда, маълум нест, ки кай ва кӣ онро амалӣ намудааст ва кадом асосҳо дар ин мулоҳиза ба инобат гирифта шудаанд, зеро ҳамаи гузарҳо аз рӯйи масоҳат ва аҳолӣ якхела нестанд» [7, с.447].

Мувофиқи маълумоти Ахрор Мухторов, дар шаҳри Истаравшан маҳаллаҳои Кемухтгарӣ, Хосабоф, Осиёдурусткунон, Кордгарон, Дегрезон, Мехчагарон, Олкорон, Чармгарӣ, Собунгарӣ, Чармгари нав, Қассобон, Шонатарошон, Сайёд, Заргарон бо ҳунари мардумӣ вобаста мебошанд. Аз ҷумла, сокинони гузари Сайёди шаҳри Истаравшан бо шикорчигӣ машғул буданд [13, с.210]. Дар ин ҷо сайёдони беҳтарин истиқомат мекарданд. Аз рӯйи маълумоти академик А.Мухторов, солҳои 1706-1707 дар шаҳр ҷамъияти сайёдон амал мекард [9, с.30].

Кемухтгарӣ – гузарест, ки дар байни гузарҳои Охунон ва Рустамбек ҷойгир шудааст. Мардуми он асосан кемухтгар будаанд. Онҳо аз пӯсти сағрии асп ва дигар ҳайвонҳо чарми махсусе тайёр мекарданд, ки он кемухт ном дошт. Кемухтро аз паси маҳсӣ, мӯза, кафш ва дигар намуди пойафзол ба сифати гулгин истифода мебурданд.

Дар гузари Олкоро, дар даҳаи Хӯҷа Фахриддин ҳунари олкор маъруфият дошт. Маънии ин истилоҳ «рангрез», «рангуборчӣ», будааст. Аҳолии ҳунарманд асосан бо рангдиҳии матоъ машғул буданд. Заргарон яке аз деҳаҳои Охунон мебошад. Аз номаш маълум аст, ки мардуми он ҳама заргар будаанд. Маҳсули дасти онон то имрӯз боқӣ мондааст.

Гузарҳои Кордгарон ва Дегрезон низ аз ҷумлаи гузарҳои деҳаи Охунон мебошад, ки маънии номи онҳо худ аз худ маълум аст. Яъне, дар гузари Кордгарон ба сохтани корд ва дар гузари Дегрезон ба дегсозӣ машғул буданд. Дар ҳамин маврид бояд қайд кард, ки кордҳои истаравшаниҳо то имрӯз шуҳрати беандоза доранд.

Дар наздикии ин маҳал гузари Совунгарон, ки ба даҳаи Хӯҷа Фахриддин дохил мешавад, ҷойгир шудааст. Аҳолии он дар гузашта ба собунсозӣ машғул буданд. Аз ин ҷост, ки гузар номи Совунгаронро гирифтааст. Гузари дигаре, ки дар шафати гузари Совунгарон воқеъ аст, Шонатарошон ном дорад. Сокинони он аз чӯби дарахти чормағз ва тут шона метарошиданд. Ин анъана то имрӯз вуҷуд дорад ва маҳсули дасти шонатарошони ин гузар ҳоло ҳам дар деҳоти кишвар васеъ истифода мешавад. Дар гузари Қассобӣ сокинони он ба қассобӣ машғул буданд ва аз ин ҳисоб зиндагӣ мекарданд.

Маддоҳон гузари қисми шимолии шаҳри Истаравшан аст. Маддоҳ – шахсест, ки дар бораи корҳо ва шахсиятҳои муқаддас ҳикояҳо нақл мекунад. Чуноне ки Н.О. Турсунов қайд кардааст, «…онҳо аз рӯйи тарзи зиндагӣ, машғулият ва маълумоти антропологӣ махсус буданд. Тоҷикон онҳоро тоифаи талабанда мегуфтанд. Маддоҳон худро воиз – таблиғотчӣ мегуфтанд ва дар назди бегонагон лаҳҷаи махсуси шартии худро истифода мебурданд» [13, с.221]. Анъанаи маддоҳон дар рӯзҳои мо ба нестӣ расидааст. Аммо наслҳои онҳо ҳанӯз мавҷуданд. Ҳамин гуна маҳалла дар Хуҷанд низ мавҷуд аст.

Осиётарошон - гузарест аз даҳаи Охунони шаҳри Истаравшан. Ташкилкунандагони ин гузар аз ҳисоби сангиосиётарошӣ рӯз мегузарониданд. Аз ин ҷост, ки гузар номи Осиётарошонро гирифтааст. Хосабоф – гузарест, ки дар даҳаи Охунон ҷойгир шудааст. Хоса яке аз намудҳои матоъ мебошад, ки дар вақтҳои лозимӣ ба сифати карбос истифода мешуд. Азбаски дар шаҳри Истаравшан ба бофтани он мардуми гузари номбаршуда машғул будаанд, он номи Хосабофро гирифтааст [3, с.14].

Чорводорӣ яке аз шуғлҳои асосии сокинони Истаравшан аст. Дар навоҳии наздикӯҳӣ ин соҳа ба дараҷаи кофӣ ривоҷ ёфта буд. Ба ғайр аз гӯшт ва маҳсулоти ширӣ талабот ба пӯсти чорвои калони шохдор ва майда зиёд буд. Бо коркарди пӯст сокинони гузари Чармгарӣ дар шаҳри Истаравшан машғул буданд ва дар ин кор маҳорати хосса доштанд. Коркарди он меҳнати вазнинро талаб мекард ва на ҳар кас аз уҳдаи он мебаромад. Ин як навъи ҳунари мардумӣ буд ва он таъсири худро ба номи гузар гузоштааст. Чармгарон бо маҳсидӯзон ва мӯзадӯзон алоқаи доимӣ доштанд.

Гурӯҳи дигари номҳои ҷуғрофии бо калимаҳои «қалъа», «қалъача» сохташуда бо фаъолияти касбии сокинони аввалини он алоқамандӣ доранд. Деҳоти Қалъачаи Бакавул ва Қалъаи Меҳтар аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Бакавул ва меҳтар шахсоне буданд, ки аз хизмати онҳо танҳо шахсони сарватманд, аз ҷумла ҳокимон ва мансабдорон истифода бурда метавонистанд. Эҳтимол, ин гуна соҳибкасбон барои хизмати худ порчаи замин мегирифтанд ва дар он бинои худро сохта, дар оянда барои бунёди деҳа заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Бакавул – ошпази касбии ҳокими шаҳри Истаравшан буд. Шахсонеро, ки барои хушҳол гузаронидани ҳокимону мансабдорон хизмат мекарданд, меҳтар мегуфтанд. «Меҳтар» - истилоҳи куҳнашудаест, ки маънои он «мусиқанавоз» мебошад. Дар он давраҳо на ҳамаи меҳтарон метавонистанд, ки ба дарбори ҳокимон ворид шуда, ба онҳо хизмат кунанд ва ҳамчун хизматона пораи замин гиранд [4, с.55]. Дар дарбори амирони Бухоро ва хонҳои Қӯқанд мансабдорони давлатиро «меҳтар» мегуфтанд.

Дар соҳили чапи Сирдарё, поёнтари шаҳраки бостонии Ширин, деҳаи Ҳаштяк ҷойгир шудааст. Он дар асрҳои миёна низ вуҷуд дошт. Дар ин бора Муҳаммад Бобур дар ёддоштҳои худ маълумот додааст [5, с.76]. Эҳтимол ин ҳамон шаҳри Ҳашт буд, ки дар бораи он ал-Муқаддасӣ навиштааст. Дар маъхазҳои хитоӣ дар шакли «Сишиди» ёдрас шудааст. Чен Чжунмян чунин меҳисобад, ки ин шаҳри Xišt аст [8, с.289].

Деҳаи дигаре, ки дар ҳамин гирду атроф ҷойгир шудааст, Чӯянчӣ ном дорад. Барпокунандаи деҳа Аголиқ ном шахс буд, ки касбаш чӯянгудозӣ ва коркарди он буд. Деҳа номи худро аз касби ҳамин шахс гирифтааст. Деҳаи Чӯянчӣ нисбат ба деҳаи Қалъаи Мирзобой пештар бунёд шудааст. Як қисми аҳолии он тақрибан 100 сол муқаддам ба ноҳияи Нов кӯчида рафта, бо ҳамин ном деҳаи нав ташкил кардаанд. Дар Чӯянчӣ як масҷид вуҷуд дошт. Дар атрофи деҳа қабристоне мавҷуд аст, ки ба он аввалин маротиба ҷасади Ҳоҷӣ Абдутоҳирро гузошта буданд.

Дар соҳили чапи Басмандасой, назди даромадгоҳи дараи кӯҳӣ, ки ба тарафи ҷануб сӯйи ағбаи Оббурдон мебаромад, деҳаи Дархон ҷой гирифтааст. Истилоҳи «дархон» муғулӣ буда, маънои он «имтиёз» мебошад. Мувофиқи ин имтиёз мардум барои ягон

намуди хизмат ба ҳоким аз супоридани андоз озод карда мешуданд. Мувофиқи нақли донандагони таърихи маҳал сокинони аввалини деҳа ин гуна имтиёзро барои ҳимояи роҳи тиҷоратӣ аз ғоратгарон гирифта буданд.

Аз деҳоти кӯҳии вилоят ба маркази он одамони сершумор меомаданд, ки дар роҳ бехатарии онҳоро сокинони Дархон таъмин мекарданд. Ин вазифаи асосии хизматии дархониён буд. Ҳақиқатан ҳам, дар маҳали «Санги доғ» ғоратгарон доимо бо ғорат ва куштори раҳгузарон машғул буданд. Бинобар ин сокинони деҳаи Дархон уҳдадории ҳимояи мардуми бегуноҳро ба дӯши худ гирифта буданд.

Қуштегирмон – деҳаест, ки дар ҳудуди ноҳияи Ҷаббор Расулов воқеъ гаштааст. Азбаски сокинони он ӯзбеканд, номаш ҳам ӯзбекист. «Тегирмон» ба забони тоҷикӣ «осиёб» тарҷума мешавад. «Қӯш» бошанд, маънии «ҷуфт» - ро дорад. «Қӯштегирмон», яъне ҷуфти осиёб гуфтан аст.

Номҳои ҷуғрофие, ки бо ҳунарҳои мардумӣ иртибот доранд, дар шаҳри Хуҷанд низ мавҷуданд. Дар топографияи Самарқанду Хуҷанд истилоҳи «кӯй» истифода мешавад. Истилоҳи номбурда асоси суғдӣ дошта, одатан барои нишон додани кӯча истифода мегардид. Дар топографияи Самарқанди асрҳои XIII-XV маҳаллаҳои «Кӯйи наққошон», «Кӯйи таққачиён» нишон дода шудаанд [12, с.77]. Аз топонимҳои номбурда бармеояд, ки сокинони ин маҳалҳо ҳунари наққошӣ ва наългарӣ доштанд.

Дар шаҳри Хуҷанд бо истилоҳи «кӯй» ҳамчунин қисми саворагардии кӯчаро нишон медоданд. Мафҳумҳои «Кӯйи муғон», «Кӯйи саррофон» дар манбаъҳои хаттии асрҳои X-XII дучор меоянд. Дар асрҳои XVII-XVIII бо сабаби пурзӯршавии забони арабӣ мафҳуми «кӯй» ҷойи худро ба мафҳуми «маҳалла». Аммо дар забони гуфтугӯии мардуми Хуҷанд дар асрҳои XIX-XX мафҳуми «кӯй» боқӣ монда, акнун дар шакли «кӯю маҳалла» истифода мегардид [2, с.280].

Яке аз маҳаллаҳои шаҳри Хуҷанд Подшоҳибофон ном дошта, дар қисмати Раззоқи шаҳр ҷойгир мебошад. Номи маҳалла аз ҳунармандони моҳири бофандагони матоъҳои абрешимини подшоҳӣ гирифта шудааст. Аз сабаби он ки маҳалла дар назди соҳили дарёи Сир ҷойгир аст, бошандагони он ҳамчунин бо моҳидорӣ ва бо кашонидани борҳо ба воситаи заврақ машғул мешуданд [14, с.592].

Маҳаллаҳои Тӯппидӯзон, Сангбуррон, Нақорахонаи шаҳри Хуҷанд низ номи худро вобаста ба ҳунари сокинони худ гирифтаанд. Як маҳалли дигари ҷуғрофӣ, ки он бо номи «Нақорахона» маъруф мебошад, дар канори ҷанубии шаҳри Хуҷанд, дар паҳлуи шарқии деҳи маъруфи Ғозиён ҷойгир аст. Дар ин маҳал, аниқтараш дар саргаҳи наҳри Чорсӯ, осиёбе ҷой дошт, ки бо номи Нақорахона маъруф буд, ва онро Каримбойи осиёбон ном одам, сокини маҳаллаи Чуқураки гузари Кӯпруки Баланд идора менамуд.

Дар осори хаттии асрҳои X-XV «Нақорахона» гуфта, маҳалла ё худ истгоҳи дастаи мутрибони ҳарбиро мегуфтанд, ки эшон дар соатҳои муайян бо ишораи яке аз дарбориён ба шарафи меҳмон, султон ё худ шоҳи мамлакат нақора мезаданд. Дар Ғазнин, масалан, чунонки муаллифи рисолаи «Таърихи Байҳақӣ» меоварад, султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар хиёбони назди қасри султон сари ҳарчанд вақт намоиши омодабошии аскарони хешро мегузаронид ва нақорачиён бо задани нақора аз он мужда мерасониданд. Дар ҳамин маъхаз ин асбоби мусиқӣ «навба» ном гирифтааст. Навба намуди даф буда, он ба гурӯҳи асбобҳои мусиқии зарбӣ дохил мешуд. Чунончи, ба шарафи ҳозир шудани султони мамлакат 5 навбат навба мезаданд, барои вазир 3 навба, барои ҳокими вилоят 2 навба ва ҳоказо [2, с.173].

Дар муҳити оини зардуштия «Нақорахона» дар ситоиши оташ ва дар маросими видоъ бо мурда корбаст мегардид. Масалан, дар ҷануби ғарбии шаҳри Фирӯзободи Эрон чортоқи бузурге аз оташкадаҳои сосонӣ фаъолият дошта, он ҳам Нақорахона ном дошт. Як нақорахонаи дигар дар асрҳои X-XI дар Бақияи Бибишаҳри вилояти Рай фаъолият намуда, он ҳам дар маҳалли дахмаи зардуштиёни шаҳр воқеъ гашта буд. Нақорахонаи дигар дар шимоли Афғонистон, дар атрофи шаҳри Мазори Шариф ҷойгир буд. Эҳтимол меравад, ки на ҳар як сокини шаҳри Хуҷанди қадим метавонист мурдаи пайвандашро ба ароба бор намуда, то дахмаи Ширин бирасонад. Аз Хуҷанд то маҳалли Нақорахона ҳамагӣ 8-10 км роҳ аст. Ба ин сабаб аз маҳалли собиқ Нақорахона ҷустани осори дафнгоҳи хуҷандиён бамаврид аст [1, с.79].

Маҳаллаи Найсувор дар қисми ҷанубии шаҳри Хуҷанд воқеъ буда, дар наздикии он собиқ дарвозаи шаҳр бо номии Чорчироқ қарор дошт. Номи дигари ин маҳал Наддофон аст. Наддоф шахсест, ки бо коркарди пашм машғул аст. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Самарқанд, Бухоро ва дигар маҳалҳои тоҷикнишин «Найсувор» номи бозии бачагона аст. Онро писарбачаҳои 5-7-сола аввали фасли баҳор ҳангоми сабз гаштани бед ташкил мекарданд. Онҳо дар маъракаи ба ном «бедзанӣ» аз навдаҳои борики бед «аспакча» сохта, ба бозӣ медаромаданд, пойга мекарданд. Дар «аспакча»-и аз навдаи сабзи бед омодашуда ҳамаи ҷузъиёти аспи ҳақиқӣ дида мешуд. Ҷавонони чирадаст аз пӯстолохи ҳамон бед тасвири рамзии сари аспро сохта, сипас ба андозаи қади хеш ба он ресмонеро баста, ба гардани худ овеза менамуданд. «Савор»-и асп бо дасти чап аз «сари» асп дошта, бо дасти рост, бо ёрии химча, ки он низ аз ҳамон навдаи бед буд, аспронӣ менамуд.

Найсаворӣ ё худ аспакчабозӣ шуғли мавсимӣ буда, он ҳамагӣ 1-2 ҳафта давом мекард. Ин бозии бачагони Хуҷанд то андозае низ бо ситоиши асп низ алоқаи ногусастанӣ дошт. Мафҳуми «найсувор» бо номи шаҳри Нишопур ҳамсадо буда, дар «Ғиёс-ул-луғот» дар шакли Найсабур ва ҳам Найшопур омадааст.

Аз навиштаҳои боло бармеояд, ки бисёр касбҳое, ки дар гузашта омили бунёди маҳалҳои аҳолинишин буданд аз байн рафтаанд ё технологияҳои навро соҳиб гаштаанд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки топоним - номи ҷуғрофӣ, худ таърих аст ва ҳамчун далели таърихӣ баромад мекунад.

**Муқарриз: *Ғуломов Т.М.* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллои Мирбобо. Муқаддимаи таърихи Хуҷанд. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 448 с.
2. Абу Бакр Мухаммад ибн Джа‘фар ан-Наршахи. Та’рих-и Бухара. История Бухары. Перевод, комментарий и примечания Ш.С. Камолиддина. Археолого-топографический комментарий Е.Г. Некрасовой. - Ташкент: SMIA-SIA, 2011. - 600 с.
3. Аюбов А.Р. Гузары Истаравшана и их историческая ономастика / А.Р. Аюбов // Номаи донишгох. – 2015. - №2 (43). - С.12-17.
4. Аюбов А.Р. Топонимы Уструшаны: истоки их происхождения и значения / А.Р. Аюбов. – СПб.: Нестор-История, 2009. – 94 с.
5. Бабур-наме: Записки Бабура. - Ташкент: Гл. ред. энциклопедий, 1993. - 463 с.
6. Беленицкий, А.М. Средневековый город Средней Азии / А.М.Беленицкий, И.Б.Бентович, О.Г. Большаков. – Л.: Наука, 1973. – 394 с.
7. Костенко Л.Ф. Туркестанский край: опыт военно-статистического обозрения Туркестанского военного округа / Л.Ф. Костенко материалы для географии и статистики России. Т.1. – СПб.: Типография и хромолитография А. Траншкля, 1880. – 452 с.
8. Малявкин А.Г. Танские хроники о государствах Центральной Азии: Тексты и исслед. / А.Г. Малявкин. Отв.ред. Ю.М. Бутин. – Новосибирск: Наука, 1989. – 435 с.
9. Мухтаров А. Гузары Ура-Тюбе / А.Мухтаров. - Ташкент: Чулпон, 1995. -143 с.
10. **Радлов В.В.** Опыт словаря тюркских наречий. В 4-х томах. Т.I. / **В.В. Радлов** - СПб., 1893
11. Рассудова Р.Я. Топонимы и история заселения // Ономастика Средней Азии / Р.Я.Рассудова. - Фрунзе: Илим, 1980. - С.115-223.
12. Самаркандские документы (о владениях Ходжи Ахрара в Средней Азии и Афганистане). Факсимиле, критический текст, перевод, введение, примечания и указатели О.Д. Чехович. - М.: Наука, 1974
13. Турсунов Н.О. Развитие городских и сельских поселений Северного Таджикистана в XVIII – начале XX вв./ Н.О. Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 544с.
14. Худжанд. Энциклопедия. – Душанбе: Главная научная ред. Тадж. энциклопедий, 1999
15. Якубов, Ю.Я. К исторической топонимике городов Уструшаны // Роль Истаравшана в истории цивилизации народов Центральной Азии / Ю.Я. Якубов. – Душанбе: Дониш, 2002. – С.94-97.


## АЗ ЗАРАФШОН ТО ХУҶАНД: НАЗАРЕ БА ИНЪИКОСИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ТОПОНИМИЯ

Пайдоиши номҳои ҷуғрофӣ на танҳо бо маҳалли ҷойгиршавӣ, табиат, урфу одатҳо, муҳоҷират вобаста аст, балки дар ташаккули онҳо ҳунарҳои мухталифи мардумӣ низ мақоми хосса доранд. Алоқамандии ҳунарҳои мардумиро бо топонимҳо аз замони тақсимоти ҷамъиятии меҳнат метавон мушоҳида кард. Раванди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ҷудо шудани зироаткорӣ аз ҳунармандӣ боиси болоравии иқтисодӣ гардида, дар ҳаёти одамон як гардиши куллӣ ба амал омад. Акнун онҳо имконият пайдо карданд, ки ба раванди истеҳсолот ворид шуда, маҳорату малакаи худро сайқал диҳанд. Рушди иқтисодиёт барои пайдоиши марказҳои нави истеҳсолот мусоидат намуд. Ин раванд барои ташкили иттифоқи истеҳсолгарон, дар як маҳалла истиқомат кардани онҳо ва дар ин замина бунёди маҳалҳои нави аҳолинишин такони ҷиддие гардид. Дар ҳар шаҳрҳо маҳаллаҳо воҳидҳои алоҳидаи маъмурӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду нумӯи онҳо нақши муҳим мебозанд. Маҳалла воҳиди ҳудудӣ – маъмурӣ буда, 40 - 50 ва аз он зиёд

хонавода дошт. Раванди мазкурро дар минтақаҳои гуногун мушоҳида кардан мумкин аст ва он хосси асрҳои миёна мебошад. Ин раванд дар шаҳрҳои Самарқанд, Истаравшан, Хуҷанд ва маҳалҳои дигар мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Бисёр касбҳое, ки дар гузашта омили бунёди маҳалҳои аҳолинишин ва номҳои онҳо гаштаанд, аз байн рафтаанд ё технологияҳои навро соҳиб гаштаанд. Аммо, онҳо дар саҳифаҳои таърих ҳамчун яке аз омилҳои пешрафти ҷомеа боқӣ мондаанд.

**Калидвожаҳо:** топоним, номшиносии таърихӣ, тақсимоти меҳнат, ҳунарҳои мардумӣ, Самарқанд, Истаравшан, Хуҷанд.

**ОТ ЗАРАФШАНА ДО ХУДЖАНДА: ВЗГЛЯД НА ОТРАЖЕНИЕ НАРОДНЫХ ПРОМЫСЛОВ В ТОПОНИМИИ**

Возникновение географических названий связано не только с местоположением, природой, обычаями и традициями, миграцией. В их сложении особое значение имеют различные народные промыслы. Настоящая статья посвящена этому вопросу. Связь народных промыслов с топонимами можно наблюдать со времен общественного разделения труда. Процесс общественного разделения труда, разделение земледелия от ремесла стали причиной экономического развития, в жизни людей произошел коренной перелом. Теперь они имели возможность более глубоко войти в процесс производства и закалить свой талант и навыки. Экономический прирост способствовал появлению новых экономических центров. Этот процесс стал серьезным толчком для создания союза производителей и на этой основе созданию новых населенных пунктов. Во всех городах махалля (квартал) считалась отдельной административной единицей и играли важную роль в развитии города. Махалля как административно-территориальная единица находилась на ровной улице с 40-50 семьями. Данный процесс можно было наблюдать во многих регионах и он происходил в средние века. В статье изучен этот процесс в городах Самарканд, Истаравшан, Худжанд и других местах. Многие профессии, ставшие причиной новых населенных пунктов и их названий, исчезли или приобрели новые технологии. Однако на страницах истории оставались как один из стимулов развития общества.

**Ключевые слова:** топоним, историческая ономастика, разделение труда, народные промысли, Самарканд, Истаравшан, Худжанд

**FROM ZARAFSHAN TO KHUJAND: A LOOK AT THE REFLECTION OF FOLK CRAFTS IN TOPONYMY**

The occurrence of geographical names is associated not only with location, nature, customs and traditions, migration. In their addition, various folk fishing are of particular importance. This article is devoted to this issue. The relationship of folk crafts with toponyms can be observed since the time of public division of labor. The process of public division of labor, the separation of agriculture from the craft was the cause of economic development, in the life of people there was a radical fracture. Now they had the opportunity to more deeply enter the production process and handle their talent and skills. Economic increase contributed to the emergence of new economic centers. This process has become a serious impetus for creating a manufacturers' union and on this basis to create new settlements. In all the cities of мahalla (quarter) was considered a separate administrative unit and will play an important role in the development of the city. Mahamlah as an administrative-territorial unit was on a flat street with 40-50 families. This process could be observed in many regions and it took place in the Middle Ages. In the article to study this process in the cities of Samarkand, Istaravshan, Khujand and other places. Many professions caused new settlements and their names, disappeared or acquired new technologies. However, on the pages of history remained as one of the incentives for the development of society.

**Key words:** toponym, historic onomastics, division of labor, folk fishing, Samarkand, Istaravshan, Khujand

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аюбов Абдусалом Рауфович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
E-mail: **abdusalom-1@mail.ru.** Тел.: **927-09-06-65.**

**Сведения об авторе:** ***Аюбов Абдусалом Рауфович*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **abdusalom-1@mail.ru.** Тел.: **927-09-06-65.**

**Information about the author:** ***Ayubov Abdusalom Raufovich,*** Khujand State University named after B. Gafurov, candidate of historical sciences, associate professor, head of the Department of World History. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive, 1.
E-mail: **abdusalom-1@mail.ru** Phone: **927-09-06-65.**

УДК 378.2

# НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ДАР РУШДИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ВА ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН

*Абдуллоев М.Х., Абдуллоева Ҷ.М.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Пешрафти соҳаи маориф бо тайёр намудани мутахассисони варзидаи дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мепайванданд, зеро бе пешрафти ин соҳа беҳбудии иқтисодӣ, инкишофи фарҳанг ва ташаккули шахсияти дорои олами бойи ботиниро тасаввур намудан имконнопазир аст.

Пас аз Иҷлосияи тақдирсози XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16-ум ноябр то 2-юми декабри соли 1992 дар Қасри фарҳангии Арбоби Хуҷанд даъват гардида буд, Ҳукумати конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ аз нав барқарор гардид. Вале бо ин ҷанги шаҳрвандӣ хотима наёфт. Бо кӯшишу толошҳои ҳарду тараф, махсусан Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дигар ҷонибдорони сулҳу ваҳдат ва бо миёнаравии сарони давлатҳои дӯсти дуру наздик 27-уми июни соли 1997 «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояити миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид.

Маҳз пас аз имзои ҳамин созишнома Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон амалан барои эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ имконият пайдо намуд.

Албатта, вазъи нобасомони сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ ба мактабу маорифи он низ таъсири амиқи худро гузошт. Махсусан пойгоҳи моддию таълимии мактабҳои олии ҷумҳурӣ сахт хароб гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба имзо расондани «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» барои рафъи оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, махсусан ба эътидол овардани ваъзи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ тадбирҳои зиёд андешид. Вале низоми тайёр намудани мутахассисони варзидаи ҷавобгӯи талаботи замон ва бозори меҳнат, таъмини сифати таълим, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаву маҳорати касбии хатмкунандагон ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёзманд буд [2,с.95].

Сарфи назар аз мураккабии вазъи сиёсӣ ва мушкилоти давраи гузариш Ҳукумати ҷумҳурӣ, дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқиро таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ кард.

Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ислоҳоти соҳаро аз таҷдиди назар намудани асноди меъёриву ҳуқуқии соҳа оғоз намуд. Дар ин самт якчанд қонуну қарорҳо, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 1993), баъдан (соли 2004) ва соли 2013 дар таҳрири нав, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ дохил намудани мактабҳои миёнаи махсус» (№ 480 аз 17.09.1993), «Дар бораи такмили сохтори таълимоти олӣ» (№519 аз 14.08.1995) ва зиёда аз 10 низомномву стандарти давлатии таҳсилот оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти мактабҳои олиро қабул намуд. Дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароити нави иқтисодӣ сохтори мактабҳои олӣ тағйир ёфт. Низомнома ва Оинномаи мактабҳои олӣ, стандартҳои давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ –ҳуқуқии мактаби олӣ дар сатҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф тасдиқ карда шуданд. Ба нақшаҳои таълимӣ фанҳои оиладорӣ, экология, давлат ва ҳуқуқ, асосҳои иқтисоди бозоргонӣ, асосҳои компютерӣ ва ғайра дохил карда шуданд.

Солҳои 1991-2001 миқдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 13 адад ба 25 адад (дар якҷоягӣ бо 5 филиал ба 30 адад) расид. Дар онҳо дар соли хониши 2000 -2001 –ум 77,7 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекарданд, ки ин нисбат ба соли хониши 1991-1992 –ум 12,1 % зиёд буд [2,с.95]. Бояд қайд кард, ки дар соли таҳсили 2019-2020-ум шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ «аз 13 адад ба 40 адад расид, ки ҳоло дар онҳо беш аз 227 ҳазор донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда, шумораи хатмкунандагони замони истиқлол беш аз 600 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Илова бар ин, зиёда аз 35 ҳазор нафар ҷавонони мо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи дунё таҳсил карда истодаанд» [5].

Барои тақвияти раванди таълим ва тарбияи мутахассисони варзидаи муосир дар назди мактабҳои олии ҷумҳурӣ, омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳо, литсейҳо таъсис дода шудаанд. Нақшаҳои таълимӣ бо дарназардошти талаботи имрӯза таҷдиди назар карда шуданд. Дар

мактабҳои олӣ низоми сезинагии тайёр намудани мутахассисон (мутахассис, бакалавр, магистр) ҷорӣ карда шуданд. Стандартҳои давлатӣ оид ба ҳамаи фанҳои таълимӣ танзим ва мавриди иҷро қарор дода шуд. Барои ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ низоми кредитии таълим ҷорӣ карда шуд [1,с.336,339].

Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ дохил намудани мактабҳои миёнаи махсус» як қатор техникумҳо ба коллеҷҳои наздидонишгоҳӣ ва баъзе омӯзишгоҳҳо ба коллеҷҳои мустақил табдил дода шуданд. Дар баробари ин, барои таъмин кардани соҳаҳои мухталифи ҷомеа бо мутахассисони ватанӣ ва қонеъ намудани талаботи бозори меҳнати ҷумҳурӣ бо кадрҳои соҳибтахассус дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи мактабҳои олӣ низ ба маротиб зиёд гардид.

Падидаи наве, ки дар ибтидои гузариш ба истиқлолият ба назар мерасид, ташкил шудани мактабҳои олии нав дар ҷумҳурӣ буд. Бояд қайд намуд, ки қисми бештари мактабҳои нав асосан тибқи шарнома ва ё ба шакли омехта (давлатию тиҷоратӣ) ба фаъолият оғоз намудаанд. Аз ҷумла, Донишкадаи ҳарбии Тоҷикистон (соли 1992), Мактаби олии Вазорати корҳои дохилӣ (соли 1991, феълан Академияи Вазорати корҳои дохилӣ Донишгоҳи технологӣ (соли 1990 аввал ба сифати донишкада), Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (соли 1990), Донишкадаи иқтисодӣ (соли 1996, аввал ба номи Донишгоҳи андоз ва ҳуқуқ), Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия (соли 1996), Донишгоҳи ҳуқуқ, тиҷорат ва сиёсат (1993 дар Хуҷанд) ва ғайра ташкил гардиданд.

Дар ном ва сохтори Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе низ тағйиротҳо ворид гардиданд. 29- уми августи соли 1992 бо қарори Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 298 донишкада ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Қ.Ҷӯраев табдили ном кард. Баъди панҷ сол бо сабаби ягона донишгоҳи омӯзгории ҷумҳурӣ будан тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (тахти №3 аз 3-уми январи соли 1997) Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев номгузорӣ шуд [3,с.340].

Дар солҳои аввали истиқлолият қисми зиёди донишкадаҳои омӯзгорӣ ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дода шуданд. Донишкадаҳои омӯзгории Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва Хоруғ донишгоҳи давлатӣ эълон шуданд. Албатта, танҳо бо тағйир додани ном пойгоҳи моддию таълимӣ ва низоми таълиму тарбияро дар ин муассисаҳо беҳтар намудан мумкин набуд. Бар замми ин, донишгоҳи нав дар раванди қабули донишҷӯён ба хатоҳои ҷиддӣ ва бенизомӣ роҳ доданд. Ҳатто донишгоҳҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд новобаста аз мавҷуд будан ё набудани шароити зарурии таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои тиббӣ донишҷӯёнро қабул намуданд. Бо дахолати Ҳукумати ҷумҳурӣ донишҷӯёни ихтисоси тиббии донишгоҳҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ба Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон интиқол гардидаанд ва факултети тиббии донишгоҳи Хуҷанд ба филиали Донишгоҳи тиббӣ табдил дода шуд [4,с.97-98].

Ҳамчунин, бо тақвият ёфтани ҳамкориҳои байналмилалии соҳаи илму маориф, дар пойтахти ҷумҳурӣ–шаҳри Душанбе филиалҳои як қатор донишгоҳҳои бонуфузи Федератси Россия, ба монанди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.Ломоносов, Донишкадаи энергетикии Москва ва Донишкадаи пӯлод ва хӯлаҳои Москва» таъсис дода шудаанд.

Ба низом ва усулҳои байналмилалии таълим гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар сатҳи баланд омода кардани мутахассисон тақозои замон аст. Зеро раванди ҷаҳонишавии бозори умумии интеллектуалӣ ва меҳнат дар назди мутахассисони оянда талабот ва меъёрҳои дақиқу ҷиддӣ пеш мегузорад. Ҳамин аст, ки ба шарофати соҳибистиқлолӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ на танҳо ба низоми байналмилалии таълим, балки ба таълими бисёрзинагии таҳсилот гузаштанд ва ҳатто, ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Равандиислоҳоти низоми илму маорифи ҷумҳурӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот ҷараён дошта, ба стандарти ҷаҳонӣ мутобиқ намудани таълиму тарбия ва тайёр кадани кадрҳо вазифаи муҳимми соҳаи мазкур маҳсуб меёбад.

Дар донишгоҳу донишкадаҳои олӣ технологияи муосири таълим ҷорӣ гардида, аксар мактабҳои олӣ аз усули идоракунии электронӣ истифода мебаранд ва волидайн имкон доранд, ки аз раванди таҳсил, давомот ва пешрафти фарзандони худ маълумоти заруриро пайдо намоянд. Ҳамчунин, дар солҳои соҳибистиқлолӣ баҳри тақвият додани донишҳои

назариявию амалӣ ва анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб меёбад, заминаю шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд.

Дастовардҳои назаррасе, ки муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ба онҳо ноил гаштаанд, дар асоси иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009» аз 30-юми июни соли 2004 таҳти №291, такмил додани нақша ва барномаҳои таълимии онҳо мебошад. Тибқи ин ҳуҷҷат барномаҳо, нақшаҳои мактабҳои олии мамлакат таҷдиди назар шуданд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо ҳоло дар ҷумҳурӣ аз рӯйи 110 ихтисос мутахассисон барои соҳаҳои мухталифи кишвар омода карда мешаванд.

Барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари зинаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ корҳои зиёде, аз қабили таҷдиди назар кардани мазмуну мундариҷаи таълим, муайян намудани самтҳои афзалиятноки илмӣ, созмони технопаркҳо, таъсиси корхонаҳои хурди илмиву истеҳсолӣ, такмили ихтисоси кормандон ва устодон,ривоҷу равнақ додани робитаҳои байналмилалӣ дар асоси табодули донишҷӯён, кормандони илмӣ ва омӯзгорон ва ғайра ба анҷом расонида шудаанд.

Яке аз дастовардҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тайи чанд соли охир гузариш ба низоми кредитии таълим мебошад. Айни замон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ пурра ба низоми кредитии таҳсилот гузаштаанд.

Гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ ҳамқадами замон буда, мутобиқ намудани нуфузи муассисаи таълимӣ ва мавқеъ пайдо намудан дар феҳристи муассисаҳои таълимии сатҳи байналмилалӣ эътирофшуда мебошад. Дар ин раванд, Донишгоҳи далатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимӣ имкон пайдо намуданд, ки аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаранд ва соҳиби сертификат ва шаҳодатнома гарданд [7].

Бо мақсади дастгирии ҷавонони болаёқат 2 августи соли 2008 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсиси стпендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Ҳамзамон, бо мақсади танзими қабули шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ аз рӯйи степендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси муассисаи давлатии Маркази барномаҳои байналмилалӣ» (29.12.2008) ба тасвиб расид. Минбаъд ҷавонони болаёқати мамлакат метавонанд тавассути ин марказ барои таҳсил ба муассисаҳои таълимию илмии кишварҳои хориҷӣ фиристода шаванд.

Ислоҳоти тадриҷӣ ва давра ба давраи маорифи миллӣ ва тамоми зинаҳои таҳсилот ва дар ин асос ҳалли мушкилоти мавҷуда самти стратегии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Далели равшани ғамхории ҳамешагӣ ва собитқадамонаи Пешвои миллат нисбат ба кормандони соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, дар он аст, ки ҳамасола музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва степендияи донишҷӯён зиёд мешавад.

Маҳз дар солҳои соҳибистиқлолӣ ва фароҳам омадани фазои мусоид барои ташаккули соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, илм аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор қонуну қарорҳое қабул гардиданд, ки сиёсати миллиро баҳри рушди ҳамаҷонибаи илм муайян мекунанд ва инчунин, дастгирии неруи илмию рушди тадқиқоти илмиро нишон медиҳанд.

Бинобар ин, рушди илм ва дигаргун шудани талаботу муносибати илмӣ, аксари қарору қонунҳои қабулгардида, ки ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ набуданд, таҷдиди назар карда шуда, бе тағйиру иловаҳо таҳия ва тасдиқ гардиданд. Аз ҷумла, лоиҳаи Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсатӣ ягонаи давлатӣ оид ба илму техника» дар соли 2015 бо тарҳи нав ва тағйиру иловаҳои ҷадид барои баррасӣ ва қабул ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки баъдан қабул карда шуд. Қонун бо мақсади муайян намудани асосҳои ташкилӣ , ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти илмӣ, илмӣ-техникӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои тақвияти дастгирии давлатии илм, афзун намудани сатҳи зеҳнию фарҳангии шаҳрвандон, бартараф кардани баъзе зуҳуроти номатлуб, аз қабили асардуздӣ, харидан ва фурӯхтани таҳқиқоти илмӣ ва фароҳам овардани заминаи меъёрию ҳуқуқии мусоид ҷиҳати рушди соҳаи илм таҳия ва тасдиқ гардид.

Аз қабули ин қонуну қарорҳо баръало маълум аст, ки баҳри рушди илм ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, пешрафти онро давра ба давра тақвият бахшидаанд ва ба истеҳсолот пайвастани илмро муайян кардаанд.

Дақиқан, баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Точикистон баҳри ҳифз ва дастгирии неруи илмӣ, ислоҳоти илм ва ҳалли масъалаҳои муҳимми кишвар нигаронидани илм чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Раванди ислоҳоти илм айни ҳол идома дошта, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба фаъолият дар шароити нав мутобиқ шуда истодаанд.

Бинобар таваҷҷуҳи хосса ва эътимоди зиёд доштани Пешвои муаззами миллат ба насли ҷавон, махсусан, ҷавонони соҳибистеъдоду болаёқат, барои дастгирӣ ва ҳавасмандии олимони ҷавон ҳанӯз соли 1998 Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ таъсис дода шуд. Ин Ҷоиза ба мақсади рушду инкишофи иқтидори илмии ҷумҳурӣ ва ҳавасманд намудани фаъолияти эҷодии олимони ҷавон таъсис ёфта, ҳамасола ба 12 нафар олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд, тақдим мегардад. Ҳамин аст, ки то соли 2019 беш аз 200 нафар олимони ҷавон ба дарёфти ҷоизаи Исмоили Сомонӣ мушарраф гардида, корҳои илмию тадқиқотии онҳо фарогири масъалаҳои гуногуни илмӣ, техникӣ, саноати истеҳсолӣ, хоҷагидорӣ ва ҳаётию маънавии ҷомеа мебошанд.

Имрӯзҳо сиёсати давлатӣ ба рушди илму технология, фаъолияти инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани навгониҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишварамон нигаронида шудааст. Фаъолияти илмию инноватсионӣ тибқи талаботи ҷаҳони муосир ба роҳ монда шуда, дар ин самт як қатор комёбиҳои назаррас рӯйи даст омаданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 19 ноябри соли 2013, №12) Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Тибқи тағйироти мазкур вазифаҳои пешбурди сиёсати илм ба зиммаи Вазорати маориф ва илм вогузор шудааст.

Дар ин самт низ таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2020" аз 30 майи соли 2015 таҳти №354, "Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020", "Барномаи рушди неру ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020», "Барномаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020" аз дастовардҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Гузашта аз ин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014 Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъсис ёфт ва баъд аз тасдиқи Низомномаи муассисаи мазкур ибтидо аз сентябри соли 2015 бори аввал дар таърихи ҷумҳурӣ қабул ба докторантура аз рӯйи ихтисос шурӯъ гардид.

Ҳамчунин, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷудо кардани грантҳои хурд ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту

ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Низомномаи посдокторантура” тасдиқ гардид. Дар солҳои 2013-2020, ҳамчунин, амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Парки технологӣ” вусъат ёфта, дар 13 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ паркҳои технологӣ таъсис дода шуданд.

Дар солҳои охир ба тарбияи кадрҳои илмию педагогӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Аз ҷумла, дар соли таҳсили 2019-2020 дар ҷумҳурӣ 18 шӯрои диссертатсонӣ, ки дар Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба қайд гирифта шудаанд, амал мекунанд ва дар онҳо наздики 180 нафар рисоли илмии худро дифоъ кардаанд, ки аз ин 20 рисолаи докторӣ ва 159 рисолаи номзадӣ мебошад.Айни замон дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ 58 Шӯрои диссертатсионӣ, ки дар назди Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, аз рӯйи 160 ихтисос фаъолият менамоянд. Дар шӯроҳои мазкур то имрӯз наздики 300 нафар рисолаҳои илмии худро дифоъ намудаанд. Аз шумораи мазкур 22 нафар рисолаи докторӣ, 2 нафар докторантон аз рӯйи ихтисос (Ph.D) ва боқӣ рисолаи номзадӣ ҳимоя намудаанд.Тибқи ҳисоботи оморӣ дар соли хониши 2019-2020 шумораи умумии магистрантон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ 6737 ва докторантон аз рӯйи ихтисос (Ph.D) 1176 нафарро ташкил медиҳанд, ки 40% онҳо дар бахши илмҳои дақиқ, техникию технологӣ ва инноватсионӣ ба таҳсил ва илмомӯзӣ фаро гирифта шудаанд. Айни замон дар ҷумҳурӣ 4121 нафар кадри илмӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 728 нафар доктори илм ва 3393 нафар номзади илм мебошанд [7].

Илму маориф дар саргаҳи сиёсати хирадмандона ва илмпарваронаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа додани Сарвари давлат бармало ба назар мерасад. Президенти кишвар таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар ва пайвастани илм ба истеҳсолотро ба унвони роҳи асосии раҳоӣ аз бунбаст ва расидан ба ҳадафҳои бузурги оянда муаррифӣ намудаанд. Айни замон, ҳолати иҷрои корҳои озмоишӣ ва лабораторӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ низ собит месозад, ки корҳои мазкур аз сабаби набудани шароит мутобиқи талаботи барномаи таълимӣ пурра ва бо сифат иҷро намегарданд.

Таъминоти озмоишгоҳҳои таълимӣ бо асбобу таҷҳизоти нави мутобиқ ба замони муосир ва пешрафти илму техника, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгу нест. Дар ин росто зарурати таҳкими тадриҷии пояҳои моддиву техники муассисаҳои таълимӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сифати иҷрои корҳои лабараторӣ ва ворид намудани маводи зарурӣ барои гузаронидани корҳои озмоишӣ вазифаи муҳимтарини муассисаи таълимӣ мебошанд. Ҳоло ҳам аксари ҳайти профессорони муассисаҳои олии касбӣ бо ҷурми набудани видеопроекторҳо ва тахтаҳои электронӣ, нарасидани малакаю маҳорати истифодаи технологияи мазкур лексияҳои худро дар сатҳи зарурӣ намоиш дода наметавонанд.

Дар баробари ин бо мақсади беҳтар намудани сатҳу сифати таълимӣ донишҷӯён ва омодасозии мутахассисони касбии дар бозори меҳнат рақобатпазир ва ба ин васила ғанӣ гардондани неруи зеҳнии кишвар дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Ҳамзамон, ҷиҳати аз аккредитатияи байналмилалӣ ва рейтинги байналмилалӣ гузаронидани ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси Созишнома бо Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон то имрӯз се ихтисоси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (муносибатҳои байналмилалӣ, молия ва қарз ва ҳуқуқшиносӣ ) ва се ихтисоси Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (кори табобатӣ, стоматология ва нигоҳдории тандурусти ҷамъиятӣ) аз аккредитатсия байналмилалӣ гузаштанд. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишкадаи политехникӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

Ҳамзамон, дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» барои таҷдид,

мувофиқаи нақшаи стандарту барномаҳои таълимӣ ва масъалаҳои аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо Донишгоҳи ТАРТУ ва Оҷонсии Аврупоии ЕККА созишномаҳо баста шуданд. Дар ин росто Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи молия ва иқтисодии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба таври пилотӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидан дар назар аст.

Дар баробари ин, муассисаҳои олии касбӣ бо 30-донишгоҳи пешрафтаи ҷаҳон, ки аз ҷиҳати сифати таҳсилот ва навоварӣ рейтингҳои баландтаринро соҳибанд, ҳамкориҳои тарафайнро ба роҳ монданд, ки дар ин замина ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ гардонидани тамоми барномаҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ идома дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро соҳаи афзалиятнок эълон намуда, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазъи соҳаи маориф ва рушду инкишофи он, сифати тайёр кардани кадрҳои баладнихтисос, сатҳу сифати донишандӯзии донишҷӯён дар ҳама намудҳои муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Бо назардошти ҳамқадами ҷаҳони мутамаддин гардидани раванди таълим дар мактабҳои олӣ, шакл ва мазмуни он ба низоми кредитии таҳсилот мувофиқ гардонида шуда, айни замон тамоми мактабҳои олии кишвар тибқи ин низом кору фаъолият менамояд. Омили дигари болоравии сифати таълим воридшавии мактаби олӣ ба фазои ягонаи таҳсилот, таълими ба рақобат тобовари он дар бозори ҷаҳонии меҳнат. Рушди Ҳамкориҳои судманди тарафайн бо мактабҳои олии пешқадами мактабҳои хориҷии дуру наздик оид ба табодули донишҷӯён, устодон, нақшаву барномаҳои талимӣ, бо мақсади омӯзиш ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами ҳамдигар ба роҳ монда шудаанд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад ва вазифаҳои таҳсилотро барои солҳои минбаъда муайян карда, баҳри амалӣ гаштни онҳо чораҳои зарурӣ меандешанд. Ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот имконият медиҳад, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Чумҳурии Тоҷикистон бемамониат дар муассисаҳои таълимии олии кишварҳои пешрафта таҳсилоти касбиро идома диҳанд.

Дар низоми таҳсилоти олии касбии Тоҷикстони соҳибистиқлол тайи 10 соли охир натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шудаанд. Дар заминаи қабули Консепсияи рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон то соли 2020 ва дигар санаду ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи илм ва маориф низоми таҳсилоти олии кишвар ба як қатор дастовардҳо ноил гардид. Дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми кредитии таҳсилот ҷорӣ гардидааст. Ба сатҳи маълумоти муосири байналмилалӣ расидан, пеш аз ҳама, бо назардошти раванди ҷаҳонии таҳсилот аз ҷиҳати илми асоснок намудани стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълимӣ, такмил ва тарҳрезии асноди ҳуқуқиву меъёрӣ, баланд бардоштани савияи дониш ва қонеъ гардонидани талаботи шахс ба рушд, таъйиноти рушди иҷтимоӣ ва мутаносиби сатҳи зиндагии ҷомеа муяссар мегардад.

Аз беҳтарин дастовардҳои замони истиқлол барои ҷавонони донишомӯз ба фаъолият пардохтани Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, баҳсҳо ва гуфтугӯҳоро дар самти ҷой доштани тақаллуб дар дохилшавиии довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз байн бурдааст. Маркази миллии тестӣ барои беҳтарин довталабон ва онҳое, ки дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ғолибият ба даст меоранд, имтиёзҳо муқаррар намуда, бад-ин васила, ҷиҳати ҳавасманд гардонидани дигар довталабон саҳм гирифтааст. Барои хатмкунандагони деҳаю ноҳияҳои дурдаст роҳҳои ҳавасмандгардонӣ дар шакли квотаи Президентӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015 таҳти №708 «Дар бораи нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» муқаррар гардидааст, муайян гардида, ҳар сол садҳо нафар довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул мегарданд. Тоҷикистон ягона кишваре дар собиқ Шӯравӣ мебошад, ки квотаи Президентиро барои хатмкунандагон ҷорӣ карда, ҷиҳати бе мутахассис намондани дурдасттарин маҳалҳои кишвар заминаҳои устувор муҳайё намудааст. Ғайр аз ин, квота барои фарзандони шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати Неругоҳи барқӣ-атомии Чернобил зарар дидаанд,

квота барои фарзандони диаспораҳои тоҷикион дар хориҷи кишвар, квота барои хизматчиёни ҳарбӣ ва имтиёзҳои гуногун барои ятимону маъюбон муқарар гардидааст, ки ин ҳама аз муҳаббати Пешвои миллатамон ба илму дониш ва мардуми шарифи кишвар гувоҳӣ медиҳад. Тайи ин солҳо ҳазорон нафар тариқи квотаҳо донишҷӯи мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ гардидаанд.

Илму маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маориф ва беҳдошти вазъи таълим вобаста мебошад. Аз ин хотир, мусоидат кардан ба ислоҳоти соҳа маорифу тандурустӣ, муассисаҳо ва институтҳои Академияи миллии илмҳо, инчунин тарбияи кадрҳои баландихтисос, соҳибмаърифат, ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ ва дорои ҷаҳонбинии васеъ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини зиёиён бахусус, олимону омӯзгорон аст. Имрӯз ба низом ва усулҳои байналмилалии таълим гузаштани мактабҳои олии касбӣ ва дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисон тақозои замон аст [6,с.28-31].

**Муқарриз: *Розиқов Фарҳод* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият». – Душанбе: РТСУ, 2018. –С.366-339.
2. Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият.- Душанбе, 2006. 95 с.
3. Пирумшоев Ҳайдаршо. Дошишгоҳи омӯзгорӣ дар масири таърихи миллат. Монаграфия / Ҳ. Пирумшоев, Н. Убайдуллоев, А. Худойдодов, М.Маликов. –Душанбе: Ирфон, 2011. – 488 с.
4. Раҳимов Ф. Мактаби олӣ: мушкилот ва зарурати ислоҳот // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият / Ф.Раҳимов. -Душанбе, 2002. –С.97-98.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Илм, сарват ва сулҳ неъмати бебаҳост // Омӯзгор.- 2020.- 20 август. - №34 (12258).
6. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф-асоси таҳкими аркони давлат. –Душанбе, 2009. – 234 с.
7. Пешвои миллат ва рушди маориф. [Манбаи электронӣ]. URL: http://maorif.tj/ahborot/peshvoi-millat-va-rushdi-maorif (санаи муроҷиат: 02.10.2020).
8. Буйдаков Х.Б. Психологические основы учащихся в целостном педагогическом процессе. - Душанбе, 1998. -447 с.
9. Кроявский В.В. Проблема научного обоснования обучения. - М., 1997. 86 с.
10. Колесников Л.Ф. Эффективность образования / Л.Ф. Колесников, В.Н.Турченко, Л.Г. Борисова. - М.: Педагогика, 1991.- 272 с.
11. Литвинова К.П. Образование в условиях интенсификации экономики / К.П.Литвинова. - М.: Педагогика, 1989. -191 с.
12. Рашидов Р. Образование для всех: Оценка на 2000 год по Республике Таджикистан / Министерство Таджикистана: Отчет по человеческому развитию, 1999 / Представительство Программы развития ООН в Таджикистане. - Душанбе, 1999. - 95 с.
13. Образование Республики Таджикистан. - Душанбе, 1998.-149 с.
14. Ниёзов Т. Ҳунар беҳтар аз зар / Т.Ниёзов // Адаб. – 2002. - №2. – С. 27-28.
15. Шукуров М.Р. Культурная жизнь Таджикистана в период развитого социализма / М.Р. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1980.-239 с.


## НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ДАР РУШДИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ВА ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф роҷеъ ба нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти тайёр намудани мутахассисони соҳаи илм ва маориф дар солҳои истиқлолият ибрози андеша намуда, аз ҷумла қайд намудааст, ки дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шудаанд. Масалан, дар солҳои 1991-2020-ум шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 13 адад ба 40 адад расид, ки ҳоло дар онҳо беш аз 227 ҳазор донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда, шумораи хатмкунандагони замони истиқлол беш аз 600 ҳазор нафарро ташкил дод. Илова бар ин, зиёда аз 40 ҳазор нафар ҷавонони мо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи дунё таҳсил карда истодаанд. Аз ин хотир мусоидат кардан ба ислоҳоти соҳаи маориф ва тарбияи кадрҳои баландихтисос, соҳибмаърифат, ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ ва дорои ҷаҳонбинии васеъ, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини зиёиён бахусус,олимону омӯзгорон мебошад. Дар мақола заминаҳои сиёсию иҷтимоӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва моддию техникии раванди омоданамоии кадрҳои илмию омӯзгорӣ баррасӣ шудаанд. Махсусан, бо мақсади қонеъ намудани талаботи объективии ҷомеа ва соҳаҳои гуногуни мамлакат бо кадрҳои баландихтисос ва баланд бардоштани маърифати аҳолӣ, ба таҳсил ҷалб намудани ҷавонону наврасон, инчунин ба масъалаҳои таъсиси мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва мактабҳои таҳсилоти олӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир гардидааст.



**Калидвожаҳо:** маориф, мактаб, муаллим, олим, ислоҳот, ҷавонон, истиқлолият, мутахассис,ҷаҳонбинӣ, донишҷӯ, таълим, омӯзиш.

## РОЛЬ НЕЗАВИСИМОСТИ В ПОДГОТОВКЕ НАУЧНО - ПЕДАГОГИЧЕСКИХ КАДРОВ ТАДЖИКИСТАНА

В статье автор рассматривает роль Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в подготовке специалистов в области науки и образования за годы независимости. В частности, он отмечает, что за годы независимости страна добилась больших успехов в области подготовки научных и научно-педагогических кадров. Например, за 1991-2020 годы количество вузов увеличилось с 13 до 40, где обучаются более 227 тысяч студентов, а количество выпускников в годы независимости превысило более 600 тысяч. Кроме того, более 40 тысяч молодых людей республики обучаются в высших учебных заведениях развитых стран. Поэтому одна из важнейших задач интеллигенции, ученых и педагогов, - способствовать реформированию системы образования и подготовки высококвалифицированных кадров, получивших образование по стандартам современной высшей школы с широким кругозором. В статье рассматриваются политические, социальные, нормативные, правовые, материально-технические основы процесса подготовки научных и педагогических кадров. В частности, в целях удовлетворения объективных потребностей общества и различных секторов страны в высококвалифицированных кадрах и повышения осведомленности общественности, вовлечения молодежи и подростков в образование, в статье особое внимание уделяется созданию средних школ и университетов.

**Ключевые слова:** образоварие, школа, учитель, учёные, реформа, молодёжь, независимость, кадры, мировозрение, студент, обучение.

## ROLE OF INDEPENDENCE IN THE DEVELOPMENT OF THE SCIENTIFIC AND PEDAGOGICAL PERSONNEL OF TAJIKISTAN

In the article, the author examines the role of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the training of specialists in the field of science and education during the years of independence. In particular, he notes that during the years of independence the country has made great strides in the field of training scientific and scientific-pedagogical personnel. For example, in 1991-2020, the number of universities increased from 13 to 40, where more than 227 thousand students study, and the number of graduates in the years of independence exceeded 600 thousand. In addition, more than 40 thousand young people of the republic are enrolled in higher educational institutions in developed countries. Therefore, one of the most important tasks of the intelligentsia, scientists and teachers is to contribute to the reform of the education system and the training of highly qualified personnel who have received education according to the standards of a modern higher school with a broad outlook. The article examines the political, social, normative, legal, material and technical foundations of the process of training scientific and pedagogical personnel. In particular, in order to meet the objective needs of society and various sectors of the country for highly qualified personnel and raise public awareness, involve youth and adolescents in education, the article pays special attention to the creation of secondary schools and universities.

**Key words:** Education, school, teacher, scientists, reform, youth, independence, personnel, worldview, students, teaching.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдуллоев Маҳмуд Холович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **918-68-52-05**
***Абдуллоева Ҷамила Маҳмудовна*** – муаллимаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №45 шаҳри Кӯлоб.

**Сведения об авторах:** ***Абдуллоев Махмуд Холович*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, г.Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **918-68-52-05**
***Абдуллоева Джамила Махмудовна*** – учительница средней обшеоброзовательной школы №45 города Куляба.

**Information about the authors:** ***Abdulloyev Mahmud Kholovich*** - Kulyab State University named after A.Rudaki, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of History of the Tajik People. Address: 735360, Kulyab, S. Safarov street 16. Phone**: 918-68-52-05**
***Abdulloeva Jamila Makhmudovna*** - teacher of secondary school №43 of the city of Kulyab.

УДК:930(575.3)

# ТОҶИКИСТОН ДАР 30 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

*Парвиз Шамолов, Бобоҷон Маҳмадрасулов*
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Филиали ДДМ ба номи М.В.Ломоносов дар ш.Душанбе**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар фарқият аз дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ давраҳои хеле мушкилу пуртазодеро пушти сар намуд. Дар сароғози таъсиси давлати навини миллӣ, ки як замони хеле ҳассоси таърихро дар бар мегирифт, бархӯрди манфиату ҷаҳонбиниҳо, фарҳангҳо, маҳалҳо, идеологияҳо ва афкори шахшудаву радикалӣ бо нофаҳмиву мавқеъгириҳои беасосу бебунёд, зӯровариву таҷовуз, қатлу куштору ғорат миллатро ба ҷанги шаҳрвандӣ бурд. Ҷанге, ки бо таҳрики абарқудратону бозингарони минтақа ва «луъбатакон»-и дохилии ҷоҳилу камхирад ва манфиатхоҳу давлатталаб сар зад, кишварро ба майдони набард табдил дод. Манфиатхоҳон бо истифода аз гумроҳии мардум ва дур будани он аз сиёсат кишварро ба хоку хун кашиданд, зеро қудратхоҳӣ ва ҷоҳталабӣ онҳоро кӯр карда буд ва ба ҷуз аз манфиат дигар чизеро дида наметавонистанд.

Пушаймонӣ дигар суде надошт, вале шарафу номус аз гиребони тоҷики эҳсосотӣ ва гумроҳгашта гирифт ва ӯро маҷбур сохт андеша кунад, то Ватанро аз вартаи ҳалокат раҳо бахшад. Бо дарки ҳамин масъулият ва миёнаравии давлатҳои дӯсту ҳамсоя, дар замоне ки ҳаёту мамот ва тақдиру сарнавишти Ватан ҳал мегашт, гурӯҳҳои даргир ба ҳам оғӯш кушоданд. Миллати бонангу ор тамоми неруи худро сарф намуд, то ин порча хоки меҳан, ки аз гузаштагон ба дасти ӯ ҳамчун амонат вогузор шуда буд, ба мисли гавҳараки чашм нигаҳ дорад ва сулҳу оромиш, таҳаммулу мадороро пешаи худ қарор диҳад.

Ба хотири бузургдошт аз ваҳдати саросарии кишвар Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид сохтанд, ки «ҷомеа ё миллате, ки ғояи ваҳдати миллӣ надорад, ҳамеша эҳтимолияти ба буҳрони сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор шуданаш мавҷуд аст. Зуҳури падидаи Ваҳдати миллӣ аслан марбут ба ташаккули давлати миллист, зеро маҳз дар доираи давлати миллӣ зарурати ба даст овардани эҳсоси умумияти ягонаи сиёсии мардум, ки дар як воҳиди маъмури зиндагӣ мекунанд, боло меравад».

Ин таъкид дар хусуси ваҳдати миллӣ ва эҳсоси умумияти ягонаи сиёсии мардум бесабаб набуд, зеро расидан ба чунин хулоса дар як рӯзу як соат ба даст намеояд. Таҷрибаи талхи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар ва суботи ҷомеа баъд аз имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» ба хубӣ нишон дод, ки дар сурати бо ҳам сарҷамъ гаштани миллат тоҷикистониён ба чи неруе соҳиб хоҳанд шуд.

Баъд аз сипарӣ гаштани беш аз се даҳсола имрӯз низ бо тамоми масъулият бояд дарк кард, ки муттаҳидии миллат, дурӣ аз ҳар гуна таассубот, маҳалбозиву маҳалгароӣ ва қавмпарастӣ, муттаҳидӣ ба хотири таъмини сулҳу субот ва осоиштагии миллӣ кори як рӯзу ду рӯз набуда, роҳбарии ҳакимонаву дурбинонаро тақозо дорад.

Ҷойи шакку шубҳа нест, ки дар раванди давлатсозии навини миллӣ дар низоми иҷтимоӣ ва иктисодии кишвар мушкилиҳои зиёде вуҷуд доранд, ки онҳо монеаи асосии пешравии Тоҷикистон гашта, нодида гирифтани онҳо нобиноии сиёсӣ мебошад. Вале саволе ба миён меояд, ки оё давлате ҳаст, ки дар он ҳеҷ мушкилоте мавҷуд набошад? Бахусус, агар ба таърихи давлатҳои Аврупо назар афканем, аз асрҳои XIV-XV то инҷониб онҳо бо чи қадар маҳдудият ва маҳрумиятҳо рӯ ба рӯ гаштанд, то бунёди давлати миллӣ ва ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёдро гузошта, тараққиёти миллиро таъмин созанд.

Агар ба таърихи ҷомеаи башарӣ назар афканем, дармеёбем, ки дар охир ва ё аввали ҳар як қарн воқеаҳои бунёдие ба вуҷуд меоянд, ки онҳо як марҳила ва ё давраи муайянро дар бар мегиранд. Дар чунин давраҳои хос ҳамон давлат ва миллате пирӯз хоҳад шуд, ки ба худсозӣ ва такомули давлатдорӣ машғул бошад. Имрӯзҳо низ равандҳои айнии ҷаҳони

муосир ва ҷаҳонишавӣ онро тақозо доранд, ки мардумони саросари Сайёра на ба ҷангу ҷидол, балки ба худсозӣ машғул бошанд, то ба низоми иқтисоди глобалӣ роҳ ёбанд, зеро дар акси ҳол дар оянда ба чунин кишварҳо хориву зорӣ, ғуломиву бардагӣ ва тафаккури манқуртигарой интизор хоҳад буд.Дар ин раванд худшиносии миллӣ нақши хело муҳим дорад.Зарурати худшиносӣ ва дарки ҳувияти миллӣ, дар он зоҳир мегардад, ки он нахустин қадаме на танҳо дар роҳи иҷрои нақшҳо ва пайомадҳо, балки муқаддамоти инсон будан аст.Таҷрибаи гузаштаи башарият ва мутолиаи фарҳанги ҷомеа шаҳодат аз он медиҳад, ки инсон бар як асли куллӣ зарурат дорад. Агар моҳияту маънои ҳувият дар миёни як гурӯҳ ва ё афроди миллат маълум бошад, дар хусуси ҳадду ҳудуди он дар ҷамъият низ назари умумӣ ҳосил хоҳад шуд. Ҳувият маҳсули худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ буда, ҳар як миллати қадршинос ба он бояд рӯуй оварад. Ба ҳамин далел аст, ки ба сиратбинони таърих ҳамеша тавсия мекарданд, ки «худро бишнос».

Чи тавре ки зикр кардем, ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити комилан пуртазоди таърихӣ ба қарни нав ворид гашт, ки он гузариш ба марҳилаи нави такомулу дигаргуниҳои бузурги бунёдии илмиву фарҳангӣ мебошад. Дар оғози ин аср шоҳиди натиҷаҳое шудем, ки аз нигоҳи мазмуну мухтаво ва раванди мантиқи худ бар асоси нақшаҳои муайян ва арзишҳои мушаххас тарроҳӣ гардидаанд. Ин арзишҳо модернизм, гуногунандешӣ ва фардгароиро дар бар гирифта, бар пояи ҷаҳонбиниҳо ва арзишҳои мухталиф бунёд шудаанд. Падидаҳои мазкур, агар, аз як тараф, сабаби пешрафту инкишоф гардида бошанд, аз тарафи дигар, рӯйдоду зуҳури «глобализм»-ро, ки аз глобализатсия ва ё ҷаҳонишавӣ тафовути зиёд дорад, бар арсаи таърих оварданд.

Бидуни шакку тардид, «глобализм» ба сарнавишти таърихии инсоният таъсири рӯзафзун ва пайваста мегузорад. Кишварҳои абарқудрат ва сохторҳои низомии онҳо, ки қотеона аз глобализм дифоъ мекунанд, ба мақсади дастёбӣ ба манбаъҳои стратегии табии ва иқтисодии дигар кишварҳо саъю талоши зиёде доранд. Барои расидан ба ин ҳадафҳои худ фишангҳои нави таъсиррасонии хешро ба тамоми мамлакатҳои чаҳон ва бахусус, кишварҳои тозаистиқлол зиёд сохтаанд. Глобализм зоҳиран ва моҳиятан аз чаҳонишавӣ тафовути зиёд дорад, зеро раванди чаҳонишавӣ бо майлони созандаи худ ва муттаҳид кардани арзишҳои фарҳангии қавму миллатҳои мухталифи сайёра, сабаби тағйироти бунёдие дар бахшҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникаву технология ва ҳатто роҳбарии давлатӣ гаштааст. Воқеан ҳам, ҳамин раванди мусбии чаҳонишавӣ буд, ки некуаҳволии мардум, техникаву технологияи ҷадид, истеҳсолот ва истеъмолот, ошкорбаёниву гуногунандешии демократиро амалан татбиқ сохт ва боиси наздикшавии аҳолии сайёра ва рушду нумӯи кишварҳо ва халқҳо гардид. Лекин глобализм бо ҳадафҳои шуму худкомаш сабаби паҳншавӣ ва тавсеаи терроризму экстремизм, амалҳои зӯроварии кишварҳо ба сари якдигар, харобу валангор сохтани шаҳрҳои обод, қатлу куштори миллионҳо одамони бегуноҳ, кӯчбандиву мигратсия, буҳрони марговари иқтисодиву иҷтимоӣ, коҳиши захираҳои табиӣ, гармшавии иқлими Замин, аз байн рафтани арзишҳо ва ҳувияти миллӣ гардид. Мисоли равшани ин ҷанги беш аз сисола дар Афғонистон, даргириҳо дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна ва ғайра шуда метавонад.

Гузашта аз ин, «глобализм» сабаби зуҳури назарияҳои нави низоъҳои байни фарҳангу тамаддунҳо шуда, андешаи инсониятро, дар маҷмӯъ, бо буҳрони бузург ва доманадоре рӯ ба рӯ сохт, ки натиҷаи ногувори он, пеш аз ҳама, таъсири амиқи манфӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Ин ҷо сухан аз буҳрони бунёдии ҳастии башарият меравад, ки вуҷуди маънавӣ ва ахлоқии онро ба гирдоби нестӣ бурдааст. Ин ҳамон модели «ҷаҳони яққутба (яккатозӣ)» мебошад, ки аз моҳияту вуҷуди «глобализм» сарчашма гирифта, фарҳангу тамаддунҳо ва одамонро дар муқобили якдигар карор додааст.

Олимону муҳаққиқони бузурги ҷаҳон ба хулосае омадаанд, ки ҳоло дигар равиши зиндагии мардум ва ҷаҳонбинии онро наметавон аз як марказ муайян кард. Имрӯз зарурат ба миён омадааст, ки олимону сиёсатмадорон ва давлатмардон дар муносибати кишварҳо аз муждаи оғози тарҳу тартиб ва модели нави ҷаҳонӣ дарак диҳанд.

Дар робита ба ин саволи мантиқие ба миён меояд, ки оё инсоният дар марҳилаи кунунии такомули худ метавонад ба ивази мафҳумҳои «замони муосир» ва «ҷахонишавӣ» маъниҳои дурусттару мувофиқтаре пайдо намояд?! Оё имконият дорад, ки ба ин мафҳумҳо шаклу мундариҷаи конструктивӣ бахшида, онҳоро бо андешаҳои инсонӣ ва ахлоқӣ пайванд созад?! Оё қобилияти таҳияи арзишҳои муосиреро дорад, ки ба моҳият, қадру қимат ва ҷавҳари зиндагӣ дар рӯйи замин нигаронида шуда бошанд ва дар чорчӯбаи онҳо башарият тавонад дар оянда стратегияи пешрафт ва зинда мондани хешро таъмин созад?

Бо мақсади таҳияи чунин модели нави муносибатҳои инсонӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва сиёсатмадорони кишварҳое, ки оид ба масъалаи ҳастӣ ё нестии онҳо сухан меравад, корҳои назаррас дар такя бар демократия, таҳаммулпазирӣ, дӯстӣ, рафоқат ва ҳамдигарфаҳмии ҷомеаҳо, ки ба фарҳангу тамаддунҳои мухталиф тааллуқ доранд, анҷом пазируфта истодаанд. Зеро, ақли пурсишгари онҳо ба хубӣ дарк намудааст, ки чунин зербинои заиф, ки дар натиҷаи раванди глобализм ва сиёсатҳои ғаразолуди кишварҳои қудратталаб ба вуҷуд омадааст, наметавонад ҷомеаи ҷаҳониро аз буҳрони бунёдӣ, ки буҳрони иктисодӣ танҳо як бахши он аст, раҳо бахшад ва миллионҳо инсонҳоро аз марг наҷот диҳад.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои байналмилалӣ доир ба ин масъала ба аҳли башар таъкид намуда, иброз намудаанд, ки бо ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниҳои гуногун ва аз тариқи зӯроварӣ ҳал намудани низоъҳо на танҳо ба касоду шикасти иқтисод, балки фасоди давлатҳо ва дар маҷмӯъ инсоният хоҳад бурд.

Муқаддас донистани марзу бум ва нигоҳ доштани давлат ҳанӯз аз замонҳои қадим то имрӯз моҳияти хешро гум накардааст ва имрӯз беш аз ҳарвақта зарурати омӯзишро дорад. Болотар аз ин, ҳар тору пуди фарҳанги гузаштаву имрӯзаи мо бо ин сарчашмаи маънавиёти миллӣ дар иртиботи ногусастанӣ қарор дорад. Бо дарназардошти ворисият ва хотираи таърихӣ ҳукумати феълии кишвар таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарфи назар аз мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ рӯй ба ин ганҷинаи бебаҳои маънавӣ намуда, аз он ба хотири ваҳдати миллӣ ва эҳёи навини Ватан истифодаи ҳамаҷониба мебарад.

Дар иртибот ба ин, дар самти омӯзиш ва фарҳанг дар тӯли сӣ соли даврони Истиқлолият корҳое анҷом гирифтанд, ки солҳои зиёд миллат интизории онҳоро дошт. Қабл аз ҳама, ба хотири ваҳдати миллӣ ва эҳёи фарҳанги бостон тамоми номҳои ҷуғрофие, ки ба забонҳои хориҷӣ ва ёдгор аз аҷнабиён буданд, ба номҳои тоҷикӣ табдил ёфтанд. Барои огоҳии миллӣ ва парвариши афкори мардум аз тариқи маҷалла, рӯзнома, китобҳои дарсӣ ва дигар васоити ахбори омма барномаҳое ташкил дода шуданд, ки онҳо тавонистанд халқи моро бо тамаддуни пешин ва арзишҳои аҳли бостон ошно созанд.

Дар радифи барномаҳои стратегии кишвар дар бахши иқтисод ва иҷтимоиёт, тарвиҷи забони давлатӣ низ дар саросари мамлакат сурат гирифт. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кӯтоҳтарин вақт тавонист ба ин ҳадафи стратегии Ваҳдати миллӣ ноил шавад. Васоити ахбори омма, бахусус рӯзномаҳои бонуфузи кишвар марҳила ба марҳила ормонҳои куллии миллат ва ислоҳталабиҳои давлати миллиро таблиғ намуда, кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд баҳри расидан ба ваҳдати миллӣ

Ҳукумати кишвар дар баробари мардуми хеш ба тамаддун ва фарҳанги гузаштаи ин сарзамин алоқаи зиёд дорад. Ҳамин аст, ки дар даврони сӣ соли охир дар натиҷаи ҳафриёт нишонаҳои шаҳрҳои қадимаи аҷдодони мо, ба мисли Ҳулбуқ, Саразм дарёфт шуданд, онҳо тармиму эҳё гардиданд. Оромгоҳҳои бузургону саромадони миллат ва шаҳрҳову ноҳияҳо аз нав барқарор шуданд.

Баргузории конфронсҳои байналмилалии ҳунару бостоншиносӣ ба хотири кашфи осори тамаддуну фарҳанги бостон, ҷашн аз Соли тамаддуни ориёӣ, таҷлили ҷашни бузургони илму фарҳанг ва мубориза бо арзишҳои хурофотӣ аз бахшҳои муҳиме барои эҷоди дигаргунӣ дар сохтори фарҳангии ҷомеаи имрӯза Тоҷикистон ва барқарор намудани робита байни тамаддуни гузашта, имрӯза ваояндаи тоҷик аст.Илова бар ин,

дар кишвар талошҳои зиёде шуд, то ҷомеапазирии наве дар асоси нигариш ва бартарии фарҳанги миллӣ ба вуҷуд ояд ва дар ростои таҳкими ин ҷомеапазирӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талоши зиёде шуд, то сиёсати миллигароёнаи худро дар чаҳорчӯбаи арзишҳои миллӣ ва волои башарӣ барномарезӣ намояд. Ҳамин аст, ки появу бунёди сиёсати ваҳдати миллӣ бар асоси ҳашт меҳвари асосӣ шакл гирифт, ки онҳо аз дунявият, демократия, ҳуқуқбунёдӣ, миллигароӣ, мардумгароӣ, давлатсолорӣ, секуляризм ва ислоҳталабӣ иборат мебошанд, ки бахусус бахши миллигароии он ба тамаддуни гузашта робитаи мустақим дорад.

Имрӯз мардуми кишварамон бо маънавиёти пешрафтаву худогоҳона бояд муқобили ҳар гуна ифротгароӣ ва зуҳуроти номатлуби замони худ қарор гирад. Тоҷикистониён набояд аз рӯйи эҳсос бо масъалаҳои ҷиддӣ ва сиёсӣ бархӯрд кунанд, балки дар муқобили ҳар гуна мушкилот шуҷоатмандона истодагарӣ намуда, дар шинохти нуқтаҳои заифу камбудиҳо ба хотири пирӯзӣ бар онҳо тарҳу барномаҳои мушаххас дошта бошанд.

Миллати мо ҳамчун як миллати ақлгарову мантиқшинос дар илму техника ва тенологияи муосир, тиҷорату саноат ва сиёсат метавонад пешрафту инкишоф намуда, ба дастовардҳои бузурге ноил шавад, ки ин худ муборизаи тоҷикистониён дар муқобили ҳамагуна ифротгароиҳо хоҳад буд. Шарикону дӯстони мо низ аз дигар кишварҳо мухолифи ин эътиқод набуда, ҷонибдори муносибати одилона бо тамоми қавму миллатҳои дигар мебошанд, зеро ин худ аз муҳтавои ҳикмати ваҳдати миллӣ бармеояд.

Ҳукумати кишвар саъю талош дорад, ки ба мардуми Тоҷикистон роҳи эҷоди эҳёи навини миллатро пешкаш сохта, бо истифода аз арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва низоми демократӣ ба унвони як намуна ва модели таҳаммулпазир ташаккул ёбем. Мутаассифона, баъзе гурӯҳҳои радикалӣ дар такя ба ҷавонони эҳсосотӣ ва бетаҷрибаи мо, ҳатто ҷавонони соҳибмаълумот ва таҳсилкарда ба ифротгароиву кӯрдилӣ, таассубу зоҳиргароӣ ташвиқ гардида, дар роҳи истиқрори сулҳу субот ва пешрафти миллати тоҷику фарҳанги он монеаҳо эҷод месозанд.

Ба андешаи олимон, дастёбӣ ба рушду пешравӣ ба даҳсолаҳо ниёз дорад. Бинобар ин, бояд бо сабру таҳаммул, барои истиқрори сулҳу суботе, ки бо мушкилиҳои зиёде ба даст оварда шуд, талош намоем. Ҳукумат ва давлат саъю кӯшиш доранд як давлати қудратманди мутамаркази пешрафтаву қодир барои иҷрои сиёсатҳои созандагӣ ва мардуми эътиқодманд ба зурурати тавсеаи иктисодӣ дошта бошем. Ҳукумат мехоҳад мардуми мо дар тамоми заминаҳои илму ҳунар ва технология дониш омӯхта, аз расму оинҳои миллӣ, арзишҳои волои халқ ва амалҳои нек низ огоҳ бошанд. Сарвари давлат ва Ҳукумат дар талоши он аст, ки халқи мо тамоми имконоти афзоиши сарвату даромад ва пешравиро дар фазои демократӣ ва ҳуқуқӣ дошта бошад.

Дар кишвари мо ҳеҷ маҳдудияте барои содирот ё воридот вуҷуд надорад. Давлат ва Ҳукумат аз сармоягузории мустақими хориҷӣ истиқбол карда, ба даст овардани фоида ва сармояро маҳдуд накардааст, зеро дар ин бахш барои пешравии иқтисоди кишварамон бояд бисёр муҳофизакор бошем. Мақсаду мароми мо бар он аст, ки бояд Ҳукумат ба дунболи рушди иқтисодӣ бошад. Бахусус баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон сиёсати дастгирии иқтисодии мардум ва афзоиши иштироки онҳо дар иқтисоди кишвар тадвин гардид. Талоши ҳамарӯзаи Ҳукумат аз он иборат аст, ки мардум аз фаъолиятҳои иқтисодӣ фоида бурда, дар маркази муносиботи иқтисодӣ қарор дошта бошад.

Барномаҳои стратегии иқтисодие, ки ба хотири берун баровардани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ тарҳрезӣ шуда буданд, ҳадафҳои аслии онҳоро, қабл аз ҳама, таъмини идеяи ваҳдати миллӣ аз нигоҳи иктисодӣ ва фарҳангӣ ташкил додааст. Бахусус, таъмини робитаи васеъ миёни минтақаҳои гуногуни мамлакат, доду гирифти молӣ ва фарҳангӣ метавонад мардуми шимолу ҷануб ва шарқу ғарби кишварро бештар бо ҳам омезиш диҳанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хатти роҳи оҳани саросарӣ аз шарқ ба ғарби кишварро тарҳрезӣ кардааст ва роҳҳои иртиботии кишварро низ тавассути тунелҳо

ва пулҳои фаровоне бунёд ниҳодааст, ки ин боис шуд ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёбад.Бо истифода аз таҷрибаи ғании даврони Шӯравӣ дар бахши маорифу фарҳанг низ пешравиҳои хубе ба назар мерасанд. Дар натиҷаи ислоҳоти маориф мактабҳои кӯҳнаву валангор бо мактабҳои навин ва замонавӣ ҷойгузин шуда, китобҳои нави дарсӣ ба забони тоҷикӣ чоп гардиданд. Зимнан, омӯзиши дигар забонҳо, қабл аз ҳама забонҳои русӣ ва англисӣ низ ба тариқи васеъ ба роҳ монда шуд.

Аз файзу баракати истиқлол ва ваҳдати миллӣ дар бахши таълиму тарбия ва омӯзиш низ аз тариқи тағйири муҳтавои дарсҳои таҳсилӣ, ҷилавгирӣ аз нуфузи андешаҳои ифротгароӣ дар омӯзишу парвариш, тавсеаи мактабҳои хусусӣ ва мактабҳо барои дигар қавму миллатҳои кишвар, эҷоди донишкадаҳои олӣ ва ғайра, Тоҷикистон ба дастовардҳои бузург ноил гашт. Ташаккулу парвариши афкори омма ба унвони муҳимтарини оргaни таблиғӣ ва ба манзури таҳаввул дар сохтори омӯзиши ҷомеа ба ҷиҳатгирии секулярӣ ва навгароёна буд, ки натиҷаи он ба поён овардани шиддати ифротгароӣ ва хурофотпарастии баъзе аз табақаҳои ҷомеа ва кӯтоҳ кардани дасти онҳо дар нақшаҳои фарҳангӣ ва омӯзишӣ мебошад.

Сиёсате, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун пеш гирифтааст, ба ҳадафи дарозмуддат табдил ёфта, дарояндаи наздик давлат ба давлати муттаҳид бо мардумони ягона, миллати ягона, забони ягона, фаҳанги ягона ва иқтидори сиёсии ягона табдил хоҳад ёфт. Зеро ба андешаи муҳаққиқон, фақат як давлати мутамаркази қудратманд метавонад мушкилоти марбут ба ақибмондагии кишварро ҳал намуда, аз ягонагии миллат ва иқтидор посдорӣ кунад. Натиҷаи давлатсозӣ ва миллатсозӣ дар ҳамбастагӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ дар қолаби мафҳуми миллати ягона дорои аҳамияти фаровоне мебошад. Дар асл, дар мамлакати мо зарур аст, ки тамоми арзишҳо дар қолаби як ҳувияти миллии ягона карор гирифта, арзишҳо, устураҳо ва манфиатҳои муштарак ба сӯи як марказияти ягона равона карда шаванд, то ин марказ батадриҷ ба як маркази пуриқтидор ва гаҳвораи ваҳдату ягонагии миллат ва тоҷикони бурунмарзӣ табдил ёбад.

Миллатсозии тоҷикии мо аз он натсионализме, ки ҳамчун падидаи манфур ва номатлуб ном бурда мешавад, тафовути бузург дошта, ҳадафи он расидан ба ҳамбастагии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дастёб гаштан ба як ҳувияти миллии ягона мебошад. Сарфи назар аз он ки давлати миллӣ дар мамлакати мо дар замоне ва ба шакле таъсис ёфт, ки кишвар аз назари зерсохторҳо ва шароити иқтисодӣ дар вазъияти бисёр нобасомоне қарор дошт, лекин дар таърихи зуҳур ва ташаккули миллати тоҷик, давлати имрӯзаи мо нахустин давлате ба шумор меравад, ки ба барномарезӣ, ҷиҳати дигаргунӣ ва тавсеаи иқтисодӣ дар ҷомеа пардохтааст. Давлати мо аз роҳи ҳифз ва густариши робитаҳои мусолиматомез бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон метавонад роҳи дастрасии кишварро ба манбаъҳои гуногуни сармоя ва технологияи нав дар ҷаҳон боз намуда, аз ин роҳ ба рушду пешрафтҳои бисёре дар ҳавзаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ноил гардад.

Ҳувияти миллӣ дорои ҷиҳатҳои гуногун буда, бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва шарҳванди миллӣ робитаи наздике дорад, ки ба баробарии инсонҳое, ки узвияти як давлати миллиро пазируфтаанд, мебаранд. Аз ин ҷиҳат Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ақаллиятҳои нажодӣ, забонӣ ва қавмӣ низ дар Конститутсияи худ ҳуқуқҳоеро кафолат додааст, ки муҳимтарини онҳо баробарӣ дар мақомоти сиёсӣ ва идории ҷомеа, баробарӣ дар таҳсилот, кори муносиб ва имконоти истироҳатӣ, баробарӣ дар ҳуқуқ ва имтиёзҳои қонунӣ, баробарӣ дар ҳуқуқи вобаста ба масъалаҳои сиёсӣ ва вазифаҳои он ва ғайра мебошад. Ба андешаи мо, аъзои як миллат агар эҳсос кунанд, ки дар ҳуқуқҳои зикршуда, мавқеияти баробар бо якдигар доранд, ҳувияти миллӣ ба буҳрони камтаре рӯ ба рӯ хоҳад гашт. Аммо, агар дигар қавмҳо натавонанд худро бо раванди миллатсозӣ, адабиёти миллӣ, забони расмӣ, таълимоти умумӣ ҳамоҳанг созанд, ба ҳадди шаҳрванди дараҷаи дуюм сукут карда, аз ҳуқуқ маҳрум шуда, ба ҳошияи ҷомеа ронда мешаванд. Ин эҳсоси маҳрумият боиси тақвияти ҳувиятҳои пасттари миллӣ (монанди қавмият, нажод,

маҳалгароӣ ва ғайра) хоҳад гардид. Ин қуввае барои даст задан ба амалҳои сиёсӣ ва хушунат ва ғайра мегардад. Дар иртибот ба гуфтаҳои боло метавон зикр кард, ки навсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз моделҳои навсозие аст, ки дар гушаву канори ҷаҳон дар ростои модернизатсияи як кишвар амалӣ шудааст. Ба таври куллӣ, тамоми зуҳуроти навсозӣ дар кишвари мо аз нигоҳи илмӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ асосёфта буда, барои ба ин ҳадафҳои воло расидан Ҳукумати мамлакат кӯшиши зиёде ба харҷ додааст, то шохаҳои фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеаҳои пешрафтаи дунё шинохта шаванд ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

Илова бар ин, аз ҷониби Сарвари кишвар талошҳои зиёд сурат гирифтааст, то ҷомеапазирии наве дар асоси нигариш ва бартарии фарҳанги миллӣ ба вуҷуд оварда шавад ва дар ростои таҳкими ин ҷомеапазирӣ саъйи зиёд шудааст, то сиёсати миллигароёнаи худро дар чаҳорчӯбаи арзишҳои миллӣ ва волои умумибашарӣ барномарезӣ намоем. Он андешаи чанд, ки дар боло оварда шуд, як нуқтаро ба хубӣ нишон медиҳанд, ки истиқлолият ва ваҳдати миллии мо ҳамзамон боислоҳот ва модернизатсияи кишвар сурат гирифта, чи аз назари умқ ва чи аз назари густурдагӣ як инқилоби фарҳангӣ ва миллиро дар худ ғунҷонидааст ва кишваре, ки имрӯз месозем, фаротар аз низоми пештара буда, дарвозаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҷаҳони муосир боз менамояд.

Воқеан ҳам, гузашта аз байн намеравад ва рӯй ба нестӣ намениҳад, балки дар доираи таҷрибаи ҷамъшудаи ҳаёти иҷтимоӣ мавҷудияти худро пеш мебарад, Аз ин рӯ, бо ҳам овардану сарҷамъ сохтан ва таҳлилу таҷдиди назар кардани таҷрибаи инсонӣ вазифаи муҳимми таърих маҳсуб мегардад. Ба андешаи қадимиён, **“таърих худ роҳбаладу асокаши ҳаёт аст”**. Воқеан ҳам, инсонҳо дар ҳама ҳолат ва хосатан дар давраҳои бузурги ҳаёти ҷомеаи башарӣ таҷрубаи иҷтимоии ҷаҳонӣ кӯшишҳое кардаанд ҷавобе ба масъалаҳои доғи рӯз пайдо намоянд. Дар доираи мисолҳои таърихӣ инсонҳо барои арҷгузорӣ нисбат ба арзишҳои абадии тағйирнаёбандаи инсонӣ, аз қабили сулҳ, озодӣ, адолат, хайр, баробарӣ, садоқат, зебоӣ, саодат ва ғайра тарбия меёбанд.

Мутаассифона, бисёриҳо бар ин ақидаанд, ки таърих ба ҳеҷ кас ҳеҷ чизро наомӯхтааст ва намеомӯзад, лекин ҳаёт аз инсонҳое, ки умуман таърихро намедонанд, қасд мегирад. Таърих ҳатто он касонеро, ки намехоҳанд таърихро омӯзанд, меомӯзонад. Он аз сабаби ҷоҳилият ва беэътиноӣ нисбат ба гузашта онҳоро ҷазои сазовор медиҳад. Мехостем дар иртибот ба ин аз ҳикмате гушрас созем, ки мувофиқи он дурӯғ дар тафсири гузашта боиси шикасти имрӯза гардида, дар оянда бебандубориҳо ва бадбахтиҳоеро ба вуҷуд хоҳад овард. Вале новобаста аз мавҷудияти гуногунандешӣ дар доираи ҷавобҳо ба саволи рушду инкишофи инсоният ва шарҳу тафсири баъзе далелҳои таърихӣ, воқеияти айнӣ ва ё раднашаванда вуҷуд дорад. Гузаштаро на гунаҳгор, балки омӯхта, онро таҳлилу тафсир бояд кард. Ковиши ҳақиқат дар таърих ва маърифати таърихӣ раванди хеле мушкил буда, аз инсон идроки хусусиёти ин маърифатро тақозо менамояд.

Дар ниҳоят, таърих ба роҳбарони давлат шаклҳои дурусти роҳбарӣ, ба мардум таҳаммулу мадоро, ба ҷанговарон мардонагиву шуҷоат, ба ҷавонон ақл ва ба куҳансолон матонат ва дар маҷмӯъ ба ҷомеа ваҳдату якдилиро ато мефармояд.

**Муқарриз: *Розиқов Фарҳод* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Воропков Л.С. Хельсинский процесс и европейская безопасность. Что дальше?-М.:МГИМО-университет,2012; Sean Kay. What Wont Wrong with NATO? // Cambridge Rewiew international ABBaits. Aplil 2005. -Vol. 18. -№1. -P.73.
2. Дьятлов С.А. Предмет и метод теории информационной экономики // Экономическая теория на пороге XX1 века. -М.: Юрист,1998 С 497-519.
3. Интрилигейтор М.Д. Глобализация как источник международных конфликтов и обострения конкуренции // Проблема теории и практики управления. -1998. -№6. -С 38.Мартьянов В. Строительство политической нации и этнонационализм // Логос. -№2. -2006.
4. Норман Дэвис История Европы. -М.: АСТ Транзиткнига, 2004.
5. Никитин А.И. Современный миропорядок; его кризис и перспективы //Полис.Политическая исследования. -№6.
6. Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане. Душанбе, 1997. -56с.

7. Одинаев Х, Гафуров Х. -Таджикистан: три концепции развития. -Душанбе, 1998.-210с.
8. Уткин А. Глобализация иллюзии и реальность // Свободная мысль. -2000. - №1. -С 28.
9. Пандита К.Н. Таджикистан на перекрёстке мировых цивилизаций. // Материалы I международной научно-практической конференции «Таджикистан и мир, проблемы и перспективы» Душанбе, 1995. -С. 6368.
10. Пардаев С.А. Некоторые особенности политической культуры в условиях демократизации общества. ТГПУ, Душанбе, 1997,69 с.
11. Расулов К.Р, Гулахмедов М. Национальные и политические процессы независимого Таджикистана. -Душанбе, 2001, 127с.
12. Саймуддинов Ш. -Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение. -Душанбе, 2003. 170с.
13. Саймуддинов Ш. -Социально-политические факторы укрепления мира в суверенном Таджикистане. Душанбе, 2001, 93с.
14. Сайфудинов Г.А. Особенности формирования политической культуры в Суверенном Таджикистане. Автореф. дис.канд.полит.наук. Д., 2006, 19 с.

## ТОҶИКИСТОН ДАР 30 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, мушкилиҳо ва пайомадҳое, ки дар ин давра ба вуҷуд омадаанд, баён гардидаанд. Муаллифони мақола кӯшиш кардаанд, ки дар шакли воқеъбинона, бо диди нав ба таҳлили масъалаҳо даст зананд. Дар натиҷаи таҳлилу баррасии баъзе паҳлуҳои масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра, муаллифон ба хулосае омаданд, ки Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун падидаи нави сиёсӣ дар таъсиси низоми нави давлатдорӣ, демократия, баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар назди қонун, шинохти ҳувиятӣ миллӣ ва эҳёи арзишҳои анъанавӣ мақоми хосса дорад. Муаллифон зикр менамоянд, ки навсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз моделҳои навсозие аст, ки дар гушаву канори ҷаҳон дар ростои модернизатсияи як кишвар амалӣ шудааст. Ба таври куллӣ, тамоми зуҳуроти навсозӣ дар кишвари мо аз нигоҳи илмӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ асосёфта буда, барои ба ин ҳадафҳои воло расидан Ҳукумати мамлакат кӯшиши зиёде ба харҷ додааст, то шохаҳои фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеаҳои пешрафтаи дунё шинохта шаванд ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

**Калидвожаҳо:** дастовардҳо, истиқлолият, фарҳанг, тағйироти иҷтимоӣ-сиёсӣ, миллат, давлат, ҷомеаи навин, иқтисодиёт, ахлоқ, идея.

## ТАДЖИКИСТАН ЗА 30 ЛЕТ НЕЗАВИСИМОСТИ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В статье проанализированы процессы государственного строительства в Республике Таджикистан в период становления государственности в условиях независимости. Формирование основ государства в начале 1990-х годов в республике протекало в ключе закрепления в общественном сознании жителей страны необходимости обретения суверенитета как ответа на выход из состава Советского Союза. Отражены условия обретения механизма суверенитета, а также специфика политических процессов, происходящих в стране в начале 90-х годов 20 столетия и в современных условиях развития демократического, правового и светского государства в Таджикистане.Также рассмотрены актуальные вопросы развития Республики Таджикистан в международной, политической, экономической, социальной и правовых сферах, тенденции и перспективы развития экономики и образования в условиях новой реальности. Авторы отмечают, что перестройка в Республике Таджикистан является одним из моделей перестройки, которая во всем мире осуществлена на основе модернизации одной страны. В общем, все явления перестройки в нашей стране, основаны с научной, экономической, социальной и культурной точки зрения, и для достижения высших целей правительство страны приложило все усилия для того, чтобы признать их как культурные и экономические ветви развитых обществ.

**Ключевые слова:** независимость, становление государственности, суверенитет, политическая конфигурация, дезинтеграционные процессы, националистически настроенные силы, демократия, независимость, и т.д

## TAJIKISTAN OVER 30 YEARS OF INDEPENDENCE: PROBLEMS AND PROSPECTS

The article analyzes the processes of state-building in the Republic of Tajikistan during the formation of statehood in the conditions of independence. The formation of the foundations of the state in the early 1990s in the republic proceeded in the key of fixing in the public consciousness of the inhabitants of the country about the necessity of gaining sovereignty as a response to secession from the Soviet Union. The conditions of the acquisition of the mechanism of sovereignty, as well as the specifics of the political processes taking place in the country in the early 90s of the 20th century and in the modern conditions of the development of a democratic, legal and secular state in Tajikistan are reflected.Topical issues of the development of the Republic of Tajikistan in the international, political, economic, social and legal spheres, trends and prospects for the development of the economy and education in the new reality are also considered. The authors note that the restructuring in the Republic of Tajikistan is one of the models of restructuring, which is carried out all over the world on the basis of the modernization of one country. In general, all the phenomena of perestroika in our country are based on a scientific, economic, social and cultural point of view, and in order to achieve the highest goals, the government of the country has made every effort to recognize them as cultural and economic branches of developed societies.

**Keywords**: Independence, statehood formation, sovereignty, political configuration, disintegration processes, nationalist-minded forces, democracy, independence, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Парвиз Шамолов*** – сармутахассиси Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон**: +992918715071**.

***Маҳмадрасулов Бобоҷон*** - Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, мудири кафедраи фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Бохтар, 35/1.

**Сведение об авторах:** ***Шамолов Парвиз***– главный специалист аппарата Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Телефон**: +992918715071**.
***Махмадрасулов Бободжон –*** Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городеДушанбе, заведующий кафедрой соццияльно-гуманитарных наук, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бохтар, 35/1. Телефон **+992918808484.**

**Information about the authors*: Shamolov Parviz* -** chief specialist of the staff of the Majlisi Milli of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. Phone: **+992918715071.**
***Makhmadrasulov Bobodzhon* -** Branch of the Moscow State University named after M.V. Lomonosov in Dushanbe, Head of the Department of Social Sciences and Humanities, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Bokhtar, 35/1. Phone **+992918808484.**

**УДК:321.4**

# ДАВРАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***Рустамзода З.Р.***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

Дар шароити муосир аксарияти мухолифатҳои сиёсӣ шиддат гирифта, таҳдидҳои нави амнияти глобалиро ба миён овардаанд. Дар чунин шароит зиддиятҳои геополитикӣ байни иштирокчиёни пешбари байналхалқӣ ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро дар арсаи байналхалқӣ мушкил ва мураккаб гардонидаанд. Ҳамин тариқ муносибатҳои байналхалқии муосир бо равандҳои серҳаракати глобалӣ, ки ба таври назаррас ба тартиботи нави ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд, тасниф карда мешаванд. Хусусияти пайдо шудани низоъҳо одатан на дар асоси як сабаб ё омил, балки дар асоси алоқамандии якчанд омил ё сабаб муайян карда мешавад.

Мушкилоти гуногунҷанбаи таъминоти амният, нигоҳ доштани сулҳу субот ва устувории рушд дар як қатор бо таҳдид ва хатарҳои нав, пеш аз ҳама, бо терроризми байналхалқӣ, оқибати равандҳои муҳоҷират бо фарогирии манфиатҳои миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ барои тамоми ҷомеаи чаҳонӣ проблемаи асосӣ мегарданд. Барои ҳар як давлат нигоҳ доштани шароити рушди устувори он самти афзалиятнок боқӣ мемонад. Лекин, чӣ тавр метавон манфиатҳои миллиро бо омилҳои нави глобалии рушд, ки ба таври ҷиддӣ ба рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, якҷоя намуд.

Таҳлили сиёсии тағйиротҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ имконият медиҳад, ки оид ба дигаргуншавии сифатии мундариҷаи сиёсати ҷаҳонӣ сухан ронем. Сиёсати ҷаҳонӣ, ки натиҷаи тағйирпазирии алоқаҳои байналхалқӣ ва ҳамкории давлатҳоро пешниҳод менамояд, бо як қатор проблемаҳои мушаххас рӯ ба рӯ гардидааст, ки аз рӯйи характери глобалӣ ҳалли онҳо дар доираи давлатҳои миллӣ ғайриимкон аст. Аз ин хотир, сиёсати ҷаҳонӣ, дар шароити имрӯза, васеъ гардидани доираи субъектҳои худро талаб менамояд. Маҳз аз ин рӯ дар арсаи байналхалқӣ давлат, иттиҳодияҳои байнидавлатӣ ва созмонҳои байналхалқӣ амал намуда, ба ин раванд созмону ташкилотҳои байналхалқии ғайриҳукуматӣ низ ҷалб карда шудаанд.

Дар алоқамандӣ бо ин, накш ва аҳамияти созмонҳои байналхалқӣ тадриҷан муҳим мегардад. Фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ дар марҳилаи муосир, инчунин сатҳи иштироки онҳо дар танзими низоъҳои байналхалқиро таҳлил намуда, метавон аҳамияти онҳоро дар низоми муносибатҳои байналхалқии институтҳои сиёсӣ ва дар равандҳои

сиёсии ҷаҳонӣ махсусан қайд намуд. Гуногунҷанбагии ҳодисаву воқеаҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши созмонҳои байналхалқиро афзун менамоянд, онҳоро ҳамчун заминагузори раванди гуфтушуниди байни давлатҳо оид ба мушкилоти зиёди мавҷуда, дар бунёди шароити муфид барои равандҳои ҳамгироӣ муайян менамоянд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки зери мафҳуми "созмони байналхалқӣ" ҷанбаҳои зерин фаҳмида мешавад:

-муттаҳид гардидани давлатҳо дар асоси ҳуқуқи байналхалқӣ ва шартномаи байналхалқӣ, ки бо мақсади амалӣ намудани ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ-техникӣ ва дигар соҳаҳо ба имзо расонида шудааст;

- иттиҳоди мазкур мувофиқи манфиатҳо ва иродаи давлатҳои аъзо дорои сохтори ташкилӣ, низоми мақомотҳо, доираи муайяни ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки созмонҳои байналхалқӣ институтҳои устувори гуногунҷанбаи муносибатҳои байналхалқӣ мебошанд, ки аз тарафи ҳадди ақал се давлат бунёд гардида, дорои мақсад, салоҳият ва мақомотҳои дохилӣ, меъёрҳои махсуси сиёсиву ташкилӣ мебошанд.

Мувофиқи моҳият чунин нишонаҳои созмонҳои байналхалқӣ муайян карда мешаванд: муттаҳид намудани иштирокчиёни гуногун; мақсадҳои умумӣ ва доимии мувофиқагардида; мавҷудияти ҳуҷҷати байналхалқии таъсискунанда; идораҳои доимоамалкунанда; меъёрҳои сиёсиву ташкилӣ; баробарии ҳуқуқии иштирокчиён; мувофиқати мақсади бунёд ва фаъолият ба принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ.

Ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқӣ аз якчанд омили объективӣ вобаста аст, ки ба таври умумӣ метавон онҳоро чунин арзёбӣ намуд: зиёд гардидани миқдори проблемаҳо дар сарҳадоти якчанд соҳа: муносибатҳо ва тиҷорати молиявӣ, тиҷорат ва бозорҳои молиявӣ; мутобиқ намудани тӯлонии мавқеи кишварҳо нисбат ба проблемаи ҷойдошта; миқдори зиёди иштирокчиёни раванди гуфтушунидҳо, ки бадастории консенсусро мураккаб менамояд; вобастагии иштирокчиёни гуфтушунидҳо ва мансабдорони ҳукуматӣ аз фишори интихобкунандагон ва афкори ҷамъиятӣ; мураккабӣ ва хароҷоти зиёди таъминоти иттилоотии ҳамкориҳо ва ғайраҳо [6,6].

Маҳз бо назардошти омилҳои зикргардида имконияти пайдоиши созмонҳои байналхалқӣ таъмин гардид. Ҳамин тариқ, якумин созмонҳои байналхалқии байниҳукуматӣ ҳамчун яке аз шаклҳои устувори танзими муносибатҳои байналхалқӣ дар солҳои 50-уми асри Х1Х пайдо гардиданд. Болоравии устувори миқдори созмонҳои байналхалқӣ дар ин давра бо рушди алоқа, шабакаҳои нақлиётӣ, тиҷорати байналхалқӣ алоқаманд аст. Дар ин давра чунин созмонҳо, ба монанди Комиссияи Дунай (1856), Иттифоқи умумиҷаҳонии почта (1874), Конференсияи аврупоӣ оид ба ҷадвали поездҳои мусофирбар (1874), Иттифоқи байналхалқии телеграф (1875), Иттифоқи байналхалқии ҳимояи моликияти саноатӣ (1883) пайдо гардиданд.

Танҳо пас аз Ҷанги якуми ҷаҳон, аввалин созмони байналхалқии навъи умумӣ бо салоҳиятҳои васеъ – Лигаи Миллатҳо таъсис ёфт. Лигаи Миллатҳоро метавон ҳамчун созмони байналхалқӣ, ассотсиатсияи ҳукуматҳо, методи ташкили ҳаёти байналхалқӣ баррасӣ намуд. Аввалин кӯшиши бунёди созмони байналхалқии сиёсии навъи байниҳукуматӣ Лигаи Миллатҳо ҳисобида мешавад. Мақсади асосии Лигаи Миллатҳо нигоҳ доштани сулҳ ва амният ба ҳисоб мерафт [7,9]. Гарчанде ғояи созмони умумиҷаҳонӣ дар тӯли садсолаҳо ҷой дошт, маҳз натиҷаҳои фоҷиабори Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба бунёд намудани чунин созмон қувват бахшид. Дар ин давра садҳо лоиҳаи созмони умумиҷаҳонӣ бунёд гардида буд, ки яке аз онҳо асоси ташаккули Лигаи Миллатҳо гардид [7, с.19]. Аз ин

давра созмони байналхалқӣ вазифаи сиёсати олӣ – мусоидат ба амнияти ҳарбӣ-сиёсиро ба дӯш мегирад.

Ҷанги дуюми ҷаҳон ба инсоният фаҷиаҳои даҳшатнокро оварда, кишварҳоро маҷбур намуд, ки асосҳои қаблии ташкили системаи амнияти байналхалқиро аз нав аз назар гузаронида, бо назардошти ҷойгиршавии нави қувваҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ аз таҷрибаи нокоми Лигаи Миллатҳо ибрат бигиранд [6, с.7]. Аз ин хотир, ҳанӯз дар оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон гуфтушунидҳо оид ба бунёд намудани созмони байналхалқӣ ба роҳ монда шуда буданд.

Ҳамин тариқ, дар асоси инкишофи эволютсионии созмонҳои байналхалқӣ, метавон шартан марҳилаҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофи онҳоро ҷудо намуд:

- Пайдо гардидани нишонаҳои алоҳидаи созмонҳои байналхалқӣ. Масалан, Иттифоқи муқаддас, ки дар натиҷаи Конгресси Вена бунёд гардид. Моҳиятан, ин созмони байналхалқии ҳарбӣ буд, лекин тартиботи ҷаҳонии он давраро низ муайян менамуд. Қайд намудан зарур аст, ки марҳилаи якум нисбатан тӯлонӣ буда, бо бунёд гардидани Лигаи Миллатҳо дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳон ба итмом мерасад. Дар ин марҳила, созмонҳои байналхалқии салоҳитяҳои махсусдошта низ таъсис ёфтаанд: Комиссияи киштигардии Рейн, Комиссияи киштигарди Дунай, Иттифоқи умумиҷаҳонии телеграф, Иттифоқи байналхалқии метеорология, Иттифоқи умумиҷаҳонии почта [8, с.287].

- Марҳилаи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ, ки ҳам таҷрибаи мусбӣ ва ҳам таҷрибаи манфии фаъолияти Лигаи Миллатҳо ба даст оварда шудааст. Як қатор созмонҳои махсусгардонидашудаи Лигаи Миллатҳо баъдтар ба таркиби СММ гузаронида шуданд: Созмони байналхалқии меҳнат, Созмони байналхалқии тандурустӣ. Як қатор созмонҳои байналхалқии дорои салоҳиятҳои махсус таъсис мееёбанд: Созмони байналхалқии алоқаи электронӣ, Созмони байналхалқии авиатсияи шаҳрвандӣ ва ғайраҳо. Дар ин марҳила Хазинаи Байналхалқии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ бунёд мегарданд, ки баъдтар ба системаи СММ ворид карда мешаванд, лекин, дарвоқеъ то ба имрӯз сохторҳои мустақил ба ҳисоб мераванд.

- Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон то солҳои 60-ум. СММ бунёд мегардад, Шартномаи умумии тарифҳо ва савдо ба имзо мерасад. Мурофиаи Нюрнберг ниҳоди гардонии адлияи байналмилалии ҷиноятиро таъмин менамояд [11, с.411]. Дар ин марҳила созмонҳои байналхалқии минтақавӣ бунёд карда мешаванд: Созмони давлатҳои араб, Лигаи давлатҳои араб. Падидаи сулҳофаринӣ рушд менамояд. Созмонҳои байналхалқии интегратсионӣ пайдо мешаванд: Иттифоқи иқтисодии Аврупо, Шӯрои Аврупо, Созмони Шартномаи Варшава, Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ [11,с.413].

- Системаи мустамликадорӣ пароканда мешавад, давлатҳои нави соҳибистиқлол пайдо мешаванд. ЮНКТАД ва ЮНИДО бунёд карда мешаванд, ки дар онҳо кишварҳои пасазмустамликавӣ аксариятро ташкил менамуданд.

-Охири солҳои 70-ум, ки Созмони кишварҳои содиркунандаи нефт, Агентии байналхалқии энергетика бунёд карда шудаанд.

- Солҳои 80-ум, ки дар он амалияи муосири ҳамкории СММ бо созмонҳои байналхалқии ғайриҳукуматӣ, ҳаракатҳои байналхалқии шаҳрвандӣ ба роҳ монда шудааст: ҳуқуқи инсон, ҳифзи муҳити зист, мубориза барои сулҳ ва ғайраҳо.

- Солҳои 90-ум, ки дар ин марҳила зарурати ислоҳоти СММ ва мустаҳкам намудани нақши марказии он дар муносибатҳои байналхалқӣ пешниҳод гардидааст. Баррасиҳои байналхалқии дар сатҳи дипломатӣ ва илмӣ оид ба ислоҳоти Шӯрои Амният, ислоҳоти маъмурӣ ва молиявии СММ оғоз мегардад. Маҳз дар ҳамин давра Қарордоди умумӣ оид ба тарифҳо ва тиҷорат ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо табдил дода шуд.

- Аз оғози асри XX1 то ба имрӯз. Ислоҳоти асосии СММ ҳанӯз амалӣ нагардидааст, афзоиши миқдори созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ идома дорад. Изҳорот ва кӯшишҳои асоснокнамоии зарурати ислоҳоти тамоми системаи глобалии СММ, махсусан мақомоти ёрирасони он, ки ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ машғуланд, ба миён омадаанд.

Ҳамин тариқ, давраҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофро паси сар намуда, созмонҳои байналхалқӣ хусусиятҳои мухталифро касб намудаанд. Дар марҳилаи муосири рушди созмонҳои байналхалқӣ, метавон чунин хусусиятҳоро ҷудо намуд:

-боло рафтани таъсиру нуфузи созмонҳои байналхалқӣ дар ҳаёти байналхалқӣ;

-қувват гирифтани созмонҳои ғайридавлатӣ дар ҳалли проблемаҳои ҷаҳонӣ;

- таъсисёбии созмони навъи глобалӣ – Созмони Милали Муттаҳид;

- ташаккули созмонҳои дигари навъи глобалӣ – Хазинаи байналхалқии асъор, Бонки Байналхалқии Таҷдид ва Рушд, Созмони Умумиҷаҳонии савдо;

-ташаккули шабакаҳои созмонҳои байналхалқии фаромиллӣ, ки фаъолияти институтсионалии гурӯҳҳои минтақавии интегратсиониро таъмин менамоянд;

- васеъ гардидани соҳаи фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ;

-зиёд гардидани миқдори созмонҳои байналхалқии байнидавлатӣ ва фаромиллӣ;

-васеъ гардидани салоҳият ва мураккаб гардидани сохтори созмонҳои байналхалқӣ [2,с.36].

Дар шароити имрӯза, сохторҳои байниҳукуматӣ нисбат ба созмонҳои байналхалқии ғайриҳукуматӣ ба ҳаёти байналхалқӣ бештар таъсир мерасонанд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки созмонҳои байналхалқӣ механизми рушдкардаи идоракунии ҳаёти байналхалқӣ ба ҳисоб меравaнд.

Аз нуқтаи назари мактаби реализми сиёсӣ, фоиданокӣ ва таъсирбахшии созмонҳои байналхалқӣ аз мувофиқат ба манфиатҳои давлатҳои аъзо бармеояд. Созмонҳои байналхалқӣ танҳо сиёсати хориҷии давлатҳои аъзоро таҷассум намуда, наметавонанд ба пайдо гардидани падидаи нав мусоидат намоянд.

Мактаби транснатсионализм чунин мешуморад, ки бо мурури замон таъсир ва нуфузи созмонҳои байналхалқӣ аз таъсир ва нуфузи давлат пеш мегузарад. Дар натиҷаи фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ сифатҳои нав пайдо мешаванд, ки ба ҳалли проблемаҳои глобалии инсоният мусоидат менамоянд. Чунин мешуморем, ки дар шароити имрӯза, аллакай як қатор созмонҳои байналхалқӣ, ба монанди Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии асъор нисбат ба давлатҳои алоҳида таъсир ва нуфузи бештарро ба даст овардаанд [3,с.22].

Фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ идомаи манфиатҳои давлат аст. Зери таъсири дигаргуниҳои глобалӣ дар ҳаёти байналхалқӣ манфиатҳои давлатҳои миллӣ тағйир меёбанд. Аз ин хотир, барои давлат зарурати ҳамоҳангсозии фаъолият, аз он ҷумла, кумак аз тарафи сохторҳои дастаҷамъонаи муносибатҳои байналхалқӣ ба миён меояд.

Шиддатнокии муносибатҳо байни давлатҳои соҳибистиқлол ба бунёд намудани блокҳои ҳарбӣ-сиёсӣ монеа эҷод намекунад. Дар самти иҷтимоиву иқтисодӣ байни кишварҳо бунёд гардидани сохторҳои байналхалқӣ имконпазир аст, ки онҳо ба манфиатҳои миллӣ асос меёбанд.

Нақши созмонҳои байналхалхалқӣ дар шароити муосир назаррас буда, фаъолияти онҳо ба ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои мухталиф мусоидат менамояд. Созмонҳои байналхалқии муосир асосан ба ду навъ ҷудо карда мешаванд: созмонҳои байнахалқии байниҳукуматӣ ва созмонҳои байнахалқии ғайридавлатӣ. Аз нуқтаи назари сиёсӣ зарур аст, ки як қатор аломатҳои фарқкунанда муайян карда шаванд: созмонҳои байналхалқии

байниҳукуматӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии саъю кӯшиш ва ҳамкориҳо дар соҳаи муайяни фаъолият, ба монанди ҳамкориҳои ҳарбӣ – Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ – Иттиҳоди Аврупо, ҳамкориҳои сиёсӣ – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ҳамкориҳои пуливу молиявӣ – Хазинаи байналмилалии асъор таъсис дода мешаванд. Созмонҳои байналхалқӣ дар асоси шартномаи (конвенсия, созишнома, протокол) байни давлатҳо, ки риояи ҳуқуқ ва манфиати аъзоҳо, инчунин сохтор ва механизми ҳамкориҳои байналхалқиро кафолат медиҳад, бунёд карда мешаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳар як марҳилаи таърихӣ рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ва низоми байналхалқии омилҳо ва заминаҳои зарурии ташаккули созмонҳои байналхалқиро ба миён овардаанд. Масалан, дар нимаи дуюми асри XX ва оғози асри XXI самти ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсӣ, рушди босуръати давлатҳои нав мушоҳида карда мешавад, ки дар бунёди созмонҳои нави байналхалқӣ – созмонҳои байниҳукуматӣ ва созмонҳои байналхалқии ғайриҳукуматӣ зоҳир мегардад.

Илова бар ин, як қатор созмонҳои байналхалқӣ, ба монанди Шӯрои иқтисодии кумаки тарафайн – созмони байниҳукуматии иқтисодӣ, ки дар давраи солҳои 1949-1991 амал намудааст, бо қарори маҷлиси намояндагони Болгария, Венгрия, Полша, Руминия ва Иттиҳоди Шӯравӣ бунёд гардида, мақсади асоси он амалӣ намудани барномаи маҷмӯавии ҳамгироии иқтисодии сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт; Созмони Шартномаи Варшава, ки соли 1955 барои таъмини сулҳу субот ва амният дар Аврупо бунёд гардида, дуқутбӣ будани ҷаҳонро таъмин намудааст, аз саҳнаи таърихӣ баромадаанд, яъне фаъолияти онҳо қатъ гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва лагери сотсиалистӣ ба таври назаррас ба вазъияти геополитикӣ ва низоми муносибатҳои байналхалқӣ таъсир расонидааст [3, с.24].

Шароити муосири рушд омилҳои навро бунёд менамояд, ки ба манфиатҳои фаъолияти хориҷии давлатҳо ва низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба таври назаррас таъсир мерасонанд. Раванди ҷаҳонишавӣ, махсусан ҷаҳонишавии иқтисодӣ, ба тағйирпазирии бозори ҷаҳонӣ, ба васеъ гардидани алоқаҳои кооперативии иқтисодӣ оварда расонид, ки дар натиҷа, дар арсаи байналхалқӣ нақши Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба таври ҷиддӣ афзуд.

Марҳилаи муосир, ки асоси онро рушди илмиву иттилоотӣ ташкил менамояд, талаботҳои навро ба ҳамкориҳои байналхалқӣ пешниҳод менамояд, ки дар он алоқаи давлатҳо дар соҳаи технологияҳо, ҳамкориҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ афзалият пайдо намудаанд. Рушди алоқаҳои фаромиллӣ ба бунёди шаклҳои нави ҳамкорӣ ва қабули қарорҳои дастаҷамъонаи давлатҳо, бо иштироки созмонҳои байниҳукуматӣ ва созмонҳои байналхалқии ғайриҳукуматӣ мусоидат намуд.

Дар шароити муосири рушд, ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои фаъолият, ки дар бахши этникӣ, динӣ ва фарҳангӣ, дар ҷалби аҳолӣ ба равандҳои сиёсӣ зоҳир мегардад, тағйироти назаррасро дар ҳаёти дохили ҳар як давлат ба миён меорад, ки манфиатҳои давлат, муносибати онҳоро дар ҳалли проблемаҳои глобалӣ дигаргун менамояд.

Дар алоқамандӣ бо ин нақши созмонҳои мухталифи байналхалқӣ ба сифати ташаббускор ё миёнарав дар масъалаҳои ҳамкории байнидавлатӣ меафзояд. Мақсади афзалиятноки ҳамкорӣ дар марҳилаи муосир баҳогузории вазъияти мавҷуда ва ояндабинии рушди минбаъдаи онҳо бо мақсади ҳалли проблема, ки дар мухолифатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва байнифарҳангӣ пайдо шудаанд, ба ҳисоб меравад.

Чунин шакли фаъолият бо риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ имкониятҳои муайянро бунёд намуда, дар ниҳоят ба ташаккули тартиботи мувофиқи ҷаҳонӣ, баланд намудани назорати масъалаҳои амният дар шароити муосир мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ, дар ҳалли масъалаҳои мухталифи глобалӣ, аз он ҷумла масъалаҳои амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва ҷинояткории фаромиллӣ нақш ва мавқеи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ бузург аст.

**Муқарриз:** ***Розиқов Фарҳод*** **– номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Бородулина Л.П. Международные экономические организации / Л.П.Бородулина, И.А.Кудряшова, В.А. Юрга. - М.: Экономист, 2005. 298с.
2. Дробот Г. А. Классический и междисциплинарный подходы к исследованиям межправительственных организаций / Г.А.Дробот, Р.Ю.Паламаренко // Вестник Дипломатической академии МИД России. Россия и мир. – 2017. -№2. -С.32 – 40.
3. Коровин Е. А. О международной организации мира и безопасности / Е.А. Коровин // Пропагандист. - 1944. -№ 22. -С. 18 – 26.
4. Лебедева М.М. Мировая политика. М., 2003; Каким быть глобальному управлению? / М.М. Лебедева // Вестник Московского университета. -2006. -№1. –С. 73-82.
5. Лебедева М.М. Мировая политика / М.М. Лебедева. – М.: Аспект Пресс, 2007. – 365с.
6. Левин Д. Б. О международной организации безопасности / Д.Б.Левин // Известия Академии наук СССР. Отделение экономики и права. -1945. -№ 1. -С. 3-9.
7. Международные отношения и мировая политика: учебно-методический комплекс / под ред. П.А. Цыганкова. М., 2014. С. 233.
8. Международное публичное право. / Под ред. К. А. Бекяшева. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2005. – 784 с.
9. Плоскова А. Б. Реформирование ООН и пересмотр ее Устава. Реформа Совета Безопасности / А.Б. Плоскова. – М.: Диалог-МГУ, 1998. – 94с.
10. Примаков Е. М. Вызовы и альтернативы многополярного мира: роль России / Е.М. Примакова. – М.: Издательство МГУ, 2014. – 320 с.
11. Современные международные отношения. / Под ред. А. В. Торкунова, А. В. Мальгина. – М.: Аспект Пресс, 2012. – 688 с.
12. Улахович В.Е. Международные организации / В.Е.Улахович. – М.: АСТ, 2005. – 397с.
13. Федоров В. Н. Организация Объединенных Наций, другие международные организации и их роль в XXI веке / В.Н.Федоров. -М., 2005. – 944 с.
14. Черников П.Г. Как оценить ООН? О некоторых методах анализа результативности и эффективности международных организаций / П.Г. Черников. – М.: Р.Валент, 2005. 184 с.
15. Шибаева Е. А. Правовые вопросы структуры и деятельности международных организаций: Учеб. пособие, 2-е изд / Е.А.Шибаева, М.Потосный. -М.: Изд-во МГУ, 1988. – 188 с.


## ДАВРАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ


Дар мақолаи мазкур давраҳои асосии ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқӣ аз омилҳои объективӣ вобаста аст. Ба ин омилҳо зиёд гардидани миқдори проблемаҳо дар сарҳадоти якчанд соҳа: таҷдиди муносибатҳо ва тиҷорати молиявӣ, тиҷорат ва бозорҳои молиявӣ; миқдори зиёди иштирокчиёни раванди гуфтушунидҳо, ки бадастории консенсусро мураккаб менамояд; мураккабӣ ва хароҷоти зиёди таъминоти иттилоотии ҳамкориҳо ва ғайраҳо. Муаллиф қайд менамояд, ки аввалин созмонҳои байналхалқии байниҳукуматӣ ҳамчун шакли устувори танзими муносибатҳои байналхалқӣ дар солҳои 50-уми асри X1X пайдо гардиданд. Болоравии устувори миқдори созмонҳои байналхалқӣ дар ин давра бо рушди алоқа, шабакаҳои нақлиётӣ, тиҷорати байналхалқӣ алоқаманд буд.Аввалин кӯшиши бунёди созмони байналхалқии байниҳукуматӣ Лигаи Миллатҳо ба ҳисоб меравад, ки мақсади он нигоҳ доштани сулҳ ва амният ба ҳисоб мерафт. Қайд карда мешавад, ки маҳз натиҷаҳои фоҷиабори Ҷанги якуми ҷаҳон ба бунёд намудани чунин созмон мусоидат намудааст.Созмонҳои байналхалқӣ давраҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофро паси сар намуда, дар шароити имрӯза хусусиятҳои мухталифро касб намудаанд. Нақш ва мақоми созмонҳои байналхалқӣ, дар шароити имрӯза, аз хусусиятҳои фаъолияти онҳо вобаста аст.



**Калидвожаҳо:** муносибатҳои байналхалқӣ, амнияти глобалӣ, таҳдидҳои муосир, ҳамкориҳои байналхалқӣ, созмонҳои байналхалқӣ, созмонҳои байниҳукуматӣ, созмонҳои байналхалқии ғайридавлатӣ, блокҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, системаи мустамликадорӣ, давлатҳои соҳибистиқлол.

## ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИя МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

В статье рассматриваются основные этапы становления и развития международных организаций. Автор подчеркивает, что формирование и развитие международных организаций зависит от объективных факторов. Эти факторы включают увеличение количества проблем на границах различных сфер: разаитие отношений и финансовой торговли, торговли и финансовых рынков; долгосрочная адаптация позиций стран по проблеме; большое количество участников переговорного процесса, что затрудняет достижение консенсуса; сложность и дороговизна информационного обеспечения совместной работы и т.д. Автор подчеркивает, что первые международные межправительственные организации как устойчивая форма регулирования международных отношений возникли в 50-х годах Х1Х века. Неуклонный рост количества международных организаций в этот период был связан с развитием коммуникаций, транспортных сетей, международной торговли. Первой попыткой создания международной межправительственной организации была Лига Наций целью которой было поддержание мира и безопасности. Отмечается, что трагические итоги Первой мировой войны способствовали созданию такой организации. Международные организации прошли отдельные этапы формирования и развития и в современных условиях приобрели разные особенности. Роль и статус международных организаций в современных условиях зависят от особенности их деятельности.

**Ключевые слова:** международные отношения, глобальная безопасность, современные угрозы, международное сотрудничество, международные организации, межправительственные организации, международные неправительственные организации, военно-политические блоки, колониальная система, независимые государства.

## THE MAIN STAGES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS

The article examines the main stages of the formation and development of international organizations. The author emphasizes that the formation and development of international organizations depends on objective factors. These factors include an increase in the number of problems at the borders of various spheres: the development of relations and financial trade, trade and financial markets; long-term adaptation of countries' positions on the problem; a large number of participants in the negotiation process, which makes it difficult to reach a consensus; the complexity and high cost of information support for joint work, etc.The author emphasizes that the first international intergovernmental organizations as a stable form of regulation of international relations emerged in the 50s of the 19th century. The steady growth in the number of international organizations during this period was associated with the development of communications, transport networks, and international trade.The first attempt to create an international intergovernmental organization was the League of Nations, whose goal was to maintain peace and security. It is noted that the tragic results of the First World War contributed to the creation of such an organization.International organizations have gone through separate stages of formation and development and in modern conditions have acquired different characteristics. The role and status of international organizations in modern conditions depends on the specifics of their activities.

**Key words:** international relations, global security, modern threats, international cooperation, international organizations, intergovernmental organizations, international non-governmental organizations, military-political blocs, colonial system, independent states.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рустамзода Завқиддин Рустам*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес вва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ.**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрарайони 17, бинои 1. Телефон(**+992)92-960-95-59**

**Сведение об авторе:** ***Рустамзода Завкиддин Рустам*** **-** Таджикский государственный университет права бизнеса и политики в городе Худжанд, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом. Телефон: (**+992)92-960-95-59**

**Information about the author: Rustamzoda Zavkiddin Rustam** - Tajik State University of Business Law and Politics in the city of Khujand, assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, house. Phone: **(+992) 92-960-95-59**

УДК:007.1(540+575.3)

# ҲИНДУСТОН - МАҲДИ МАТБУОТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

*Ализода Алиҷон Анвар*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Таърихи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар Ҳиндустонро метавон ба чаҳор давра тақсим кард.Дар марҳалаи аввал, ки солҳои 1780-1822-ро фаро мегирад, рӯзномаи саросари сирф форсӣ-тоҷикӣ вуҷуд надошт. Чанд рӯзномаи чандзабонае, ки онҳоро рӯзномаҳои “ҳиндӣ-англисӣ” меномиданд, сутунҳо ва ё саҳифаҳое ба забони форсӣ-тоҷикӣ доштанд. Яке аз инҳо рӯзномаи “Ҳигиз газет”буд, ки аз 29 январи соли 1780 то 30 марти соли 1782 ба ҳиммати яке аз кормандони ширкати “Ҳинди Шарқӣ” бо номи Ҷеймс Августус Ҳики дар шаҳри Калкутта мунташир мешуд.”Ҳигиз газет” ё “Бангол газет” бахши мухтасаре аз саҳифаҳои худро ба забони форсӣ-тоҷикӣ ихтисос медод. Навиштаҳои форсӣ-тоҷикии он асосан фармонҳо ва оинномаҳои давлатӣ ва огоҳиҳои таблиғотӣ буданд. Он дар ҳаҷми 4 саҳифа ва дар чопхонаи ширкати “Ҳинди Шарқӣ”-и Англия ба чоп мерасид. Ҷеймс Августус Ҳики рӯзномаашро “Сиёсӣ ва тиҷорӣ, ки саҳифаҳои он барои ҳар ҳизбе кушудааст, вале ба ҳеҷ ҳизби хосе вобаста нест”, муаррифӣ кардааст. Аммо ӯ бар зидди кормандони ширкати “Ҳинди Шарқӣ”-и Англия матлаб чоп мекунад ва бо ҳукумат дар мухолифат қарор мегирад. Ин амал сабаби ҷарима ва зиндонӣ гардидани Ҷеймс Августус Ҳики мегардад ва рӯзномааш аз нашр бозмемонад.

“Индия газет”аз 8 ноябри соли 1780, ё аз 4 марти соли 1784 то моҳи декабри соли 1843 аз ҷониби ду англиси муқими Ҳиндустон бо номҳои П. Рид ва Б.Масинг мунташир мешуд. ”Калкутта газет”, ки аз 4 марти соли 1784 то моҳи декабри соли 1792 мунташир мешуд, дар соли 1815 бидуни он ки услуби он тағйир кунад, ба “Говранмант газет” тағйири ном кард. ”Калкутта газет” аз 26 январи соли 1786 то соли 1798 аз ҷониби шаҳрвандони англиси муқими Ҳиндустон мунташир мешуд. Ҳафтаномаи “Ворлд”, ки онро Вилям Дуван дар соли 1791 бо тақлид аз рӯзномае ба ҳамин ном, ки дар Лондон чоп мешуд ва дар чопхонае, ки зоҳиран мутааллиқ ба худи ҳафтанома буд, ба табъ мерасид. Интишори “Ворлд”то соли 1794 идома дошт ва аз шумораи 28 апрели соли 1792 дорои бахши форсӣ-тоҷикӣ шуд [1, с.1290].

Илова ба рӯзномаҳои “Ҳиндӣ–англисӣ”-и ёдшуда, эҳтимолан рӯзномаҳои дигаре низ ба забони англисӣ ё маҳаллӣ, ки сутуни форсӣ-тоҷикӣ низ доштаанд, мунташир мешуданд. Тамоми рӯзномаҳои ёдшуда аз ҷониби англисҳои муқими Банголи Ҳиндустон ва барои баровардани ниёзҳои онҳо мунташир мешуданд. Масъулони ин рӯзномаҳо суннати рӯзноманигории Англияро идома медоданд ва таваҷҷуҳи чандоне ба омӯзиш ва огоҳонидани мардумони бумии Ҳиндустон надоштанд. Ҷой додани сутунҳои форсӣ-тоҷикӣ низ бештар ба хотири таблиғи маҳсулоти худ буд. Аммо ба хотири чопи матолиб ба забони форсӣ-тоҷикӣ пештози рӯзноманигорӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба шумор мераванд. Пас аз “Ҳигиз газет” интишори пайгири сутунҳои форсӣ-тоҷикӣ дар нахустин рӯзномаҳои “ҳиндӣ-англисӣ” бо чопи чӯбӣ ва сурбӣ ба ҳукми анъана даромада буд. Аксари рӯзномаҳои муҳимми англисӣ дар ин давра ба ҷой додани сутунҳои форсӣ–тоҷикӣ аҳамияти хос медоданд. Бо ин ки барои ҳиндуён тарҷеъи ҳуруфи нозебои чопи чӯбӣ ва сурбии он давра бар хати зебои настаълиқ душвор буд, бо густариши тадриҷии рӯзноманигорӣ истиқболи ҳиндуён ба ин рӯзномаҳо низ бештар шуд. Саҳифаҳои форсӣ-тоҷикии рӯзномаҳои англисӣ хеле кам, ҳатто камтар аз чаҳор як ҳиссаи рӯзномаҳо буд. Аммо ба далели аҳамияти фарҳангии забони форсӣ-тоҷикӣ ин анъана ба рӯзномаҳои баъдӣ, ки ба забонҳои маҳаллӣ чоп мешуданд, интиқол ёфт ва ин равиш солҳои дароз идома дошт.

Ҳамаи ин рӯзномаҳо ба наҳве вобаста ба ширкати “Ҳинди Шарқӣ” ва ҳукумати англисии Ҳинд буданд ва ҳамагӣ дар маркази ҳукумати англисии Ҳинд -шаҳри Калкутта табъу нашр мешуданд. Номи масъулон ва муаллифони сутунҳои форсӣ-тоҷикӣ дарҷ нагардидааст. Аммо метавон аз сабки нигориши нозебо ва истифода аз вожаҳо ва истилоҳоти форсии ҳиндӣ ва калимаҳои англисӣ дар матн пай бурд, ки онҳо форсизабон

набуданд. Масъулони англис ҳам каму беш забони форсӣ-тоҷикиро медонистанд ва дар танзими матолиби сутунҳои форсии рӯзномаҳои ёдшуда дахолати мустақим доштанд. Тамоми сутунҳои форсии ин рӯзномаҳо аз чап ба рост оғоз мешуданд ва забони онҳо"муншиёна"буд. Дар тавзеҳи ин навъи навиштор бояд ба шуғли муншигарӣ ё котибӣ ишора кард, ки дар Ҳиндустон собиқаи тӯлонӣ дошт.

Марҳалаи дувуми рӯзноманигории форсӣ-тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд аз соли 1822 оғоз меёбад. Дар ин сол табъу нашри нахустин рӯзномаҳои сирф форсӣ-тоҷикӣ оғоз гардид. Ин дар ҳоле буд, ки забони англисӣ ба ҷойи забони форсӣ-тоҷикӣ забони расмӣ эълон гардид.

Рӯзномаҳое, ки дар солҳои 1822-1837 ба забони форсӣ-тоҷикӣ табъу нашр мешуданд, "Ҷоми ҷаҳоннамо", "Миръот-ул-ахбор", "Шамс-ул-ахбор", "Ахбори Сиромпур", "Оинаи Сикандар", "Моҳи оламафрӯз", "Зубдат-ул-ахбор", "Лудиёна ахбор", "Баҳри мавվоҷ", "Банголат", "Сироҷ андру", "Самочор сакҳа Ранҷандар", замимаи ҳафтаномаи "Говарнамнат газет" буданд.

"Ҷоми ҷаҳоннамо" аввалин рӯзномаи чопии сирф форсӣ буда, нахустин шумораи он 28 марти соли 1822 дар ҳаҷми 8 саҳифа ва дар 36 нусха дар шаҳри Калкутта ба табъ расидааст. Ин ҳафтанома бо кумаки молии ҳукумати Англия ва асосан барои англисҳо чоп мешуд. Чун аксари англисҳо дар шаҳри Калкутта зиндагӣ мекарданд, 23 нусхаи "Ҷоми ҷаҳоннамо" дар ин шаҳр ба фурӯш рафта, 9 нусха ба шаҳрҳои Аврангобод, Рангпур, Банорас, Фатҳгара ва Гуволёр, ҳамчунин дунусхагӣ ба шаҳрҳои Деҳли ва Лакҳнав ирсол мегардид.

Муассисони он Вилям Ҳаплинс ва Лоло Соросуг Мирзопурӣ ва сардабираш Ҳори Ҳардаст буданд. Аз шумораи 8-ум ба баъд "Ҷоми ҷаҳоннамо" замимае низ ба забони урду дар 4 саҳифа ба чоп расонид. Чун замимаи урду дар байни мардум шуҳрат пайдо накард, он чаҳор саҳифа ба теъдоди саҳифаҳои форсӣ афзуда шуд ва ҳаҷми рӯзнома ба 12 саҳифа ва теъдоди он ба 250 нусха расид [8, с.114]. "Ҷоми ҷаҳоннамо" ки тӯли панҷ соли аввали нашраш аз ҷониби ҳукуматдорони Британияи Кабир кумаки молӣ дарёфт мекард, дар ҳар ду тарафи саҳифаи аввалаш аломати салтанатии давлати Англияро ба чоп мерасонид.Чун кумаки англисҳо ба рӯзнома қатъ гардид, аломати салтанатии давлати Англия низ аз саҳифаи он бардошта шуд. Дар соли 1828 соҳибони нашрия барои интишори он чопхонае харидорӣ намуда, онро чопхонаи "Ҷоми ҷаҳоннамо" ном ниҳоданд. Пас аз касби истиқлол "Ҷоми ҷаҳоннамо"дар чопи матолиб комилан соҳибихтиёр буда, дар масири озодии ин сарзамин нақши муассир гузоштааст. Аз "Ҷоми ҷаҳоннамо", ки нашри он то соли 1847 идома дошт,132 шумораи аввалааш боқӣ намондааст. Аз шумораи 133 ба баъд, яъне аз 29 декабри соли 1824 то соли 1847 дар бойгонии миллии Ҳиндустон маҳфуз аст. Ҳамчунин, давраи ноқисе аз он дар китобхонаҳои шаҳрҳои Калкутта ва Лондон нигаҳдорӣ мешавад [6, с.16].

"Миръот-ул –ахбор". Манобеи мухталиф нашри нахустин шумораи онро 12 апрел, 20 апрели соли 1822 ва ё 6 майи соли 1823 гуфтаанд. Муассис ва сардабири ин нашрия яке аз чеҳраҳои шинохтаи фалсафаи ҳинд Роҷа Муҳан Рой буд. Ӯ дар нахустин шумораи рӯзномааш сабаби нашри "Миръот-ул-ахбор"-ро ба забони форсӣ чунин баён карда буд: "Дар ин мулк ахбори гуногун ба забони гуногун интишор меёбад. Аммо то кунун ба забони форсӣ хабарномае ба чоп нарасидааст, то касоне, ки ба забони англисӣ бегона ҳастанд, битавонанд аз авзоъ бохабар бошанд. Баъд-ин хотир ман иқдом ба нашри хабарномае бо ин забон намудам..."Миръот-ул- ахбор"нашрияи ҳафтагӣ буда, ҳар рӯзи ҷумъа ба табъ мерасид. Аз ин нашрия ҳеҷ шуморае боқӣ намондааст. Аммо дар маҷаллаи "Ахбори Калкутта", ки сардабираш Ҷейм Силк буд, сарфаслҳои нахустин шумораи он чунин омадаанд: 1.Гузориши мудир. 2.Ихтилофоти Чин. 3.Хабарҳои киштиронӣ...

Пас аз як соли нашри ин рӯзнома қонуне қабул гардид, ки тибқи он агар нашрияе мақолае зидди сиёсати расмии ҳукуматдорон чоп кунад, муаллифи он мақола чаҳор рупия ҷарима пардохт менамояд ва ё 6 моҳ зиндонӣ мегардад. Роҷа Муҳан Рой, ки дар саҳифаҳои нашрияаш аз англисҳо интиқод мекард, бо нишони эътироз аз 4 апрели соли 1823 дар шаҳри Деҳли нашри "Миръот-ул-ахбор"-ро қатъ намуд. "Миръот-ул –ахбор", ки рӯзҳои ҷумъа дар чаҳор саҳифаи дусутунӣ мунташир мешуд, дар шаҳрҳои мухталифи

Эрон, Афғонистон, Осиёи Миёна ва ғайра хонандагони зиёде дошт.

Нахустин шумораи “Шамс-ул-ахбор” аз ҷониби Мортҳар Муҳан 6 майи соли 1823 дар шаҳри Калкутта ба табъ расид. “Шамс-ул-ахбор”ҳафтаномае буд, ки ҳар рӯзи ҷумъа дар 12 саҳифа ва дар чопхонаи худи Мортҳар Муҳан чоп мешуд. То ба рӯзгори мо ду шумора аз ин нашрия боқӣ монда, ки шумораи 24-ум мутааллиқ ба 4 октиябри соли 1823 мебошад. Сарфаслҳои он чунинанд: 1) Хабари мултон. 2) Хабари Роҷа Баҳодур. 3) Хабари Ҷудапур. 4)Хабари маҳороҷ Ранҷит Синҳ. 5) Хабари Пешовар.6.Баҳаратпур. 7) Хабари Кашмир. 8) Хабари Шоҳиҷаҳонобод ва ғайра.

Дар охирин шумораи “Шамс-ул-ахбор”, ки мутааллиқ ба соли 1828 аст, сардабираш чунин менависад: “Ба ҳама кас бояд маълум гардад, ки аз рӯзе, ки “Шамс-ул-ахбор”-ро интишор додам, чизе ҷуз маҳрумӣ ва нокомӣ ойидам нагардида ва бо ин ҷумла маҷаллаи дигари забони ширини форсӣ барои ҳамеша хомӯш шуд:

*Сухтемӯ сӯзиши мо бар касе зоҳир нашуд,*
*Чун чароғони шаби маҳтоб инҷо сӯхтем”.*

Нусхаҳое аз “Шамс-ул-ахбор” дар китобхонаи мадрасаи Муҳаммадии шаҳри Мадрас нигаҳдорӣ мешавад. Интишори “Ахбори Сиромпур” аз 7 апрели соли 1826 оғоз ёфт. Ба нашри ин рӯзнома дар Бангола аз ҷониби ҳукуматдорони англис бо чунин мазмун ҳукм содир гардида буд: “Ноибуссалтанати давлати Англия ба нашри ҷаридаи форсии “Сиромпур”мувофиқат намуданд. Ва 160 адад аз ин ҳафтанома дар моҳ ба унвони кумаки молӣ аз тарафи давлат харидорӣ хоҳад шуд. Мо эътимод хоҳем кард, ки дар ахбори шумо матолибе зикр нагардад, ки боиси зиён ба манофеи миллӣ бошад. Ҳамчунин мувофиқа гардид, ки аз шумораҳои ин ҳафтанома барои шаҳрҳои Деҳли, Агра ва донишкадаҳои Калкутта ва Бонорас-ҳар кадом шаш адад фиристода шавад”. Он ба дасти мубаллиғони масеҳӣ мунташир мешуд.Чопи ин ҳафтанома баъд аз қатъ гардидани кумакҳои давлат дар соли 1828 мутаваққиф гардид.

Нахустин шумораи “Оинаи Сикандар” дар моҳи феврали соли 1831 дар шаҳри Калкутта чоп шудааст. Аз номаи шоири саршиноси ҳинд Мирзо Асадуллои Ғолиб бармеояд, ки сардабири “Оинаи Сикандар” Мавлавӣ Сироҷиддини Лакҳнавӣ будааст. Ин нашрия дар ҳаҷми 4 то 16 саҳифа ба табъ мерасид ва дар болои саҳифаи аввали он ин байти Ҳофизи Шерозӣ ҷой дошт:

Оинаи Сикандар ҷоми Ҷам аст, бингар
То бар ту арза дорад аҳволи мулки доро.

Матолиби аслии рӯзномаро ахбор ва қисман маводи адабӣ ташкил медод.

Дар музейи Асноди миллии Ҳиндустон аз шумораи 2- январи соли 1823 то январи 1837 “Оинаи Сикандар” маҳфуз аст. Чанд шумораи он низ дар шаҳрҳои Калкутта ва Мадрас нигаҳдорӣ мешавад [7, с.363].

“Банголат” аз 10 апрели соли 1830 дар Бангола ба забонҳои банголӣ ва форсӣ ба табъ мерасид.

“Суроҷ Андру” аз соли 1830 дар шаҳри Калкутта ба забони форсӣ аз ҷониби Шайх Алӣ Мулло ва бо сардабирии Дерлаб Чандр Читуподиё интишор меёфт.

“Зубдат-ул-ахбор” аввалин рӯзномаи форсӣ дар шимоли Ҳинд буда, соли 1833 дар шаҳри Агра ба фаъолият шурӯъ намудааст. Муассис ва мудири масъули он Муншӣ Воҷид Алӣ буд. Маводи аслии “Зубдат-ул-ахбор” аз рӯзномаҳои англисӣ гирифта мешуд. Муҳтавои асосиаш тарғиби ахлоқ ва фарҳанги бумӣ буд. Нашри рӯзнома то нимаҳои соли 1841 идома доштааст. Аз он нусхае боқӣ намондааст.

“Лудиёна ахбор” аз соли 1833 дар шаҳри Калкутта чоп мешуд. Он дуввумин ҳафтаномаи хабарию иҷтимоӣ дар Ҳинди Шимолӣ буда, рӯзҳои шанбе бо чопи қолабӣ ва дар чопхонае, ки муттааллиқ ба ин нашрия буд, ба табъ мерасид. Аз шумораи 288 аз таърихи 31 майи соли 1840 навъи чопи он аз қолабӣ ба сангӣ тағйир кард. Аз ҳамон шумора ба баъд унвони мақолаҳо бо ҳарфҳои калонтар чоп мешуд. “Лудиёна ахбор” аз шумораи 289 аз таърихи 6 июни соли 1840 ба чопи замима бо номи “Татимаи ахбор” оғоз намуд, ки он дорои 2 ё 4 саҳифа буд. Худи “Лудиёна ахбор” дорои 4 саҳифа буда, дар қоғази қатъи 21 х 28 сантиметр ва дар ду сутун ба табъ мерасид. Нашрия аз ҷониби ҳайати мубаллиғони масеҳии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва бо сардабирии Ҳандерсен ном шахс

чоп мешуд. Ин нашрия аслан хабарӣ буд ва аз манфиатҳои ҳукуматдорони англис ҳимоят мекард. Бештар хабарҳояш аз дигар нашрияҳо, бахусус аз “Ҷоми ҷаҳоннамо” нақл мешуд.Як давраи “Лудёна ахбор”, ки марбут ба солҳои 1836-1840 мебошад, дар музейи Асноди миллии Ҳинд мавҷуд аст [6, с.23].

“Моҳи оламафрӯз” ҳафтаномаи хабарию сиёсӣ буда, аз моҳи июни соли 1833 то соли 1841 дар шаҳри Калкутта ба табъ мерасид. Ин нашрия дар қатъи 40 х 30 сантиметр ва дар 16 саҳифаи дусутунӣ чоп мешуд. “Моҳи оламафрӯз” бо мудирияти мавлавӣ Ваҳоҷиддин дар чопхонаи мустақил нашр мешуд. Ахбори он бештар ба кишварҳои Ҳинд, Эрон, Афғонистон, Миср, Англия, Россия, Чин ва ғайра марбут буд. Муносибати дастандаркорони рӯзнома бо ҳукуматдорони англис бо эҳтиром ва то андозае чоплусона буд. Як давраи “Моҳи оламафрӯз”, ки ҳовии солҳои 1836-1841 мебошад, дар музейи Асноди миллии Ҳинд, воқеъ дар шаҳри Деҳли нигаҳдорӣ мешавад.

Замимаи форсии” Гаварнамнат газет” дар соли 1826 мунташир мешуд. Интишори “Бангодут” 9-майи соли 1829 дар шаҳри Калкутта оғоз ёфт. “Самогар Сакҳа Ранҷандар” дар соли 1830 ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва англисӣ интишор меёфт.”Баҳри Мавворҷ”дар соли 1833 табъу нашр мешуд.Интишори рӯзномаҳои “Агра-ул-ахбор” ва “Зубда-ул ахбор” дар шаҳри Агра ва “Лудиёна ахбор” дар шаҳри Калкутта инҳисори чопи рӯзнома дар Банголаро шикаст. Чунки ин ду шаҳр берун аз минтақаҳои мустақими зери тасаллути англисҳо буданд. Пеш аз ин мазмуну муҳтавои рӯзномаҳои ҳиндӣ-англисӣ барои мардуми Ҳинд бегона буданд. Интишори “Миръот-ул-ахбор”оғози рӯзноманигории мардумӣ ва бозтобонидани масъалаҳо ва мушкилиҳои иҷтимоии мардум аст. Мудири масъули рӯзномаи “Миръот-ул-ахбор” Маҳан Рой ҳам шефтаи ҷанбаҳои модерн ва пешрафтаи Аврупо буд ва онро месутуд ва ҳам ҷанбаи манфии ҳукумати Британияро танқид мекард. Бо ин ҳол “Миръот-ул-ахбор” дар минтақаи қудрати англисҳо, яъне шаҳри Калкутта мунташир мешуд ва табъан наметавонист озодии чандоне дошта бошад. Бо интишори “Агра ахбор” ва “Зубдат-ул-ахбор” ба дасти мусулмонон ва берун аз минтақаи зери назари англисҳо ва дур аз сиёсатҳои судҷӯёнаи онҳо падидаи рӯзнома рафта-рафта барои ҳиндуён шинохта мешавад ва онҳо рӯзномаро ҳамчун абзоре зинда ва коромад барои баёни хостаҳояшон пазируфта ва бо он унс гирифтанд. Воқеият ин аст, ки мардуми бумӣ бо дидани ҷанбаҳои модерни зиндагии англисҳо ва дар зери фишоре, ки ҳукумати сахтгири Британия ба мардуми бумӣ ворид мекард, фурсате ёфтанд, то аз осмони андешаҳои сиёсивори зеҳнӣ ба воқеиятҳои айнии заминӣ дақиқ шаванд ва усули аввалияи пешрафт ва ҳамсони бо Аврупоро сарлавҳаи барномаҳояшон қарор диҳанд. Дар ин давра чопхона ба саросари сарзамини Ҳинд роҳ ёфта буд ва дар минтақаҳои берун аз назорати англисҳо китоб ва рӯзномаҳо табъу нашр мешуданд. Ин вижагиҳо, дар навбати худ, нишондиҳандаи ин воқеият буданд, ки барномаҳои ҳукумати истеъморгари англис барои аз байн бурдани забони форсӣ-тоҷикӣ дар марҳилаҳои табиӣ ҷойгоҳи худро ба забони қудратмандтари англисӣ дода буд. Ин дар ҳоле буд, ки дар ибтидои вурудашон ба сарзамини Ҳинд англисҳо аз забони форсӣ-тоҷикӣ ҳимоят менамуданд. Чунки онҳо ба хубӣ мефаҳмиданд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ дар саросари ин кишвари паҳновар ва гуногунзабон ягона забони робитаи байни халқҳо мебошад.

Дар тӯли солҳои 1822-1837 дар Ҳиндустон 9 рӯзномаи саросарии форсӣ-тоҷикӣ ва 5 рӯзномаи ду ё чандзабона, ки яке аз забонҳояш форсӣ-тоҷикӣ буд, мунташир шуд, ки 7 номгӯй аз ин рӯзномаҳо пас аз соли 1837 низ интишор меёфтаанд. Аз рӯзномаҳои ёдшуда 3 номгӯй дар берун аз минтақаи Бангола ва 10 номгӯйи дигар дар пойтахти Бангола шаҳри Калкутта мунташир шудаанд. Дар соли 1837 як форсидони ҳиндӣ аз миёни 6 рӯзнома метавонист, рӯзномаеро, ки меписандид, интихоб кунад. Ин дар даврае буд, ки ҳанӯз дар кишварҳои форсизабони Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна ҳеҷ рӯзномае мунташир нашудааст.

Рӯзномаҳои ин давра бо чопи сангӣ ва бо хатти настаълиқ ва гоҳе насх дар қоғази номарғуби маъмул дар Ҳинд мунташир мешуданд. Тамоми ин рӯзномаҳо бидуни тасвир ва дусутунӣ буда ва хате аз миёна сутунҳоро ҷудо мекард. Сарлавҳаи ин рӯзномаҳо сода ва иборат аз номи рӯзнома буд, ки бо хатти настаълиқ навишта мешуд. Теъдоди саҳифаҳои онҳо аз 4 то 14 буд. Қатъи онҳо 21х28 сантиметр ва гоҳе калонтар буд. Тиражи онҳо

нисбат ба рӯзномаҳои англисӣ хеле кам буд. Сабаби аслиаш он буд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ дар ин давра забони таҳсилкардагони мардуми бумии форсидон буд, ки аксари онҳо қудрати харидории рӯзномаҳоро надоштанд. Забоне, ки дар рӯзномаҳои ин давра ба кор мерафт,"забони донишомӯхтагон"буд. Рӯзномаҳо шеър камтар чоп мекарданд ва танҳо дар миёни матн ашъореро шоҳид меоварданд ва гоҳ-гоҳе агар шеъре чоп мешуд, бештар ҷанбаи сиёсӣ доштанд.

Хабарҳои чопшуда иборат буданд аз рӯйдодҳои гуногуни шаҳрӣ, ҳодисаҳои табиӣ, ҳар гуна шоеъаҳо ва ғайра. Ахбор зери унвонҳои "Ахбори Деҳли", "Ахбори Певошар" ва ғайра чоп мешуд. Манбаъҳои хабарии рӯзномаҳо иборат буданд аз шунидаҳо ва дидаҳои мусофирон, роҳгузарон, бахусус бозаргонон ва гоҳе низ рӯзномаҳои дигар ва бахусус рӯзномаҳои англисӣ. Хабарҳои хориҷӣ хеле кам чоп мешуданд. Дар бархе аз рӯзномаҳо, аз ҷумла дар "Миръот-ул- ахбор" ва "Султон-ул-ахбор" эътироз ба сиёсатҳои Англия ва интиқод аз онҳо дида мешуд. Рӯзномаи муҳофизакори "Моҳи оламафрӯз" низ гоҳ-гоҳе ба интиқод аз англисҳо мепардохт.

Давраи севуми таърихи рӯзномаҳои форсӣ-тоҷикии Ҳиндустон фарогири солҳои 1837-1876 мебошад. Соли 1937 соли содир гардидани фармон дар бораи ба ҷойи забони форсӣ-тоҷикӣ забони расмӣ эълон гардидани забони англисӣ дар Ҳинд ва соли нашри аввалин рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ дар Эрон ва соли 1876 соли қатъи нашри нахустин рӯзномаи форсӣ-тоҷикии "Ҷоми ҷаҳоннамо" дар сарзамини Ҳинд мебошад. Мавқуф шудани расмияти забони форсӣ-тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд бад - он маъно набуд, ки рӯзномаҳои форсӣ- тоҷикӣ аз интишор бозмонданд. Чунки ҳанӯз ҳам забони иртиботи донишомӯхтагон ва босаводони кишвар, забони дарбор ва забони мусулмонони ин сарзамин форсӣ-тоҷикӣ буд. Пас аз фармони англисҳо дар бораи ҷойгузин гардонидани забони англисӣ бар забони форсӣ-тоҷикӣ рӯзномаҳои "Ҷоми ҷаҳоннамо" 39 сол, "Султон-ул-ахбор" -20 сол, "Лудиёна ахбор" 10 сол, "Оинаи Сикандар", "Зубдат-ул-ахбор", "Моҳи оламафрӯз" боз 4 соли дигар мунташир шуданд. Ҳамчунин, дар байни солҳои 1837-1876 12 рӯзнома ва маҷаллаи нави форсӣ-тоҷикӣ таъсис ёфтанд. Рӯзномаҳои таъсисёфтаи ин давра "Меҳри мунир", "Сироҷ-ул-ахбор", "Содиқ-ул-ахбор", "Аҳсан-ул-ахбор ва таҳфат-ул-ахбор", "Ҷогод дипок боскор" ("Индиан сон Калкутта"), "Гулшани навбаҳор", "Муртазоӣ", "Муфарраҳ-ул-қулуб ва матлаи хуршед", "Форсӣ ахбор", "Исломӣ маҷлис музокираи илмияи Калкутта", "Ҷаридаи илмияи саркори олӣ", "Дурбин", "Сикандар", "Ҷоми Ҷамшед", "Чопак", "Ростгуфтор", "Самочар субҳо Роҷандр", "Султон-ул-ахбор", "Тайсир-ул-ахбор", "Кӯҳи нур" мебошад.

Дар ин давра санъати чоп, аз ҷумла чопи рӯзномаҳои форсӣ-тоҷикӣ густариш ёфт. Дар миёни рӯзномаҳои ёдшуда 4 рӯзнома дар чопхонаҳои мутааллиқ ба худашон чоп мешуданд. Чопи чӯбӣ ё қолабӣ ба чопи санги табдил ёфта буд ва аз чопи қолабӣ ё сурбӣ бисёр кам истифода мешуд. Омилҳои ин густаришро метавон густариши фаъолиятҳои тоҷирон, фарҳангпарварон ва гурӯҳои мазҳабии масеҳӣ донист. Шаш рӯзномаи давраи аввал (1822-1837), ки интишори онҳо идома дошт, иборат буданд аз "Ҷоми ҷаҳоннамо", "Оинаи Сикандар", "Зубдат-ул-ахбор", "Лудиёна ахбор" ва "Султон-ул-ахбор". "Ҷоми ҷаҳоннамо" дар соли 1876, "Моҳи оламафрӯз" дар соли 1846, "Султон-ул-ахбор" дар соли 1857 аз интишор боз монданд.

Дар соли 1857 охирин подшоҳи темурии Деҳли Баҳодуршоҳ Музаффар аз байн рафт ва соли 1858 Ҳиндустон расман бахше аз империяи Британия шуд. Ахбори ҳукуматҳои ба зоҳир мустақил дар ин давра саҳифаи рӯзномаҳоро пур кардааст. Дар ин давра ҳимояти мақомоти англисӣ аз рӯзномаҳои вобаста коста шуда ва дар иваз рӯзномаҳои мустақили форсӣ-тоҷикӣ ва рӯзномаҳои бисёре ба забонҳои маҳаллӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, ки рақиби тозанависи рӯзномаҳои қаблӣ буданд. Аз миёни рӯзномаҳои интишоршуда дар ин давра "Муфарраҳ-ул-қулуб, ва "Матлаи хуршед" ва "Сироҷ-ул-ахбор" дузабона буданд. Яъне, ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва урду матолиб чоп мекарданд. Рӯзномаҳои "Содиқ-ул-ахбор" ва "Исломӣ маҷлис музокираи илмияи Калкутта" ва " Ҷаридаи илмияи саркори олӣ" аз форсӣ – тоҷикӣ ба урду табдили забон карданд. Рӯзномаи "Чогод дипог баскор" панҷзабона ва яке аз забонҳояш форсӣ-тоҷикӣ буд. Рӯзномаҳои ин давра дар 9 шаҳри Ҳиндустон мунташир мешуданд, ки аз миқдори умумии он 9 - тоаш дар Калкутта, 2-тогӣ

дар Пешовар ва Деҳли ва 1-тогӣ дар Мадрас, Лудиёна, Агра, Бомбай, Карочӣ ва Ҳайдарободи Дакан табъу нашр мешуданд [2, с.1294].

Дар соли 1841 дар саросари Ҳиндустон 8 рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ мунташир мешуд, ки дар таърихи рӯзноманигории ин кишвар беназир аст. Дар соли 1876 танҳо 3 рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ: "Ҷоми ҷаҳоннамо", "Дурбин" ва "Муфарраҳ-ул-қулуб" ва "Матлаи хуршед" мунташир мешуд. Андозаи рӯзномаҳои ин давра аз давраҳои пеш тафовути зиёде надошт. Теъдоди саҳифаҳои рӯзномаҳо гуногун буданд. Аз ҷумла, "Оинаи Сикандар", "Лудиёна ахбор" ва "Дурбин" ҳар кадом дорои 4 саҳифа, "Исломӣ маҷлиси музокира илмияи Калкутта" дорои 8 саҳифа буданд. Сутунбандии рӯзномаҳо монанди давраи пеш асосан дусутунӣ буд ва хате аз васат ду сутунро ҷудо мекард. Аммо рӯзномаи "Ҷогод дипог боскар"дорои 5 сутун буд. Чунки ин рӯзномаи 5-забона буда ва ҳар сутун ҳар як забонро аз ҳамдигар ҷудо мекард. Рӯзномаи "Исломӣ маҷлиси музокираи илмияи Калкутта" як сутун дошт. Хатти рӯзномаҳои ин давра настаълиқ, таълиқ ва насх буд. Номи рӯзномаҳо бо ҳарфҳои бузургтар чоп мешуд.

Ғайр аз рӯзномаҳои "Исломӣ маҷлиси музокираи илмияи Калкутта", ки нашрияи мазҳабӣ буд, "Содиқ-ул-ахбор", "Ҷоми ҷаҳоннамо" ва "Лудиёна ахбор", ки нашрияҳои сиёсатҳои Британия дар Ҳинд буданд, дигар рӯзномаҳо аз мунтақидони ҳукумати истеъморгари Англия буданд.

Аз миёни рӯзномаҳои форсӣ-тоҷикии ин давра танҳо рӯзномаҳои "Муфарраҳ-ул-қулуб" ва Матлаи хуршед" ба чопи шеър алоқаманд буданд. Дигар рӯзномаҳо хеле кам шеър чоп мекарданд. Аммо овардани байтҳо дар матн ривоҷ дошт.

Давраи чаҳоруми рӯзноманигории форсӣ-тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд аз соли 1876 оғоз меёбад. Дар соли 1876 чопи нахустин рӯзномаи сирф форсӣ-тоҷикии "Ҷоми ҷаҳоннамо" дар ин кишвар қатъ гардид. Ҳамзамон, забони форсӣ-тоҷикӣ ба суди забони англисӣ комилан ба ҳошия ронда шуд. Ҳукумати Англия Ҳиндустонро пурра тобеи худ намуда, дар ин кишвар мактабҳои сабки аврупоӣ таъсис дода шуданд. Забони форсӣ-тоҷикӣ танҳо яке аз василаҳои омӯзиш дар донишгоҳҳои навбунёд буду халос.

Рӯзномаҳои форсӣ-тоҷикии ин давра инҳо буданд: "Анҷумани Пешовар" , "Шафақ", "Муфиди ом", "Гулдастаи сухан", "Мадрасаи форсӣ", "Форсӣ ахбор", "Дирафши Ковиёнӣ", "Нағмаи Ҳинд", "Саид-ул-ахбор", "Кавкаби Носирӣ", Ҳабл-ул-матин","Озод","Даъвату-л-ислом","Номаи ватан","Тамадун", "Форси ахбор","Олигарх", "Дирафши Ковиёнӣ", "Мифтоҳ-уз-зафар","Озод"-и Калкутта. Шумораи аввали "Форсӣ ахбор" 1 апрели соли 1884 дар шаҳри Лоҳур мунташир шудааст. Ин нашрия бо мудирияти Шамсуддин Шоиқ ва дар 4 саҳифа чоп мешуд. "Форсӣ ахбор" дар радифи ахбори дохилӣ ва хориҷӣ, ки аз матбуоти англисзабон мегирифт, матолиби илмӣ ва адабӣ низ ба табъ мерасонид. Маҷмӯае аз "Форсӣ ахбор" дар китобхонаи музейи Ризо Аббосии шаҳри Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад.

Яке аз рӯзномаҳои маъруфи ин давра "Ҳабл-ул- матин" буд. Чопи ин нашрияи "Ҳабл-ул-матин" дар мулоқоти ношири он Муъидулисломи Кошонӣ бо Саид Ҷамолиддини Асадободӣ (Афғонӣ) дар шаҳри Бандараббос тарҳрезӣ шуда буд. Баъд аз чанд соли ҳиҷрат ба Ҳиндустон Муъидулисломи Кошонӣ дар зери таъсири нашрияҳои Саид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Мирзо Малакумхон ба нашри "Ҳабл-ул-матин" пардохт. Нахустин шумораи он соли 1893 дар шаҳри Калкутта ва дар 24 саҳифа табъу нашр шуд. Мундариҷаи ҳар шумораи он иборат буд аз гузориши воқеаҳо ва ҳодисаҳои Эрон, Туркияи Усмонӣ, Миср, Ироқ, Россия, ҳамчунин мақолаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ, ашъори иҷтимоию сиёсӣ. "Ҳабл-ул-матин" дар Ҳиндустон, Эрон, Миср, Туркия, Россия, аз ҷумла Осиёи Миёна дорои намояндагӣ ва хабарнигор буд. Аз ин рӯ, ин иртиботи хабарӣ бо бештар нуқоти олам ин нашрияро дар муқоиса бо дигар нашрияҳои осиёӣ ва форсизабон дар вазъи беҳтар қарор дода буд. Дар баробари он ки "Ҳабл-ул-матин" муштариёни зиёд дошт, Муъидулисломи Кошонӣ аз ҳар шумораи он чанд ҳазор нусхаашро дар миёни уламои ислом ва дигар равшанфикрон озод ройгон паҳн мекард.

Ин нашрия дар Осиёи Миёна низ шуҳрат пайдо намуда буд.Устод С.Айнӣ дар "Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам" менависад, ки "Ҳайрат гоҳ-гоҳ Ҳабл-ул-матин ном газетаи форсиро, ки дар Ҳиндустон чоп мешуд, меовард. Мо ба воситаи ин газетаҳо як

дарача ба аҳволи дунё воқиф мешудем”. С.Айнӣ ҳамчунин дар “Намунаи адабиёти тоҷик”-аш менависад, ки “Мирхон Порсохоҷа ба “Ҳабл-ул- матин” мақолаҳо менавишт” [6, с.37].

“Мифтоҳ-уз-зафар” нашрияи сиёсию илмӣ буда, солҳои 1897-1898 дар шаҳри Калкутта аз ҷониби Сайид Ҷалолиддини Кошонӣ ва бо сардабирии Мирзо Сайид Ҳасани Кошонӣ ба табъ мерасид [8, с.37].

“Озод” ҳафаномаи сиёсӣ буд ва аз соли 1899 дар шаҳри Калкутта дар 8 саҳифа ва бо қатъи вазирӣ мунташир мешуд. Ин нашрия аз ҷониби бародарон Мирзо Ҳусайни Кошонӣ ва мудири рӯзномаи “Ҳабл-ул-матин” Сайид Ҷалолуддини Ҳусайнӣ мулаққаб ба Муъидулислом (1863-1930) ба табъ мерасид. Дар шумораи аввали он омада, ки “Озод” замимаи рӯзномаи “Мафтоҳу-з-зафар” буда, барои муштариёни он ройгон аст. Маблағи обунаи солонаи “Озод” чунин эълон шуда буд: Ҳиндустон, Бирма, Халиҷи Форс 10 рупия, Эрон ва Афғонистон 35 қирон, Чин, Япония, Россия ва Аврупо 25 франк, Туркияи Усмонӣ, Ироқ ва Миср 5 маҷидӣ. Аз ин навишта бармеояд, ки ин нашрия дар сарзамини васеъ аз кишварҳои мухталиф интишор меёфтааст. “Озод” вижаи нашри ахбор, мақолаҳои сиёсӣ, ҳодисаҳои дохилию хориҷӣ ва номаҳои расида аз шаҳрҳои мухталиф буда, дар заминасозии Инқилоби машрутаи Эрон нақши бориз гузоштааст.

Маҷмӯи микрофилмҳои “Мифтоҳ-уз-зафар” ва “Озод” дар китобхонаи марказӣ ва маркази асноди Донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешаванд [6, с.38].

Нашри ҳафтаномаи “Анҷумани Пешовар” дар соли 1880, ҳафтаномаи “Шафақ” дар соли 1880 дар Дакан бо мудирияти Саид Ҳасани Разавӣ, моҳномаи “Муфиди ом” соли 1881 дар Лоҳур, ҳафтаномаи адабии “Гулдастаи сухан” соли 1882 дар Агра, “Мадрасаи форсӣ” соли 1883, “Нағмаи Ҳинд” соли 1887, “Саид-ул-ахбор” 8 декабри соли 1888 “Даъват-ул-ислом” соли 1906 “Давлат-ул-ислом” соли 1906 дар Бомбай, “Ҳомии ватан” соли 1907 дар Ҳайдаробođи Дакан, “Тамаддун” соли 1908 оғоз ёфтаанд.

Дар ин давра 12 рӯзнома ва маҷаллаи форсӣ-тоҷикӣ ё дузабона ва сезабона таъсис шуд, ки аксари онҳо умри кӯтоҳ доштаанд. Аз теъдоди умумии ин матбуот 4 номгӯй дар Ҳайдаробođи Дакан ва якунвонии дигар дар шаҳрҳои Пешовар, Калкутта, Агра, Бомбай, Қароҷӣ ва ғайра мунташир мешуд. Дар соли 1885 дар Ҳинд 5 рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ мунташир мешуд, ки дар таърихи ин давраи рӯзноманигории Ҳинд камназир аст. Аммо инро бо рӯзномаҳое, ки ба забони англисӣ ва забонҳои маҳаллӣ чоп мешуданд, муқоиса кунем, аз рукуди забони форсӣ-тоҷикӣ ва рӯзномаҳои форсизабон пай мебарем. Мақомоти англисӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва чопи рӯзномаҳо ба ин забон таваҷҷуҳ надоштанд. Интишори рӯзафзуни матбуот ва китоб ба забони англисӣ ва забонҳои маҳаллӣ арсаро барои забони форсӣ-тоҷикӣ танг карда буд. Дар солҳои 1888-1893 дар Ҳинд танҳо як рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ мунташир мешуд ва ин дар ҳоле буд, ки ба таври мисол дар соли 1891 24 рӯзнома ба забони ҳиндӣ ва 68 рӯзнома ба забони урду мунташир шудааст. Бар хилофи оғози рӯзноманигории форсӣ-тоҷикӣ, ки аз ҷониби ҳиндуҳо сурат гирифта буд, дар ин давра мудир ва сардабири рӯзномаҳо бештар мусулмонон буданд. Ягона рӯзномае, ки ба дасти ҳиндуҳо идора мешуд, “Муфиди ом” буд.

Бо рукуди забони форсӣ-тоҷикӣ мусулмонон ба забони урду рӯй оварданд ва дар ин солҳо матбуот ба забони урду густариш пайдо намуд. Рӯзномаҳои урдузабони ин давра як ё якчанд саҳифа ба забони форсӣ-тоҷикӣ низ доштанд. Намунае аз чунин рӯзномаҳо “Муаллими шафиқ” аст. Ин рӯзнома дар радифи мақолаҳои Саид Ҷамолиддини Афғонӣ (Асадободӣ) шеърҳо ва масалҳои форсӣ-тоҷикиро низ чоп мекард

Дар ин давра аксари рӯзнома ва маҷаллаҳо бо чопи сангӣ табъу нашр мешуданд. Андозаи рӯзномаҳо аз ҳамдигар тафовут дошт. Чунончи, андозаи “Мадрасаи форсӣ” 13 х 20,5 сантиметр, “Кавкаби Носирӣ” 34 х 50 сантиметр андоза доштанд. Теъдоди саҳифаҳои онҳо низ гуногун буд. Аз ҷумла “ Форсӣ ахбор “ дорои 4 саҳифа, “Мадраси форсӣ” дорои 16 саҳифа буданд. Хатти роиҷ настаълиқ буд ва “Саид-ул-ахбор” ва “Кавкаби Носирӣ” бо беҳтарин ва зеботарин хатти настаълиқ табъу нашр мешуданд. Эълону огоҳиҳо нисбат ба давраҳои пеш камтар ба чашм мерасиданд.

Муҳтавои бештари ин рӯзномаҳо хабарӣ ва сиёсӣ буд. Бештари онҳо шиоре барои худ доштанд. Аз барҷастатарин рӯзномаҳои ин давра “Ҳабл-ул-матин” буд, ки аз соли 1893 дар шаҳри Калкутта таъсис ёфт. Муҳаққиқон дар бораи ин рӯзнома ва ношири он

Муидулислом зиёд навишта ва андешаҳои гуногун баён намудаанд. Аз ҷумла, муаллифи китоби “Аз Сабо то Нимо” менависанд, ки ҳафтаномаи “Ҳабл-ул-матин” аз ҳамаи рӯзномаҳои он замон бузургтар ва баномтар ва чун дар Ҳиндустон чоп мешуд, дар сухан рондан озод буд ва гуфторҳо дар бораи гирифториҳои сиёсии Эрон менавишт ва дилсӯзиҳо ва роҳнамоиҳои бисёр мекард ва борҳо пешниҳоди қонун ва ҳукумати машрута намуд. Агарчи қироат ва нашри он аз тарафи давлат мамнуъ эълон шуда буд, ба Эрон мерасид ва нақши муҳимми он шабеҳи нақши рӯзномаи “Колокол” (“Ҷарас”) дар Россия буд” [5, с.252]. Аммо Аҳмади Каставӣ ношири “Ҳабл-ул-матин”-ро “Айн-уд-давлатнома” гуфтааст. Садр Ҳошимӣ бо гуфтаҳои Аҳмади Касравӣ мувофиқ нест ва Муидулисломро “хидматгор ба ватан” ва ситоиши вай аз ситоиши бархе касонро “ба маслиҳати вақт” тасвир кардааст [5, с.253].

Хуллас, аз ошноӣ ба таърихи матбуоти форсизабон дар нимҷазираи Ҳинд бармеояд, ки рӯзномаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар ин сарзамин масири пурпечутобро тай намуда, дар умури бедории фикрӣ ва тарбияи маънавии на танҳо халқҳои Ҳиндустон, балки форсизабонони дигар кишварҳо низ нақши бориз гузоштаанд.

**Муқарриз: *Расулиён Қаҳҳор* - доктори илмҳои таърих, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Донишномаи адаби форсӣ. -Теҳрон, 2001. -Ҷ.4.
2. Муртазавӣ А. Рӯзноманигории форсӣ дар шибҳиқора// Донишномаи адаби форсӣ. -Теҳрон, 2001. -Ҷ. 4.
3. Набавӣ А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ. -Душанбе, 2007.
4. Овози тоҷик.1924, 30 ноябр.
5. Оринпур Я. Аз Сабо то Нимо. –Теҳрон, 1993. -Ҷ.1.
6. Расулиён Қ.Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ. Китоби 1. -Душанбе, 2011.
7. Расулиён Қ. Осори мунтахаб. -Теҳрон, 2014. -Ҷ.1.
8. Рӯзномаҳои Эрон: аз оғоз то соли 1329 ҳ.қ; 1289 ҳ.ш.
9. Расулиён Қ. Маориф ва матбуоти тоҷик дар ибтидои асри XX. Душанбе, 2011. -104с.
10. Расулиён Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ. Китоби 1. Душанбе, 2011. -88с.
11. Расулиён Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ. Китоби 2. Душанбе, 2012. 102с.
12. Самад В. Аз қаъри Ҳазор то авҷи Зуҳал. -Душанбе: Маориф, 1991.- 224с.
13. Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо. -Душанбе, 2003.
14. Табаров Ҳ. Мунзим. Душанбе: Ирфон, 1991. -150с.
15. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ. Душанбе: Сино, 2011.201с.
16. Усмонов И. Назарияи ба таҳқиқот дар соҳаи журналистика. Душанбе: Эҷод, 2008. -64.с.


## ҲИНДУСТОН - МАҲДИ МАТБУОТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ


Дар мақолаи мазкур зикр шудааст, ки нахустин рӯзнома бо забони форсӣ-тоҷикӣ дар нимҷазираи Ҳинд табъу нашр шудааст. Таърихи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар ин сарзаминро аз оғози пайдоиши нахустин рӯзнома то анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон метавон ба чаҳор давра тақсим кард. Дар марҳалаи аввал, ки солҳои 1780-1822-ро фаро мегирад, рӯзномаи саросарии сирф форсӣ-тоҷикӣ вуҷуд надошт. Чанд рӯзномаи чандзабонае, ки онҳоро рӯзномаҳои “ҳиндӣ-англисӣ” меномиданд, сутунҳо ва ё саҳифаи ба забони форсӣ-тоҷикӣ доштанду халос. Ҳамаи ин рӯзномаҳо ба наҳве вобаста ба ширкати “Ҳинди Шарқӣ” ва ҳукумати англисии Ҳинд буданд ва дар шаҳри Калкутта табъу нашр мешуданд. Марҳалаи дувуми рӯзноманигории форсӣ-тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд аз соли 1822 оғоз меёбад. Дар ин сол табъу нашринахустин рӯзномаҳои сирф форсӣ-тоҷикӣ оғоз гардид. Ин дар ҳоле буд, ки забони англисӣ ба ҷойи забони форсӣ-тоҷикӣ дар ин кишвар забони расмӣ эълон гардид. Давраи савуми таърихи матбуоти форсизабони Ҳиндустон фарогири солҳои 1837-1876 мебошад. Соли 1837 соли содир гардидани фармон дар бораи ба ҷойи забони форсӣ-тоҷикӣ забони расмӣ эълон гардидани забони англисӣ дар сарзамини Ҳинд мебошад. Давраи чаҳоруми матбуоти форсӣ-тоҷикӣ аз суқути охирин подшоҳи темурии Деҳли дар солҳои 1858 ва расман бахше аз империяи Британияи Кабир эълон шудани Ҳиндустон оғоз ёфта ва бо анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон ба анҷом мерасад. Хуллас, аз ошноӣ бо таърихи матбуоти форсизабон дар нимҷазираи Ҳинд бармеояд, ки рӯзномаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар ин сарзамин масири пурпечутоберо тай намуда, дар умури бедории фикрӣ ва тарбияи маънавии на танҳо халқҳои Ҳиндустон, балки форсизабонони дигар кишварҳо низ нақши бориз гузоштаанд.



**Калидвожаҳо:** Ҳиндустон, матбуот, рӯзнома, забони форсӣ-тоҷикӣ, чопхона, мустамлика, ҳуруф.


## ИНДИЯ КОЛЫБЕЛЬ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ


В данной статье автор отмечает, что первая газета на персидско-таджикском языке была издана в Индийском полуострове. Историю формирования и усовершенствования персидско-таджикской печати с начала выпуска первой газеты и до конца Первой мировой войны можно разделить на четыре периода. В первом периоде, который охватывает 1780-1822 годы, не существовало газеты на персидско-таджикском языке. Несколько разноязычных газет, которые назывались индийско-английской периодикой, имели только столбики на персидско-

таджикском языке. Все эти газеты в завитсимости от компании "Востчная Индия"и английского правительства Индии издавались в городе Калькутта. Второй этап персидско-таджикской журналистики на Индийской земле начинается с 1822 года. В этом же году начался выпуск газет на персидско-таджикском языке, хотя английский язык вместо персидско-таджикского языка в этой стране считался государственным языком. Третий этап истории персидско-таджикской печати Индии охватывает 1837-1876 годы. 1837 год является годом издания указа об объявлении английского языка государственным языком вместо персидско-таджикского языка в Индии. Четвертый этап формирования персидско-таджикской печати берет свое начало с извержени последнего темуридского царя Дехли в 1858 году и официального объявления Индии одним из разделов Британской Империи и заканчивается с оеончанием Первой мировой войны. Одним словом, из ознакомления с историей персидско-таджикской печати в Индийском полуострове становится очевидным, что персидско-таджикские газеты в этой стране прошли сложный путь и внесли огромный вклад в дело пробуждения идей и нравственного воспитания не толькол народов Индии, но и других представителей персоязычных народов за ее пределами.

**Ключевые слова:** Индия, печать, газета, персидско-таджикский язык, типография, колония, шрифт.

**INDIA CRADLE OF PERSIAN-TAJIK PRINT**

In this article, the author notes that the first newspaper in the Persian-Tajik language was published in the Indian Peninsula. The history of the formation and improvement of the Persian-Tajik press from the beginning of the publication of the first newspaper to the end of the First World War can be divided into four periods. In the first period, which covers 1780-1822, there was no newspaper in the Persian-Tajik language. Several multilingual newspapers, which were called Indian-English periodicals, had only columns in Persian-Tajik. All these newspapers were published in the city of Calcutta, depending on the East India Company and the British Government of India. The second stage of Persian-Tajik journalism on Indian soil begins in 1822. In the same year, the publication of newspapers in the Persian-Tajik language began, although English instead of the Persian-Tajik language in this country was considered the state language. The third stage in the history of the Persian-Tajik press in India covers the years 1837-1876. 1837 is the year of the publication of a decree declaring English the state language instead of the Persian-Tajik language in India. The fourth stage in the formation of the Persian-Tajik seal begins with the eruption of the last Temurid king, Dehli, in 1858 and the official declaration of India as one of the sections of the British Empire, and ends with the end of the First World War. In a word, from acquaintance with the history of the Persian-Tajik press in the Indian Peninsula, it becomes obvious that the Persian-Tajik newspapers in this country have traveled a difficult path and made a huge contribution to the awakening of ideas and moral education not only of the peoples of India, but also of other representatives of the Persian-speaking peoples. beyond.

**Key words:** India, print, newspaper, Persian-Tajik language, printing house, colony, font.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ализода Алиҷон Анвар*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи иИдораи давлатӣ ва таърихи умумӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Данғара, кӯчаи Рахшонзамин, 23. E-mail: **Alizoda001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-77-77-48.**

**Сведения об авторе:** ***Ализода Алиджон Анвар*** - Дангаринский государственный университет, выпускник кафедры государственного управления и всеобщей истории. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе Дангара, ул. Рахшонзамина, 23. E-mail: **Alizoda001@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-77-77-48.**

**Information about the author:*Alizoda Alijon Anvar*** - Dangara State University, Candidate of the Department of Public Administration and General History. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe Dangara, Rakhshonzamin str., 23. E-mail: Alizoda001@mail.ru Phone:: **(+992) 904-77-77-48.**

**УДК:372.851(1-925.3)**

# АЗ ТАЪРИХИ РУШДИ ИЛМИ ГЕОМЕТРИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗИИ АСРИМИЁНАГӢ

***Тиллобаева С. М.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Тавре ки маълум аст, олимон - табиатшиносони Осиёи Марказии асримиёнагӣ бо дастовардҳои илмии худ на танҳо ба хазинаи илми ҷаҳонӣ, инчунин дар рушди фанни геометрия ҳамчун илм ва истифодаи он ба мақсадҳои амалӣ дастовардҳои арзишманд ба мерос гузоштаанд. Аз ин рӯ, дар асоси талаботи муосир омӯхтан, таҳлил кардан ва ба таври объективӣ баҳо додан ба корҳои геометрии онҳо, инчунин мақсаднок ва самаранок истифода бурдани онҳо дар раванди таълиму тарбия имкон медиҳад, ки шаклу усулҳои самараноки таълиму тарбияро дар шароити нави таърихӣ эҳё намоем.

Дар таърихи геометрия таҳқиқи масъалаҳои марбут ба қоидаву формулаҳои

кашфшуда ва истифодаи онҳо дар раванди таълим ва истеҳсолот омӯзиши дастовардҳои илмӣ ва анъанаҳои беҳтарини ниёгон муҳим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиш ва тарғибу ташвиқи ҳаёт ва фаъолияти олимони форсу тоҷики асрҳои гузашта бо мақсади арҷгузорӣ ба шахсияти онҳо аз як тараф ва аз тарафи дигар, ташаккули муносибати эҳтироми ҷавонон ба аҷдодони худ, мероси илмии онҳо, ки боиси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва башардӯстии онҳо ба ҳисоб меравад, диққати махсус дода мешавад.

Дар ҳақиқат, барои халқи тоҷик, эҳтироми калонсолон, арҷ гузоштан ба мероси мутафаккирон ва олимони бузург хос аст. Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: "халқе, ки гузаштаи худро ҳифз менамояд ва мероси ниёгони худро эҳтиром мекунанд, оянда дорад" [9, с.5].

Воқеан, омӯзиш ва таҳлил, ҳифз ва ташаккул додани анъанаҳои миллӣ, истифодаи мақсадноки мероси илмӣ ва маънавии ниёгонамон як ҷузъи таркибии илми таърихи муосир маҳсуб меёбанд. Ин илм дар сиёсати дохилии давлат ҷонибдорӣ меёбад, ки инро суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд: “Моро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихии худро ҳифз кунем, ободгардонем ва бо онҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сарнавишти миллати куҳанбунёдамон муносибат намоем.

Ин қарзи мо дар назди таърих ва наслҳои оянда мебошад” [9, с.5].

Ин муқаррарот тамоми низоми маориф, пеш аз ҳама омӯзгоронро вазифадор менамояд, ки дар баробари таълим, дар раванди таълиму тарбия дар хонандагон ҳисси масъулияти баланд дар назди ҷомеаро ташаккул дода, мероси илмӣ ва маънавии аҷдодон, расму анъанаҳои пешқадами онҳоро қадр ва эҳтиром кунанд ва онҳоро ташаккул диҳанд.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши ғояҳои геометрии олимони табиатшиносии Осиёи Марказӣ, бо назардошти он ки дар таърихи илм ин масъала то ҳол инъикоси амиқи илмӣ ва ҳамаҷонибаи худро наёфтааст, муҳим аст [12, с.16].

Дар байни илмҳои муосир, геометрия дар татбиқшавии худ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мавқеи муҳимро ишғол менамояд, аз ин рӯ таҳлили таърихи илми геометрия хеле мубрам аст.

Таваҷҷуҳ ба таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва осори олимони асримиёнагӣ дар солҳои 50-уми асри гузашта оғоз ёфтааст. Дар ин ҷода нақши муҳимми муҳаққиқони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Матвиевская Г.П., Розенфелд Б.А., Юшкевич А.П. ва дигаронро қайд кардан мумкин аст, ки ба шарофати онҳо як мактаби илмӣ барои омӯзиши дастнависҳои олимон - табиатшиносони асримиёнагии Осиёи Марказӣ таъсис ёфт ва қайд гардид, ки осори олимони асримиёнагии форсу тоҷик дар рушди илми Аврупо нақши муҳим бозидааст. Дар ҷодаи омӯзиши таърихи илм чунин олимони ватанӣ, ба монанди Г.С. Собиров, Х.Абдуллозода, А.Ш. Комилӣ, А.Э. Сатторов, И.Хоҷиев, И.Д. Файзиев ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Бояд қайд кард, ки дар корҳои ин муҳаққиқон оид ба таърихи илм, аз ҷумла оид ба таърихи математика, физика, астрономия ва механика дар асоси омӯзиши осори олимони Осиёи Миёна ва Эрон ва дастовардҳои онҳо маълумот дода шудааст, вале татқиқот дар самти омӯзиши таърихи геометрия қариб ки дида намешавад.

Илми геометрия ҳамчун як ҷузъи ҷудонашаванда ва муҳимми математика дар дигар илмҳо, аз ҷумла дар физика, муҳандисӣ, техника ва ғайра васеъ татбиқ мегардад. Он инчунин, ба ҳисобкуниҳои астрономӣ зич алоқаманд мебошад ва дар робита бо ин дар асрҳои миёна дар расадхонаҳои аз тарафи олимони мухталиф сохташуда ба илми геометрия эътибори зиёд медоданд. Масалан, таҳқиқотҳои геометрии Умари Хайём дар расадхонаи Исфаҳон, Насируддин Тӯсӣ дар расадхонаи Мароқанд, инчунин таҳқиқотҳои

геометрии олимон дар расадхонаи Самарқанд тахти роҳбарии ҳокими он замон Улуғбекро қайд кардан мумкин аст.

Ҳамчун намуна ақидаҳои баъзе олимони шинохтаи асримиёнагиро оид ба мафҳумҳои илми геометрия дида мебароем.

Донишманди маъруфи ин давра, ки ҳамчун "муаллими дуюм" (пас аз Арасту) шуҳрат пайдо кардааст [12,с.31], Абӯнасри Форобӣ (870-950) ғояҳои худро оиди пайдоиши мафҳумҳои асосии геометрия дар асоси тасаввуркунии гуногунсатҳи олами воқеӣ баён мекунад. Дар рисолаи худ "Шарҳҳо дар бораи мушкилот дар муқаддимаи китобҳои якум ва панҷуми Евклид" ба мафҳумҳои асосии геометрия таърифҳои зеринро медиҳад: "Нуқта онест, ки қисм надорад". "Хат- ин дарозиест, ки паҳноӣ надорад". " Канорҳои хат ду нуқта мебошанд". "Хатти рост онест, ки нисбат ба нуқтаи дилхоҳаш якхела ҷойгир аст". " Сатҳ - ин танҳо дарозӣ ва паҳноӣ мебошад". "Канорҳои сатҳ хатҳоанд". "Сатҳи ҳамвор, ки онро ҳамворӣ меноманд, нисбат ба дилхоҳ хате, ки комилан дар он мехобад, якхела ҷойгир аст " ва ғайра [1, с.235].

Донишманди бузурги асрҳои миёна Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) боби якуми китоби худ "Китоб - ут – тафҳим"-ро (ин китоб, соли 1029 навишта шудааст, соли 1973 бо иштироки фаъолонаи Г. Собиров ба забони тоҷикӣ ба нашр омода шудааст) ба геометрия бахшида, дар он мафҳумҳои асосии геометрӣ ба тарзи саволу ҷавоб пешниҳод гардидаанд [2].

Алломаи ҳама давру замон Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) қисматҳои алоҳидаи асарҳои худро ба масъалаҳои геометрӣ бахшидааст, "Китоби дониш" ("Донишнома") ва "Китоби наҷот" ("Китоб ан-Наҷот"), инчунин баъзе рисолаҳое, аз қабили "Рисола дар бораи омӯзиши кунҷ", "Тадқиқоти пайдоиши геометрия", "Рисола дар бораи геометрия" ва ғайр аз ин, мукотибаи илмии ӯ бо Абӯрайҳони Берунӣ масъалаҳои геометриро дар бар мегиранд [6,с.155].

Боби нахустини асари "Китоб-ут-тафҳим"-и олими шинохтаи асримиёнагии Шарқ Абӯрайҳони Берунӣ ба баёни мафҳумҳои асосии геометрия (ҳандаса), ки баъдан дар омӯзиши масъалаҳои илми нуҷум заруранд, бахшида шудааст. Дар ин боб ба 71 саволи ҳандасӣ, ки саволҳои 1-37-ум аз планиметрия, саволҳои 38-56 аз назарияи нисбатҳо, саволҳои 57-71-ум стереометрӣ мебошанд, ҷавобҳо оварда шудаанд.

Саволи аввалини боб ба мафҳуми худи ҳандаса бахшида шуда аз "Ҳандаса чист?" оғоз меёбад ва олим чунин ҷавоб мегардонад: "Донистани андозҳо ва чандин як дигар ва хосияти суратҳо ва шаклҳо, ки андар ҷисм мавҷуд аст. Ва илми адад (арифметика) баъд-укуллӣ гардад аз паси он-к ҷузвӣ бувад ва (ба он) илми сурати олам (астрономия) ҳақиқат гардад, аз паси он-к ба тахмин (ва гумон) бувад [4,с.21].

Ба саволи дуюм, ки "Ҷисм чӣ чиз аст?" Берунӣ ҷавоб медиҳад, ки "ҷисм он чиз аст, ки ёфта бошад ба бисӯдан ва қоим (утувор) бувад ва тани хеш ва ҷойгоҳи хеш пур карда дорад ва чизе дигар аз он-к монанди ӯ бувад, бо вай андар ҷойгоҳи ӯ натавонад бувад".

Дар ҷавоб ба саволи сеюм, ки "Буъдгоҳи ҷойгоҳ чӣ чизанд?" номида шудааст, Берунӣ ченакҳои фазоро фаҳмонда, чунин баён менамояд: "Се гунаанд яке дароз ва дигар паҳно ва дигар жарф", яъне се ченак дарозӣ, бар ва чуқурӣ.

Умуман, он маълумоти геометрӣ, ки дар асари "Китоб-ут-тафҳим" оварда шудааст, маълумоти барои илми нуҷум, ки қисми сеюми китобро ташкил медиҳад, зарурӣ мебошад. Омӯзиши таърифҳои ба шаклҳои геометрӣ аз тарафи Берунӣ овардашуда аз ҷиҳати услубӣ ба худ хос буда, омӯзиш ва истифодаи он дар раванди таълими муосир фоидабахш мебошад [9,с.246-247].

Ба масъалаҳои геометрӣ инчунин, асарҳои чунин олимони мусалмони асримиёнагӣ -

Аббос Ҷавҳарӣ (нимаи аввали асри IX) "Замима ба китоби панҷуми Евклид", "Китоби шарҳ ба китоби Евклид", Абдураҳмон Сӯфӣ (903-986) "Китоб оид ба истифодаи сфераи осмонӣ" бахшида шудаанд, инчунин "Ҳисобкунии панҷкунҷа ва даҳкунҷа", Абукомили Мисрӣ (850-930) "Дар бораи поргори мукаммал", "Ёфтани ҳафткунҷа дар давра", "Тағйир додани параболоид", Абусаҳл Кӯҳӣ (асри X) "Китоб дар бораи ҳисоб кардани доира"-и Абӯҳанифӣ Диноварӣ (820-895) ва ғайраҳоро ба омӯзиши илми ҳандаса бахшида шудаанд.

Доираи дигари татқиқоти геометрии олимони ин давра кӯшиши исботи постулати машҳури панҷуми Евклидро дар бар мегирад. Дар таърихи рушди илми геометрия, назарияи параллелҳо, ки бо кӯшиши исботи постулати панҷуми Евклид аз китоби якуми "Ибтидо"-и ӯ алоқаманд аст, мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Олимони табиатшиноси Осиёи Миёна ва Эрон аз кӯшишҳои исботи он дар канор набуданд.

Аввалин кӯшиши исботи постулати панҷум ба ал-Аббос ибни Саид ал-Ҷавҳарӣ тааллуқ дорад. Шарҳҳои ӯ ба китоби Евклид ва кӯшиши исбот дар китоби "Ислоҳ ал-китоб ал-усул" (Такмили китоби "Ибтидо") оварда шудааст.

Ба назарияи параллелҳо инчунин рисолаи Абулаббоси Фазл ал-Найризӣ (вафоташ 922) "Рисала фи баян ал-мусадара ал-машҳура ли Уқлидус",("Рисола дар бораи исботи постулати машҳури Евклид") бахшида шудааст [11, с.66].

Донишманди закиву машҳур Абӯалӣ ибни Сино, ки дар ҷаҳон бо "Канони тиб"-аш машҳур аст, дар асарҳои "Донишнома" ва "Татаммат ун-наҷот" бахши алоҳидаро ба назарияи хатҳои параллелӣ бахшидааст [5,с.108].

Умар Хайём (соли таваллудаш 1048) назарияи хатҳои параллелиро омӯхта, асари ("Шарҳ ма ашкала мин мусадарат китоби Уқлидус") "Шарҳи душвориҳо дар муқаддимаи китоби Евклид"-ро навиштааст.

Чоркунҷае, ки Хайём баррасӣ намудааст, дар таърихи геометрияи ғайриевклидӣ нақши муҳим дорад. Дар Ғарб чунин таҳқиқ танҳо дар асри XVIII аз ҷониби олими итолиёвӣ Ҷироламо Саккери (1667-1733) иҷро шудааст ва ҳоло онро "чоркунҷаи Хайём-Саккери" меноманд. Гипотезаи кунҷи тез дар ин самт, Хайёмро ба кашфи геометрияи ғайриевклидӣ наздик кард [8,с.73]. Дар ин қисм алоқамандии арифметикаю геометрияро дида мебарояд ва қайд менамояд, ки "геометрия ба ададҳо ниёз дорад" дар ин самт Умари Хайём аз Рене Декарти фаронсагӣ хеле пешсаф мебошад [8,с.94].

Бузургтарин олими замонаш Насируддини Тӯсӣ (1201-1274) рисолаи худро оид ба хатҳои параллелӣ чунин номид: «ар-Рисала аш-шафия ан шак фи-л-хутут ал-мутавазия» («Рисолае, ки шубҳаро дар бораи он шифо мебахшад» хатҳои параллелӣ") [5].

Ба кори олимони ин давра шогирдону пайравони онҳо асарҳо оид ба тафсиру таҳлил иншо намудаанд. Ба муаллифон насиб кард, ки як асари то ин вақт омӯхта нашуда дарёфт намояд, ки ба қалами Шодмон ибни Мавлоно Хаваҷ Ҷон ал-Қабодиёнӣ (асри XVIII) тааллуқ дошта, тафсир ба асари олими шинохтаи давраш Баҳоваддин Омулӣ (1547-1622) "Тафсири сфераи осмонӣ" ("Ташрик ал-афлак") мебошад. Китоби мазкур дар шуъбаи китобҳои нодир ва дастхатҳои қадими Китобхонаи Донишгоҳи давлатии Қазон (Россия) таҳти рақами 109 араб. маҳфуз аст. Аз ин китоби Шодмони Қабодиёнӣ як пораеро (дар шакли тарҷума) пешниҳод менамоем: "Китоби мазкур ба олиҳазрат ал Хоқон ибни ал-Хоқон Абӯ Музаффар Саид Субҳонали Муҳаммад Баҳодурхон, ки Худованди мутаол аз заволи рӯзгораш дар амон бошад, бахшида шудааст.

Ин рисола ба ташрихи афлок яъне, ба шарҳи ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ бахшида шудааст. Аз олими муҳаққиқ ва ростгӯи бемисл шайх Баҳовуддин Омулӣ Бардуллоҳ буда, гирдоварандаи усулҳои ин фан бар фоидаи он ҳамчунин тақвими тарқини рисолаи мазкур пешкаш гардидааст туҳфа ба ҳазрати хони муаззам ба хоқони мукаррам (карим), ки

сарпарастӣ аз хоби фазл ва дониш. Шунидам, ки ин китоб шарҳи комил ҳаст бо ин номе ҳақиқӣ, ки ба Бодулзаиф ал-Нахиф ал-Ҷонишо ва Амон ибни Мавлонохоҷаҷони Қубодиёнӣ, ки Худованд онҳоро махфират намояд, тасниф намуданд ва аммо ман бо ҳамин тартиб шарҳ додам. Медонистам, ки аксари китобҳое, ки ба ин фан бахшида шудаанд, дар худ муқаддима дар баёни масъалаҳои усули ҳандаса ва қоидаҳои бурҷ гирд оварда шуданд, аммо ман дар ин дастурамал ин роҳро пеш накардам. Бо сарф ва ихтисор кӯшиш кардам. Илми ҳандаса ва истилоҳоти табиии онро дар қоидаҳои тавзеҳот ва шарҳ ба қадри имкон ва ба қадри донишам истифода намудам. Ин дастурамал аз муқаддима ва 5 фасл иборат аст. Бидон, ки илми баҳс дар ин дастурамал оид ба чигунагии фалакиёт (ҷирмҳои осмонӣ) чигунагӣ ва ҳолати онҳо, вазъи онҳо, харакати онҳо ва усулҳое, ки онҳоро иҳота намудаанд, баҳс менамояд. Ҳамчунин, дар бораи ҳолат, вазъ ва ҳаракати ҷисмҳо ва кайфияти қувваи кашиши ҷозибаи онҳо дар доира ва самтҳое, ки ба онҳо мутааллиқанд, баҳс мекунанд. Ҳамчунин, оид ба хосият ва суръати 7 сайёраи осмони ҷузиёт, кайфияти (хусусиятҳои онҳо), таркиби онҳо мавриди баҳс қарор дода шудааст. Ҳолатҳои сокин шудан, баргаштан, гардиш намудан, ҳамчунин ҳолатҳои куфр ва хусур (гирифтани офтоб ва моҳтоб) ва аз муносибати таъсири онҳо ба замин, ихтилофӣ ва ҳамчун аз он чизҳое, ки бисёре аз инсонҳо истифода менамоянд дар аҳкоми шаръӣ, ҳамчунин маълумот оид ба хатти нисфирӯзӣ ва самти қибла ва ба доираи ҳиндуӣ истифода мегардад. Дар муқаддимаи китоб сухан дар бораи илми хосси мавзӯи фан фаҳмида ва дар бораи он сухан меравад. Дар қисмати муқаддима оварда шудааст, ки олами ҷисмонӣ курраест, ки аз 13 кураи ба ҳам ҷозибадор иборат аст.

Хотиррасон мекунем, ки илми баҳс дар бораи ҷирмҳои осмонӣ (фалакӣ) ба баҳс дар бораи тартиби ҷойгиршавии фалакҳо ва хусусиятҳои онҳо ва бо тартиб ҷойгиршавии онҳо ва таъсири онҳо ба замин ва ҳамчун аз корҳои аъмоли ғариба (сеҳр бо ҷирмҳои осмонӣ) ва баъзе аҳкоми шариат ва ҳамчун буриши хатти нисфи кунҷ (зовия) ва бо самти қибла бо шакли доираи ҳиндӣ ва ҳамчунин дар ин рисола муқаддима ва 5 фасл баён ва хотима ёфтааст. Ва гуфта мешавад, ки доираи офтоб байни ҳар ду сатҳаш баробар аст ва мегӯянд, ки бидон, ки оташи пурраи офтоб дуруст ва бо роҳи дуруст ва баъзе гузаштагон, ба монанди Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯисоқи ал-Киндӣ ва Шаҳобиддини Мақтул ҳаракати фаъолро дар кура бо таври зер нишон додаанд. Барои он ки суръати ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ пештар аст ва ҳар ду қутб баробар аст. Эҳтимолияти хато дар аввал аз сабаби таъсири ҳаво метавонад ҷой дошта бошад.



**Расми 1.**

Ва дар баёни оби кураи Замин (ҳе-ح), маркази олам (алиф, эс, бе (ب s۱)) ва манорае , ки дар болои он ҷойгир аст (алиф, ҳе, ре, бе) ( ب ر ۵۱ ). Бо баландии он ҳар яке аз кунҷҳо (то, со, ҳе, ре) ( ر ۵ s ط), замин ва баландии манора дар мавқеи ( то, лом, эс) ( s ۵ ط) доираи кашидашуда ба хатти маркази олам (ҳо, ҳе, ре) ( ر ح ۵) нишон дода шудаанд. То чуқурии чоҳи доира (ҳе, мим, ро) мебошад. Баъдан кураи замин ва марказе, ки ба маркази олам таалуқ дорад, ба зарурат ҳаракат доранд. Ва қавли машҳури донишмандон ин аст, ки замин дар назди осмон маркази кура ва муҳити он ба ҳисоб меравад.



**Расми 2**

Муҳити сатҳи замин ва нишон додани диаметри он дар диди аввал нақши доираи зерин бо масоҳатҳои доираҳои баъдиаш тибқи ҷирмҳои осмонӣ дар расм нишон дода шудааст. Мегӯем, ки доираҳо ин ҷамъи доираҳо аст ва ба шакли хатти муайян оварда шуда, тибқи шакли хориҷии он бо нишон додани диаметр ва нисфи доира он ба синуси кунҷ нишон дода шудааст.



**Расми 3.**

Қайд кардан бамаврид аст, ки асарҳои олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон оид ба геометрия дар рушди илмҳои дигар, ба монанди алгебра, тригонометрия ва астрономия нақши муҳим бозидаанд. Ҳамин тавр, аҳамияти омӯзиши осори олимони асрҳои миёнаи Осиёи Миёна ва Эрон оид ба илми геометрия, дар маҷмӯъ, аз он шаҳодат медиҳад, ки он барои рушду нумӯ ва пешрафти тамоми илми табиатшиносӣ такони ҷиддие бахшидааст. Осори эҷодкардаи олимони ин давра нақши муҳим бозида, натиҷаҳои бадастомадаи дар ин соҳаро ба Аврупои Ғарбӣ муаррифӣ кард ва чун пуле дар миёнаи ин ду тамаддуну фарҳанг, яъне Осиёву Ғарб. хизмат кардаан. Ногуфта намонад, ки дар ин ҷода, яъне рушду нумӯи илми геометрия ва муаррифии он ба аҳли башар, аз он ҷумла, Аврупои Ғарбӣ, нақши олимони соҳа беандоза бузург мебошад.

**Муқарриз*: Сатторов А.Э.*– доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Аль-Фараби. Математические трактаты.- Алма-Ата, 1972.-324 с.
2. Абу Райхан Беруни. Китоб –ут- тафхим.- Душанбе: Дониш,1973. -287 с.
3. Ат-Туси Насирэддин. Трактат, исцеляющий сомнение по поводу параллельных линий, перевод Б.А.Розенфельда, В сб.«Историко-математические исследования», вып XIII, 1960.-С.483-532.

4. Берунӣ Абӯрайҳон. Китобуттафҳим. -Душанбе: Дониш, 1973.-287с.
5. Ибн Сина, Абу Али. Математические главы «Книги знания» Донишнаме. -Душанбе: Ирфон, 1967. - 180с.
6. Ибн Сина, Абу Али (Авиценна) Сочинения. -Душанбе: Дониш, 2005. -Т.1. - 960с.
7. Паёми Президенти ҶТ, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ (27 декабри с. 2018 ) // Ҳафтаномаи «Омӯзгор», 2018. - №52 (12173).
8. Розенфельд Б.А. О математических работах Омара Хайяма, 1953.-
   Розенфельд Б.А. История неевклидовой геометрии. -М.: Наука, 1976- 408 с.
9. Розенфельд Б.А. Юшкевич А.П. Теория параллельных линий на средневековом Востоке IX-XIV вв. –М.: Наука,1983. -126с.
10. Розенфельд Б.А. Абу-р Райхан ал-Беруни (973-1048) / Б.А. Розенфельд, М.М. Рожанская, З.К. Соколовская. – М.: Наука, 1973. -271с.
11. Сатторов, А. Э. Аз таърихи инкишофи геометрия дар асрҳои миёна. [Матн] / А. Э. Сатторов, С. Тиллабоева // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав //Маҷаллаи илмҳои табиӣ. 2/4 (69) - 2019 - С.93-95.
12. Сатторов А.Э. Математика и математическое образование в трудах средневековой Центральной Азии / А.Э. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 2020.-292с.
13. Сатторов, А. Э. Масъалаҳои геометрия дар асари «Тавҳим»-и Берунӣ. [Матн] // А. Э. Сатторов, А. С. Хоҷаев, С. Тиллабоева. – Қӯрғонтеппа, 2011. С. 246-251 //Маводи конференсияи илмӣ-назарияии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ дар мавзӯи “Истиқлолият таҳкимбахши давлати ҳуқуқбунёд” (29-30 июни соли 2011).
14. Сатторов А.Э. Истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми таълими геометрия / А.Э.Сатторов, А.М. Хоҷаев. – Душанбе: Ирфон, 2020. - 161с.

## АЗ ТАЪРИХИ РУШДИ ИЛМИ ГЕОМЕТРИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗИИ АСРИМИЁНАГӢ

Дар мақола оид ба таърихи рушди илми геометрия дар асрҳои миёна, дастовардҳои олимони шинохтани асримиёнагии форсу тоҷик, ба монанди Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём ва дигарон дар ҳалли масъалаҳои мухталифи соҳаи геометрия ва татбиқи он маълумотҳо оварда шудаанд. Аз ҷумла, кӯшишҳои ин олимон дар коркарди назарияи параллелҳо, ки аз постулати панҷуми Евклид ибтидо мегирад, баён гардидаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки асарҳои олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон оид ба геометрия дар рушди илмҳои дигар, ба монанди алгебра, тригонометрия ва астрономия нақши муҳим бозидаанд. Ҳамин тавр, аҳамияти омӯзиши осори олимони асрҳои миёнаи Осиёи Миёна ва Эрон оид ба илми геометрия, дар маҷмӯъ, аз он шаҳодат медиҳад, ки он барои рушду нумӯ ва пешрафти тамоми илми табиатшиносӣ такони ҷиддие бахшидааст. Осори эҷодкардаи олимони ин давра нақши муҳим бозида, натиҷаҳои бадастомадаи дар ин соҳаро ба Аврупои Ғарбӣ муаррифӣ кард ва чун пуле дар миёнаи ин ду тамаддуну фарҳанг, яъне Осиёву Ғарб. хизмат кардаан.

**Калидвожаҳо**: таърихи геометрия, назарияи параллелҳо, математика, постулати панҷум, дастовардҳои математикӣ.

## ИЗ ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ ГЕОМЕТРИЧЕСКОЙ НАУКИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье представлена информация об истории развития геометрии в средние века, достижениях средневековых персидских и таджикских ученых, таких как Абу Наср Фароби, Абу Али ибн Сино, Умар Хайям и других в решении различных задач в области геометрии и ее применения. В частности, указаны усилия этих ученых в развитии теории параллелей, берущей свое начало из пятого постулата Евклида. Автор отмечает, что труды средневековых ученых Средней Азии и Ирана по геометрии сыграли важную роль в развитии других наук, таких как алгебра, тригонометрия и астрономия. Таким образом, важность изучения работ средневековых и иранских ученых в области геометрии в целом свидетельствует о том, что она дала значительный толчок развитию и прогрессу всех естественных наук. Работы ученых этого периода сыграли важную роль в представлении результатов, достигнутых в этой области в Западной Европе и служили мостом между этими двумя цивилизациями, а именно между Азией и Западом.

**Ключевые слова**: история геометрии, теория параллелей, математика, пятый постулат, математические достижения.

## FROM THE HISTORY OF DEVELOPMENT OF GEOMETRIC SCIENCE IN CENTRAL ASIA

The article provides information on the history of the development of geometry in the Middle Ages, the achievements of medieval Persian and Tajik scientists such as Abu Nasr Farobi, Abu Ali ibn Sino, Umar Khayyam and others in solving various problems in the field of geometry and its application. In particular, the efforts of these scientists in the development of the theory of parallels, which originate from the fifth postulate of Euclid, are indicated. The author notes that the works of medieval scientists of Central Asia and Iran on geometry played an important role in the development of other sciences, such as algebra, trigonometry and astronomy. Thus, the importance of studying the works of medieval and Iranian scientists in the field of geometry in general indicates that it gave a significant impetus to the development and progress of all natural sciences. The work of scholars of this period played an important role in presenting the results achieved in this area in Western Europe and served as a bridge between these two civilizations, namely between Asia and the West.

**Key words:** history of geometry, theory of parallels, mathematics, fifth postulate, mathematical achievements.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тиллобаева Салима Махмадалиевна*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи алгебра ва геометрия. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. Телефон: **907-87-74-72**

**Сведение об авторе:** ***Тиллобаева Салима Махмадалиевна*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры алгебры и геометрии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: **907-87-74-72**

**Information about the author:** ***Tillobaeva Salima Makhmadalievna*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Algebra and Geometry. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini avenue, 67. Phone: **907-87-74-72**

**УДК: 93/94**

## САҲМИ АКАДЕМИК П.Б. БОБОҶОНОВ ДАР РУШДИ ИЛМИ АСТРОНОМИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Бобоев Х., Раҳматова Р.Б., Исоев С.Қ.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб**

Илми нуҷум ё ситорашиносӣ яке аз кадимтарин илмҳои табиатшиносӣ буда, дар бунёд ва рушду нумӯи он саҳми Абдураҳмон ас - Суфӣ, Ибни Сино, Абӯмаҳмуд Хуҷандӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, ал-Хоразмӣ, Умари Хайём, Насируддини Тӯсӣ ва дигарон хеле баланд арзёбӣ мегардад. Аз замони бостон илму маърифат ҳамқадами тамаддуни мардуми Шарқ, бахусус мардуми тоҷику форс буда, дар ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти ин мардуми шариф инъикос шудааст.

Яке аз шахсиятҳои намоёни дигари миллати тоҷик, ки барои илми замони муосир, шурӯъ аз даврони Шӯравӣ то ба имрӯз хизматҳои басо сазовор кардаасту барои рушди илми ҷаҳонӣ бо таҳқиқу таълифи асарҳои оламшумули хеш саҳми намоён гузоштааст, академик П.Б.Бобоҷонов мебошад. Пӯлод Бобоҷонов 15 октябри соли 1930 дар шаҳри Ӯротеппа- имрӯза Истаравшан ба дунё омадааст. Ходими давлатӣ, астрофизик, академики Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (соли 1973), аъзо-корреспондент (соли 1966); доктори илмҳои физика ва математика (соли 1970), профессор (соли 1973) [11, с.468].

12. Скрытое сокровище // Сборник произведений Афзалиддина Мухаммада Марки Кашани. С комментариями Муджтаба Минаи и Яхья Махдави. — Тегеран, 1366.
13. Четверостишия Афзалиддина Кашани. Составитель С. Нафиси». — Тегеран, 1311.
14. Читтик Уильям. Суфизм. Руководство для начинающего / Перев. на русский М. Романова и Я. Эшотса / Читтик Уильям — М.: Издательство «Восточная литература», 2012.
15. Ярошевский М.Г. Учение Аристотеля о душе и античный детерминизм / М.Г. Ярошевский // Вопросы философии, 1966. — №6.


## ТАВСИФИ УМУМИИ МЕРОСИ ФАЛСАФИИ АФЗАЛИДДИНИ КОШОНӢ


Дар мақола осори илмӣ-фалсафии орифи бузурги форсизабон Кошонӣ мухтасаран тавсиф ёфтааст. Дар он ҳамчунин таъкид шудааст, ки дар илми таърихӣ-фалсафии муосир то ҳанӯз ҳам осори нодир ва асили ирфонӣ-фалсафии Кошонӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи муҳаққиқон қарор нагирифтаанд.Хушбахтона, дар тӯли чанд даҳсолаи охир бо саъю талошҳои муҳаққиқони шинохтаи эронӣ Саид Нафисӣ, Муҷтабо Минoӣ, Яҳё Маҳдавӣ, Мустафо Файзӣ ва дигарон осори зиёди ӯ тасҳеҳ ва таҳрир шуда, дар ду китоби мустақил фароҳам оварда шудаанд. Заҳмату талошҳои муҳаққиқон дере нагузашта натиҷаҳои хубе ба бор оварда, аксари осори Кошонӣ дастраси шавқмандон ва муҳаққиқони ирфон қарор гирифт.Ҷилди аввали он - «Мусаннафот Афзалиддин Муҳаммад Марқии Кошонӣ» дар шарҳи Муҷтабо Минoӣ ва Яҳё Маҳдавӣ чандин маротиба ба нашр расидааст. Охирин бор он соли 1366 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба нашр расидааст. Дар ҷилди дувум - «Девон ва рисолаи ал-Муфид ли-л-мустафид» Ҳаким Афзалиддин Муҳаммад Марқӣ Кошонӣ Бобо Афзал» ҷой гирифтаанд, ки онро Мустафо Файзӣ, Ҳасан Отифӣ, Ғиёс Беҳния ва Алӣ Шариф ба чоп ҳозир кардаанд.Дар мақола тавсифи мухтасари осори Кошонӣ - «Мадориҷ-ул-камол», “Созу пироияи шоҳони пурмоя”, «Тарҷумаи форсии рисолаи Арасту “Туфоҳия”, «Аразнома», «Ҷовидоннома”, тарҷумаи форсии «Янбуъ-ул-ҳаёт», «Рисолаи «Нафс»-и Арастутолес», «Рисола дар илм ва нутқ» (Минҳоҷ-ул-мабин), «Мабодии мавҷудоти нафсонӣ», «Эминӣ аз бутлони нафс дар паноҳи хирад», «ал-Муфид ли-л-мустафид». «Рубоиёт», «Тақрирот ва фусули муқаттаъа», «Макотиб ва ҷавоби асъила» оварда шудааст.Тавсифи кӯтоҳи осори Кошонӣ нишон медиҳад, ки ӯ яке аз барҷастатарин орифон-файласуфони давру замони худ мебошад, ки дар осораш ба масоил ва мушкилоти муҳимтарини фалсафии давр посух додааст. Осори ӯ бо зебоии забон, балоғати гуфтор, эъҷози баён фарқ менамоянд. Мутаассифона, аксари осори ӯ берун аз таҳқиқи муҳаққиқон қарор доранд. Аз ин рӯ, мо таҳқиқоти худро аввалин кӯшише метавонем эътироф намоем, ки бори аввал андешаҳои фалсафӣ-ирфонии ӯро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.Дар маҷмӯъ, осори Афзалиддини Кошонӣ бо нодир будани худ то ҳанӯз ҳам аҳамияти илмӣ-назариявии худро дар таҳқиқ ва

дарки масоили фалсафӣ-ирфонӣ оид ба моҳият ва табиати инсон ҳифз намудаанд.

**Калидвожаҳо:** ориф, тасаввуф, ҳастишиносӣ, маърифат, маърифатшиносӣ, ирфонӣ-фалсафӣ, нафс, рӯҳ, Арасту мавҷудоти нафсонӣ, муфид, мустафид.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ФИЛОСОФСКОГО НАСЛЕДИЯ АФЗАЛИДДИНА КАШАНИ

В статье даётся общая характеристика философского наследия Афзалиддина Кашани — видного средневекового представителя мусульманского суфизма. В ней также отмечается, что для постсоветской историко-философской науки оригинальные и уникальные философско-мистические произведения Кашани до настоящего времени остаются в группе незнакомых и малоизученных произведений.К счастью, за последние десятилетия усилиями иранских учёных - Саида Нафиси, Муджтабе Минаи, Яхье Махдави, Мустафе Файзи и других собраны, прокомментированы и изданы некоторые основные философские трактаты и поэтическое наследие мыслителя. Результат поисков его трудов и огромный труд по сбору, составлению, редактированию и подготовке к печати иранскими учеными, потратившими много времени, принёсли хороший урожай. Собранные материалы изданы в двух томах, но самое главное - основная часть его произведений стали доступными исследователям его наследия.
Первый том наследия Кашани, опубликованный под названием «Мусаннафот Афзалиддин Мухаммад Маркии Кошони» с комментариями Муджтаба Минаи и Яхья Махдави, переиздан несколько раз. Последнее его издание вышло в 1366 хиджры в Тегеране. Второй том произведений Кашани был подготовлен и издан другой группой иранских исследователей Мустафа Файзи, Хасан Атифи, Гияс Бехния и Али Шариф. В этом томе собраны и изданы все остальные, сохранившиеся произведения мыслителя, он издан под названием «Диван стихов и трактат «Ал-муфид ли-л-мустафид» Хакима Афзалиддина Маркии Кошони.В статье даётся краткое описание произведений Кашани - «Ступени совершенства», «Книга странствий», «Припасы мудрых владык». «Персидский перевод трактата Аристотеля «Яблоко», «Книга об акциденциях», «Книга о вечности», «Происхождение души», или персидский перевод «Источника жизни», «Персидский перевод трактата Аристотеля «О душе», «Трактат о науке и речи» (Ясная программа) - «Основы духовных сушностей», «Предотвращение о разложении души в свете разума», «Польза для пользующихся», «Четверостишия», «Статьи и краткие трактаты», «Письма, вопросы и ответы» и т. д.В этом кратком описании произведений Кашани подтверждается мысль о том, что он является крупнейшим ученым-философом своего времени и отвечал на многие злободневные философские проблемы. Его произведения отличаются, прежде всего, своей красноречивостью, конкретностью, изящностью и написаны на его родном – персидским-языке, представляющем возможность оригинально описывать философские проблемы своего времени. Однако, к великому сожалению, они все ещё находятся в группе неразработанных и малоисследованых произведений. Поэтому мы можем считать настоящую работу первой попыткой осветить круг философских проблем и их решения Кашани.В целом, произведения Афзалиддина Кашани отличаются своей оригинальностью и до сих пор сохраняют свое огромное научно-теоретическое значение в понимании актуальных философско-мистических вопросов о сущности и предназначении человека.

**Ключевые слова:** гностик, суфизм, онтология, познание, гносеология, мистико-философский, душа, дух, Аристотель, духовные существа, полезное, пользующийся.

## GENERAL CHARACTERISTIC OF THE PHILOSOPHICAL HERITAGE OF AFZALIDDIN KASHANI

The article provides a general description of the philosophical heritage of Afzaliddin Kashani, a prominent medieval representative of Muslim Sufism. It also notes that for the post-Soviet historical and philosophical science, the original and unique philosophical and mystical works of Kashani still remain in the group of unfamiliar and little-studied works.Fortunately, over the past decades, through the efforts of Iranian scientists - Said Nafisi, Mujtabe Minai, Yahya Mahdavi, Mustafa Faizi and others, some of the main philosophical treatises and poetic heritage of the thinker have been collected, commented and published. The result of the search for his works and the enormous work of collecting, compiling, editing and preparing for publication, Iranian scientists who spent a lot of time brought a good harvest. The collected materials were published in two volumes, but the most important thing is that the bulk of his works became available to researchers of his legacy.The first volume of Kashani's legacy, published under the title "Musannafot Afzaliddin Muhammad Markia Kashani" with commentary by Mujtab Minai and Yahya Mahdavi, has been reprinted several times. Its last edition was published in 1366 AH in Tehran. The second volume of Kashani's works was prepared and published by another group of Iranian scholars Mustafa Faizi, Hasan Atifi, Giyas Behniya and Ali Sharif. In this volume, all the other surviving works of the thinker are collected and published; It was published under the title "The Divan of Poems and the treatise" Al-mufid li-l-mustafid "by Hakim Afzaliddin Markia Kashani.The article provides a brief description of the works of Kashani - "The Steps of Perfection", "The Book of Wanderings", "Supplies of Wise Masters". "Persian translation of Aristotle's treatise" Apple "," Book of accidents "," Book of eternity "," The origin of the soul "or Persian translation of" The Source of Life "," Persian translation of Aristotle's treatise "On the Soul", "Treatise on Science and Speech" (Clear program) - "Fundamentals of spiritual essences", "Prevention of the decomposition of the soul in the light of reason", "Benefits for the users", "Quatrains", "Articles and short treatises", "Letters, questions and answers", etc.
This brief description of Kashani's works confirms the idea that he was the greatest scientist-philosopher of his time and answered many topical philosophical problems. His works are distinguished primarily by their eloquence, concreteness, elegance and are written in his native Persian language, which provides an opportunity to describe in an original way the philosophical problems of his time. However, unfortunately, they are still in the group of undeveloped and little-studied works. Therefore, we can consider this work as the first attempt to illuminate the range of philosophical problems and their solutions of Kashani.In general, the works of Afzaliddin Kashani are distinguished by their originality and retain their enormous scientific and theoretical significance in the study and understanding of topical philosophical and mystical

questions about the essence and purpose of man.

**Keywords**: gnostic, Sufism, ontology, cognition, epistemology, mystical-philosophical, soul, spirit, Aristotle, spiritual beings, useful, using.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зиёев Идибек Ғозиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** 93-591-00-04. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru
***Одинаев Маҳмадраҳим Сиёҳмардонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** 919-75-04-94. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru

**Сведения об авторе:** ***Зиёев Идибек Газиевич*** – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор кафедры онтологии и теории познания философского факультета ТНУ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел.:** 93-591-00-04. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru
***Одинаев Махмадрахим Сиехмардонович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел.:** 919-75-04-94. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru

**Information about the author:** ***Ziyaev Idibek Gozievich*** - Tajik National University, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy, TNU. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** 93-591-00-04. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru
***Odinaev Mahmadrahim Siehmardonovich*** - Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** 919-75-04-94. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ruз

**УДК:130.3**

## ФАЛСАФАИ ДИН ҲАМЧУН НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ УМУМИИ ДИНШИНОСӢ

***Ахмедов Саид***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва беқадр шудани идеологияи марксистӣ-ленинӣ фарохии идеологие дар Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Ин муҳити озоди ғоявиро ғояҳои динӣ, миллӣ, хурофотӣ, таассуби динию миллӣ ва ғайра пур карданд. Азбаски дар давраи тасаллути идеологияи марксистӣ бисёр арзишҳои миллӣ-динӣ аз саҳнаи ғоявӣ, иҷтимоӣ дур карда шуда буданд ва бисёре аз равшанфикрон орзуи эҳёи онҳоро доштанд, қисми зиёди донишмандон, равшанфикрон ва мардуми миллатдӯст дар пайи эҳёи онҳо шуданд. Вобаста ба ин муҳити маънавӣ то андозае тағйир ёфт. Атеизми илмӣ, ки фаҳмиши марксистии динро ташкил медод, таъсиру нуфузи худро дар ҷомеа комилан аз даст дод. Ҷойи таҳқиқоти илмии динро шарҳу эзоҳи аҳкоми дин, тарғиби онҳо ишғол намуд. Тақрибан пурра хусусиятҳои экзегетикаи асримиёнаи диниро таҳқиқотҳои диншиносӣ ба худ гирифтанд. Метавон гуфт, ончиро, ки муҳофизакорони (апологетика) динӣ иҷро мекарданд, диншиносӣ ба уҳда гирифт. Ягон-ягон таҳқиқи илмие, ки анҷом гирифт, доир ба муносибати дину сиёсат, танқиди ифротгароёни динӣ буданду бас. Давраи гузариш аз як шакли муносибатҳои иҷтимоӣ ба шакли дигараш қоидатан чунин шароитро ба вуҷуд меоварад. Аммо ҳоло ин давра ба охир расидааст. Дар аксари ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ диншиносии илмӣ ҷойгузини атеизм ва апологетикаи динӣ гардидааст. Валекин дар Тоҷикистон ин гузариш хеле ба тундӣ анҷом мегирад. Набудани кадрҳои илмӣ ва сохторҳои лозимаи илмӣ эҳсос карда мешавад, алалхусус дар кохи бузурги илмии ҷумҳурӣ-Академияи улум. Қадамҳои аввалин ва устувор дар соҳаи таълим ва тарбия доир ба таълими диншиносии илмӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ гузошта шудаанд. Таълими фанҳои Таърихи динҳо ва Диншиносӣ дар мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ҷорӣ гардидаанд, тағйиротҳое дар таҳқиқи мавзӯъҳои диншиносӣ дар сохторҳои марбутаи Академияи улум низ сурат гирифтаанд. Вале бо вуҷуди ин диншиносии илмӣ ҳамчун соҳаи зарурии илм он мақому вусъатеро, ки бояд дошта бошад, пайдо накардааст, алалхусус аз он ҷиҳат, ки ҳоло он талаботҳои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистонро қаноатманд карда наметавонад. Бисёр соҳаҳои диншиносӣ ба ҷуз таърихи дин дар ибтидои бавуҷудоӣ ҳастанд, мисли

сотсиология, феноменология, психология, фалсафаи дин ва ғайра. Дар шароити пешрафти илму техникаи муосир дар бисёр кишварҳо семиотикаи динӣ мавқеи муҳим ишғол карда бошад ҳам, дар Тоҷикистон аз он ному нишон нест. Ин соҳаҳо маҷмӯи илмиеро ташкил мекунанд, ки дар пояи онҳо диншиносии илмӣ бино мешавад. Мо дар ин ҷо ба фалсафаи дин, ки шояд солҳои наздик дар ҷумҳурӣ рушд кунад, таваҷҷуҳ зоҳир намудаем.

Дин ба мисли фалсафа ҷаҳонбинии одамонро фаро мегирад, вале он хеле қадимтар аз фалсафа, баъди пайдоиши ҷаҳонбинии устуравӣ ва шояд дар баробари он ба вуҷуд омадааст. Дин ҷаҳонбинии махсус аст, ки дар асоси эътиқод на фақат маҷмӯи ақида, тасаввуротро дар бораи олам дар бар мегирад, балки он аз маҷмӯи рафтору амал, эҳсосот иборат аст, объекти инъикоси худ-Худоро парастиш мекунад, чи як Худо ва чи худоҳои зиёд, он неруи фавқуттабиие аст, ки дарёфти он ба ақлу хиради инсон дастрас нест. Ба қавли Ф.Энгелс, «ҳама гуна дин ғайр аз инъикоси тахайюлӣ дар майнаи инсон, он қувваҳои берунае, ки бар мо дар зиндагии ҳаррӯза ҳукмронанду ин қувваҳои заминӣ шакли фавқуззаминӣ ба худ гирифтаанд, чизи дигаре нест» [1, 7–с.328]. Агар ба таври куллӣ ба ин масъала нигоҳ кунем, тафаккури динӣ дарвоқеъ аз ҷумлаи шакли аввали дарки олам аз ҷониби инсон аст. Пайдоиши дин дар он давра дар таърихи инсоният имконпазир гардид, ки инсон дараҷаи муайяни тафаккуро дарёфт кард. Алалхусус тафаккури абстрактиро, вақте ки инсон тавонист тасаввуроти худашро на танҳо дар бораи олам пайдо кунад, балки маҳсули фикри худро дар фетиш, образҳо, вожаҳо, ашёю ҳодисаҳои олам ифода карда, дар ин асос дониши кофӣ ҳосил намояд. Фаҳмиши фалсафии олам нисбатан дер ба вуҷуд омадааст. Ин ба ҳамаи гаҳвораҳои маданият, чи Шарқ ва чи Ғарб таалluқ дорад. Дар Шарқ афкори фалсафӣ дар омезиш бо тасаввуроти динӣ қарор дошта, дар равияҳои фалсафии Шарқ, аз ҷумла Хитою Ҳиндустон маҳз дар шакли динӣ-фалсафӣ зуҳур кардааст, мисли таълимоти Конфутсий, даосизм, дар Ҳиндустон таълимоти чорвакҳо ва ғайра. Дар ибтидо дар Юнон низ аввал дар шакли таълимоти динӣ-фалсафӣ ба вуҷуд омада, сипас аз он ҷудо шуда, мустақил гаштааст, мисли пифагоризм, мактаби милетӣ, таълимоти заррагароён, софистҳо, киникиҳо, Суқрот, Афлотун, Арасту ва ғайра. Вале ҷудошавии фалсафа аз дин ва мустақил шудани он дар Юнон ба таври равшан сурат гирифтааст, ки дигар наметавон фалсафаи атомистҳо ё материалистҳои аввал, Афлотуну Арастуро фалсафаи динӣ номид. Онҳо комилан мактаби фалсафӣ буданд, агарчи робитаи худро бо дин нигоҳ доштаанд. Ин фалсафа баъди пайдоиши масеҳият ё идомаи худро қатъ кард ва ё дар хизмати теологияю дин қарор гирифт. Дар давраи Эҳё ва маорифпарварӣ фалсафа дубора аз вобастагӣ ба дин озод гашт ва ҳатто то андозае дар ихтилоф бо дин қарор гирифт, яъне секуляризатсияи шуури динӣ мақоми хосса пайдо кард. Дар айни замон фалсафа робитаи генетикии худро нигоҳ дошта, дар шакли фалсафаи дин зуҳур кард, ки он дар ду шакл намудор шудааст, дар шакли ҷузъе аз низоми фалсафӣ, мисли низоми фалсафии Гегел ва инчунин дар шакли мустақили фалсафӣ, ба мисли фалсафаи илм ё фалсафаи ҳуқуқ. Фалсафаи дин бо вуҷуди мустақилияти худ дар ду шакл бино ёфт, дар шакли фалсафаи динӣ ва дар шакли фалсафаи ғайридинӣ, ки се вазифаи асосиро бар уҳда дошт: 1) табиати дин, таълимоти онро дар матни умумии ҷаҳонбинӣ тавсифу таҳлил кардан; 2) ба воситаи истилоҳот ва қонунҳои фалсафӣ ба дин ҳуҷум кардааст ва ё аз дин ҳимоя намудааст; 3) кушиш кардааст, ки забони динро таҳлил ва муайян кунад. Дар ин давра фалсафаи дин берун аз таълимоти дин қарор гирифта, ақидаи динеро тарғиб ва асоснок накардааст. Ин гуна муносибат чун таҳлили моделҳои бо ҳам мухолифи динӣ, ки ҷаҳонбинии одамонро муайян мекунанд, амалӣ шудааст. Маълум аст, ки объекти таҳқиқи фалсафаи дин дин мебошад, яъне он намуди ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмие, ки ба эътиқод ба Худо асос ёфта, яке аз соҳаҳои ҳаёти маънавии инсонро дар ҳар шакле набошад, тахайюлӣ ё ривоятӣ ташкил додааст, ҷаҳонбиние, ки инсон худро тобеи неруи фавқуттабиат дониста, онро парастиш мекунад, амалиётеро дар нисбати он анҷом медиҳад. Фалсафаи дин талош кардааст, ки моҳияти динро кушода, онро таъриф намояд. Чуноне ки маълум аст, зиёда аз 200 ё ҳатто 750 таърифи дин вуҷуд дорад ва фалсафаи дин таърифи дуруст ва назариявии онро ҳадафи худ қарор додааст.

Ҳарчанд ин кор ба он чандон муяссар нашуда бошад ҳам, зеро фалсафаи дин низ мавқеъҳои гуногун дар тафаккури инсон дорад ва наметавонад таърихи ягонаи динро ба вуҷуд оварад. Фалсафаи идеалистӣ ва динӣ як шакли таъриф, фалсафаи материалистӣ ва илмӣ шакли дигари таърифро ба асос гирифтаанд. Илова бар ин ҳар равияи фалсафӣ ва

файласуфони ҷудогона таърифҳои гуногуни худро додаанд. Вале он чи ки аён аст, он ба маърифати дин ва дарёфти маҷмӯи донишҳои назариявӣ доир ба дин равона шудааст. Масъалаи таҳқиқи он дониш дар бораи дин аст ва дониш асоси тахқиқи фалсафа аст. Дар шакли анъанавӣ фалсафаи дин алоқаманд бо дигар соҳаҳои дониши фалсафӣ мебошад ва аз ин ҷо он унсур ё қисмате аз низоми фалсафиро ташкил додааст, ба мисли ҷузъе аз фалсафаи ин ё он низом. Дар ин асос фалсафаи дини Б. Спиноза, И. Кант, Г.В. Гегел, Э. Гартман, Р. Лотсе, Г. Когел, П. Натори ва дигарон бо ҷузъҳои дигари таълимоти фалсафии онҳо алоқаманд буда, қисмате аз онҳоро ташкил додааст. Фалсафаи дин таърихан дар ду шакл зуҳур кардааст ё дар шакли фалсафаи диншиносӣ ё дар шакли илоҳиёти фалсафӣ. Фалсафаи диншиносӣ ё худ фалсафаи дин маҷмӯи муҳокимаҳои фалсафиро дар бораи муносибатҳои динӣ ё шуури динӣ дар бар мегирад, он бо таҳқиқу баррасии дин маҳдуд шуда, ба тариқи объекти дин, ё тавсифи мавҷуди фавқултабиӣ машғул намешавад. Дар фалсафаи диншиносӣ объекти таҳқиқ муносибати инсон бо воқеияти динӣ ё дини илоҳӣ, чун амали инсон ва ҳодисаи фарҳангӣ машғул мешавад. Воқеияти илоҳӣ – объекти дин масъалаи аввал нест. Хусусияти фалсафаи дин ҳамчун дин дар шакли объекти диншиносӣ омӯхта мешавад. Махсусияти он дар таҳқиқи муносибатҳои динӣ, шуури динӣ вобаста ба ҷиҳати маърифатии он, чун муносибатҳои дар ниҳояти худ ба муносибатҳои маърифатӣ алоқамананд, зеро ҳар лаҳзаи таълимоти дин чи дар бораи Худо ва ё воқеияти илоҳӣ лаҳзаи муайян дониш дар бораи онҳост ва инчунин дониши инсон дар бораи олам ва дар бораи худаш вобастаи ин воқеият аст. Фалсафаи дин худро аз дин ва апологетикаи динӣ ҷудо мекунад ва дар таҳқиқи дин аз чунин асосноккунӣ ва ҳимояи дин канораҷӯӣ менамояд ва ҳатто он чи ки барои ҳимояи аҳкоми дин бошад, масофаеро нигоҳ медорад ва таҳқиқи илмӣ–объективии динро ҳадафи худ қарор медиҳад. Албатта, ин ба фалсафаи динӣ дахл надорад, зеро худи фалсафаи динӣ объекти омӯзиш ва таҳқиқи фалсафаи дин қарор дода мешавад. Аммо ин маънои онро низ надорад, ки ҳадафи фалсафаи дин танқиди аҳкоми дин ё матнҳои муқаддаси динӣ бошад. Дар нисбати онҳо аз ғаразҳои идеологӣ канораҷӯӣ карда, ба баёну таҳлили беғаразонаи онҳо машғул мешавад. Дин аз назари фалсафа (аниқтараш аз назари онтологӣ) ба маданияти маънавии ҷомеа дохил аст. Шакли шуури иҷтимоие аст, ки оламро дар шуури одамон ба таври образнок инъикос мекунад. Дар он мазмуни ба мардум наздик дар шакли шуури ривоятӣ-динӣ ифода мешавад. Маҳз аз ҳамин шуури мифологӣ-динӣ ибтидои пайдоиши худро дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ гирифтаанд. Фалсафаи дин қисми муҳимми диншиносии назариявиро ташкил додааст, ҳарчанд ки масъалаҳои сотсиологӣ, психологӣ аз он берун нестанд. Таҳлили назариявии динро асосан фалсафа анҷом медиҳад. Истифодаи методологияи мухталиф як навъ релятивизми методологиро ба вуҷуд меоварад. Ин гуна релятивизм дар доираи таҳлили моҳияти эзотерикии диндорӣ, чун навъи диндорӣ, шаклҳои гуногуни зуҳури таълимоти метафизикӣ дида баромада мешавад. Аз рӯйи эзотризми динӣ ягонагӣ ва гуногунрангии динҳои мухталиф аз нигоҳи метафизикӣ ба он равона шудааст, вуҷуди мутлакро дарёбад ва роҳҳои дарёфти он метавонанд гуногун бошанд ва динҳои мухталифро ба вуҷуд биёранд. Аз рӯйи ин нуктаи назар динҳо роҳи расидан ба мутлақи ягона мебошанд. Ҳамин ҷиҳатро дар назар гирифта, мутафаккири барҷастаи ҳинду Шри Рамакришна гуфта буд, ки «вишнуиҳо, мусулмонон, масеҳиён ва ҳиндуҳо ҳама дар ҷустуҷӯи як худоянд, вале намедонанд, ки он кӣ Кришна ҳаст, дар айни замон Шива ва олиҳа-модар. Масеҳо ва Аллоҳ аст, яъне худо ягона асту номҳои гуногун дорад. Ба он чи ки ибодат мекунанд, онро бо номҳои гуногун ном мебаранд, вобаста ба макону замон, миллияту халқит… Онеро, ки дар Ведҳо ҳастии мутлақ медонанд, ё Шуур ё Браҳман, дар тантрлҳо Шива меноманд, дар пуронҳо Кришна, дар Қуръон Аллоҳ ва дар Инҷил Масеҳо. Вале ин ҳама ривоятҳо бо ҳам ихтилоф доранд, бо якдигар дар набарданд» [2, 13–с.31]. Фалсафа дар бораи умумиятҳои динҳо баҳс мекунад, на ҷиҳати хосси онҳо, агар он умумиятро ифода накунад. Ҳамин гуна диншиносӣ ҳам аз назари фалсафа бо назардошти предмет ва соҳаи омӯзишаш ба навъҳо ва назарияҳои гуногун тақсим мешавад.Масалан аз нигоҳи имони динӣ: далелгаравӣ, ки ба ақлгароии ифротӣ ва ақлгароии муътадил, имонгаравӣ (фидеизм)-назарияҳои умумии ҳукмии соҳаҳои маърифатӣ, мисли мабногаравӣ (фундаментализм), таҷрубагаравӣ, таҷрибагаравии радикалӣ, таҷрибагаравии мантиқӣ, позитивизми мантиқӣ, феноменализм, назарияҳои ҳамбаст, холизм, шаккокият (скептисизм), релятивизм, идеализм ва ғайраҳо. Инҳо ҳама ба

фалсафаи дин тааллуқ доранд. Фалсафаи дин аз як ҷиҳат тафсири ратсионалии дин мебошад. Аввалин тафсири ратсионалии динро юнониҳо додаанд. Ба қавли муҳаққиқон ин кор ба юнониҳо аз он сабаб муяссар шуд, ки онҳо нисбат ба шарқиҳо, ки динро аз доираи таҳлили илмию ақлӣ хориҷ медонистанд, камтар диндор буданд. Ҳанӯз дар асри VI то милод дар Юнон назарияе пайдо шуд, ки дин муқарраროти илоҳӣ набуда, онро худи одамон сохтаанд, ки ҳадафҳои худро доштанд. Файласуф Ксенофан Колофанский, ки дар байни асрҳои VII-VI то милод зиндагӣ кардааст, дар асараш «Силл» ин ақидар баён карда буд [3, 5–с.173]. Ҳамасри ӯ Гесатей Милетский (550-490 то милод) дар асарҳои худ ақидаеро тарғиб кард, ки динро ҳукмронони ҷомеа сохтаанд, ки ба воситаи он дар одамон ахлокро тарғиб намоянд ва ҳаёти ба ахлоқ мувофиқро ҷорӣ намоянд, масалан, чун воситаи риояи адолат, бовиҷдонӣ, ростгӯӣ [4, 5–с.182]. Дар айни замон, тақрибан дар ҳамин давра асарҳо доир ба таърихи дин низ ба вуҷуд омадаанд. Масалан асарҳои Ҳеродот (асри V пеш аз милод), Дидан Ситсилиягӣ (I пеш аз милод) ва ғайра. Дар асрҳои миёна бо сабаби ҳукмронии бе каму кости дин асарҳои назариявии илмӣ, доир ба фалсафаи диншиносӣ ба вуҷуд наомадаанд, ҳарчанд доир ба таърихи дин ин гуна асарҳо зиёданд, аз ҷумла дар Шарқи исломӣ, мисли «Милал-ун-ниҳал»-и Шаҳристонӣ, Бағдодӣ ва ғайра. Дар асрҳои XVIII Аврупо маҷмӯи илмҳо дар таҳқиқи дин пайдо мешаванд, ки фалсафа дар байни онҳо мавқеи асосиро ишғол менамуд. Дар асоси методи феноменологияи фалсафӣ дар соли 1723 дар Париж асари 20-ҷилдаи Николо Срере ба табъ расидааст. Дар инкишофи фалсафаи диншиносӣ файласуфон Б.Спиноза, Р.Декарт, Д.Юм, И.Кант саҳми нахаррас гузоштаанд.

Илм дар бораи дин, ки қисми муҳимашро фалсафаи дин ташкил мекард, дар асри XIX бо номи «илм дар бораи дин» чун илми мустақил ба вуҷуд омад. Гарчанде ин истилоҳ аввалин бор аз ҷониби олими чех Бернардо Болтсано дар асараш истифода шуда бошад, бо осори Макс Мюллер (1823-1900) доманаи паҳншавиаш хеле васеъ шуд. Фалсафаи дин бо тасвири олам дар дин сарукор мегирад, ки дар худ ба саволҳои олам чи гуна аст? Чӣ тавр сохта шудааст? Худованд кист? Байни инсону Худо чӣ гуна робита аст? Инсон худаш кист? Ӯ бояд чӣ кунад? ва ғайра ҷавоб меҷӯяд. Ин ҷавобҳо ба саволҳои усулӣ буда, маҷмӯъҳои сохтори кайҳон, робитаҳои сабабӣ, замону макон, моҳият ва шуурро дар бар мегиранд. Ба маънии маҳдудтар фалсафаи дин дарки назариявии феномени динӣ бо ёрии методҳои фалсафӣ: диалектикӣ, феноменологӣ, герменевтикӣ ва ғайра ҳамчунин мутобиқи талаботи фалсафӣ ва хусусияти илми фалсафа таҳқиқ намудани дин аст. Баръакси теология, дар таҳқиқи фалсафӣ аз аҳкоми динӣ имкони дур шудан, ҳимояю танқид кардан вуҷуд дорад. Агар дин ҷавобҳои омодашуда ва ниҳоӣ доир ба саволҳои дар боло зикршуда диҳад, фалсафа роҳи эмпирикиро интихоб карда, ҷавоби ниҳоӣ надорад, балки дар ҷустуҷӯи он аст. Фалсафа шакли динии худ -фалсафаи диниро дорад, ки мавзӯъҳои динро бо ёрии методҳои фалсафӣ асоснок менамояд, динро чун институти иҷтимоӣ тавсиф намуда, давраҳои онро нишон медиҳад! Яъне дар ин маврид он мавқеи ҳимояи динро бар уҳда мегирад. Апологетика қариб дар ҳамаи равияҳои динӣ вуҷуд дорад. Мисли схоластика, калом ва ғайра. Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки дин натиҷаи «вохӯрии фиребгару аҳмақ», «илми ҷаҳолат» нест, балки дар асоси илме, ки мукаммал нест бо таъсири омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин маврид мавқеи сиентизм (аз лот. scientin-дониш, илм) дар шакли содаи он чандон дуруст нест. Сиентизм худ маҳсули хиради инсонӣ буда, баъзе норасоиҳои онро дар худ нигоҳ доштааст, пас шакли комилан ҳукмрони тарзи тафаккур ва идеологии ҳамагонӣ нест ва наметавонад пурра ба ҳама ҷиҳатҳои дин ҷавобҳои қотеона ва яқин диҳад, балки он маҳсули тафаккури илмиест, ки ҳамеша дар инкишоф аст ва наметавон он фикрро аз назар соқит кард, ки дин то илм пайдо шудааст ва асароти худро ба ҳамаи унсурҳои фарҳанги маънавӣ, аз ҷумла илм ҳам боқӣ гузоштааст. Норасоии дигар сиентизми ҳозира дар он аст, ки дар байни спиритизм «ҳодисаҳои аномалӣ», хурофот фарқ намебинад. Ҳарчанд ҳеҷ дин аз хурофот, ё эсхатология озод нест. Аз ин ҷиҳат сиентизм чун яке аз навъҳои маърифати фалсафӣ бояд эҷодкорана ва ба таври диалектикӣ амал кунад. Сиентизме, ки ба редуксионизм (сода сохтани чизи мураккаб, ки дар натиҷа баъзе хусусиятҳошро аз даст медиҳад) наметавонад ҷавоби дурусту комили илмӣ ба дин барин ҳодисаи мураккаб диҳад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам ҷавоб ба саволе, ки «чӣ гуна бояд феномени дин»-ро дар шароити ҳозира таҳлил намуд, яке аз масъалаҳои мураккабест, ки диншиносӣ талош дорад ба он ҷавоб диҳад ва он аз

ҷумлаи вазифаҳои фалсафаи дин аст. Дар ин маврид фалсафаи дин роҳи дурусти баррасии динро дар муносибати комплексӣ дар таҳқиқи дин мебинад, ки тасаввуроти системанок дар бораи дин ҳосил шавад ва дар он хусусиятҳои асосии дин ифода шуда бошанд. Фалсафа бо он қаноат намекунад, ки танҳо зоҳири дин ва шаклҳою хусусиятҳои зоҳиршавии он ба назар гирифта шаванд ва ҷиҳатҳои дохилии динро гӯё танҳо диндорон дарк мекарда бошанд, балки талош мекунад ба умқи ҳодисаҳои динӣ ворид шавад, ҷиҳатҳои зоҳирӣ ва дохилии онро бо ҳам пайвандад.

Ҳарчанд ки диншиносӣ мафҳуми хеле васеъ буда, доираи фалсафаро маҳдуд месозад, бо вуҷуди ин фалсафа мақоми асосиро дар шинохти дин ҳамчун илми ҷаҳоншинохтӣ, ҷаҳонфаҳмӣ ва эҳсос кардани олам ишғол мекунад. Мафҳуми «шинохт», «шиносоии чун дин» хеле васеъ мебошанд ва мураккабанд. Пас, дар ин маврид айнияти фалсафаи дин ва шинохти он имкон надорад. Илова бар ин, мафҳуми «шинохт», як андоза маънои дохилидинӣ дорад ва илмияту дунявияти диншиносиро зери шубҳа мегирад, ба он оҳанги динӣ медиҳад, ки дар асл чунин нест ва диншиносии илмӣ ба куллӣ аз шинохти дохилидинӣ фарқ мекунад. Ҳамчунин, фалсафаи дин ҳам аз фалсафаи апологетикии динӣ тафовути ҷиддӣ дорад. Ин тафовут ба андозаест, ки файласуфи англис Д. Юм (1711-1776) навишта буд, ки «байни теологҳою деҳқонон дар як мазҳаб чунон фарқи зиёде аст, ки байни католикҳои Франсия ва протестантҳои Англия вуҷуд надорад» [5, 14;15;16–С.372;364-365;372]. Ин ҷо бояд дараҷаи тафаккур ва сатҳи шинохти дин чи «худӣ» ва чи «ғайрихудӣ»-ро дар назар гирифт. Ба ҷузъиёте, ки дар теология баён шудааст, мардуми авом сарфаҳм намераванд. Ҳамчунон ки Ғазолӣ ва дигар мутафаккирони тоҷик барои асарҳояшон авомро аз хос ҷудо мекарданд. Асарҳои барои авом навиштаи онҳо содаю ба фаҳми омма мувофиқ ва баёни абстрактию таҳлили илмиро барои хос раводида, барои авом раво намедиданд. Ҷудошавии илму фалсафа аз тобеияти дин, ташаккули давлатҳои миллии дунявӣ дар Аврупо ба он овард, ки муносибати илмӣ-фалсафӣ, дунявӣ ба шинохти дин ҷорӣ шавад ва мақоми бонуфуз ишғол кунанд. Имрӯз дар кишваре, ки шинохти дунявию илмии дин ба вуҷуд омадааст, ба фалсафаи ғайридинӣ такя менамоянд, на ба динӣ, ки нишонаи маданияту фарҳанги ин кишварҳо ба шумор меравад. Аз ин ҷо фалсафаи ғайридинӣ омӯзиши ҷаҳонбинии умумии динӣ, моҳияти диндорӣ, сабабҳои таҳаввулоти динро фаро гирифта, асосҳои назариявӣ ва муносибати дунявиятро ба динният таҳқиқ менамояд. Худшиносию ибодат масъалаҳоеро ба миён гузоштаанд, ки бидуни аз ҷиҳати ақлонӣ асосноккунии онҳо, ки инъикоси дараҷаи рушди маърифати ҷомеа аст, наметавонанд таҳқиқ шаванд. Аз ин ҷо на фақат дарки илмии дин, балки дарки ақлонии он ҳам хусусияти муҳимми диндории ҷомеаи муосир гаштааст он бе диншиносии илмӣ, аз ҷумла фалсафаи дин имконпазир нест, ҳарчанд ки аз ҷониби апологетикҳои дин он эътироф нашаваду онҳо ба ҳамкории дину фалсафа майл накунанд ҳам. Аммо бидуни эъломи чунин ҳамкорӣ ҳамаи онҳо имрӯз ба фалсафаи дин эҳтиёҷманданд. Таърихи фаҳмиши фалсафии теологӣ, ки ҷузъи фалсафаи дин аст ва соҳае, ки рукне аз низоми фалсафии мутафаккирон мебошад ва фаҳмиши ақлонӣ (ратсионалӣ)-и динро ба миён мегузорад ва ҳатто дар фалсафаи бостон ҳам чунин аст: он «фалсафаи аввал» (ба қавли Арасту) мебошад. Чуноне Арасту зикр мекунад теология, ки ҳамчун «фалсафаи аввал», яъне метафизика ҳастии ягона, ҳастии аввал, ҳастиро чун ҳастӣ меомӯзад, ки мафҳуми куллӣ ва ибтидои ҳастиро фаро мегирад. Баръакси «натурализми бехудо», ки дар Юнони бостон ҷойи муҳимро ишғол мекард ва ин равияро Афлотун «atheos» (касоне, ки ба вуҷудияти худо боварӣ надоранд) медонист. Арасту илмеро дастгирӣ мекунад, ки аз ҷиҳати мантиқӣ, ақлгароӣ тавонад муроҷиат ба худоёнро асоснок кунад [6, 12–с.36]. Дар Империяи Рим афзалияти ягон теологияи фалсафиро эътироф накарда, ё ки гирифтори ақидаи натурализм нашуда, эҳтиром ба парастишу таълимоти анъанавии динӣ дода, динҳои мардуми тобеи империяро арҷгузорӣ мекарданд ва мақоми асосиро дар эътирофи низомҳои теологӣ дар империяи ба ном «диншиносон» касб мекунанд, ки бевосита хизмати империяро бар уҳда доштанд [7, 8–с.244]. Дар ин маврид баҳодиҳӣ ба мавқеи шахсият бо натурализм дар тазод қарор мегирад, зеро натурализм ҳамаро ба таври табиӣ ба амри зарурат вобаста карда, шахсу шахсиятро чандон арҷманд намедонад, бинобар ин шахсият, ки хориҷ аз ин рафти табиӣ буд ва ба ҳодисаҳое, ки иштироки шахс, мақому таъсири он дида намешуданд, дар ихтилоф қарор доштанд. Дар ҳама ҳолат фалсафа аз эҳсосоти динӣ канорагӯӣ карда, ғояи таълимоти динро ё асоснок месозад ё баръакс барои

радди он истидлолҳо месозад, ғояе, ки дар асоси фикри муҷарради назариви ва ё интуитиви табиати асроромези Офаридгорро мавриди муҳокима қарор медиҳад ва ё системаи мафҳумҳои он маҳз барои асосноку равшан сохтани ин ғоя равона шудааст. Эҳсосоти динӣ ғояи мазкурро тақвият мебахшанд ва ибтидои муҳокимаҳои назариявию фалсафӣ мегарданд ва ё шакку шубҳаро ба вуҷуд оварда, дар радди онҳо воситае мегарданд. Аз ин ҷо ақида дар бораи он, ки ин маҷмӯи эҳсосот пояи устувори таҳкими ғояи худо мебошанд, на ҳамеша дуруст аст, акси онро низ мо метавонем мушоҳида намоем ва инкори он ё атеизм-агар бар пояи муҳокимаҳои фалсафӣ бунёд шуда бошад, наметавонад фалсафаро рад кунад, зеро дар ғояҳои гуногуни фалсафӣ ҳам вуҷудияти Худои мутлақ ва ҳам инкори он вуҷуд доранд, ки онҳо шаклҳои гуногуни назариявиро ба вуҷуд меоваранд. Дар ин ҳарду идеологияҳо шакл мегиранд, ки одамон ба воситаи онҳо муносибаташонро ба воқеият ифода мекунанд [8, 10–с.199]. Худи пайдоиши фалсафа низ таъкид ба он месозад, ки дар ихтилоф ба ҷаҳонбинии ҳукмрони динӣ ба вуҷуд омадааст ва дар баҳоҳо бо ғояҳои динӣ ташаккул ёфтааст, агар аз як тараф, дар асоси ғояҳои озоди гурӯҳҳои одамон ба вуҷуд омада бошад, аз дигар ҷиҳат, бар пояи диалоги байни гуруҳҳо барои ташаккули ғояҳои ғайридинӣ, ки маҳсули хирадгароӣ аст, таъсири зиёд доштааст.

Аз ибтидои таърихи тамаддуни инсонӣ дар ихтилоф ва рақобат бо якдигар, шаклҳои мухталифи нигариши олам ривоҷ пайдо карда, шаклҳои гуногуни андешаҳои фалсафиро ташаккул додаанд. Ҳанӯз дар Чини қадим андешаи ғайридинӣ дар осори Сун-Тсзи (асри III то милод), Ван Чун (асри I то милод), дар Ҳинди қадим ба эътироз ба манбаи динии Ведаҳо (ҳарчанд он чандон динӣ набуда, бештар асотирӣ аст) фалсафаи локаята (чорвакҳо) пайдо шуда, ақида доштанд, ки Худо нест, олам ҳамеша вуҷуд дорад ва мутобиқи қонуниятҳои худ инкишоф мeёбад. Ҳамаи ашёҳо аз хоку рӯшноӣ, обу ҳаво иборатанд ё мактаби санкхя бошад, изҳор мекард, ки сабаби чизҳо атомҳои зинда ва ғайризинда мебошанд [9, 9–с 140]. Дар Юнон бошад, баръакси назари мифологӣ-динӣ файласуфони Милет оламро аз рӯйи қонуниятҳои худаш шарҳ медоданд. Онҳо дар пайдоишу инкишофи илмҳои риёзӣ, астрономия, физикаю биология саҳми арзанда гузоштаанд. Дар онҳо биниши олам на танҳо бо биниши динӣ мувофиқат намекард, балки дар бисёр маврид зидди тасвири динии олам буд, бар он асос, ки олам мутобиқи қонуниятҳои худ бидуни дахолати худоҳо инкишоф мeёбад. Ҳатто дар таълимоти Диагори Милетӣ вуҷуди худоҳо инкор карда мешавад ва ибодати худоён барои ӯ асос надорад. Таълимоти Эпикур фалсафаи озодандешии Юнонро ифода кардааст ва ибтидои озодандешӣ маҳз бо номи ин фалсафа алоқаманд дониста шудааст. Эътиқодро Эпикур аз ҷаҳолату нодонӣ медонад, ки яке аз сарчашмаҳои он набудани дониш дар бораи низоми ҷаҳон аст. Зиёни динро Эпикур дар он мебинад, ки дин одамонро бадбахт ва бимноку таҳқирашон месозад. Эпикур ба вуҷуди охират комилан эътиқод надошт. Худоёнро ӯ мавҷудҳои фазои байни оламҳо (замину дигар сайёраҳо) дониста, дорои дониш, миранда, сулҳҷӯ медонист [10, 9–с.129]. Эпикуризм дар Юнон тарафдорони зиёд дошт ва яке аз онҳо Лукретсий Кар буд. Ӯ китобаш «Дар бораи табиати (хосияти) чизҳо» назари динро аз мавқеи илм тасдиқ мекунад ва таълимоти динро тасаввуроти барғалат мешуморад ва онро манбаи ҷиноятҳо мешуморад, ки баъдтар Лукиан (120-180 милодӣ) образҳои мазҳакавиро доир ба дин ба вуҷуд овард, мисли «дӯстдорони дурӯғ», «Лукии Александриё пайғамбари дурӯғин» [11, 11–С.27;61]. Ба таври куллӣ, фалсафа нисбат ба дин мавқеи оппозитсиониро ишғол кардааст ва фалсафа дар асоси илмгароӣ ва ақлгароӣ бунёд шудааст. Дар баробари равияҳои фалсафӣ чун низоми махсуси фалсафӣ теология ба вуҷуд омад, ки намояндагонаш Блаватский Е. П. (1831-1891), Безант А. (1847-1933), Р. Штайнер (1861-1923) ва дигарон буданд ва он асоси яке аз шаклҳои фалсафаи динӣ маҳсуб мешавад, бештар дар асоси синтези дину кашфиётҳои нави илм бунёд шудааст. Ҳадафи асосии он пайвастани тафаккури илмӣ бо ғайриилмӣ мебошад. Теология нисбат ба илм ва фалсафа назарияи васеътар тасаввур мешавад. Теософҳо илмро маҳдуд медонанд, ки ҳодисаҳои дастраси ақл ва хиради инсонро таҳқиқ менамояд, аммо теософия бошад ҷаҳонро ба ҳамаи зуҳуроташ дида мебарояд. Дар баробари теософия антропософия-таълимот дар бораи инсон ҳамчун дорандаи неруҳои ниҳонӣ, қобиятҳои аз назар пинҳон, ки дарки ҳодисаҳо ҳодисаҳои ғайритабииро метавонад ба даст биёрад, пайдо мешавад. Заминаи асосии пайдоиши антропософия теософия мебошад. Р. Штайнер, ки яке аз идеологҳои теософия буд, назарияи теософияро нисбати инсон татбиқ карда, тарзи нави маърифати

инсонро асоснок намуда, ба воситаи медитатсия дарёфти ҳодисаҳои ғайривоқеиро имконпазир мешуморад [12, 1;2–с.129] ва ҳатто равияи нави маърифатро, ки чӣ гуна олами дигарро, оламеро ки ба илм дастрас нест, асоснок кунад. Ӯ ҷамъбасти антропософиро ташкил медиҳад ва дар асарҳояш «Очеркҳои дониши асрори теософӣ», «Роҳ ба сӯйи худмаърифатии инсон» ақидаро баён месозад, ки дарёфти олами ғайб ба инсон метавонад муяссар шавад. Ғайбшиносӣ дар равияҳои аккултӣ ва сеҳргароӣ минбаъд ривоҷ пайдо мекунанд. Ҳарчанд ки онҳо аз ибораҳои «шинохти фалсафӣ»-и дин истифода мекунанд, ба фалсафаи дин ҳеҷ муносибат надоранд.

Секуляризатсия ва озодфикрӣ мухолифи онҳо қарор доранд ва барои заиф сохтану бартараф кардани онҳо хизмати босазо мекунанд. Дар ташаккули фалсафаи дин на танҳо файласуфон, балки забоншинос, ҷомеашиносон саҳми зиёд доранд. Аввалин касе, ки мафҳуми «диншиносии илмӣ»-ро паҳн кард, мардумшиносу забоншиноси немис Ф.М. Мюллер (1823-1900) буд, дар ривоҷи фалсафаи дин саҳми босазо дорад. Э.Б. Тейлор (1832-1917) фарҳанги ҷомеаи ибтидоиро мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои тамаддуни он давраро нишон додааст. Дар асараш «Тамаддуни ибтидоӣ» инкишофи тадриҷии тамаддуни инсониро аз давраи ибтидоӣ то замони муосир таҳқиқ намуд. Дар ҳамаи таҳқиқотҳои бахшида ба дин ошкору тавзеҳи мазмуни дин мақоми асосӣ дорад, ки он бевосита мавзӯи фалсафа аст. Фалсафа, азбаски мавқеи асосӣ дар диншиносии илмӣ дорад, бинобар ин дар бисёр маврид дигар қисмҳои диншиносии илмиро ба он вобаста медонад. Он маҷмӯи мафҳумҳо, принсипҳо ва назарияҳоеро, ки дар барои дин маълумот медиҳанд, дар бар мегирад. Аввалан он ки фалсафа мафҳумҳо, универсалияҳо, принсипҳои куллии ҳар илм, аз ҷумла диншиносиро пешниҳод мекунад, сониян, таҳқиқи дин ҳамеша бо назари фалсафӣ дар бораи инсон, ҷомеа, олам пайваста аст ва ҷаҳонбинии динӣ дарбаргирандаи масъалаҳои муҳимми фалсафӣ мебошад. Диншиносӣ аз мавқеи назарияҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла материализм, феноменология, психоанализм, экзистенсиализм, позитивитзм ва ғайра таҳқиқ карда мешавад. Дар байни маъсалаҳое, ки барои фалсафаи дин муҳим мебошанд, метавон инҳоро номбар кард:

1) мақоми фалсафаи дин дар низоми донишҳои диншиносӣ;
2) омӯзиши моҳияту ислоҳи мафҳуму мақулаҳои дин, принсипҳои муносибат ба онҳо;
3) таҳқиқи решаҳои гносеологӣ, иҷтимоии дин;
4) таҳлили хусусиятҳои тафаккуру ҷаҳонбинии динӣ ва забони дин;
5) таҳқиқи таълимоти динӣ дар бораи Худо, исботҳои аслии он;
6) муайян кардани хусусиятҳо ва мазмуни фалсафаи дин [13, 6–с.34].

## АДАБИЁТ


1. Аринин Е.И. Религиоведение / Е.И. Аринин.– Владимир, 2005. -Ч.1. -129 с.
2. Аринин Е.И. Философия религии. Академическое видение / Е.И.Аринин. - Владимир, 2014. -407с.
3. Гегель Г.В.Ф. Философия религии / Г.В.Ф. Гегель. – М., 1975. -228 с.
4. Звиревич В.Т. Натурфилософский тип концепции человека / В.Т. Звиревич // Философские науки. -№ 2. -1989. -129 с.
5. Ксенофан. Фрагменты ранних греческих философов. – М., 1989. -Ч.1. -С.173.
6. Лобазова О.Ф. Религиоведение. Учебник/ О.Ф. Лобазова. -С. 34.
7. Маркс К., Энгелс Ф. Сочинение. -Т.20. – М., 328 с.
8. Реале Антисери Д. Западная философия. 1. Античность. – СПб., 1994. 244 с.
9. Бибихин В.В. Мир. -Томск, 1995.-С.140.
10. Философский словарь. – М., 2004. -199 с.
11. Цицерон. Философские трактаты. – М., 1985. -С. 27,61.
12. Шахнович М.М. Парадоксы античного атеизма / М.М. Шахнович // Диспут, 1992. –№ 1. -36 с.
13. Юм Д. О суеверии и исступлении // Соч. -Т.2.–С. 372.
14. Юм Д. Трактат о человеческой природе // Соч. Т.2.–С.364-365.
15. Юм Д. Естественная история религии. -Т.2. -№ 1986. -372 с.


## ФАЛСАФАИ ДИН НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ УМУМИИ ДИНШИНОСӢ


Дар мақола қисми муҳимми диншиносии илмӣ -фалсафаи дин мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Нишон дода шудааст, ки фалсафаи дин назарияи умумии диншиносиро, бар хилофи онҳо, ки ин мақому вазифаи фалсафаи динро инкор мекунанд, ташкил медиҳад. Фалсафаи дин бо ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии дин, тасвири олам, баррасии назарияҳои илоҳиётшиносӣ, муайян кардани роҳу равиши таҳқиқ машғул аст. Аз ин ҷиҳат он мақоми муҳиме дар диншиносӣ дошта, чун қисмати назариявии он дигар қисматҳои диншиносиро ба ҳам муттаҳид месозад. Ин фикр дар мақола дар асоси фактҳои зиёди таърихӣ ва мақоме, ки фалсафаи дин дар гузашта дошт, таҳлил шудааст. Бо вуҷуди чунин мақоми муҳим доштани фалсафаи дин, дар мақола нишон дода шудааст, ки фалсафаи дин диншиносии илмиро пурра дар бар намегирад, балки як

қисми он аст. Инчунин, дар мақола раванди таҳаввулоти фалсафаи дин баён шуда, шаклҳои таърихии он зикр гардидаанд. Хусусияти методологии фалсафаи дин, ки усулҳои таҳқиқи фалсафаи динро муайян мекунад, махсусан таъкид шудааст. Ин методҳои фалсафӣ ва назариявӣ марбут ба фалсафаи дин баррасӣ шуда, моҳияти онҳо дар таҳқиқи дин ва фалсафаи динӣ муайян гардидаанд. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки фалсафаи дин на фақат қисми назариявии динро фаро мегирад, балки роҳу усулҳои таҳқиқи динро низ асоснок мекунад.

**Калидвожаҳо:** фалсафаи дин, илоҳиёт, материализм, натурализм, назария, методология, диншиносии илмӣ, усулҳои таҳқиқ, неопозитивизм, синкретизм, фалсафаи теологӣ.

## ФИЛОСОФИЯ РЕЛИГИИ КАК ОБЩАЯ ТЕОРИЯ И МЕТОДОЛОГИЯ РЕЛИГИОВЕДЕНИЯ

Философия религии является важнейшей частью научного религиоведения. Объектом философии религии являются теоретические и методологические вопросы не только религии, но и философской теологии. К их числу можно отнести религию как форму общественного сознания, основные этапы развития и эволюции религиозного сознания, религия как форма человеческого бытия, общее теоретические вопросы религиоведения, изучение целого комплекса проблем (бытие бога, бог и история, религиозные потребности и переживания человека и т.д.), к философии религии можно отнести почти всех философов, как материалистов, так и идеалистов, которые проявляли интерес к проблемам религии, в том числе критические высказывания философов. На этом основании к философии религии можно отнести учения представителей неопозитивизма и аналитической философии. Ориентированная на онтологическую проблематику философия религии разрабатывает общее бытие бога и мира. Философия религии рассматривает также гносеологические аспекты богопознания и религиозного сознания и уходит своими корнями в античность, где получила более отчетливый светский, натуралистический характер. В период Возрождения, Просвещения и Нового времени усилился критический характер философии по отношению к религии. Вопросы общей методологии исследования религии также стали объектом философии религии. Разработанные философией религии общенаучные методы, а также теоретические методы находятся в центре проблематики философии религии. Разработка методов исследования в связи с комплексным подходом к вопросам религиоведения приобрела большую актуальность на современном этапе, особенно под влиянием феноменологии и семиотики. Это привело к тому, что современная философия религии больше стала заниматься общеметодологическими проблемами религиоведения. Эти и другие вопросы более подробно анализированы в данной статье.

**Ключевые слова:** философия религии, теология, материализм, натурализм, теория, методология, научное богословие, методы исследования, неопозитивизм, синкретизм, теологическая философия.

## PHILOSOPHY OF RELIGION AS A GENERAL THEORY AND METHODOLOGY OF RELIGIOUS STUDIES

The philosophy of religion is the most important part of scientific religious studies. The objects of the philosophy of religion are theoretical and methodological issues not only of religion, but also of philosophical theology. These include religion as a form of social consciousness, the main stages in the development and evolution of religious consciousness, religion as a form of human existence, general theoretical issues of religious studies, the study of a whole range of problems (the existence of God, God and history, religious needs and human experiences, etc.) etc.) almost all philosophers, both materialists and idealists, who showed interest in the problems of religion, including critical statements of philosophers, can be attributed to the philosophy of religion. On this basis, representatives of neo-positivism and analytical philosophy can be attributed to the philosophy of religion. The philosophy of religion, focused on ontological problems, develops the common existence of God and the world. The philosophy of religion also considers the epistemological aspects of knowledge of God and religious consciousness and goes back to antiquity, where it acquired a more distinct secular, naturalistic character. During the period of the Renaissance, the Enlightenment and the New Time, the critical nature of philosophy in relation to religion increased. Questions of the general methodology of the study of religion have also become the object of the philosophy of religion. The general scientific methods developed by the philosophy of religion, as well as theoretical methods, are at the center of the problems of the philosophy of religion. The development of research methods in connection with complex approaches to the issues of religious studies has acquired great urgency at the present stage, especially under the influence of phenomenology and semiothec. This led to the fact that modern philosophy of religion began to deal more with the general methodological problems of religious studies. These and other issues are analyzed in more detail in the bottom article.

**Keywords:** philosophy of religion, theology, materialism, naturalism, theory, methodology, scientific theology, methods of research, neopositivism, syncretism, theological philosophy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахмедов Саид*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.

**Сведение об авторе:** ***Ахмедов Саид*** – Таджикский национальный университет, доктор философских наук, профессор кафедры онтологии и теории познания философского факультета**.** **Адрес:** 734025, РеспубликаТаджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Akhmedov Said*** - Tajik National University, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Ontology and Epistemology of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

УДК:130.1(575.3)

# ТАСНИФОТИ ИЛМҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ ҚУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

*Амирхон Ш.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таснифоти илмҳо масъалаи муҳимтарини фалсафа буда, дар марҳилаҳои мухталифи рушди афкори фалсафӣ таваҷҷуҳи мутафаккиронро ба худ ҷалб намудааст. Имрӯз низ масъалаи мазкур аҳамияти илмии худро нигоҳ дошта, дар доираи "раванди баҳамоии илмҳо" (интеграция науки) ва "тақсимоти илмҳо" (дифференсация науки) мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Ба назари муҳаққиқон, "дар марҳилаҳои аввали даврони атиқа илми ягонаю муштарак, яъне умуман илм маҳсуб мешуд, чунки дифференсиатсия (тақсимшавӣ)-и дониш ба фанҳои мушаххас ҳанӯз ҷой надошт ва бо гузашти айём аз таркиби фалсафа илмҳо, фанҳо аз ҷараёнҳои гуногун ҷудо шуда мустақил шуданд" [11, с.3]. Албатта, андешаи фавқ қобили пазириш аст, зеро дар марҳилаҳои баъдӣ равияҳои зиёди илмие пайдо шуданд, ки дар ниҳоят ҳамчун илмҳои мустақил шинохта шуданд. Илова бар ин, назарияҳои мухталифе пешниҳод гардиданд, ки вобаста ба мазмуну муҳтавояшон онҳоро метавон раҳёфтҳои ҷолиб ҷиҳати шинохти илм ҳамчун фаъолияти эҷодии инсон, таҳлили қонуниятҳои таҳаввули тафаккур, муайянкунандаи механизми сатҳи фаҳмиши илмӣ ва истифодаи хушбинии дурнамои ҷустуҷӯи башарият арзёбӣ намуд. Ба гунаи мисол, дар асри гузашта (асри XX) назарияҳои илмие шакл гирифтанд, ки доир ба шинохти илм ҳамчун падидаи фарҳангӣ фаҳмишҳои мухталифро ба бор оварданд. Ба ин қатор, метавон усулҷӯии релятивӣ, ки аз ҷониби Г. Кун, маърифатшиносии таҳаввулотӣ, ки аз ҷониби Ж. Пиаже ва К. Халвеч, назарияи илмии ратсионалӣ, ки аз ҷониби Л. Лау-Дан, феноменологияи илмӣ, ки аз ҷониби Э. Гуссерл ва дурнамои рушди коэволюсионии илмиро, ки аз ҷониби Картинская В.С., Моисеев Н.Н. [3] пешниҳод шудаанд, ворид намуд, ки ҳамагӣ дорои арзиши илмӣ мебошанд ва дар замони ҳозир низ ҷонибдорони худро доранд.

Тавре ёдрас шудем, таснифи илмҳо, ки ба андешаи Вилгелм Вундт "вазифаи қонунии фалсафа мебошад" [5, с.44], ҳанӯз аз аҳди бостон шурӯъ гардида, илмро ҳамчун низоми ягона ва дорои равияҳои зиёд мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ин тарзи муносибат, аз фарҳанги Юнони бостон сарчашма гирифта, минбаъд дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик васеътар ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Яъне, аввалин низоми таснифи комили илм дар таърихи фалсафа, ки ба таври назариявӣ ва асоснокшуда донишҳо гурӯҳбандӣ шуда, ҳамчун сарчашмаи муътамади таснифи минбаъдаи илм, аз он ҷумла мутафаккирони машшоӣ шинохта шудааст, фалсафаи Юнони қадим мебошад. Дар ин фалсафа низоми мантиқии донишҳо шакл гирифта, идеяи комили таркиби мантиқии донишҳо ва мувофиқати онҳо ба воқеияти тартиби физикии олам ба миён омада, вале "фарқияти байни илм ва фалсафа вуҷуд надоштааст" [12, с.455]. Муҳимтар аз ҳама, ин ба вуҷуд омадани мафҳуми "табиат" буд, ки аз тарафи файласуфони Юнон, берун аз фаҳм ва аломатҳои асотирӣ-динӣ ва зебоишиносиву ахлоқӣ қарор дошт [4, с.127].

Ба таври мушаххас, фалсафаи Юнони қадим, шурӯъ аз мактаби фалсафии Миллет то Академияи Афлотун, ҳамагӣ ҷиҳати муайян намудани илм ва ба таври системавӣ тасниф кардани он аз ҷониби Арасту, хизмати арзишманд кардаанд. Арасту бо таъсирпазирӣ аз назариёти мутафаккирони пешин аввалин шуда, фалсафаро ҳамчун низоми илмии энсиклопедӣ ба вучуд овард. Ӯ, пеш аз ҳама, фалсафаро аз тамоми илмҳои дигар ҷудо карда, мавзӯъ ва доираи омӯзиши онро равшан менамояд. Ногуфта намонад, ки мутафаккир илми мазкурро баъзан ҳаммаъно бо санъат (офаринандагӣ) низ медонад, ки дар асоси маҷмӯаи таҷрибаандӯзии ҳаётӣ дастрас мешавад. Тибқи назари Арасту, дониш дар маънои васеаш санъати офаринандагӣ буда, аз доштани маҳорати офаринандагии инсон дарак медиҳад. Яъне, донише, ки инсон метавонад кореро анҷом диҳад, мисли дӯхтани либос, тайёр кардани хурок, сохтани хона, табобати бемор, тартиб додани ҳукми судӣ ва ғайра [7, с.331-337]. Вобаста ба ҳамин хусусият, Арасту фалсафаро ба ду қисм - фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ ҷудо мекунад, ки ин амал ҳамчун таснифоти бунёдӣ ҷиҳати шинохти илм дар фалсафаи баъдина гаштааст.

Ҳамчунон ки ёдрас шудем, Арасту вобаста ба мазмун ва муҳтавои донишҳо онҳоро

тақсимбандӣ намуда, байни ин ду навъ донишҳо фарқ мегузорад. Ба фалсафаи амалӣ - ахлоқ, иқтисод ва сиёсат, ки онҳо дар мувофиқа ба се навъи некуӣ – некуии шахс, оила ва давлат тааллуқ мегиранд, ворид мешаванд. Фалсафаи назарӣ бошад, дар таърифи мутафаккир ҳамчун маърифати мавҷуд ё ҳақиқати ҳастӣ аст ва илм дар бораи олитарин ва комилтарини донишҳост. Он илмест, ки аз сабаби сабабҳо ва оғози ҳамаи мавҷудоти тағйирёбанда ва устувор, донишҳои далелнок ва дуруст ва дониш дар бораи абадият ва азалиятро ба мо мефаҳмонад [7, с.335-336].

Хулоса, Арасту дар таснифоти худ тавонист, он улумеро, ки пеш аз ӯ вуҷуд дошт, дар як низоми илмӣ устувор созад ва дар ҳар як илм мабодии таълимӣ дуруст кунад. Ҳамзамон, илми мантиқро ҳамчун «олоти маърифатпазир» ба вуҷуд оварад, ки баъдан дар тамоми марҳилаҳои ташаккули мактабҳои фалсафии баъдинаи Шарқу Ғарб то ба имрӯз таъсир расонида, мавриди эътироф қарор гирифтааст.

Бо таъсирпазирӣ аз таълимоти ратсионалистии юнонӣ дар кишварҳои Шарқи исломӣ низ аз асри аввали ҳиҷрӣ шурӯъ карда, ба таснифот ва тақсимбандии илмҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Мутафаккирони асримиёнагӣ, пеш аз ҳама, фалсафаро мадди назар гирифта, онро ҳамчун ҳикмат ба назариву амалӣ ҷудо карданд. Яъқуби Киндӣ нахустин файласуфест, ки дар доираи сабки юнонӣ илмҳоро тасниф намудааст, ки ба рушди минбаъдаи ин соҳа такони ҷиддӣ додааст [1, с.137].

Абӯнасри Форобӣ дар асари хеш «Эҳсо-ул-улум» ва Ибни Сино дар «Ақсом ул-улум ал-ақлия» табақабандии илмҳоро дар шакли олӣ анҷом додаанд. Абӯнасри Форобӣ сабаби даст задани худ ба таснифи илмҳо ва иншои китоби “Эҳсо-ул-улум”-ро шарҳ дода чунин менависад: “Қасди ман аз ин китоб он буд, ки улуми машҳурро яке бишуморем. Ва ба иҷмоли мавзӯи ҳар як аз онҳо огоҳ шавем ва ҳар якро, ки ҷузъҳое бошад, ба аҷзои он воқеъ гардем ва ҳамчунин аҷзои он аҷзо. Ва онро дар панҷ фасл овардем. Нахуст дар илми забон ва аҷзои он, дуюм дар улуми таолим, сеюм дар илми табиӣ ва аҷзои он ва чаҳорум дар илми илоҳӣ ва аҷзои он, панҷум дар илми маданӣ ва аҷзои он ва шашум илми фиқҳ ва илми калом” [13, с.198]. Форобӣ дар тақсимбандии худ аз илмҳо фақат ба донишҳои «аслӣ» таваҷҷуҳ намуда, донишҳои фаръиро фурӯ гузоштааст. Донишҳо, аз нигоҳи вай, ба мисли Арасту ба ду бахш - назарӣ ва амалӣ тақсим мешаванд. Илмҳои амалӣ аз «илмҳои маданӣ», дониш ва шаклҳои идораи шаҳр (полис) иборат мебошанд.

Абӯалӣ ибни Сино бошад, “дар инкишофи илми фалсафа саҳми назаррас дорад..... Ӯ ба мисли файласуфони юнонӣ улуми фалсафиро ба назариву амалӣ ҷудо намуда бошад ҳам, вале дар зерсохтори он мавзӯи таҳқиқ, муносибат ба ҳастӣ ва қавонини мантиқӣ ба назар гирифта мешавад, ки дар он давра мафкураи комилан нав ба ҳисоб меравад” [2, с.125].

Дар пайравӣ аз донишмандони зикргардида, Қутбиддини Шерозӣ низ ба таснифоти илмҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ин мутафаккир дар ҷилди аввали асари барҷастаи хеш «Дуррат-ут-тоҷ» доир ба мафҳуму моҳият, таъриф ва сохтори дониш андешаронӣ намуда, зикр менамояд, ки: “Аввал бидон, ки чизҳо бар чаҳор қисм аст: яке он ки ақлу ҳикмат муқтазии он бошанд ва бад-он розӣ ва нафсу шаҳват на. Чун беморӣ ва дарвешӣ ва бемадорӣ. Дувум он ки нафс ба-дон розӣ бувад, аммо ақл розӣ набвад. Чун лаззатҳои нафсонӣ ва шаҳватҳои ҷисмонӣ. Сеюм он ки ҳам ақл ва ҳам нафс бад-он розӣ бошанд ва он илм аст. Чаҳорум он ки ақл бад-он розӣ бошад на нафс ва он ҷаҳл аст» [8, с.112].

Аз ин иқтибос бармеояд, ки мутафаккир на ҳама донишҳоро илм меҳисобад ва онҳоро ҷавобгӯ ба меъёрҳои илмият медонад. Албатта, мафҳуми дониш фарогирандаи маълумот ва ахборотҳои муҳимме ҳастанд, ки дар фалсафаи муосир онҳоро ба муқаррарӣ, асотирӣ, динӣ, бадеӣ-образӣ, инфиродӣ, илмӣ ва ғайраҳо ҷудо менамоянд, вале ҳамин муносибат ҳанӯз аз ҷониби Қутбиддини Шерозӣ сурат гирифта буд. Мутафаккир, доир ба мафҳуми илм ҳамчун шакли ташаккулёфтаи дониш чунин менависад: “Илм идроке бошад, ки мутааллиқи ӯ муҳтамили нақиз набошад ба ҳеҷ ваҷҳ, яъне на дар воқеъ ва на ъиндаззокир…. Ва эътиқоди мутлақи идрокӣ, ки мутааллиқи ӯ муҳтамили нақиз набошад, ъиндаззокир лав қадара ва муҳтамили нақиз бошад ба ташкики мушаккак. Ва эътиқоди саҳеҳи идрокӣ, ки мутобиқи воқеъ бошад ва мутааллиқи ӯ муҳтамили нақиз набошад, илло биташкики мушаккак” [8, с.148].

Ҷиҳати исботи андешаи худ Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди афзалият доштани

дониши илмӣ бар дигар шаклҳои дониш якчанд далел меоварад, ки ҷолиби диққат ҳастанд. Аз ҷумла, мегӯяд: “Далоили ақлӣ бар фазилати илм бисёр аст, валекин мо бар чаҳор далел иқтизо кунем: аввал, фазилати ҳар чиз дар камоли он тавонад буд, чун фазилати дида дар камоли қуввати босира, фазилати гӯш дар камоли қуввати сомеа. Фазилати даст дар камоли қуввати ботишад. Ва камоли ҷасад бо он бошад, ки дар вай рӯҳ бошад ва камоли рӯҳ бо он бувад, ки дар вай илму ҳикмат бувад. Пас, камоли одамӣ ба илму ҳикмат бошад. Дувум, фазилати ҳайвон бар ҷамод бо идрок аст, зеро ки ҳайвон бо ҷамод мушорик аст дар ҷисм ва мумтоз ба ҳаёт, ки сабаби сиҳати илм ва идрок аст. Ва чун ҳайвонро илм ба маҳсусот ҳосил аст ва ҷамодро қуввати идрок на. Лоҷарам ҳайвон аз ҷамод фозилтар бошад. Ва баъзе ҳайвонот аз баъзе фозилтар бувад, чунонки ҳар ҳайвоне, ки идроки бештар маҳсусот кунад, фозилтар аз он бошад, ки идрокаш камтар аз он бошад. Масалан, ҳайвоне босира дорад, фозилтар бошад аз ҳайвоне, ки босира надорад, чун ақраб. Ва одамӣ бо ҳайвон агарчи мушорик аст, дар идроки ҷузъиёт, аммо мумтоз аст бо идроки куллиёт. Чунки одамиро илм ба ҷузъиёт ва куллиёт ва олати идроки ҳама дорад ва аз ин ҷиҳат аз ҷумлаи ҳайвонот фозилтар омад ва ин далеле қотеъ аст бар он ки илм аз ҳама чизҳо фозилтар аст. Сеюм, фазилати ғайри ъинайн бар ъинайн (марде, ки тавоноии ҷимоъ надорад) ҷуз ба виҷдон ва фиқадони (гум кардан) баъзе аз идроки ҳиссӣ нест, ҳамчунин фазилати басир бар аъаме ва идроки ақлии комилтар ва шарифтар аз идроки ҳиссӣ аст. Пас ҳар киро қуввати оқила комилтар бошад, ӯ фозилтар ва шарифтар бувад. Чаҳорум, идроки қувваи ақлӣ доимтар аст аз идроки қувваи ҳиссӣ, чунонки қуввати ақлӣ фосид намешавад ба фасоди бадан ва қуввати ҳиссӣ фосид мешавад ба фасоди бадан ва шак нест, ки идрок доим комилтар бошад аз идроки ғайри (доим) комил....” [8, с.126-129].

Ҳамин тариқ, Қутбиддини Шерозӣ андешаи худро доир ба махсусиятҳои дониши илмӣ тақвият бахшида, дар тафовут аз файласуфони пешгузаштаи худ, донишҳоро ба фалсафӣ ва ғайрифалсафӣ тақсим намуда, пасон ба назарӣ ва амалӣ қисмат менамояд. Тибқи назари мутафаккир, «...илм ба маънии саноат ба ҳикамӣ ва ғайриҳикамӣ ва ғайриҳикамӣ ба улуми динӣ ва ғайридинӣ тақсим мешавад» [8, с.151]. Аз ин маълум мегардад, ки илмҳои фалсафӣ дар таълимоти ӯ мавқеи шоистатар дошта, ба меъёри илмият ҷавобгӯ мебошанд. Тавре ки мутафаккир дар идома таъкид менамояд: «илм аънии саноате, ки лобуд бошад дар он аз мазовалати назарӣ он аст, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам нисбате воҳид бошад ва ба тағйири имкана ва азмина ва табаддули милал ва дувал мутабаддал нашавад. Чун илми ҳайати афлок ва илми ҳисоб ва илми ахлоқ. Вале он ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам якнисбат набошад. Чун илми фиқҳ, шариате аз шароеъ, ки замоне маҳфуз монад ба нисбат бо ашхосе муайян ва он гоҳ мутабаддил шавад. Ва чун илм ба луғате аз луғот, чи он илм бошад ба қиёс бо асҳоби он луғат дуни ғайри ҳам. Ин қисмро ҳикмат нахонанд ва аввалинро ҳикмат хонанд. Ва ӯ афзали илме аз улум аст» [8, с.152].

Агар, андешаи Қутбиддини Шерозиро дар мавриди таснифоти илм бо таълимоти Абӯалӣ ибни Сино қиёс намоем, маълум мегардад, ки Ибни Сино усули Арастуро дар ин маврид тақвият дода, бо каме ҷузъиёт онро таҳқиқ намудааст. Қутбиддини Шерозӣ бошад, пеш аз он ки донишҳоро ба назариву амалӣ тақсим намояд, меъёри илмияти дониш ва фалсафиву ғайрифалсафӣ будани онҳоро муайян месозад. Маҳз ҳамин усули мутфаккир дар фалсафаи муосир ҷонибдорони зиёд пайдо намуда, «донишҳоро ба зеҳниву ҳиссӣ, муқаррариву илмӣ, таҷрибавию назариявӣ, бунёдиву амалӣ, фалсафию илмӣ-тахассусӣ ва табиатшиносиву гуманитарӣ» [11, с.47] тақсим кардаанд, вале аз Қутбиддини Шерозӣ ҷое ном бурда намешавад.

Ҷанбаи дигари ҷолиби таълимоти Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди таснифоти илм, ба ҳайси илми фалсафӣ эътироф накардани улуми динӣ мебошад. Мусаллам аст, ки дар асрҳои миёна идеологияи ҳукмрон дин буд ва бештари мутафаккирон улуми диниро афзалтар медонистанд, вале Қутбиддини Шерозӣ ин қолаброро мешиканад: «Ва улуми ғайриҳикамӣ, агар бар муқтазии назари шореъ аст, динӣ гӯянд ва илло ғайридинӣ. Ва моро бо ҳикамӣ ва динӣ кор аст» [8, с.152].

Мутафаккир, нахуст илмҳои фалсафиро тасниф намуда, дар равиши андешаҳои Ибни Сино ва мутафаккирони ақлгарои пешин (Арасту) фалсафаро «маърифати ҳамаи ашё ба қадри тоқати инсонӣ» [6, с.101] таъриф дода, чунин зикр менамояд: «Аммо тақсими ҳикамӣ: Аввал бидон, ки ҳикмат дар урфи аҳли маърифат иборат бувад аз донистани

чизҳо чунонки бошад ва қиём намудан ба корҳо чунонки бояд биқадри иститоат, то нафси инсонӣ ба камоле, ки мутаваҷҷеҳи он аст, бирасад ва чун чунин бувад ҳикмат мунқасим шавад ба ду қисм: яке илм ва дигаре амал. Илм тасаввури ҳақоиқи мавҷудот бувад ва тасдиқ биаҳком ва лавоҳиқи он. Чунонки фи нафс-ил-амр бошад ба қадри қуввати инсонӣ. Ва амал мумарасти ҳаракот ва мазовалати саноот аз ҷиҳати ихроҷи он чи дар ҳайзи қувват бошад ба ҳадди феъл, ба шарти он ки муаддӣ бувад аз нуқсон ба камол бар ҳасби тоқати башарӣ. Ва ҳар кӣ ин ду маънӣ дар ӯ ҳосил шавад, ҳакиме комил ва инсоне фозил бувад ва мартабаи ӯ баландтарин маротиби навъи инсон бошад. Ва чун илми ҳикмат донистани ҳама чизҳост чунонки ҳаст, пас бо эътибори инқисоми мавҷудот мунқасим шавад ба ҳасби он иқисом ва мавҷудот ду қисманд: яке он чи вуҷуди он мавқуф бар ҳаракоти иродии ашхоси башарӣ набошад; дувум он чи вуҷуди он мунавват ба тасарруф ва тадбири ин ҷамоат бувад. Пас илм ба мавҷудот низ ду қисм бувад: яке илм ба қисми аввал ва онро ҳикмати назарӣ хонанд ва дигаре илм ба қисмати дувум ва онро ҳикмати амалӣ хонанд» [8, с.153-154].

Албатта, чунин фаҳмиш дар таълимоти Ибни Сино низ дида мешавад. Тибқи хулосаи академик М. Диноршоев, «Ибни Сино дар ҳамаи асарҳояш улуми фалсафиро ба ду қисм тақсим менамояд: 1) улуми фалсафии назарӣ, ки моро аз вазъ ва ҳолати ҳастии ашё, ки вуҷудашон аз феъли мо вобаста нест, огоҳ месозад. Ҳадафи ин улум танҳо даст ёфтан ба дониши яқинӣ аст; 2) улуми фалсафии амалӣ, ки моро аз вазъ ва ҳолати ҳастии ашёе, ки вуҷудашон аз феъли мо вобаста аст, огоҳ мекунад» [6, с.103]. Аз ин маълум мегардад, ки Қутбиддини Шерозӣ равиши ратсионалистии Ибни Синоро идома додааст.

Қутбиддини Шерозӣ фалсафаи назариро низ ба ду қисм тақсим менамояд. Мувофиқи андешаи ӯ, «ҳикмати назарӣ мунқасим шавад ба ду қисм: яке илм бо он чи мухолитати модда шарти вуҷуди ӯ набвад, чун Худо ва уқул, нуфус, ваҳдат, касрат ва амсоли эшон аз умури омма. Ва дигар илм бо он чи то мухолити модда набвад, мавҷуд натавон буд. Ва ин қисми охир боз ду қисм аст: яке ин ки эътибори мухолитати модда шарт набвад дар таақкул ва тасаввури он: чун завҷ ва фард ва мураббаъ ва мусаллас ва кура ва доира ва амсоли он. Дувум, он чи бо эътибори мухолитати модда маълум бошад, чун маодин ва набот ва ҳайвон. Пас, аз ин рӯй ҳикмати назарӣ ба се қисм шавад: мобаъдуттабиа, риёзиёт, табииёт. Аввалро илми аъло, дувумро илми авсат ва сеюмро илми асфал хонанд ва ҳар яке аз ин улум муштамил бувад бар чанд ҷузв, ки баъзе аз он ба мусобати усул бошад ва баъзе ба манзалати фуруъ. Аммо усули аввал ду фан бувад: яке маърифати Аллоҳ ва муқаррабони ҳазрати ӯ мабодӣ ва асбоби дигар мавҷудот шудаанд, чун: уқул ва нуфус ва аҳкоми афъоли эшон ва онро илми илоҳӣ хонанд. Дувум, маърифати умури куллӣ, ки аҳволи мавҷудот бошанд аз он рӯй, ки мавҷуданд, чун: ваҳдату касрат, вуҷуб ва имкон, ҳудус ва қидам ва ғайри он ва онро фалсафаи уло хонанд. Ва фуруи он чанд навъ бувад, чун маърифати нубувват ва имомат ва аҳволи маод ва он чи бад-он монад. Ва аммо усули илми риёзӣ чаҳор навъ аст: аввал маърифати мақодир ва аҳкоми лавоҳиқи он ва онро илми ҳандаса хонанд. Дувум, маърифати аъдод ва хавоси он ва онро илми адад хонанд. Сеюм, маърифати ихтилофи авзои аҷроми улвӣ ба нисбат бо якдигар ва бо аҷроми сифлӣ ва мақодири ҳаракот ва аҷром ва абъоди эшон ва онро илми ҳайат ва илми нуҷум хонанд. Ва аҳкоми нуҷум хориҷ афтад аз ин навъ. Чаҳорум маърифати насаби муаллифа ва аҳволи он ва онро илми таълиф хонанд. Ва чун дар овозҳо ба кор доранд, бо эътибори таносуб бо якдигар ва каммияти замони сукунот, ки дар миёни овозҳо афтад, онро илми мусиқӣ хонанд. Ва фуруи илми риёзӣ чанд навъ бувад, чун илми манозир ва мароё ва илми ҷабр ва муқобила ва илми ҷарри асқол ва илми масоҳат ва ғайри он, чун илми ҷамъу тафриқ, беҳунарӣ ва илми ҳиял, чун сандуқ, соат ва амсоли он. Ва илми мутаҳаррика (авзон) ва мавозин ва илми зийҷот ва тақовим илми нақли миёҳ ва аммо усули илми табиӣ ҳашт синф бувад: аввал, маърифати мабодии мутағайирот, чун замон, макон, ҳаракат, сукун ва ниҳоят лониҳоят ва ғайри он ва онро самои табиӣ гӯянд. Дувум, маърифати аҷсоми басит ва мураккаба ва аҳкоми басояти улвӣ ва сифлӣ ва онро само ва олам гӯянд; маърифати аркон ва аносир ва табаддули сурат бар моддаи муштарак, ки онро илми кавну фасод гӯянд; чаҳорум, маърифати асбоб ва илали ҳудуси ҳаводиси ҳавоӣ ва аразӣ, монанди раъду барқ, соиқа ва борон, барфу зилзила ва он чи бад-он монад ва онро осори улвӣ хонанд; панҷум, маърифати мураккабот ва кайфияти таркиби он ва онро илми маодин хонанд; шашум, маърифати аҷсоми номия ва нуфус ва қувваи он ва онро

илми набот хонанд; ҳафтум, маърифати аҳволи аҷсоми муҳаррика ба ҳаракати иродӣ ва мабодии ҳаракот ва аҳкоми нуфус ва қувваи он ва онро илми ҳайвон хонанд; ҳаштум, маърифати аҳволи нафси нотиқаи инсонӣ ва чигунагии тадбир ва тасаррyфи ӯ дар бадан ва онро илми нафс хонанд. Ва фуруи илми табиӣ низ бисёр бувад, монанди: илми тибб ва илми аҳкоми нуҷум ва илми фалоҳат ва ғайри он, чун илми фаросат, ки истидлол аст хулқ бар хулқ ва илми таъбир, илми кимиё (макру ҳила) ва илми тилисмот, ки иборат аст аз тамзиҷи қувваи самовӣ ба қувваи баъзе аҷроми аразӣ, то аз он қуввате ҳосил шавад, ки мабдаи феълии ғариб шавад дар ин олам. Ва илми найранҷот, яъне тамзиҷи қувваи аразӣ баъзе бо баъзе то аз он ҷо қуввате бо дид ояд, ки аз ӯ феъле ғариб содир шавад» [8, с.154-157].

Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди илми мантиқ низ аз Ибни Сино пайравӣ намуда, онро ҷиҳати андешаи дуруст ва дарёфти ҳақиқати ашё муҳим мешуморад. Мутафаккир дар шинохти илми мантиқ аз Арасту ёдоварӣ намуда, зикр менамояд, ки: «Ва аммо илми мантиқ, ки ҳаким Аристотолис онро мудавван кардааст ва аз қувват ба феъл овардааст, мақсур аст бар кайфияти донистани чизҳо ва тариқи иктисоби маҷҳулот. Пас, ҳақиқати он илм аст ба илм ва манзалати одот (таҳсилот) дигар улумро ва ӯ нуҳ қисм аст: аввал исоғуҷӣ, яъне мадхали мантиқ муштамил бар ақсоми алфоз ва куллиёти хамсаи муфаррада: ҷинс, навъ, фасл, хосса ва арази ом; дувум, қотиғуриёс, яъне мақулоти ашр; сеюм, борирминиёс, яъне иборат муштамил бар абҳоси қазоё; чорум, қиёс; панҷум, бурҳон ва ҳадди бо он ёд кунанд; шашум, ҷадал; ҳафтум муғолита; ҳаштум, хиоба; нуҳум шеър» [8, с.157].

Доир ба фалсафаи амалӣ бошад, Қутбиддини Шерозӣ чунин андеша дорад: «Ва аммо ҳикмати амалӣ ва он донистани масолеҳи ҳаракоти иродӣ ва афъоли саноии навъи инсонӣ бувад бар ваҷҳе, ки муаддӣ бувад ба низоми аҳволи маош ва маоди эшон ва муқтазии расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сӯйи он, ҳам мунқасим мешавад ба ду қисм: яке он ки роҷеъ бувад ба ҳар нафсе биинфирод; ва дигарończи роҷеъ бувад ба ҷамоате ба мушорикат. Ва қисми дувум низ, ба ду қисм шавад: яке он чи роҷеъ бувад бо ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар манзил ва хона; дувум, ончи роҷеъ бувад ба ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, бал иқлим ва мамлакат. Пас, ҳикмати амалӣ низ се қисм бувад: таҳзиби ахлоқ, тадбири манозил ва сиёсати мудун» [8, с.160].

Мутафаккир пас аз баррасии улуми фалсафӣ ба хулосае меояд, ки танҳо қисматҳои зикршудаи фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ асоси тамоми илмҳои дигар ҳастанд. Ҳамин аст, ки бо ҷиддият таъкид менамояд, ки: «бидон, ки уммаҳоти улуми ҳикмат ин шаш қисм аст: се назарӣ ва се амалӣ. Ва ҳар илме ҷузве мунтасиб бошад ба яке аз онҳо» [8, с.155].

Қутбиддини Шерозӣ, бо вуҷуди он ки илмҳои диниро илми фалсафӣ намешуморад, вале ба таснифи онҳо низ даст задааст. Тавре ки менависад: «Ва аммо тақсими улуми динӣ бар ҳамин саёқат: аввал, бидон, ки улуми мутлақа бар се қисм аст: аввал он ки ба ақл тавон донистан ва ба нақл натвон донистан ва ин қисмро улуми ақлӣ хонанд. Дувум он ки ба нақл тавон донистан ва ба ақл натвон донистан ва ин илмро улуми нақлӣ хонанд. Севум он ки ҳам ба ақл тавон донистан ва ҳам ба нақл ва ба сабаби тараккуби ин қисм аз ақлу нақл ва тақаддуми ақл бар нақл ин қисмро низ аз қисми ақлӣ мегиранд» [8, с.164].

Хулоса, Қутбиддини Шерозӣ таснифоти илмро аз муҳимтарин мавзӯоти фалсафӣ granista, пеш аз баёни матолиби худ даст ба баёни фазилати илм, таълим ва дарёфти донишҳои ақлӣ задааст. Ногуфта намонад, ки ҳангоми таснифи улуми динӣ такя ба ахбор ва оёти шаръӣ мекунад, ки мувофиқ ба низоми кулли таълимоти ӯ нест. Яъне, мутафаккир дар ин маврид як андоза методологияи таҳқиқи худро халалдор менамояд. Аз ҷумла, шинохти нубувват ва сифоти Офаридгорро дар доираи донишҳои ақлӣ (донишҳои диниро ба ақлӣ ва нақлӣ ҷудо карда буд) мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки чандон қобили қабул нестанд. Яъне, масоили зикргардида танҳо дар доираи эътиқод ва нақл пазируфта мешаванд. Шояд мутафаккир вазъи фарҳангии замонро ба инобат гирифта, чунин андешаронӣ карда бошад [8, с.155].

Бо назардошти андешаи зикршуда метавон хулоса намуд, ки Қутбиддини Шерозӣ мутафаккири ақлгаро буда, аз рӯйи методологияи илмӣ фаъолият намудааст. Агар равиши андешаҳои мутафаккирро бо замони муосир муқоиса намоем, фалсафаи ӯ, ки фарогири қисмати назарӣ ва амалӣ аст, қобили қабул хоҳад буд. Шинохти мантиқии табиёт,

риёзиёт, метафизика, ахлоқ, фалсафаи манзилдорӣ ва сиёсати маданӣ барои ҷомеаи имрӯз низ аз аҳамият холӣ нест. Ҷиҳати шинохти қисматҳои фалсафаи назарӣ ва амалӣ, ки вобаста ба инкишофи илму техника ва ҷомеаи инсонӣ муносибати ҷадидро тақозо менамоянд, андешаҳои Қутбиддини Шерозӣ ва мутафаккирони дигари ратсионалист нисбат ба шинохи онҳо метавонанд ҳамаҷонибамусоидат намоянд.

**Муқарриз: *Зиёев И.F.* – доктори илмҳои фалсафӣ, профессори ДМТ**


АДАБИЁТ

1. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддини Шерозӣ ва аҳамияти таҳқиқи он // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. -№2(10). -С. 134-142.
2. Амондуллоев Б.С. Мақоми Абӯалӣ ибни Сино дар ташаккули фалсафаи тоҷик / Б.С. Амондуллоев // Маводҳои семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд". -Душанбе, 2021. -С.122-128.
3. Барсуков И.С. Проблема классификации наук в философии Нового времени: От Бекона до Ф.Энгельса.WWW.google.ru/ классификации наук.
4. Богомолов А.С. Античная философия / А.С. Богомолов. - М., 1985.
5. Вундт В. Введение в философию / В.Вундт. –Москва: ТОО «Добросвет», 1998.
6. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино / М. Диноршоев. - Душанбе, 2011.
7. Коплестон Фридрих Чарлз (Copleston, FrederickCharles) Таърихи фалсафа. (1907). Тарҷумаи Ҷалолиддин Муҷтабавӣ. –Теҳрон: ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1388.
8. Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкуҳ. -Теҳрон, 1369. -Ҷ.1. - Чопи сеюм
9. Мареева Е.В. Философия науки: Учеб. Пособие для аспирантов и соискателей / Е.В.Мареева, С.Н.Мареев, А.Д. Майданский. - М.: ИНФРА-М, 2010.
10. Микешина Л.А. Философия науки: Современная эпистемология. Научное знание в динамике культуры. Методология научного исследования: учеб. пособие/ Л.А. Микешина. — М.: Прогресс-Традиция: МПСИ: Флинта, 2005.
11. Саид Н.С. Фалсафа ва методологияи илм / Н.С.Саид, М.Назаров. - Душанбе, 2016.
12. Ушаков Е.В. Введение в философию и методологию науки: Учебник / Е.В. Ушаков. — М.: Издательство ≪Экзамен≫, 2005.
13. Форобӣ А. Эҳсо-ул–улум. Мутарҷим Ҳусайни Хидевҷам. –Теҳрон, 1364.
14. Франк Филипп. Философия науки. Связ между наукой и философией: Пер. с англ. Г.А. Курсанова. - Москва, 2007. -512с.


## ТАСНИФОТИ ИЛМҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ ҚУТБИДДИН ШЕРОЗӢ


Дар мақола масъалаи шинохти илм ҳамчун шакли такмилёфтаи дониш ва таснифоти он аз назари Қутбиддини Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки мутафаккир дар пайравӣ аз донишмандони пешин, ба мисли Арасту, Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Сино илмҳоро бо методологияи ратсионалистӣ тақсимбандӣ намуда, вале дар тафовут аз онҳо донишҳоро саравал ба фалсафӣ ва ғайрифалсафӣ ҷудо менамояд. Донишҳои фалсафиро иборат аз улуме медонад, ки барои ҳамаи инсоният, новобаста аз мансубияти қавмию нажодӣ ва динию мазҳабӣ яксон ҳастанд, ба мисли «илми ҳайати афлок, илми ҳисоб ва илми ахлоқ». Донишҳои дигар, аз ҷумла донишҳои динӣ фалсафӣ нестанд, зеро бо тағйир ёфтани замон ва мансубияти инсонҳо тағйирпазир мебошанд. Агар Ибни Сино илми фиқҳро ба қатори илмҳои фалсафаи амалӣ ворид карда бошад, пас Қутбиддини Шерозӣ фиқҳро илми фалсафӣ надониста, ба ҳайси илми динӣ, ки қисмате аз он метавонад тавассути ақл дарк шавад, муаррифӣ месозад. Қутбиддини Шерозӣ таснифоти илмро вобаста ба мазмун, муҳтаво, доираи фарогирӣ, ҳадаф ва самти дониш тасниф менамояд, ки бо каме тафовут дар классификатсияи муосири илм қобили қабул мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, таснифоти пешниҳоднамудаи мутафаккирро, ки комилан хусусияти ратсионалӣ дорад, метавон сарчашмаи ташаккули таснифоти муосири илм номид.



**Калидвожаҳо:** дониш, маърифат, илм, фазилати дониш, далоили ақлӣ, донишҳои фалсафӣ, донишҳои ғайрифалсафӣ, донишҳои динӣ, табииёт, риёзиёт, мантиқ, қувваи ақлӣ, идрок, илми ҳайати афлок, илоҳиёт.


## КЛАССИФИКАЦИЯ НАУКИ В УЧЕНИЕ КУТБИДДИНА ШИРАЗИ


В статье обсуждается проблема признания науки как усовершенствованной формы знания и ее классификации с точки зрения Кутбиддина Ширази. Отмечается, что мыслитель, идя по стопам более ранних ученых, таких как Аристотель, Кинди, Фараби и Ибн Сина, разделял науки с помощью рационалистической методологии, но в отличие от них делил знания прежде всего на философские и нефилософские. Он считает философское знание наукой, которая одинакова для всех людей, независимо от их этнической, расовой, религиозной или сектантской принадлежности, такой как наука о небесах, наука арифметика и наука этика. Другие знания, в том числе религиозные, не являются философскими, поскольку они меняются со временем и принадлежностью людей. Если Ибн Сина включил мусульманскую законоведению в число наук практической философии, то Кутбуддин Ширази не считал этого философской наукой, а представлял ее как религиозную науку, некоторые из которых можно понять через разум. Кутбиддин Ширози классифицирует науку в соответствии с ее содержанием, объемом, целью и направлением знания, что приемлемо с некоторыми отличиями в современной классификации науки. Поэтому предложенную мыслителем классификацию, имеющую вполне рациональный характер, можно назвать источником формирования современной классификации науки.

**Ключевые слова:** знание, познания, наука, достоинство знание, рациональные аргументации, философские знание, нефилософские знание, религиозные знание, естествознание, математика, логика, рациональная сила, восприятие, наука о небесах, метафизика.

**CLASSIFICATION OF SCIENCES IN THE TEACHINGS OF**

The article discusses the issue of recognizing science as an improved form of knowledge and its classification from the point of view of Qutbiddin Sherozi. It is noted that the thinker, following in the footsteps of earlier scholars such as Aristotle, Kindi, Pharobi and Ibn Sina, divided the sciences by rationalist methodology, but in contrast to them, divides knowledge primarily into philosophical and non-philosophical. He considers philosophical knowledge to be a science that is the same for all human beings, regardless of their ethnic, racial, religious or sectarian affiliation, such as the science of the heavens, the science of arithmetic and the science of ethics. Other knowledge, including religious knowledge, is not philosophical, as it changes with time and people's affiliation. If Ibn Sina included the science of jurisprudence among the sciences of practical philosophy, then Qutb al-Din al-Shirazi did not consider jurisprudence to be a philosophical science, but presented it as a religious science, some of which can be understood through the mind. Qutbiddin Sherozi classifies science according to its content, scope, purpose and direction of knowledge, which is acceptable with some differences in the modern classification of science. Therefore, the classification proposed by the thinker, which has a completely rational nature, can be called a source for the formation of a modern classification of science.

**Keywords:** knowledge, enlightenment, science, virtue of knowledge, intellectual arguments, philosophical knowledge, non-philosophical knowledge, religious knowledge, nature, mathematics, logic, mental power, perception, the science of the heavens, theology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амирхон Шоҳҳусайни Талбонӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **933-13-20-20**

**Сведение об авторе:** ***Амирхон Шоххусайни Талбони*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, заведующий кафедрой истории философии и социальной философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **933-13-20-20**

**Information about the author:** ***Amirkhon Shokhhusaini Talboni*** - Tajik National University, Ph.D., Head of the Department of the History of Philosophy and Social Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **933-13-20-20**

**УДК:130.1(575.3)**

# ХИРАДГАРОИИ ИМОМИ АЪЗАМ АБӮҲАНИФА

***Абдуллоев И.П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Калому фиқҳи Абӯҳанифа ба ҷараёни ақлгароии динӣ ва фалсафии асрҳои миёнаи халқҳои Шарқи Наздику Миёна алоқаманд аст. Ҳамчунон ки хирадгароӣ дар фиқҳи Абӯҳанифа вуҷуд дорад, каломи ӯ низ ҳамин тавр аст.

Фалсафаи калом як қисми муҳимми фалсафаи тоҷик ба шумор рафта, дар афкори фалсафии Шарқи Наздику Миёна мақоми шоиста дорад. Калом, дар ҳоли ҳозир, фалсафаи дини ислом аст, ки дар асри VII пайдо шудааст. Зарурати офаридани илоҳиёти ислом дар ҳампайвастагии аҳкому ақидаҳои динӣ бо далелҳои ақлӣ ва мантиқӣ буд. Ҷаҳд ибни Дирҳам (вафоташ соли 742) аз аввалин мутакаллимон будааст.

Дар вазъияте, ки муборизаҳои ғоявӣ бо тақозои муқовимати зидди бидъати мазҳабҳои мухталиф давом дошт, калом авҷ гирифт. Пайдоиши илми каломи исломӣ натиҷаи талоше буд, ки барои дифоъ аз усули ақоиди исломӣ дар баробари ҳамлаҳои пайравони адёни дигар ва билхосса масеҳиён, ки бо ҳарбаи мантиқи юнонӣ худро мусаллаҳ карда буданд.

Мавзӯи баҳси калом ҳамчун илоҳиёти ислом ваҳдату зоту сифатҳои Худо, офариниши олам, нубувват, сарнавишт ва сазои охират, адлу ихтиёр мебошад.

Калом дар давоми таърихи худ се марҳиларо тай намудааст. Марҳилаи аввал бо номи муътазилия аст, ки асосгузораш Восил ибни Ато аст. Баъдҳо муътазилия асоси каломи шиа қарор гирифт.

Дар марҳилаи дуюм, каломи ашъарӣ ва каломи мотуридӣ ба вуҷуд омад, ки ҳарду

ҳам каломи суннӣ буда, ба он Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ (870-935) ва Абӯмансур Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотурудӣ (вафоташ-944) асос гузоштаанд.

Дар марҳилаи сеюм бо фалсафа (фалсафаи машшоъ) омехта гардид ва дар ҳалли масъалаҳои ҳастию маърифат рақиби фалсафа шуд. Ба ин хотир ин тамоюл бо номи каломи фалсафӣ машҳур шуд. Пайравони ин тамоюл Муҳаммад Ғазолӣ, Фахриддини Розӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ ва дигарон буданд.

Калом ба василаи пайравони сарсахти хеш, ба монанди Абӯбакри Бокилонӣ, Абӯмалики Ҷувайнӣ, Қушайрӣ, Восил ибни Ато, Амир Убайд, Абулҳузайли Аллоф, Маъмун, Муътасим, Восиқ, Шайх Муфид Абӯисҳоқи Исфароинӣ, Саид Муртазо, Муҳаммад Ғазолӣ, Ибни Халдун ва дигарон бо роҳу равиши ақлгароёна аз ислом пуштибонӣ кардааст. Ин буд, ки фалсафаи калом минбаъд фалсафаи ислом шинохта шуд. Масъалаҳое, ки калом дар доираи онҳо баҳсҳо оғоз кард, дар замони муосир низ диққати донишмандонро ба худ ҷалб сохтаанд. Ба ин хотир асарҳои зиёде дар таҳқиқи илми калом ба нашр расидаанд. Масалан: “Каломи ҷадид” -и Шибли Нӯъмонӣ, “Ошноӣ бо улуми исломӣ” -и Муртазо Мутаҳҳарӣ, “Фалсафаи илми калом” -и Аҳмади Ором, “Таърихи фалсафа дар Эрон ва мамолики исломӣ” ва “Шариати исломия ва тараққиёти маданияти форсӣ” - и Саид Аҳмади Васлӣ, “Илм ва тамаддун дар ислом” -и Саид Ҳусайн Наср, “Бунёди фарҳанги Эрон” - и Садриддин Аҳмади Урмавӣ, “Ақидаҳои ҷамъиятӣ-сиёсии калом” ва ғайраҳо тасдиқи гуфтаҳои болоанд, ки мавзӯоти гуногуни каломӣ дар онҳо матраҳ гардидаанд.

Воқеан, дар ин ҷо таъкид кардан айни муддаост, ки яке аз ҳадафҳои асосии рисолаи мазкур рӯшанӣ андохтан ба проблемаҳои ҳастӣ ва маърифат дар фалсафаи калом ва дигар равишҳои ақлгароёнаи исломӣ мебошад.

Дар натиҷаи ихтилофҳои назариявии фалсафаи машшоъ бо калом, ба василаи Муҳаммад Ғазолӣ калом бо фалсафа омехта мешавад ва ба масъалаҳои ҳастӣ ва маърифат аз дидгоҳи фалсафаи калом таваҷҷуҳ зоҳир мегардад [9, с.190].

Абӯҳанифа дар фаъолияти илмияш, дар таблиғи фиқҳу илм ба мардумоне, ки аз ҳар гӯшаву канор меомаданд, мухлису пайравонӣ ӯ буданд, машғул буд. Толибони Кӯфа аз чаҳор гӯшаву каноре, ки шуҳрати Абӯҳанифа он ҷо ба назар мерасид, ворид мегаштанд ва аз илми ӯ баҳраманд шуда, сипас ба ватани худ барагашта, мардумро таълими фиқҳу калом медоданд. Ба ҳамин иллат маслаку мазҳаби ӯ аз Кӯфа ба Ироқу Форс, Афғонистону Туркистон, Ҳинду Чин, Ҷопону Покистон, Шому Миср, Мағрибу Андалус ва тамоми Аврупо, аз шимол то ҷанубаш, Туркия, Юнон, Югославияи собиқ ва Албания интишор ёфт.

Дар таърифи илми каломи Абӯҳанифа бошад, кофист, ки бигӯем, ки он илмест, дар бораи усули дини ислом.

Илме, ки ваҳдати масоили онро бурҳону далел ташкил мекунад илме, ки ваҳдати масоили он, эътибори ақлӣ дорад.

Бархе аз олимон дар садади он баромаданд, ки барои илми калом таъриф ва ё мавзӯе биёбанд, нозири таъриф ва мавзӯе, ки барои илми фалсафа ҳаст ва назариёти мухталифе дар ин замина иброз кардаанд. Аммо мавзӯи мушаххас доштан марбут ба илме аст, ки ваҳдати масоилаш ваҳдати зотӣ бошад, вале илме, ки ваҳдати масоилаш ваҳдати эътиборист, наметавонад мавзӯи воҳиде дошта бошад.

Як баҳси дигар ин аст, ки чаро ин илм, ки бо номи калом шинохта шуд, дар осори Абӯҳанифа “Фиқҳи акбар” асари каломӣ шинохта шудааст. Қисме гуфтаанд, ба ин сабаб минбаъд он калом номида шуд, ки қудрати дорандаи худро дар сухан ва истидлол инкишоф медиҳад [12, с.214].

Пеш аз он ки ба нақли мазҳабҳои каломӣ бипардозем, лозим аст, ба як ҷараён дар ҷаҳони исломӣ ишора намоем ва он гурӯҳе аз уламои исломӣ аз асл бо калом, яъне баҳси ақлӣ дар масоили усули исломӣ, мухолиф шуданд ва онро бидъат ва ҳаром донистанд. Онҳо бо номи аҳли ҳадис машҳуранд. Аҳмад бини Ҳанбал, ки яке аз аимаи фиқҳии аҳли

тасаннун аст, ба таври куллӣ бо калом, аз каломи муътазилӣ ё ашъарӣ, чи расад ба шиа, мухолиф аст. Ибни Таймийаи ҳанбалӣ фатво ба таҳрими калом ва мантиқ додааст. Малик ибни Аннас бо номи "Савн-ул-мантиқ ва л-калом ани л-мантиқ вал-калом" низ ҳар гуна баҳс ва ковишеро дар масоили эътиқодӣ ғайриҷоиз мешуморад.

Калом баъди рушди пуртаҷаллӣ ва содир шудани усулу ақидаҳои фалсафӣ, яъне марҳилаи сеюми инкишофи худ бо фалсафа омехта шуд, ғайри муҳокимаи масъалаҳои ихтисосӣ ба ҳалли проблемаҳои онтологию гнесеологӣ машғул шуд ва рақиби фалсафа гардид. Ин корро Муҳаммади Ғазолӣ сар кард ва минбаъд Шаҳристонӣ, Фаридаддини Балхӣ, Фахриддини Розӣ, Изуддини Изӣ, Тафтазонӣ давом доданд.

Принсипҳои асосии калом зотан ба машшоия мухолифанд. Дар маркази онтологияи калом масъалаи офариниши олам ва эътирофи маоди ҷисмонӣ қарор дорад. Дар асоси ин таълимоти динӣ мутаккалимон қонуни олами физикиро инкор мекарданд. Онҳо мегуфтанд, ки ҳодисаҳои олам тобеияти сабабият ва қонунияти табиӣ нестанд. Қудрат ва ихтиёри озоди Офаридгор рафти ҳодисаҳоро ҳамеша бевосита тағйир дода метавонад. Пас, инсон низ дар амалиёти худ фаъол ва соҳибихтиёр нест. Вай иҷрокунандаи амри илоҳист, ки ҳамчун тақдири ӯ муайян шудааст. Ақли инсон барои маърифати муътамад ва саҳеҳ оҷиз аст. Инак, агар машшоия ба маърифати олам эътимоди комил дошта, ратсионализмро тарғиб намояд, мутакаллимон баръакси онҳо дар гносеология ба мавқеи скептитсизм ва агноститсизм мегузаранд. Машшоия маълумоти ҳиссиётро ҳамчун зинаи аввали маърифат ба асос мегиранд, мутакаллимон бошанд, баръакс, нақши ҳиссиётро паст мезананд, ё тамоман инкор мекунанд. Машшоия қадим будани оламро дар асоси қадимияти модда исбот мекарданд. Аммо мутакаллимон, ки ба офариниши олам иқрор буданд, таълимоти моддаю суратро написандида, ақидаи идеалистии Пифагорро маъқул донистаанд.

Машшоия вуҷуди халоро ғайриимкон мешуморад, вале мутакаллимон мункири мавҷудияти он набуданд. Машшоиён мегуфтанд, ки замон мавҷуд аст, мутакаллимон бошанд, объективияти замонро эътироф намекарданд.

Аммо чунин ҳодиса дар илм пас аз марги Абӯҳанифа рух додааст. Дар замони ӯ одат ва ҳадис, далоили нақлӣ пурра ҳукмрон буд. Ҳамаи масъалаҳо, чи динӣ ва чи ғайридинӣ, аз мавқеи сирф далоили нақлӣ матраҳ мегардиданд. Абӯҳанифа аввалин касест, ки ҳам дар фиқҳу ҳам дар таълимоти каломияш аз усулҳои ақлӣ истифода кардааст.

Ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ дар "Эҳёу-л-улум-ад-дин" мавзӯи илми каломро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дода, чунин қайд кардааст: "Агар бигӯем, ки илми ҷадал ва калом мисли илми нуҷум мазмум аст ё мубоҳ ё манзуб" [13, с.221]. Пас бидон, ки одамон дар ин мавзӯъ ифрот ва исроф кардаанд. Касе, ки мегӯяд он бидъат ва ҳаром аст, мегӯяд агар банда Худои таборак ва таолоро бо тамоми гуноҳон ғайр аз ширк рӯ ба рӯ шавад, барои ӯ беҳтар аст, ки Худоро бо омӯзиши калом рӯ ба рӯ шавад. Касоне мегӯянд, ки илми калом фарзи айн ё фарзи кифоя аст, онҳо мегӯянд, ки он аз беҳтарин ибодатҳо ва комилтарин амалҳоест, ки қарибкунандаи банда бо Худои худ аст. Зеро тавассути илми калом тавҳид ва эътиқоди динии шахс ба Худованди мутаол дуруст мешавад, мегӯянд ин гурӯҳ ба таҳрими калом имом Муҳаммад, Молик, Аҳмад ибни Ҳанбал, Сафёни Саврӣ ва тамоми пешвоёни ҳадис аз салаф қоил ҳастанд» [14, с.3-4].

Суханонеро аз имомон баён кардаанд, ки чунин мазмун доранд, ҳарчи, ки саҳоба аз баёни ӯ сукут кардаанд, дар ҳоле ки эшон ба ҳақиқати тавҳид ва дин донотар ва ба мураттаб кардани алфоз аз ҳамаи афроди асрҳои баъд фасеҳтар будаанд, иллаташ он буд, ки шарру бадӣ зодаи ин илм аст. Аз ин рӯ, Паёмбар фармудааст: "Ҳалок шуд он касе, ки дар баҳс ғулув мекунад" [7, с.85]. Онҳое, ки баҳс дар илми каломро ҷоиз донистаанд, ҳуҷҷати дигарро низ овардаанд, ки агар илм аз ҷумлаи дин мебуд, албатта, Расул ба он амр мекард ва роҳашро таълим медод ва арбоби онро ситоиш мефармуд. Сипас Ғазолӣ бақияи истидлоли онҳоро зикр карда, истидлоли гурӯҳи дигарро низ ёдовар шудааст, то он ҳадде ки ба таври суол аз худ пурсидааст: "Пас назди ту кадоми ин ду равия беҳтар

аст?”. Пас тафсил ҷавоб гуфтааст: «Дар ин илм манфиат аст ва зарар низ ҳаст, пас ба эътибори манфиаташ дар вақти истифода ҳалол ё мақбул ё воҷиб аст. Тавре ки шароит онро тақозо мекунад. Ва ба эътибори зарараш дар вақти таҳаммули зарар ҳаром аст» [13, с.85].

Ғазолӣ дар идома афзудааст: Аммо зарари ин илм барангехтани шубҳаҳои бесубот ва заиф кардани ақида, яқину самимиятро аз байн бурдааст. Ин шубҳаву шаккокият ин аст, ки дар қалби инсон дар ибтидо ҳосил мешаванд ва иллаташ далели машкук аст, ки одамон дар он ихтилоф мекунанд. Ин дар ҳолест, ки суботу яқин дар эътиқоди шахси муътақид зарур аст. Ин илм аз он ҷиҳат зарар дорад, ки пеш аз ақидаи рад кардани ақидаи мубтаъид онон бо далелҳояш оварда мешавад, ки дар он таъкиди эътиқоди онҳо ва собит кардани он дар қалби ашхос боис мегардад. Ҳамин тавр дар нафси хонанда ва шунаванда асбоби кунҷковӣ ва ҳирсашон қавӣ мегардад ва бар омӯхтани ин илм исрор меварзанд. Валокин ин зарар ба воситаи таассубест, ки аз ҷадал бармехезад [13, с.85].

Аммо дар бораи зарари илми калом Имом Ғазолӣ чунин мегӯяд: “Гоҳо гумон бурда мешавад, ки фоидаи илми калом кашф кардани ҳақоиқ ва маърифати он аст. Вале ҳайҳот, ки илми калом ин матлаби бузургро бароварда наметовонад ва шояд сардаргумӣ ва гумроҳ кардан дар ин илм аз кашфу таъриф бештар аст”. Дар идома Имом Ғазолӣ гуфтааст: “Ҳар гоҳ ин суханро аз шахси муҳаддис ё ҳашавӣ бишнавӣ, шояд дар қалби ту ин андеша бигузарад, ки мардумон душманони чизе ҳастанд, ки илми каломро ба ҳадди мутахассис ва хабир омӯхтааст. Баъд аз омӯзишу таҳқиқи амиқ, ки бо ҳадди интиҳои дараҷаи мутакаллим расида ва ба умки илмҳои дигар дастрасӣ пайдо кардааст. Баъд аз ин таҳқиқот ба хулосае расидааст, ки роҳи шинохти ҳақоиқ аз тариқи илми калом бастааст. Ва савганд бар ҷонам, ки илми калом аз кашфу таъриф ва эзоҳи баъзе умур ҷудо нест, лекин ин матлаб ба таври бисёр кам ҳосил мешавад” [13, с. 85].

Дар “Кунят-ул-муфтӣ” аз Абӯюсуф зикр шудааст, ки ӯ гуфтааст: “Намоз хондан пушти сари мутакаллимин ҷоиз нест, агарчи ӯ мутакаллими барҳақ ҳам бошад. Зеро ӯ мубтадеъ аст ва намоз пушти мубтадеъ ҷоиз нест” [10, с.198].

Алиқорӣ менависад, ки ин ривоятро бар устодам арз кардам, ӯ гуфт таъвили ин сухан ин аст: Агар мақсади мутакаллимин изҳор кардани ҳақ набошад”. Устодам гуфт дар “Талхис-ул-ислом” -и Зоҳидӣ пайдо кардам. Имом Зоҳидӣ овардаст: Абӯҳанифа ҷадалро ҳатто бар ваҷҳе бад медид ва дурӣ аз онро таъкид мекард. Аз Имом Абӯюсуф ривоят шудааст, ки ӯ гуфт: “Мо назди Абӯҳанифа нишаста будем, ки бар ӯ ҷамоае дохил шуданд ва ду мардро ҳамроҳи худ даровароанд ва гуфтанд яке аз ин ду мегӯяд, ки Қуръон махлуқ аст ва дигаре бо ӯ ҷидол ва низоъ мекунад ва мегӯяд Қуръон ғайримахлуқ аст. Имом Абӯҳанифа гуфт аз пушти ин ҳарду намоз нахонед” [6, с. 98].

Гуфтанд, аммо шахси аввал маълум аст, чаро ки ӯ Қуръонро махлуқ ва ғайриқадим мегӯяд ва аммо дигарӣ чаро аз пушти ӯ намоз хондан мумкин нест? Ӯ дар ҷавоб гуфт: “Ин ду нафар дар дин бо ҳам низоъ мекунанд ва низоъ дар дин бидъат аст”. Алиқорӣ мефармояд шояд далели мазмум будани мавқеи шахси дувум дар он бошад, ки ӯ қадим будани Қуръонро ба таври мутлақ мегӯяд, зеро фурӯ фиристодани Қуръон, китобати он дар мусҳафҳо, қироати он таввасути қориён ва ҳифзи он дар синаҳои мо қадим нест.

Имом Шофеӣ гуфтааст: “Ҳар гоҳ мардеро шунидӣ, ки мегӯяд исм айни мусаммост ё ғайри мусаммо, шаҳодат бидеҳ, ки ӯ аз аҳли калом аст ва ӯро дин нест”. Ва инчунин ӯ фармудааст агар мардуме донистанд, ки дар илми калом чи қадар аз хоҳишҳо аст, албатта, аз аҳли калом фирор мекарданд, мисли фирор кардан аз шеър.

Имом Молик гуфтааст, ки шаҳодати аҳли бидъат ҷоиз нест. Баъзе асҳоби Имом Молик дар таъмим сухани ӯ гуфтаанд: Имом аз аҳли ҳаво, аҳли каломро ифода кардааст, сарфи назар дар кадом мазҳаб, ки бошад.

Иллати мазмум будани калом дар ин аст, ки он боиси шакку тардид мегардад, ки инсон баъд аз боварии саҳеҳ доштан тамоюли зиндиқият пайдо мекунад.

Имом Аҳмад ибни Ҳанбал низ уламои аҳли каломро зиндиқӣ хонда, онҳоро авроди

ба салоҳият намеомадагӣ ҳисобидааст. Касеро, ки дар илм вориди баҳс мешавад, албатта, дар қалби ӯ сиёҳие пайдо мешавад.Имом Аҳмад дар мазамmати илми калом то ҳадде сахтгирӣ кардааст, ки ҳатто Ҳорис ибни Асади Муҳосибиро, ки аз муосиронаш буд, бо вуҷуди вараъ ва парҳезкориаш тарк кард. Сабабаш он буд, ки Муҳосибӣ дар радди мубтадеъ китобе тасниф кард. Имом Аҳмад ба ӯ гуфт: “Вой бар ту, оё бидъати онҳоро аввал зикр намекунӣ, баъд аз он ба радди онҳо бипардозӣ? Оё ту бо таснифи кардаат мардумро ба мутолиа кардани бидъат ва тафаккур кардан дар шубҳа водор намекунӣ, ки ин мардумро ба назару баҳс ва фитна мекашанд?” [9, с.190].

Имом Алиқорӣ фармудааст: “Хулосаи калом ва аҳли мақсад ин аст, ки ақоиди саҳеҳ ва ҳар он чизе, ки онро тақвият мебахшад, аз далелҳои сареҳ ҳамон тавре ки дар қалби аҳли дин таъсир мерасонад ва камоли имону яқинро ба бор меорад, инчунин ақидаҳои ботил низ дар қалб таъсир мерасонанд ва онро сахт ва аз ҳузури Парвардигор дур месозад. Дилро сиёҳ, яқинро заиф ва динро дучори бесуботӣ месозад. Балки ақидаҳои ботил аз қавитарин асбоби хотимаи бад аст. Намебинӣ, ки шайтон мехоҳад имони бандаро берун кашад. Ин корро танҳо бо андохтани ақидаҳои ботил дар қалби банда анҷом медиҳад. Аз ҷумлаи чунин ақидаҳои ботил фурӯ рафтан дар баҳси илми калом ва тарк кардани илми аҳкоми ислом аст, ки он аз китобу суннат ва иҷмои уммат ҳосил шудааст. Баъзе мутакаллимон муддати 30-сол кӯшиш мекунанд, то мутахассиси калом шаванд. Сипас дар ин илм ба тадрису баҳс мепардозанд. Чизе, ки мувофиқашон аст, онро мегӯянд ва чизе, ки мухолифи он мебошанд, онро рад мекунанд. Агар чунин мутахассиси илми каломро аз маънои як ояте ё як ҳадисе ё як масъалаи муҳиму тааллиқ ба таҳорат, рӯза ва намоз пурсида шавад, хомӯш мешавад. Бо вуҷуди он ки ҳамаи ақидаҳои собит дар Қуръон ба таври қатъӣ мавҷуданд ва дар суннат ба таври заннӣ Худованди таоло гуфтааст: “Қуръон барои мардум кифоя аст”. Яъне, ин китоб барои мардум ҷиҳати панд додан ва ҳам барои кори дунёву охираташон кифоякунанда аст. Худованди таоло гуфтааст: “Оё кифоя намекунад, мардумро ки мо фурӯ фиристодем бар ту китоберо, ки тиловат карда мешавад, ба онҳо”. Яъне, Қуръон тиловаташ барои мардум бардавом бар ҳама макон ва замон идома дорад ва мардум медонад, ки ту нахонда ва нонавишта будӣ ва ин китоб аз назди Худост» [15, с.139].

Аз тарафи дигар, бозгашти илми калом ва ҷаддал ба ҳайратзадагии дунё ва гумроҳиву шакк дар охират аст.

Ибни Рушд, ки аз донишмандтарин ба мазҳаби фалосифа ва мақулаҳои онҳо буд, дар китоби худ “Таҳофут” гуфтааст: “Ҳеҷ касе дар илоҳиёт чизе нагуфтааст, ки мавриди эътимод бошад”. Инчунин Омидӣ, ки аз донишмандони аҳли замони худ ва дар масоили бисёр муҳим донишманди воқиф буд, дучори ҳайрат гашт. Инчунин, Ғазолӣ дар охири кораш ба таваққуф ва ҳайрат дар масоили каломӣ рӯ ба рӯ шуд. Сипас, аз ин роҳ рӯ гардонд ва ба ҳадисҳои Расул рӯ овард ва ӯ дар ҳоле вафот кард, ки «Саҳеҳ»-и Бухорӣ болои синааш буд. Аммо андешаҳои каломии Абӯҳанифа усули фиқҳро устувор сохта, дар он вақт дар ин баҳсу мубориазаҳо кофӣ буд. Дар охири умри Абӯҳанифа, ки баҳсҳои каломӣ аз доираи фиқҳ ва ақидаҳои маъмули исломӣ берун рафтанд, Абӯҳанифа аз калом як андоза худдорӣ мекунад, вале ҳеҷ гоҳ аз овардани далоили ақлӣ ва баҳси илмӣ даст намекашад. Мазҳаби ҳанафӣ дар байни мазҳабҳои дигари исломӣ бо гароишҳои ақлонии худ машҳур аст ва аз ин сабаб онро мазҳаби аҳли раъй низ меноманд. Дар асри Абӯҳанифа мактаби ироқии фиқҳ ё ба таъбири дигар “мазҳаби ироқии ақл”, ки маркази он шаҳри Кӯфа маҳсуб мегашт, шуҳрати азиме ба даст оварда буд, ки решаи он то Алӣ ибни Абӯтолиб ва Ибни Масъуд мерасад. Устоди Абӯҳанифа Имом Ҳаммод ибни Сулаймон (с.в 737 м./120 ҳ.) низ тарбиягирифтаи ин мактаб ва шогирди барҷастаи хешро дар давоми ҳаждаҳсол, яъне то дами маргаш дар ҳавзаи ҳамин мактаб тарбия кардааст.

Илова ба ҳавзаи фиқҳии Кӯфа дар он давр боз чанд мактабҳои машҳури фиқҳӣ дар сарзаминҳои исломӣ бо гароишҳои хосе вуҷуд доштанд, ки метавон онҳоро чунин тақсимбандӣ кард:

**Мактаби аҳли тафсир** дар Макка бо сарварии донишманде чун Абдуллоҳ ибни Аббос.

**Мактаби аҳли ҳадис** дар Мадина, ки дар раъси он Оиша, Умар ва Абдуллоҳ ибни Умар ва Зайд ибни Собит қарор доштаанд.

**Мактаби аҳли раъй (ақлгароён) дар** Ироқ бо марказияти шаҳри Кӯфа, ки дар раъси он Абдуллоҳ ибни Масъуд ва Алӣ ибни Абӯтолиб қарор доштаанд.

Мактаби Ироқ ва махсусан Кӯфа ҳолату низоми хоссаи худро дошта, дар назди олимон бо номи мактаби аҳли раъй (ақлгароён) машҳур буд. Аввалин поягузори мактаби фиқҳии Кӯфа Абдуллоҳ ибни Масъуд саҳобаи Пайғамбари ислом, маҳсуб мегашт. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ теъдоди хатмкунандагони ин мактаб наздики 4000 нафарро ташкил медод. Абдуллоҳ ибни Масъуд шахсияти дорои донишу фазилат ва андешаи озод буда, дар ҳалли масъалаҳои фиқҳӣ назари хосси худро дошт. Вай дар мактаби фиқҳии худ шогирдони бузургеро тарбият намуд, ки яке аз машҳуртарини онҳо Алқама ибни Қайси Нахаъӣ мебошад. Дар мактаби Алқама бошад, Иброҳим ибни Язиди Нахаъӣ ва дар мактаби вай Ҳаммод ибни Сулаймон ва дар охир Имом Абӯҳанифа таълиму тарбия ёфта, ба камоли олимӣ ва мартабаҳои баланди илмӣ расиданд. Ҳар кадом аз инҳо дар роҳи ташаккул, низом ва пешрафту шукуфоии ин мактаб кӯшиши зиёде ба харҷ дода, дар ҷойгоҳи худ саъю талош варзидаанд, то аз ҷиҳати нақлию ақлӣ ин мактабро пурзӯр созанд. Устоди Абӯҳанифа Ҳаммод, ки вориси ҳақиқии мактаби мазкур маҳсуб мегашт, тамоми таҷриба, андеша ва дониши пешиёнро гирд оварда, дар ихтиёри шогирди вафодораш Имом Абӯҳанифа қарор медиҳад. Имом Абӯҳанифа низ, дар навбати худ, онҳоро дар қолаби мазҳабе рехта, бо шиносномаи мустақил ва гароиши мумтоз дар ҷаҳони ислом намудор гардид [8, с, 24].

Ба андешаи Абӯҳанифа, қонунгузор бояд аз қиёс ва раъй дар масъалаҳое истифода намояд, ки доир ба онҳо дастуре дода нашуда бошад [5, с.29]. Авлавияте, ки Абӯҳанифа ба ақидаи саҳоба медиҳад, шояд ба он сабаб бошад, ки онҳо аз ҳукми Пайғамбар дар бораи мавзӯи мавриди баҳс қарор дошта огоҳ буданд ва асоси он ақида шояд ҳукми Пайғамбар бошад. Вай ҳамеша аз зиддият бар муқобили суннат, ҳатто саҳван ҳам бошад, худро дур мегирифт. Дар ниҳояти кор аз қувваи худ дар қиёс ва раъй истифода мекард, то ақидаи касеро пайдо намояд, ки аз ҳама бештар ба суннат мутобиқ бошад. Дар воқеъ, дар аҳди Абӯҳанифа қиёс назди фақеҳони асҳоби ҳадис низ мақбул буд, амал намудан ба он дар фиқҳи ҳадисгароёни ироқӣ, чун Суфриён Саврӣ ва ҳиҷозӣ чун Молик бисёр ба назар мерасид.

Фарқияти Абӯҳанифа дар масъалаи қиёс аз дигарон дар он буд, ки роҳҳои кор ва бавижа чигунагии бархӯрди қиёс далелҳои васеътарро истифода менамуд. Ҳамин нуқта боис шуд, ки бархе муосирони ҳадисгаро чун Молик бар қиёси ӯ эрод гиранд. Фарқияти асосии истифодаи қиёс дар мазҳаби ҳанафӣ ва мазҳабҳои дигари аҳли суннат дар он аст, ки агар дар мазҳабҳои дигар танҳо аз муқоисаи аҳкоми фиқҳӣ ва истинбот мешуда бошад, дар мазҳаби ҳанафӣ ба иллат, яъне сабабҳои он аҳком пардохта мешуд. Ба ибораи дигар, қиёс дар корбурди Абӯҳанифа масъалаҳои робитаҳои иллат ва маълул (сабаб ва натиҷа)-ро дар бар мегирифт.

Корбурди раъй ҳамчун усули фиқҳӣ дар мазҳабҳои дигар камтар ба назар мерасад. Дар мазҳаби шофеӣ танҳо зоҳирӣ ва дар мазҳабҳои Моликӣ ва Ҳанбалӣ масолеҳи мурсала қабул шудаанд, вале истеҳсон ва қиёси мантиқӣ вуҷуд надорад. Маҳз истифодаи васеъ аз истинботи ақлӣ (дедуксия) боиси инкишоф ва интишори васеи мазҳаби ҳанафӣ ва боиси созгор будани аҳкоми он барои ҳар давру замон ва макон гардид.

**Муқарриз: *Ахмедов С.* – доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абӯҳанифа. Насиҳатнома. –Душанбе, 2009. - 248 с.
2. Абӯҳанифа. Фиқҳи акбар. –Қурғонтеппа, 2000. - 28 с.
3. Алӣ Қорӣ. Шарҳ “Китобу-л-фиқҳ ал-акбар”.-Пешовар, 2000. - 211 с.
4. Аҳмадов С. Хусусиятҳои фиқҳу каломи Абӯҳнифа. –Душанбе, 2009. -190с.
5. Аҳмадов Саид. Назорат ило мавқиф Абӣ Ҳонифа ан-Нӯъмон.-Ал-Азҳар. -№10. - 2009.

6. Ас-Сағарҷӣ С.М. Ал-Фиқҳ ал-Ҳанфӣ.–Пешовар, 2008. -Ҷ. 1.
7. Ғазолӣ Абӯҳомид. Кимёи саодат. –Душанбе, 2010. - 549 с.
8. Ғазолӣ Абӯҳомид. Эҳё-ул-улум ад-дин. –Теҳрон, 1351. -478 с.
9. Муҳаммад Ҷавод Машкур. Фарҳанги фирқаи исломӣ. –Машҳад, 1387. -597 с.
10. Садриддин Аҳмади Урмавӣ. Бунёди фарҳанги Эрон.
11. Сайид Ҳусайни Наср. Илм ва тамаддун дар ислом.
12. Таърихи фалсафаи тоҷик. Муаллиф.–Душанбе, 2020. Ҷ.2. -640 с.
13. Шиблии Нӯъмонӣ. Каломи ҷадид. –Теҳрон, 1386. -248.
14. Шиблии Нӯъмонӣ. Симои Имоми Аъзам Абӯҳанифа. –Душанбе, 2009. -574с .
15. Қуръони карим. –Душанбе, 2009.

## ХИРАДГАРОИИ ИМОМИ АЪЗАМ АБӮҲАНИФА

Хирадгароии Абӯҳанифа дар баёни раъй, иҷмоъ ва калом ба таври ошкор намудор аст. Ин қисматҳои фиқҳу каломи ӯ ба истидлоли мантиқӣ ва далоили илмӣ такя мекунанд. Абӯҳанифа исботҳои гуногунро дар фиқҳу каломаш, аз ҷумла қиёсу тамсил ва дар баъзе маврид муҷодаларо истифода кардааст. Қиёси ӯ аз он қиёс, ки дар фиқҳи исломӣ истифода мешавад ва фақат ба маънои тамсил аст, фарқ мекунад. Қиёси ӯ ба қиёси Арастуӣ бештар шабоҳат дорад, ҳарчанд гумон меравад, ки ӯ бо осори Арасту ошно бошад, зеро то он вақт тарҷумаи асарҳои ӯ ба арабӣ вуҷуд надошт. Дар мақола ба таври васеъ ваъзияти илмии давр баён шуда, андеша дар бораи он ки ин шакли истидлол маҳсули фикри худи Абӯҳанифа аст, асоснок шудааст. Дар мақола баён шудааст, ки раъйи мустақили Абӯҳанифа ба андешаи худи Абӯҳанифа тааллуқ дорад, на натиҷаи далелҳои нақлӣ аст. Пас, Абӯҳанифа фикри мустақили худро баён доштааст, на ин ки аз сарчашмаҳои динӣ муҳокимаҳои худро хориҷ карда бошад. Абӯҳанифа дар исботи Худо, ки ба радди мухолифони ислом равона шуда буд, аз истидлоли фикрӣ истифода кардааст. Аз ҷумла бар зидди зиндиқия ва даҳрия, ки вуҷуди Худоро инкор менамуданд, ё зери шубҳа мегузоштанд. Хирадгароии ӯро инчунин асли истеҳсон, ки яке аз меъёрҳои шаръии Абӯҳанифа мебошад, таъкид мекунад. Дар мавриди баҳси ӯ низ Абӯҳанифа бештар ба тафаккури илмӣ ва таърихӣ такя менамояд. Дар мақола ин ҷиҳати масъала зикри васли худро пайдо кардааст. Муаррифгари хирадгароии Абӯҳанифа, китоби “Фиқҳи акбар”–и ӯст, ки фаровон аз далоили мантиқӣ мебошад. Доир ба ҳамаи масъалаҳои фиқҳӣ на танҳо далоили нақлӣ оварда мешавад, балки далелҳои фаровони мантиқӣ ҳам фикри дар он баён шударо тақвият мебахшанд. Дар мақола паҳлуҳои гуногуни исботи мантиқии Абӯҳанифа дар фиқҳу калом оварда шудаанд, ки бе гумон, хирадгароии Абӯҳанифаро исбот менамоянд.

**Калидвожаҳо:** фиқҳ, калом, истидлол, мотуридия, ашъария, хирадгароӣ, аналогия, силогизм, далел, нуқтаи назар, хулоса.

## РАЦИОНАЛИМ ИМАМ АЪЗАМА АБУХАНИФА

Рационализм Абуханифы отчетливо отражается в его прововедческих принципах: рай (мнение), иджма (совещательное рещение) и в его каламе (теологии). Эти части его учения основываются не о на религиозных доводах, взятых из священных источников, но и опираются на доводах разума логики. Его даказательство основывается на логических силлогизмах, а не на аналогии, на которые опираются факихы, хотя аналогию он не опровергает как форму правильного рассуждения, однако, нельзя сказать, что его силлогистика взята из аристотельской силлостики, которая в последующих веках, например, у каламистов, пользовалась особым вниманием. В статье указано, что в период жизни Абуханифы арабы идругие народы халифата не были знакомы с аристотельской логикой. Только во второй половине У111 века появились первые переводы работ греческих мыслителей, в том числе «Органо» Аристотеля. Схожесть силлогизмов Абуханифы с Аристотелем говорит о единстве человеческого мышления. В статье указано, что Абуханифа использовал в раъй (мнение), истихсане (предпочтение, основательно доказаные) и особенно в каламе (теология, схоластика) различные формы доказательств основанных на логических осуждениях. Рационализм Абуханифы не только связан с его методом обоснавания своих правовых норм, но и с его научными расуждениями. Рациональная теология Абуханифы, разумеется, не есть научное доказательство, но сами рассуждения однотипны с научными, что в свое время такие попытки предприняли философы-схоласты на западе, в частности Фома Аквинский. В статье в обосновании данного тезиса приводятся многочисленные примеры из работ Абуханифы, в часности из его главного труда «Фикхи акбар» (Великой фикх). Даный труд Абуханифы заложил первые основы в философии калама, которая получила свое развитие в работах мутазилитов, каламистов и особенно в работах ал-Газзали и Фахридина Рази. В статье говорится о том, что в обосновании принципа (урф-тардиция) так же Абуханифа опирается логические и исторические материалы. В целом, рационализм в творчесве Абу Ханифы занимает определенное место и получил своего дальнейшее развитие в философии калама.

**Ключавые слова:** фикх (юриспуриденция), калам (теология) аргументатция, мотуридизм, ашаризм, рационализма онологие, силлогизм, аргумент, тезис, вывод.

## RATIONAL IMAM AZAM ABUKHANIF

The rationalism of Abuqanifa is clearly reflected in his pro-doctrinal principles: paradise (opinion), ijma (deliberative decision) and in his kalama (theology). These parts of his teaching are based only on religious arguments taken from sacred sources, but also based on the arguments of the reason of logic. His proofs are based on logical syllogisms, and not on analogies, which relies on the fuqaha, although he does not refute the analogy as a form of correct reasoning, however, it cannot be said that his syllogistic is taken from the Aristotle syllables, which in subsequent centuries, for example, among the Kalamists, were used special attention. The article indicates that during the life of Abuhanifa, the Arabs and other peoples of the Caliphate were not familiar with Aristotle's logic. Only in the second half of the U111 century did the first translations of the works of Greek thinkers appear, including Aristotle's Organo. The similarity of the syllogisms of Abuhanifa with Aristotle speaks of the unity of human thinking. The article indicates that

Abuhanifa used in paray (opinion), istihsan (preference, thoroughly proven) and especially in kalam (theology, scholasticism) various forms of evidence based on logical condemnations. Abuhanifa's rationalism is not only associated with his method of substantiating his legal norms, but also with his scientific reasoning. The rational theology of Abuhanifa, of course, is not scientific evidence, but the reasoning itself is of the same type as scientific, that at one time such attempts were made by scholastic philosophers in the West, in particular Thomas Aquinas. The article provides numerous examples from the works of Abuhanifa, in particular from his main work "Fiqhi Akbar" (Great Fiqh), to substantiate this thesis. This work of Abuhanifa laid the first foundations in the philosophy of Kalam, which was developed in the works of the Mu'tazilites, Kalamists, and especially in the works of al-Gazzali and Fakhridin Razi. The article says that Abukhanifa also tries to rely on logical and historical materials to substantiate the principle (urf-tardiyu). In general, rationalism in the work of Abu Hanif occupies a certain place and which received its further development in the philosophy of кalam.

**Key words:** fiqh (jurisprudence), kalam (theology) argumentation, moturidism, asharism, rationalism, onology, syllogism, argument, thesis, conclusion.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдулоев Исмоил Пиракович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон:.**918465252**

**Сведение об авторе:** ***Абдулаев Исмаил Пиракович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории философии и социальной философии**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан ,город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон:.**918465252**

**Information about the author:** ***Abdulaev Ismail Pirakovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Philosophy and Social Philosophy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **.918465252**

**УДК: 322.5 (575.3)**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ДОИРАИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ

***Заҳруддинов И. З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истиқлолият чун яке аз сифатҳои дахлнопазири ҳокимияти давлатӣ, яъне давлат дар маҷмӯъ ба ҳисоб меравад, пас арзиши ҳуқуқӣ ва иҷтимоии он одатан аз баҳогузории вазъияти воқеӣ ва дурнамои мавҷудияти ин ё он системаи амалкунанда дар ҷаҳон вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди ин, равандҳои наздикшавӣ ва дуршавӣ ва махсусан дар нимаи дуюми садсолаи гузашта равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ, беш аз пеш раванди тағйирёбию дигаргуншавии низомҳои сиёсиро дар олам ва дар баробари ин, ташкили ҳокимиятро дар дохили давлатҳои алоҳида суръат бахшиданд. Дар замони муосир, ки равандҳои глобализатсионӣ хеле фаъол мебошанд, масъалаи ҳимояи суверенитет ё худ истиқлолият ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфтааст. Равандҳои глобализатсионии муосир моро водор мекунанд, ки тасаввуротҳои анъанавӣ перомуни давлат ва истиқлолияти онро аз нав баҳогузорӣ намоем. Вобаста ба ин, президенти Федератсияи Россия Путин В.В. чунин қайд намудааст: «Истиқлолият ва бутунияти марзӣ — арзишҳои бунёдӣ мебошанд. Сухан перомуни таъмини истиқлолият ва ягонагии давлат, ҳимояи устувори марзӣ, сохтори конститутсионӣ, саривақт бартараф намудани таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ меравад. Аммо, имрӯз дар ҷаҳон бештар забони таҳдид ва муҷозот шунида мешавад. Худи мафҳуми истиқлолияти давлатӣ тағйир ёфта истодааст. Режимҳои номатлуб, давлатҳое, ки сиёсати мустақилро пеш мебаранд, ё ин ки монеаи роҳи ин ё он манофеи абарқудратҳо мешаванд, аз миён бардошта мешаванд» [9, с.7]. Аз тарафи дигар, муҳаққиқи муосири амрикоӣ Френсис Фукуяма дуруст қайд мекунад, ки принсипҳои истиқлолият ва дахлнопазирии давлати миллӣ, ки меҳвари Низоми Вестфалиро ташкил медиҳанд, асосан вайрон карда шудаанд ва моҳиятан имрӯз риоя намешаванд, чун он чизе ки дар дохили давлатҳои алоҳида — дар доираи идоракунии ваколатҳои бевоситаи онҳо рух медиҳад, дар бисёр маврид ба ҳаёти дигар аъзоёни ҷомеаи байналхалқӣ низ таъсир мегузорад. Аммо, кӣ ҳуқуқ ё асоси қонунии вайрон кардани истиқлолияти давлатҳои дигар ва бо кадом мақсадро соҳиб аст? Магар худи легитимияти байналхалқӣ аз мавҷудияти давлатҳои соҳибихтиёр ва қудрати онҳо вобастагӣ надорад? Агар вобастагӣ дошта бошад, пас магар ин ба халалдоркунии истиқлолияти давлати дигар ихтилоф надорад? [14, с.102]. Воқеан, имрӯз дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ эҳтиром ва ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ ё худ истиқлолияти давлатҳои миллӣ ва аз дигар тараф,

маънидодкунии ин мафҳумҳо яксон набуда, бисёр вақт забони қудрат, яъне истифодаи қудрати абарқудратҳо ва худро ҳақ нишон додану ҳақ баровардан мушоҳида мешавад ва инсонро хоҳу нохоҳ ба андешаи даврони атиқа, давроне, ки софистон дар ҷомеа обрӯю эътиборе доштанд ва ҳақиқат барои онҳо нисбӣ буд ва мекӯшиданд, то ҳақ будани худро тасдиқ кунанд, ҳавола медиҳад. Вобаста ба ин ҳаводис, имрӯз волоият ва истиқлолияти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун сифати муҳимми ҳокимияти давлатӣ зери суол мемонад, чун меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ, ки дар конститутсияи аксари давлатҳои ҷаҳонӣ дарҷ ёфтааст, бартарӣ дорад. Ин амал истиқлолияти давлатро нисбӣ мегардонад ва дар бисёр авқот онро маҳдуд намуда, аз дасти ҳокимиятҳои миллӣ ба идоракунандаҳои хориҷӣ интиқол медиҳад. Имрӯз зарурат ба он нест, ки дар дохили давлат ҳатман намояндагони давлату миллатҳои бегона ҷойгузин бошанд. Барои ин гумоштаҳои онҳо ва хуб мешуд, ки ин ашхос аз намояндагони миллӣ бошанд, басанда мебошад, то хориҷиён давлатҳои миллиро ба воситаи онҳо идора карда, истиқлолияти онро ноқис гардонанд. Аз ин рӯ, таҳлили амиқи мафҳуми истиқлолият ва маънидодкунии он зарур аст, чун имрӯз на ҳама вақт маънои назариявии ин мафҳум бо маънои таҷрибавии истифодаи он мувофиқ меояд. Аз тарафи дигар, сухани Путин В.В. хеле бамаврид аст: «Ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст… то глобализатсияро аз глобализатсия барои интихобшудагон ба глобализатсия барои ҳамагон табдил диҳад» [2, с.11]. Расидан ба ин мақсад ва ҳифзу устувор намудани истиқлолияти давлатию заиф гардонидани таъсири равандҳои глобализатсионӣ як монеаи бузург барои давлатҳои муосир ба ҳисоб меравад, чун то онро бартараф накунанд, давлатҳои миллӣ дар марзи худ истиқлолияти комилро соҳиб гашта наметавонанд…

Қудрат ва самаранокии истиқлолияти давлатӣ, пеш аз ҳама, аз истиқлолияти он вобастагӣ дорад. Истиқлолият аломати муҳимми сифатии давлат ва хусусияти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Одатан, чунин ақида авлавият дорад, ки истиқлолияти давлатӣ ҳама вақт пурра ва хосси давлат мебошад. Мафҳуми «истиқлолияти давлатӣ» дар охири асрҳои миёна (дурустараш дар замони Эҳё) ташаккул ёфт. Зарурат ба ин мафҳум аз он хотир буд, ки бояд дар давлат ҳокимияти давлатӣ аз ҳокимияти калисо ҷудо карда шуда, ба аввалин қудрати хоссаи ҳукмрон дода мешуд. Истиқлолият яке аз нишондиҳандаҳои муташаккилияти давлат буда, барои рушди ояндаи он замина мегузорад. Мисли ҷомеаи муосир, истиқлолият яке аз атрибут ё худ сифатҳои асосии давлати миллӣ, давлати соҳибистиқлол ё чи хеле ки мегӯянд, давлат-миллат мебошад.

Аз даврони бавуҷудоии давлатҳои аввалин масъалаи истиқлолият ё худ суверенитет дар муборизаҳои сиёсӣ ва ғоявии миёни халқҳо ва давлатҳо ҷойгоҳи муҳимро касб мекард. Чунин сурат гирифтан бидуни иллат набуд, чун истиқлолият дар баробари марз, аҳолӣ, шаҳрвандӣ, ҳокимияти расмӣ ба қатори атрибутҳои муҳимми давлат шомил мешавад. Истиқлолият волоият, соҳибихтиёрӣ ва комилияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди худ ва соҳиби мустақилият будан аз дигар давлатҳо дар корҳои дохилӣ ва муносибатҳои хориҷии давлатро дар назар дорад.Калимаи истиқлолият калимаи арабӣ буда, маънои мухтору мустақил будан, озод будан, соҳибихтиёри худ будан, мустақилу соҳибихтиёр буданро дорад. Дар забони илмӣ истиқлолиятро бо мафҳуми «суверенитет» ифода мекунанд. Суверенитет аз решаи калимаи лотинии «supevanus» ё «supremapotestas» — «ҳокимияти олӣ» гирифта шуда, ки ба калимаи фаронсавии «sovreins» ё «sovereinite» маънои мустақилият аз ин ё он қувва, ҳолат ва шахс, волоиятро дорад.

Пайдоиши мафҳуми истиқлолият ё аниқтараш суверенитет тасодуфӣ набуд, чун Фаронса яке аз аввалин давлат-миллатҳои шакли муосир ба ҳисоб меравад, ки дар авохири садаи XV нисбат ба Англия, калисои католикӣ ва феодализм раванди мутамарказонидани ҳокимиятро дар дасти шоҳ бомуваффақият амалӣ намуд. Мафҳуми суверенитетро олими фаронсавӣ Жан Боден дар китоби худ «Шаш китоб дар бораи ҷумҳурӣ» ба илм ворид намудааст. Жан Боден суверенитетро ҳамчун ҳокимияти мутлақ ва абадӣ дар давлат муайян намуд, ки аксаран ба монарх ва дар камтар мавридҳо ба ашрофзодагон ё халқ таааллуқ дошт. Истиқлолият (суверенитет) дар раванди рушди таърихӣ вобаста ба тағйиротҳои сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа дар ҳар марҳила хусусиятҳои ба худ хосро касб намуд. Таълимот низ перомуни назарияи истиқлолият дар марҳилаҳои мухталиф вобаста ба ин ё он мақсад тағйир ёфтанд. Агар дар ибтидо истиқлолиятро барои асоснок намудани ҳокимияти мутлақи монарх мефаҳмиданд,

аллакай дар асрҳои XVII-XVIII онро ба маънои нав, ба маънои мубориза бар зидди мутлақгароӣ ва барқарор намудани фарзияҳои давлатҳои демократӣ истифода мекарданд.

Масъалаи истиқлолият аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст, аммо моҳият ва мазмуни он баҳогузории дуруст нашудааст. Аз ин рӯ, ақоиди ягона оид ба субъектҳои истиқлолият ва намудҳои он вуҷуд надорад. Гурӯҳи муҳаққиқон бар он андеша ҳастанд, ки истиқлолият мафҳуми ягона буда, субъекти он фақат давлат маҳсуб меёбад. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон бошанд, тарафдори онанд, ки дар баробари давлат халқ ва миллат низ субъекти истиқлолият ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин, се навъи суверенитет: истиқлолияти халқӣ, миллӣ ва давлатиро ҷудо мекунанд. Ҳар як навъи истиқлолият хусусиятҳо ва шакли зуҳуршавии ба худ хосро соҳиб мебошад. Ягонагии истиқлолият айнияти истиқлолияти халқӣ, миллӣ ва давлатӣ нест, чун ҳар яки онҳо бо субъектҳои худ тафовут доранд, мазмуни дохилӣ ва ҳаҷми якхела надоранд ва шакли амалишавиашон низ тафовут дорад.

Истиқлолияти давлатӣ (калимаи франсузии souverainete — ҳокимияти олӣ) — хусусияти сиёсӣ-ҳуқуқии ҳокимияти давлатиест, ки волоият (пуррагӣ ва тақсимнопазирии ҳокимият дар дохили марзи давлат, ҳуқуқи фавқулода барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятиро батанзимдароваранда, муайянкунии сатҳи муассисаҳои давлатӣ ва идоракунии маҳаллӣ, истифодаи зӯрӣ, муайянкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва ғ.) ва мустақилият (соҳибихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ)-и онро муайян мекунад. Истиқлолияти халқӣ — ҳокимияти пурраи халқ ба ҳайси барандаи истиқлолият ва сарчашмаи ягонаи ҳокимият дар давлат мебошад. Халқ ҳокимиятро бевосита (дар интихобот ва раъйпурсиҳо) ва ба воситаи муассисаҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии маҳаллӣ амалӣ мекунад. «Истиқлолият ҳокимияти мутлақ ва доимии давлат мебошад. Мутлақият бо ягон қонунҳои ҳокимият аз болои шаҳрвандон ва раъият алоқамандӣ надорад». Ҳокимияти халқӣ — ҳокимияти пурраи миллат, имконияти худмуайянкунии сиёсии соҳибихтиёр, инчунин ҳуқуқи фавқулодаи муайянкунӣ ва тағйирдиҳии сохтори конститутсионии амалкунанда мебошад [11, с.232-233].

Таълимот оид ба навъҳои истиқлолият дар як вақт пайдо нашудаанд. Дар аввал сухан перомуни истиқлолияти давлатӣ мерафт, Жан Боден «суверенитет»-ро ҳамчун ҳокимияти мутлақ ва абадии ҷумҳурӣ ва ҷумҳуририо шакли давлат медонист [4, с.7]. Жан Боден дар ифодаи мафҳуми истиқлолият аввалин шуда паҳлуҳои берунаю дохилии ҳамон як мафҳумро пайваст намуд, яъне мустақилияти давлат нисбат ба давлатҳои дигар ва волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили давлат пурра дарҷ ёфтанд. Ғояи истиқлолияти давлатии аз ҷониби Жан Баден ва дигар мутафаккирон ба тартиб овардашуда дар тӯли таърихи минбаъдаи инсоният маънии ғаниро касб намуд. Ҳар як марҳилаи рушди ҷомеа ва давлат паҳлуҳои нави ҳуқуқӣ дар рушд ва такомули назарияи истиқлолият ва амалӣ намудани онро дар таҷриба ба миён меовард.

Усули Томас Гоббс, пеш аз ҳама, ба таҳвили ҳуқуқҳои истиқлолият ва ташкили мавҷудеро дар болои ҷомеа дар назар дорад, ки он барандаи истиқлолият — ҳамчун натиҷаи шартномаест, ки бо иттиҳоди одамони пештар дар ҳолати тодавлатӣ зиндагӣ намудаю баъдан худро ба тобеияти ҳокимияти давлатӣ супоридаанд, асос ёфтааст. Ҳокимияти нави трансседентӣ, «tertium super partes», ки пеш аз ҳама дар дасти артиш (онҳое, ки ҳаёт ва маргро идора мекунанд ва ба ифодаи гоббсӣ «Худованди рӯйи Замин») ғун шудаанд, мувофиқи ақоиди ин мактаб олоти ягонаест, ки имконияти ташкили чунин низоми байналхалқиеро муҳайё мекунад, ки мушкилоти амниятиро ҳал менамояд ва ҳамин тавр, бесарусомониҳои ногузирона аз ҷониби давлатҳои соҳибихтиёр бамиёновардаро бартараф менамояд [15, с.22]. Аз ин рӯ, ба андешаи Томас Гоббс, ин қудрат, яъне давлати соҳибихтиёри дар асоси шартномаи ҷамъиятӣ пайдошуда, ваколатҳои бештареро касб намудааст ва дар сурати риоя накардани «шартнома» низ қудрати худро аз даст намедиҳад. Вале, дар баробари ҳамаи ин ваколатҳои беандозаро соҳиб будан, раият дар вақтҳои зарурӣ ҳуқуқи муқобилият кардан ба ин ҳокимиятро соҳиб аст, ки чунин ҳуқуқҳоро мо дар таълимоти Жан Боден мушоҳида намекунем.Ҷон Локк низ дар рушди назарияи истиқлол хизмати пурарзиш намуда, дар асараш «Ду рисола дар бораи идораи давлатӣ» бештар перомуни суверенитети халқ ақида рондааст. Халқ ба таври абадӣ хосиятҳои истиқлолро соҳиб аст. Вай ҳуқуқи комил дорад, ки ҳукумати бемасъулиятро

ҷонибдорӣ накунад ва ҳатто, онро барҳам занад. Таълимоти Ҷон Локк дар бораи истиқлол ва умуман, назари иҷтимоии ӯ дар ташаккул ва инкишофи таълимоти истиқлоли ИМА таъсири амиқ расонидааст. Бахусус, Томас Ҷеферсон тавонист, ки принсипҳои асосии назарияи сиёсии Ҷон Локкро, ки ифодагари ҳуқуқҳои табиии инсон буданд, бо баҳисобгирии вазъияти мушаххаси сиёсӣ дар тамоми кишвар пайваст гардонад.

Соли 1776 Томас Пайн рисолаи «Ақли солим»-ро ба табъ расонид, ки дар он масъалаи истиқлол низ мавриди муҳокима қарор гирифта буд. Ӯ зидди ҳокимияти шоҳӣ баромада, ба ҷойи он идоракунии ҷумҳуриявиро пешниҳод намуда буд. Дар сарварии ҷумҳурӣ ҳукумате бояд қарор мегирифт, ки мардум ва кишварро ба озодӣ ва хушбахтӣ мерасонид [4, с.8].

Ба андешаи Г.И. Мусихин, «дар айни замон мафҳумҳои давлат ва истиқлолият то андозае ба ҳам омехта гаштаанд, ки бисёр мушкил аст истиқлолиятро бидуни консепсияи давлатдорӣ ва шаклҳои таърихии хукмфармоӣ мавриди омӯзиш қарор дод» [13, с.6]. Истиқлолияти давлатӣ на танҳо мақула (категория)-и таърихӣ, инчунин табиату мазмуни ҳуқуқӣ низ дорад. Он дар волоияти ҳокимияти давлатӣ, ягонагӣ, мустақилияти он зуҳур мешавад. Волоияти ҳокимияти давлатӣ маънии онро дорад, ки аз болои он ҳокимияти дигар набуда, ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди мамлакат, шаҳрвандон ва ғайришаҳрвандон, шахсиятҳои ҳуқуқию созмонҳои ҷамъиятӣ паҳн мегардад. Ягонагии ҳокимияти давлатӣ дар мавҷудияти идораҳои воҳид ё низоми идораҳое зухур мешавад, ки дар маҷмӯъ ҳокимияти олии давлатиро ташкил медиҳанд. Ин маънои онро дорад, ки идораҳои давлатӣ ваколатҳои худро татбиқ намуда, дар ҳаёт вазифаҳои давлатиро амалӣ менамоянд ва мақсадҳои асосии давлатро иҷро мекунанд. Мустақилияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили давлат маънои онро дорад, ки фақат ва фақат давлат метавонад ҳуҷҷатҳои меъёрӣ қабул карда, тартиботи сохтори конститутсиониро таъмин намояд. Ягон неруи сиёсӣ ва неруҳои дигар наметавонанд ҳуқуқҳои махсуси идораҳои давлатиро халалдор карда, аз доираи ваколатҳои худ берун шаванд. Дар дохили давлат чунин ваколатҳоро ҳокимияти давлатии мустақил соҳиб мебошад, албатта, агар ин ҳокимияти давлатӣ аз чаҳорчӯбаи ҳуқуқу қонун берун набарояд. Нишонаҳои зикршуда баръало дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудор ҳастанд ва дар моддаҳои мухталифи Конститутсияи ҶТ дарҷ ёфтаанд. Масалан, дар моддаи 1-уми Конститутсияи ҶТ омадааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона мебошад». Дар моддаи 7-уми Конститутсия омадааст, ки «Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд» ва дар моддаи 11-уми Конститутсия омадааст, ки «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад» [8]. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақил буда, бо давлатҳои дигар муносибатҳои дипломатиро барқарор менамояд ва дар сиёсати хориҷии худ мустақил буда, дар муносибат бо дигар давлатҳо ҳуқуқи баробарро соҳиб мебошад. Албатта, дар замони муосир, замони фаъоли равандҳои глобализатсионӣ ва таъсири давлатҳои бузург дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвои давлати минтақавию абарқудрат шуданро надошта, сиёсати сулҳҷӯёнаро пеша карда, кӯшиш мекунад, ки, пеш аз ҳама, истиқлолияти сиёсии худро ҳифз намояд ва дар баробари он истиқлолияти акторҳои дигари муносибатҳои байналхалқиро эътирофу эҳтиром намуда, чунин иқдомро аз тарафи давлатҳои дигар низ талаб дорад. Албатта, ҳамаи ин дастовардҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз он соҳиб гашт, ки аз аъзогии ИҶШС баромада, истиқлолияти давлати худро соҳиб гашт. Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 августи соли 1990 дар сессияи дуюми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул карда шуд, ки ба рушди давлати муосири тоҷик бунёд гузошт [17].

Дар зери мафҳуми истиқлолият ҳокимияти пурраи қонунбарор, иҷроия ва судӣ фаҳмида мешавад, ки ҳуқуқи хосси давлат дар марзи худ буда, ҳокимияти олӣ, соҳибихтиёр ва мустақили давлат мебошад. Вобаста ба истиқлолият як давлат ба давлати дигар тобеъ нест ба истисное, ки ин ё он давлат ихтиёран (ё маҷбурӣ) дар дохили марзи худ истиқлолияташро ба ягон давлати дигар тақсим намуда бошад ва ин дар навбати худ, ба аз даст додани истиқлолияти пурра бурда мерасонад. Чунин тамоюлҳо дар тӯли таърихи инсоният бисёр мушоҳида мешуданд, аммо дар олами муосир ин усул камтар

мушоҳида мешавад ва ё бо тарзу усулҳои нав зуҳур мешаванд. Дар олами муосир мушоҳида мешавад, ки давлатҳои заиф бо дастури ғайрирасмии давлатҳои бегона идора карда мешаванд ё дар дохили давлаташон артишҳои давлатҳои хориҷӣ дар зери ин ё он ливо вуҷуд дошта, метавонанд ба истиқлолияти давлатӣ таҳдид намоянд. Чунин ҳолатҳоро дар Ҷопон бо ҳузури артиши ИМА, дар Қрими Украина флоти баҳри Сиёҳи ФР, дивизияи 201-уми ФР дар ҶТ ва амсоли инҳоро метавон мисол овард.

Хусусиятҳои махсуси ҳокимияти давлатӣ дар он зуҳур мешаванд, ки ба ҳамаи аъзоёни он паҳн гашта, бо дастгоҳи махсуси идоракунӣ ва маҷбуркунӣ амалӣ мегардад. Ҳокимияти давлатӣ фаъолиятҳои ҷамъиятиро роҳбарӣ намуда, аз аҳолӣ боло қарор дорад. Мазмунан ҳокимияти давлатӣ созмони ягонаи ҳокимияти соҳибихтиёр дар ҷомеа мебошад ва паҳлуҳои асосии ҳаёти ҷамъиятиро назорат намуда, вазифаҳои ҳокимиятии худро нисбат ба ҳамаи субъектҳое, ки дар идораи ҷомеа иштирок мекунанд, пиёда месозад. Ҳокимияти сиёсии ғайридавлатӣ дастгоҳи идоракунӣ ва маҷбуркуниро соҳиб нест. Ин намуд ҳокимиятҳо ба ҳаракатҳои оммавӣ ва гурӯҳҳои силоҳбадаст такя мекунанд. Ҳақ бар ҷониби Чиркин В.С. мебошад, ки мегӯяд, ки танҳо ҳокимияти давлатӣ уҳдадориҳои ҳуқуқиро соҳиб аст, то аз номи тамоми ҷомеа маҷбуркунӣ ва зӯрии легалӣ ва легитимиро амалӣ намояд. Танҳо ҳокимияти давлатӣ волоияти олии ҳуқуқӣ (инчунин, амалӣ), хусусияти соҳибихтиёрро соҳиб аст, ки бо роҳи дар ҷомеа татбиқ намудани тартиботи ягонаи ҳуқуқӣ, соҳибҳуқуқ будани органҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо гаштани шахсиятҳои вазифадор ва шаҳрвандон, амалӣ мегардад [9, с.15]. Маҳз бартарияти ҳокимияти давлатиро нисбат ба дигар намудҳои ҳокимият волоияти он муайян мекунад. Дигар субъектҳои фаъолияти сиёсӣ дар фосилаи тӯлонӣ наметавонанд ба ҳокимияти сиёсии устувор истодагарӣ намоянд. Дар давлат якчанд ҳокимияти давлатӣ бо институтҳои худ вуҷуд дошта наметавонад. Дар ин сурат қудрати ҳокимияти давлатӣ заиф гашта, хатари шикасти он пурзӯр мегардад. Солҳои охир мушоҳида мешавад, ки чунин усулҳоро барои аз байн бурдани ҳокимиятҳои соҳибихтиёри давлатҳои миллӣ якчанд давлатҳои абарқудрат дар дохили давлатҳое, ки низомашон ба онҳо писанд нест, истифода бурда истодаанд. Давлатҳои абарқудрат бо баҳонаи барқарор намудани равандҳои демократикунонӣ дар Сурие, Венесуэла, Ливия, Украина, Ҷумҳурии Белорус ва дигар давлатҳо чунин усулҳои ифлосро истифода мекунанд. Онҳо ягон мақсади бунёди демократия ва озодиро надошта, мехоҳанд он гурӯҳҳоеро ба сари қудрат оранд, ки манфиатҳои онҳоро дифоъ намуда, дастуру супоришҳои онҳоро бечунучаро иҷро мекунанд. Аз ин амал танҳо мардуми одӣ зарар мебинад ва афсӯс ин мардум дар бештар мавридҳо надониста бо дасти худ ба ин душманони давлатҳои миллӣ (давлати соҳибихтиёри худ) кумак мерасонанд ва дар оянда хатогиашонро дарк мекунанд ва пушаймон мешаванд, аммо он чизеро, ки пештар доштанд дигар ба даст оварда наметавонанд. Аз ин рӯ, хуб мешуд фарҳанги сиёсии аҳолӣ дар дохили давлат баланд бардошта шавад, то ба чунин вазъиятҳо саривақт муқобилият карда шавад. Баъдан ҳокимиятҳои сиёсӣ гарчанде самаранок набошанд ҳам, яке аз роҳҳои дуруст ин ивази кадрҳо, махсусан роҳбарони сиёсӣ мебошад. Бистсолаҳою панҷоҳсолаҳо аз ҷониби як гурӯҳҳо идора шудани давлат ба мардум писанд намеояд ва халқ аз он чеҳраҳо хаста гашта, чеҳраҳои навро мехоҳад ва агар ин чеҳраҳо худ аз ҳокимият ихтиёран нараванд, дар сурати дахолати сабуки давлатҳои бегона мардумро ба по мехезонад. Агар фарҳанги сиёсии на танҳо мардум, инчунин элита низ баланд гашта, дарк намоянд, ки ҳокимият дар марҳилаҳои мухталиф бояд тағйир ёбад ва хуб мешуд, ки он аз табақаҳои гуногуни ҷомеа таркиб ёфта, ивазшавии ҳокимият сурат бигирад ва ин монеаи амалишавии тағйиротҳои иҷтимоии харобиовар дар давлат ва ҷомеа мегардад.Глобализатсия, дар маҷмӯъ, ҳамчун раванди бисёрченак ва бисёрдараҷа баромад намуда, аз ибтидои марҳилаи пайдоиши инсоният шурӯъ гашта, зина ба зина заминаҳоро барои бунёди ҷомеаи ягонаи инсоният дар марҳилаи муайяни таърихӣ муҳайё мекунад. Глобализатсия — ин тасаввуроти субъективӣ ва ҳолати статикӣ набуда, раванди объективӣ мебошад. Раванди глобализатсия тамоми дараҷаҳои рушди иҷтимоӣ-фарҳангии инсониятро дар бар гирифта, дар ҳар як марҳилаи таърихӣ хусусиятҳои ба худ хосро соҳиб мебошад. Тағйиротҳои гуногуне, ки дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ ба амал меомаданд, зарурат ба қудрат ё сохтореро ба миён оварданд, ки он тавонад тамоми равандҳои ҷомеаро идора намояд ва дар мавридҳои зарурӣ аз қудрати зӯрӣ низ истифода барад. Ба ҳайси иҷро кардани нақши

чунин қудрати универсалӣ — давлат хело мувофиқ буд. Албатта, давлатҳо дар таърихи худ роҳу усулҳои мухталифи идоракуниро пешниҳод намудаанд…Аз замоне ки инсоният соҳиби шууру дарки олами атроф гашт, барои хубтар идора кардани муҳити олами атрофи худ зарурати бунёди давлатро пеш гузошт. Маҳз давлат метавонист самаранок тамоми муносибату равандҳои мавҷудбударо назорат кунад. Дар аввал давлатҳо қудрати бузургро соҳиб буданд ва тамоми мушкилиҳои дохилидавлатӣ, ба монанди масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайраро ҳал намуда, то ҳадди имкон таъсири берунаро ба давлат бартараф мекарданд ва истиқлолияти худро ҳифз мекарданд. Агар аз ӯҳдаи иҷроиши чунин вазоифи худ баромада наметавонистанд, шикаст мехӯрданд ё аз байн рафта, ба ҷойи онҳо давлатҳои дигар пайдо гашта, ваколатҳои онҳоро соҳиб мегаштанд. Дар он марҳилаҳои таърихӣ равандҳои глобализатсионӣ ё амал намекарданд, ё хеле заиф буданд ва таъсири умумиҷаҳонии давлатҳо нисбат ба якдигар камтар ҳис карда мешуд ва давлат дар дохили худ қудрати бузургро соҳиб буд. Дар баробари ин, давлатҳо зуд-зуд ба якдигар ҳуҷум мекарданд ва давлатҳои тавоно давлатҳои заифро шикаст дода, онҳоро ё аз байн мебурданд ва ё ба тобеияти худ (протекторат) дохил мекарданд. Давлатҳои заифу шикастхӯрда истиқлолияти худро аз даст медоданд ё аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ идора карда мешуданд.

Вазъияти тамоюлҳои муосири ҳарбӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷаҳон инъикоси худро дар ташаккулёбии маҷмӯи «даъват ва таҳдид»-ҳо барои амнияти байналхалқӣ, субот ва рушди мустақили бисёр давлатҳо таҷассум мекунанд. Дар бисёр мавридҳо ба ҳайси объекти дахолати бавосита ва бевосита истиқлолият ва сохтори конститутсионии давлатҳо баромад мекунанд.

Мунокишаю, моҷароҳо ва ҷангҳо миёни давлатҳо иллати пайдо шудани мафҳуми байналҳалқӣ-ҳуқуқии «истиқлолияти давлатӣ» гашт, ки дар баробари дигар принсипҳо принсипи дахлнопазирии марзӣ дар он нақши муҳимро бозӣ мекунад. Ҷангҳои беамон ба иқтисодиёти давлатҳо зиёни бузург расонида, аҳолиро беҳад хаста намуда, барои рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ монеаҳо бунёд менамуданд. Зарурати объективӣ ба вуҷуд меомад, ки агар пеши роҳи ин ҷангҳои зиёновар гирифта нашавад ҳам, ҳадди ақал доираи фарогирии онҳоро кам кардан лозим буд. Аз ин хотир баъди поёни Ҷанги сисола ва ба имзо расонидани Созишнома оид ба хотимаи он санги асосии муносибатҳои нави байналхалқӣ, ки дар таърих бо номи низоми Вестфалӣ машҳур аст, гузошта шуд. Ҳақ бар ҷониби Генри Киссинҷер мебошад, ки «низоми ҷаҳонӣ» ба маънои томи калима вуҷуд надорад. Ин низоми (тартибот) ҷаҳонӣ, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф карда мешавад дар натиҷаи муоҳидаи Вестфал, бидуни иштирок ва назари аксари давлатҳою тамаддунҳои мухталиф созмон дода шуд [6, с.11-20]. Низоми Вестфал дар таърихи худ якчанд марҳилаи рушдро сипарӣ намуда, дар ин ё он дараҷа воқеияти объективиро то фарҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ инъикос намудааст.

Созишномаи Вестфал гузаришро аз муносибатҳои пештараи стихиявии сиёсӣ ба муносибатҳои муташаккили нави сиёсӣ таъмин намуд, ки ин низоми Вестфалӣ таҳкурсии амиқро барои сохтори сиёсӣ ва давлатии дар ҷаҳон вуҷуддошта гузошт. Низоми Вестфалӣ сохтори давлатиро мувофиқ ба принсипи миллӣ роҳандозӣ мекунад. Ҳамин тавр, решаи сохтори давлатҳои муосир дар сохтори давлатҳои қадим ва асримиёнагӣ нуҳуфтааст, ки мувофиқи принсипи миллӣ амал мекарданд. Яке аз принсипҳо ё талаботҳои асосии низоми Вестфалӣ принсипи истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад [16, с.15-19].

Баъд аз он ки низоми Вестфалӣ қудрати худро аз даст дод, зарурат ба низоми нав дар сиёсати байналхалқӣ пайдо гашт. Дар натиҷаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ баъди шикасти Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни он дар низоми глобалӣ низоми дуқутба (биполярӣ)- и муносибатҳои байналхалқӣ, ба истилоҳ низоми Ялта-Потсдамӣ (ин дастовардҳо дар конференсияҳои Ялта — 11 феврали соли 1945 ва Потсдам — 17 июл — 2 августи соли 1945 ба даст омаданд) ба вуҷуд омад. Де-юре ҳуқуқи байналхалқӣ истиқлолияти мутлақи ҳамаи давлатҳои соҳибихтиёрро эътироф мекард, аммо де-факто ҳамаи қарорҳои муҳимми сиёсати глобалӣ ва тартиботи ҷаҳон дар ду марказ — Вашингтон ва Москва қабул карда мешуданд. Ҷаҳони баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дигар мисли пештара характери аврупоимарказиашро аз даст дода, ба ҷаҳони глобалӣ, умумиҷаҳонӣ табдил ёфт. Аз байн бурдани низомҳои колониалӣ, ташаккулёбии зернизомҳои минтақавӣ ва субминтақавӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ дар зери таъсири фаъоли амудии низоми бархӯрди

биполярӣ ва тамоюлҳои иқтисодию сиёсии глобализатсия сурат мегирифтанд.

Низоми Ялта-Потсдамӣ аз камбудиҳо холӣ набуд. Пояи созишномавию ҳуқуқии он мелангид ва як қатор созишномаҳо характери шифоҳӣ дошта, бо ҳуҷҷатҳои мустанад тасдиқ намешуданду баъзеи дигарашон хислати расмиятиро доштанд, ки вобаста ба зиддиятҳои тарафайн дар муносибатҳои минбаъда дар амал иҷроиши худро пайдо намекарданд. Дар ин маврид СММ ҳамчун элементи марказии низоми Ялта-Потсдамии муносибатҳои байналхалқӣ ҷойгоҳи асосиро касб карда, кӯшиш мекард, ки дар ҷаҳон пеши роҳи ҷангҳою моҷароҳоро гирифта, муносибатҳои миёни давлатҳоро дуруст пиёда намуда, низоми глобалии амнияти дастаҷамъиро тарҳрезӣ намояд. Албатта, дар як марҳилаи муайяни таърихӣ СММ аз уҳдаи вазифаи худ мебаромад ва то ҳадди имкон муносибатҳои тарафайни ИҶШС ва ИМА аз бархӯрди бевосита дур дошта мешуданд. Бархӯрди ин ду абарқудрат метавонист дар майдони давлати сеюм (Афғонистон, Ветнам ва ғ.) сурат гирифта, хатари рӯ ба рӯ шудани бевоситаи онҳо бартараф карда мешуд ва яке аз омилҳои муҳимми дигари монеи ин кор бомбаи атомӣ низ буд [3, с.19-21].

Баъдан низоми Ялта-Потсдамӣ низ аз уҳдаи иҷрои вазоифи худ баромада натавонист ва зарурат ба таъсиси низоми нав дар муносибатҳои байналхалқӣ пайдо гашт, то тартиботро дар ҷаҳон таъмин намояд. Низоми мазкур баъд аз байн рафтани ИҶШС ва дар саҳнаи таърих мондани ИМА ба поён расид ва ҷаҳон аз олами биполярӣ (дуқутба) ба олами яккутба (постбиполярӣ) бо роҳбарии ИМА монд. СММ ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии низоми пештара то ҳол амал мекунад ва дар муносибатҳои байналхалқӣ институти марказӣ ба ҳисоб рафта, бидуни розигии он бояд ягон мушкилоту масъалаҳо дар ҷаҳон рух надиҳанд. Аммо ҳаводиси даҳсолаҳои охир исбот мекунанд, ки аз СММ фақат як номи бузург мондаасту халос, яъне «номи калону шаҳри вайрон». Ҳастанд давлатҳое мисли ФР, ЧХЧ ё якчанд давлатҳои кӯчак, ки мехоҳанд нуфузи СММ дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун институти марказӣ ҳифз карда шавад, аммо барои давлатҳое мисли ИМА, Британияи Кабир ва шарикони онҳо тақдири СММ он қадар муҳим нест. Махсусан ИМА бидуни иҷозати СММ амал мекунад ва барои иқдомҳои гузоштааш ҷавобгӯ ҳам намешавад ва агар зарур ҳисобад, СММ-ро низ ба зону мешинонад. Аз ин рӯ, истиқлолияти давлатҳо, махсусан давлатҳои кӯчак ва он давлатҳое, ки сиёсаташон ба ин абарқудратҳо писанд нест, зери хатар мемонад. ИМА дар зери ливои бунёди демократия метавонанд ба ин ё он давлат ҳамла намуда, ҳукуматҳои расмиро дар ин давлатҳо баршикан намоянд ва он ҳукуматҳоеро ба сари қудрат оранд, ки ба онҳо писанд мебошад. Аз ин рӯ, собиқ раиси Шӯро оид ба муносибатҳои байналҳалқии ИМА Ричард Хаас қайд намуд, ки «Истиқлолият — мафҳуми бештар шартӣ, ҳатто маслиҳатист на мутлақ. Агар ягон давлат терроризмро маблағгузорӣ намояд, силоҳи қатли ом созад ё геносид кунад, он гоҳ вай товони онро бо истиқлолияташ дода, худро барои ҳуҷум, бартараф шудан ва забт шудан аз ҷониби дигар давлатҳо тела медиҳад» [16, с.18]. Акнун нисбати ин давлат кадом иқдом бояд пеша карда шавад ва онро чӣ хел номгузорӣ бояд намуд, онро ИМА дар пеши худ бидуни дахолати дигарон баҳогузорӣ намуда, мувофиқ ба он амал мекунад.

Дар солҳои охир баъди ба миён омадани бисёр тағйиротҳо, ба монанди буҳронҳои ҷаҳонӣ, пурзӯр гаштани як қатор давлатҳо, касалиҳо, ба монанди короновирус ва ғайра, исбот мекунанд, ки ҷаҳон ба низоми нав эҳтиёҷ дорад, то ҳаводиси олам назорат карда шавад…Аслан, ҷаҳони имрӯзаро як гурӯҳ ё табақае идора мекунанд, ки метавон онҳоро шартан глобалистон номгузорӣ намуд. Глобалистон умуман мафҳуми истиқлолиятро қабул надоранд, дурустар баён намоем, онҳо мафҳуми «истиқлолият» ва худи истиқлолиятро дӯст намедоранд. Аз ин рӯ, глобалистон танҳо истиқлолияти худро қабул доранд ва дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ мехоҳанд аз рӯйи қонуну қоидаҳои худ бунёднамуда бозӣ кунанд ва давлатҳое, ки дар зери чатри онҳо бозӣ мекунанд, ба ин давлатҳо то андозаи зарурӣ истиқлолият медиҳанд. Дар сурати дигар онҳо метавонанд истиқлолияти давлатҳои нолозимро қабул накунанд ва бо роҳҳои зарурӣ ба онҳо монеаҳо барпо намоянд. Глобалистон, ошкоро амал намекунанду аксаран дар чеҳраи ширкатҳои фаромиллӣ (ТНК) ва ё аз номи онҳо ин ё он давлат ҳамчун намояндаи онҳо баромад мекунад. Аз нимаи дуюми садаи XX оғоз карда, то имрӯз аз номи онҳо ИМА баромад мекард ва дар оянддаи наздик баромад хоҳад кард. Ба сари қудрат омадани чеҳраҳои сиёсӣ, ба монанди Д.Трамп равиши сиёсии давлати ИМА-ро тағйир дода, аз идораи онҳо то андозае баромад ва сиёсати миллию протексионализмро пеша намуд, ки хилофи

идеологияи глобалистон мебошад. Агар дар оянда чунин шахсиятҳои сарсахт мисли Д.Трамп ба сари қудрат дар давлатҳои абарқудрати мухталиф омада, аз рӯйи қонуну қоидаҳои глобалистон кор накарда, ҳатто хилофи онҳо амал кунанд, ин метавонад барои бартараф кардани онҳо ва ба поён расидани умри глобализатсия оварда расонад. Аз ин рӯ, глобалистон барои итоат накардани Д.Трамп ба қоидаҳои онҳо ӯро аз пеши роҳашон бартараф намуданд ва барои расидан ба мақсадашон аз тамоми роҳҳо истифода намуданд, ҳатто аз роҳҳои ғайриахлоқӣ ҳам. Зинда бод, макиавелличигӣ! Барои расидан ба мақсад имрӯз глоблистон тамоми роҳҳоро истифода мекунанд ва корҳои худро дар зери пардаи демократия, ҳифзи демократия ва ягон ғояи беарзиш асоснок мекунанд ва онро ба воситаи васоити технологӣ, ба монанди садову симо, интернету телефон ва дигар васоити тобеи он пиёда месозанд. Хуллас, имрӯз ҳуқуқи байналхалқӣ хеле заиф гашта, ба истилоҳ қоидаҳои нонавишта амал мекунанд, ки акторҳо бояд мувофиқи онҳо амал кунанд, дар дигар сурат истиқлолияташон бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегардад.

Дар баробари ин, барои ҳифзи истиқлолият ва муқобилият намудан ба глобалистон ё ба давлатҳои абарқудрат дар раванди глобализатсионӣ як қатор омилҳо, ба монанди пеш бурдани сиёсати протексионистӣ, ташаккули раванди миллатгароӣ, ватанпарастӣ, ташаккули принсипҳои динию ахлоқии консервативӣ, дастгирӣ намудани оилаи классикӣ, ташаккули шахсияти комил, иқтисодиёти пурзӯри дохилӣ, артиши пурқувват ва амсоли инҳо мусоидат менамоянд…


**АДАБИЁТ**

1. Бредихин А. Л. Принципы и свойства государственного суверенитета. / А. Л. Бредихин, Е. Д. Проценко // Академический юридический журнал. — 2006. — № 3 (65), — с. 4-12.
2. Доклады риси. Будущее глобализации под угрозой? // Проблемы национальной стратегии. — 2018 — № 3 (48).
3. Дугин А. Г. Теория многополярного мира / А. Г. Дугин. — М.: Европейское движение, 2013. — 532 с.
4. Зокиров Г. Н. Истиқлолияти сиёсӣ / Г. Н. Зокиров. — Душанбе: Деваштич, 2006. — 158 с.
5. Кириленко В. П. Проблема государственного суверенитета в современных геополитических условиях / В. П. Кириленко, Г. В. Алексеев // Управленческое консультирование. — 2016 — № 3 — с. 14-23.
6. Киссинджер Г. Мировой порядок / пер. с англ. В. Желнинова, А. Милюкова / Г. Киссинджер. — М.: Издательство АСТ, 2017. — 512 с.
7. Кондратьева Т. С. Глобализация и государственный суверенитет / Т. С. Кондратьева. — М., 2002. — 354 с.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе, 2016. — 64 с.
9. Красинский В. В. Защита государственного суверенитета: монография / В. В. Красинский. — М.: Норма, 2017. — 790 с.
10. Моисеев А. А. Суверенитет государства в современном мире. Международно-правовые аспекты / А. А. Моисеев. — М.: Научная книга, 2006. — 246 с.
11. Новейший политологический словарь / авт.-сост. Д. Е. Погорелый, В. Ю. Фесенко, К. В. Филиппов. — Ростов н/Д.: Феникс, 2010. — 318 с.
12. Оглезнев В. В. Глобализация и государство: анализ социальной онтологии / В. В. Оглезнев. — Томск: Издательство ЦНТИ, 2010. — 159 с.
13. Правовые проблемы определения и реализации государственного суверенитета на современном этапе: монография / под ред. А. К. Сковикова, И. В. Яковюка. — М., 2010. — 320 с.
14. Фукуяма Ф. Сильное государство. Управление и мировой порядок в XXI веке / Ф. Фукуяма. — М.: АСТ: АСТ МОСКВА: Хранитель, 2006. — 224 с.
15. Хардт М. Империя / Пер. с англ., под ред. Г. В. Каменской, М. С. Фетисова / М. Хардт, А. Негри. — М.: Праксис, 2004 — 440 с.
16. Шишков Ю. В. Национальное государство: становление, развитие, закат. Что дальше? / Ю. В. Шишков. — М., 2011. — 57 с.
17. Эъломияи Истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон // Ведемостҳои Совети Олии Республикаи Советии Тоҷикистон. — 1990. — № 15; Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. — 1991. — № 18.



**ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ДОИРАИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ**

Дар мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ дар равандҳои глобализатсионӣ — истиқлолият диққати асосӣ дода шудааст. Қайд мешавад, ки мафҳуми истиқлолият аз маънои классикии он тафовут дорад, чун дар олами муосир забони қудрат, таҳдид ва қонунгузориҳои байналхалқие амал мекунанд, ки волоият ва истиқлолияти ҳокимияти давлатиро ҳамчун сифати муҳимми ҳокимияти давлатӣ зери суол мемонанд ва бо ин истиқлолияти давлатҳои миллиро дар марзи худашон заиф гардонида, раванди идораи онҳоро аз хориҷи давлатҳо суръат мебахшад.Дар мақола таърихи пайдоиши мафҳуми истиқлолият шарҳ дода шуда, қайд мешавад, ки он дар охири асрҳои миёна пайдо шудааст. Жан Боден суверенитетро ҳамчун ҳокимияти мутлақ ва абадӣ дар давлат ҳисоб мекунад, ки аксаран ба монарх ва дар камтар мавридҳо ба ашрофзодагон ё халқ тааллуқ дорад. Агар дар аввал зери мафҳуми истиқлолият асоснок намудани

ҳокимияти мутлақи монарх фаҳмида мешуд, пас дар асрҳои XVII-XVIII онро ба маънои нав, ба маънои мубориза бар зидди мутлақгароӣ ва барқарор намудани фарзияҳои давлатҳои демократӣ истифода мекарданд. Вобаста ба ин, се навъи истиқлолият: истиқлолияти халқӣ, миллӣ ва давлатиро ҷудо мекунанд, ки ҳар як навъи истиқлолият хусусиятҳо ва шакли зуҳуршавии ба худ хосро соҳиб мебошад.Ташаккулу амалишавии истиқлолият дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ дар низомҳои Вестфал, Ялта-Потсдамӣ ва муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар баробари ин, қайд карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти худро соҳиб буда, сиёсати сулҳҷӯёнаро пеша карда, истиқлолияти дигар давлатҳоро эътироф намуда, чунин муносибатро нисбат ба худ низ талаб дорад.

**Калидвожаҳо:** глобализатсия, равандҳои глобализатсионӣ, давлати миллӣ, ҳокимияти сиёсӣ, истиқлолият, истиқлолияти сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ, соҳибихтиёрӣ, мустақилият, абарқудрат, волоият, Низоми Вестфал, низоми Ялта-Потсдамӣ.

## ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СУВЕРЕНИТЕТ В КОНТЕКСТЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

В статье рассматривается одна из важнейших проблем политической жизни, связанных с современными глобализационными процессами, — суверенитет, так как появилась необходимость заново переосмыслить государство как таковое и его суверенитет. Подчёркивается, что современное понимание суверенитета отличается от его классического понимания, и это связано с тем, что в современном мире действует язык силы, угрозы, влияние международных законодательств, которые верховенство и независимость государственной власти, как важнейшего признака государства, ставят под сомнение, и тем самым ослабляют суверенитет национальных государств на их внутренних территориях, и ускоряют процесс их внешнего управления.В статье разъясняется история происхождения понятия «суверенитет», подчёркивается, что этот термин появился в конце средних веков. Основоположником этого понятия является Жан Боден, понимавший суверенитет как абсолютную и пожизненную власть в государстве, принадлежащую чаще всего монарху, или, в более редких случаях, аристократии, или народу. Если первоначально под суверенитетом подразумевалось обоснование безраздельной власти монарха, то в XVII-XVIII веках его использовали уже в новом значении, имея в виду борьбу против абсолютизма и восстановление концепции демократических государств. В соответствии с этим выделяют три вида суверенитета: народный, национальный и государственный. Каждый вид суверенитета имеет свои специфические особенности и формы проявления.Анализируются развитие и реализация суверенитета в конкретные исторические периоды: в Вестфальской системе, Ялтинско-Потсдамской системе и на современном этапе. А также подчёркивается, что Республика Таджикистан обладает своим суверенитетом и проводит миролюбивую политику, признает суверенитет других государств и, соответственно, требует такого же отношения к себе.

**Ключевые слова**: глобализация, глобализационные процессы, национальное государство, политическая власть, суверенитет, политическая независимость, государственная независимость, суверенность, независимость, сверхдержава, верховенство, Вестфальская система, Ялтинско-Потсдамская система.

## STATE SOVEREIGNTY IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

The article examines one of the most important problems of political life associated with modern globalization processes — sovereignty, since there is a need to rethink the state as such and its sovereignty. It is emphasized that the modern understanding of sovereignty differs from its classical understanding, and this is due to the fact that in the modern world there is a language of force, threat, the influence of international legislation, which question the supremacy and independence of state power, as the most important feature of the state, and thus the most weaken the sovereignty of national states in their internal territories, and accelerate the process of their external government.The article explains the history of the origin of the concept of sovereignty, it is emphasized that this term appeared at the end of the Middle Ages. The founder of this concept is Jean Boden, who understood sovereignty as an absolute and lifelong power in the state, which most often belongs to the monarch, or, in more rare cases, the aristocracy, or the people. If initially under sovereignty was meant the justification of the undivided power of the monarch, then in the 17th-18th centuries it was used in a new meaning, meaning the struggle against absolutism and the restoration of the concept of democratic states. In accordance with this, there are three types of sovereignty: popular, national and state. Each type of sovereignty has its own specific characteristics and forms of manifestation.The development and implementation of sovereignty in specific historical periods are analyzed: in the Westphalian system, the Yalta-Potsdam system and at the present stage. It also emphasizes that the Republic of Tajikistan has its own sovereignty and pursues a peaceful policy, recognizes the sovereignty of other states and, accordingly, requires the same attitude towards itself ...

**Key words**: globalization, globalization processes, nation state, political power, sovereignty, political independence, state independence, sovereignty, independence, superpower, supremacy, Westphalian system, Yalta-Potsdam system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Заҳруддинов Ильёсиддин Зиёваддинович*** — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** 917-17-70-82. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru

**Сведение об авторе:** ***Захруддинов Ильёсиддин Зиёваддинович*** — Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел.:** 917-17-70-82. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru

**Information about the author:** ***Zakhruddinov Ilyosiddin Ziyovaddinovich*** — Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** 917-17-70-82. **E-mail:** falsafa-TNU@mail.ru

УДК:008.1

# МУОСИРИЯТ ВА ВИЖАГИҲОИ ҲУВИЯТИ ФАРҲАНГӢ

*Абдуллоҳ М. С.*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.Баҳоваддинови АМИТ**

Дар илми ҷомеашиносии муосир ҷиҳати баррасии муосирият консепсияҳои мухталиф мавҷуданд, ки яке дунболи дигаре қарор гирифтаанд. Аввалан, назарияи шахсияти Э. Эриксон бо назарияпардозиҳои З. Фрейд бобати тақвиятёбии ҳувияти фарҳангӣ ҳамоҳанг мебошанд, аммо ин назарияҳо аз ҷониби Э. Гидденс истиқбол нагардида, баръакс, ҷомеашиноси англис назарияи “сохтёбии расотарин” – ро интишор намуд, ки ба қавле навъе таъсирпазирӣ аз тарзи тафаккури Маркс маҳсуб мешавад. Назарияи ҷомеашинос Ю. Хабермас низ қобили зикр мебошад, ки таҳти унвони “кунишҳои иртиботӣ” машҳур аст ва мутобиқ ба ин назария, инсонҳо бо мубоҳисаҳои истидлолӣ, тавофуқу ҳамкорӣ ба дунболи дастёбӣ ба фаҳми муштарак мушарраф ҳастанд. Дар садаи гузашта ва асри ҳозир бинобар рушди ҷомеаҳо худмуайянкунӣ низ дар шакли ҳувиятҳо беш аз пеш баррасӣ шуда, андешаи буҳрони фарҳангҳою тамаддунҳо талқин мегардад. Модерн зинаи аввалияи таърихии муосирият аст, ки ҷояшро ҳатман ба зинаи дувуми таърихӣ таҳти унвони постмодерн вогузор хоҳад кард. Бинобар ин, бо муваққатӣ будани рӯзҳои мо дар кишварҳои тавсеаёфтаи Ғарбу Шарқ онҳо ба унвони як давраи таърихӣ мутафовит ҳастанд. Модерн чун марҳилаи таърихи ҷадид таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳувияти фарҳангиро падид овард, постмодерн бошад, буҳрони ҳувиятҳоро дар раванди ҷаҳонишавӣ тақвият бахшид. Дарвоқеъ, постмодернизм бозтоби назарии яктарафаи буҳрони ҳувиятҳо дар замони муосир аст. Модерн ва постмодерн вижагии ҷудонопазир аз ҷомеа ва фарҳанги Аврупост ва алҳол дар мафҳумоти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ мавриди истифода қарор мегирад. Файласуфи фаронсавии садаи XX Жак Франсуа Лиотар дар таълифоти хеш таҳти унвони “Авзои постмодерн” муосириятро чунин тасвир кардааст: “Мавзӯи ин таҳқиқ вазъияти дониш дар пешрафтатарин ҷомеаҳои имрӯзӣ аст. Тасмим гирифтем онро “постмодерн” биномем. Ин вожа дар қораи Амрико аз қалами ҷомеашиносон ва мунаққидон муталлид шуд. Баёнгари вазъияти фарҳанг пас аз дигаргуниҳоест, ки қавоиди бозӣ дар илм, адабиёт ва ҳунар дар поёни қарни XIX таҳаммул ёфтанд. Дар ин ҷо мо ин таҳавуллотро дар робита бо буҳрони достоннависӣ дар назар хоҳем гирифт” [8, с. 9]. Илова бар ин, фалсафаи постмодернизм бозтоби бадбинонаи буҳрони ҳувияти анъанавӣ ва гуманизми классикӣ мебошад. Постмодернизм вокунише алайҳи буҳрони ҳувияти фарҳангӣ дар ҳоли тавсеаёбист. Ба ибораи дигар, постмодернизм фалсафаи гуногунандеши навоваронаест, ки воқеияти ниҳоӣ барои он ваҳдат буда наметавонад, чунки он тамоиз асту бас. Дар ҳеҷ сурат ҳувият нест, балки теъдоди ҳангуфти парокандагиро илқо хоҳад кард. Монанди консепсияҳои “тамаддун” ва “ҳамгироӣ” ва бисёре дигар мафҳумҳои калидӣ дар давраи таърихи модерн идеяи “универсализатсия” ибрози умедворӣ ва қасду азми росих барои барқарории назмеро дошт, ки дар замони гузашта фарогири ҷомеаҳо буд, аммо идеяи ҷаҳонишавӣ бо зуҳури потенсиали манбаъҳои давлатҳо ва баландпарвозиҳои ақли муосир муталлид шуду оқибат масоибе барои инсон ва ҷомеа ба бор овард. Ба қавли Пер Нора, “истилоҳи ҳувият як вожагунаест маънавӣ ва мушобеҳ ба он чӣ ки бо вожаи “таърих” иттифоқ уфтодааст, аз як мафҳуми фардӣ ба як мафҳуми ҷамъӣ табдил шуд. Ҳувият як фардро мунҳасир ба фард будани худ мушаххас мекунад” [11, с. 19].

Барои постмодернизм ҳеҷ пешрафте наметавонад матраҳ шавад. Ҳама чиз нисбӣ аст.

Дониши мо натиҷаи забони машруту тамрини иҷтимоист. Ин сохторҳои забонӣ бо ҳеҷ вазъияти мустақил марбут нестанд ва амали иҷтимоӣ ҳамеша маҳдуд ба ашколи маҳалли ҳастӣ аст. Зеҳни башар наметавонад на танҳо ба ҳақиқат, балки ба ҷаҳонӣ будан низ тазоҳур кунад. Яке аз вижагиҳои муҳити вазъияти постмодерн ин аст, ки усулан наметавонад ба унвони як ҷаҳонбинӣ ё худ фалсафае муштарак вуҷуд дошта бошад. Чун адами тамаркузи ҳастӣ, постмодернизм ба унвони тахрибкунандаи ҳамаи гироишҳо, макотиби фалсафӣ ва ҷаҳонбинӣ амал мекунад. Бадбинӣ, яъсу навмедӣ ва беэътимодӣ ба воқеият низ аз вижагиҳои боризи ин тафаккур маҳсуб мешаванд. Ҳегел, ки мафҳуми “модерн”–ро ба унвони замони нав дар иртибот бо заминаи таърихӣ истифода кардааст, ормонҳои дарунии инсонро аз ду ҷониб баррасӣ карда, дугунагии рафтору пиндорро дар ӯ қоил аст, чунки ҳама гуна мушаххасоти марбут ба инсон аз як ҷониб мавароитабиист, аммо аз сӯйи дигар, дар табиат маҳфуз мебошад ва воқеият барои инсон нисбиятро тақдим медорад [2, с. 387]. Мавсуф пайгирӣ аз дидгоҳе дорад, ки дар пояи тазод баррасӣ мешавад ва ҳеҷ шайъ ҷиҳати шинохт бидуни баррасии самти муқобил имкон надорад. Баррасии фалсафии тазоди табиат ва рӯҳ, ҳиссу ақл, Ман ва на Ман, маҳдуд ва номаҳдуд, ки дар тасодум бо якдигар қарор доранд, роҳи посух ҷустан ба буҳроне дониста шудааст, ки дунболи рушд меравад, аммо нақди фалсафии ақл наметавонад ниёзҳоро қонеъ кунад, ки худ натиҷаи айнии он маҳсуб мешавад. Ҳегел ақлро ба унвони худшиносии оштидиҳанда аз рӯҳи мутлақ талаққӣ медиҳад: “Ин вижагӣ бо шароити ҷаҳонӣ будан муртабит аст. Кулли мавҷудоти олам восита аст, ки бар рӯйи он ҳама ҳувиятҳо, ҳама тавоноиҳо ва ҳама ҳаводис ба худ озодии тавлид ва хушбахтӣ медиҳанд” [4, с. 288].

Юрген Хабермас аз зумраи муҳаққиқони муосирият аст ва дар пешгуфтори рисолае таҳти унвони “Гуфтумони фалсафӣ дар бораи модерн” омилҳои ба ин мавзӯи баҳсбарангез рӯйоварии хешро чунин изҳор кардааст: “Модерн –лоиҳаи нотамом”, дар асли худ фақат унвони гузорише буд, ки дар моҳи сентябри соли 1980 зимни дарёфти ҷоизаи Адорно қироат кардам. Ин мавзӯи баҳсбарангез аз ҳамон овон то имрӯз маро аз худ дур насохтааст. Ҷанбаҳои фалсафии мавзӯъ торафт дар сатҳи огаҳшавии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷо гирифт. Интиқодоти навсохторгаро аз ақл чашмандозеро эҷод мекунад, ки дар он гом ба гом талош доштам ин мавзӯи баҳсбарангезро тармим бинамоям. Баҳси фалсафии мутааллиқ ба вожаи “модерн” аз охири садаи XVIII дар сатҳи як мавзӯи фалсафӣ матраҳ шуд. Ин баҳс дар аксар мавридҳо ба масоили эстетикӣ ворид мегардид, аммо ман маҷбурам матраҳшавии модернро дар ҳунар ва адаб инҷо лағв кунам” [16, с. 7]. Мавсуф дар оғози китоб мафҳуми муосириятро шарҳ дода, онро вокунише алайҳи заминаҳои таърихии ақлгироии ғарбӣ медонад: “Мафҳуми муосирият ба маҷмӯаи бо ҳам иртибот доштаву мутақобил ишора дорад: ба самти ташкили сармоя ва таҳияи манобеъ; ба тавсеаи неруҳои истеҳсолӣ ва афзоиши баҳраварии меҳнат; ба иҷрои қудрати сиёсии марказӣ ва шаклгирии ҳувиятҳои миллӣ; ба густариши ҳуқуқи мушорикати сиёсӣ, тавсеаи зиндагии шаҳрӣ, таҳсилоти мактабӣ ва ғайра. Муосириятро метавон ба унвони як модел барои раванди тавсеаёбии иҷтимоӣ алайҳи заминаҳои таърихии ақлгароии ғарбӣ донист. Бинобар ин, ҷараёни муосирият дигар ба унвони ақлоният талаққӣ намешавад” [16, с.10]. Хабермас зимни баррасии муосирият пояҳои асосии замони навро дар осори фалсафии аҳди классикӣ чун Ҳегел, Вебер ва Нитсше ҷустуҷӯ карда, ҷиҳати таносуби дидгоҳҳои мутафаккирони гузашта нисбат ба муосирият изҳори андеша менамояд. Ба қавли Хабермас, “Ҳегел аввалин касе буд, ки раванди озодии замони навро ба сатҳи як мушкили фалсафӣ расонид. Модерн аз таъсири илҳомбахши аксуламали хориҷӣ худогоҳии навинро дар бар гирифту дар мушкилиҳо ончунон номаълум монд, ки Ҳегел бо дарк намудани

авзоъ ва вижагиҳои хосси муосирият ба унвони мушкили фалсафӣ метавонист иктифо карда, онро аз зумраи номафҳумии таълимоти худ баррасӣ созад. Ҳегел фақат файласуфе нест, ки ба даврони модерн мутааллиқ аст, балки ӯ аввалин файласуфе маҳсуб мешавад, ки замони модерн барояш мушкил эҷод кардааст” [16, с. 13]. Хабермас пас аз баҳогузориҳои хеш ба Ҳегел, ҷиҳати нақши Нитсше ва Ҳайдеггер ба муосирият ҳусни оғоз мебахшад ва зимнан таъкид месозад, ки дувумӣ дар асл пайрави аввалӣ будааст: “Нитсше ҳадаф дошт, ки баҳси муосириятро аз худ дур созад. Аҳдофе, ки Нитсше дунбол мекард, Ҳайдеггер ба дунболи ӯ аз тариқи як интиқоди куллӣ ба кумаки нобудии метафизикаи ғарбӣ талош меварзид” [16, с. 64]. Лек машҳуртарин истилоҳ, ки аз замони Арасту то кунун мавриди истифода қарор гирифтааст, ин метафизика аст, ки дар мероси хаттӣ чун илоҳиёт баррасӣ мешавад, аммо Хабермас муосириятро аз замони классикӣ маҳз бо ҳамин истилоҳ мутафовит донистааст: “Идеяи оғозу анҷоми метафизика потенсиали буҳронии худро бо шароити зер мадюн аст: Ҳайдеггер монанди Нитсше дар даруни тасаввури замонии муосирият ҳаракат мекунад. Огоҳии муосирият аз замон, ба қавли Ҳайдеггер, оғози асри ҷадид бо вижагиҳое мушаххас мешавад, чунонки фалсафаи огоҳӣ бо номи Декарт муртабит аст” [16, с. 86].

Албер Камю дар китобе мавсум ба “Марди шӯришгар” фоҷиаи метафизикиро чунин ба қалам овардааст: “Шӯриши метафизикӣ исёни як инсон алайҳи сарнавишти худ ва алайҳи кулли ҷаҳон аст. Ин шӯриши метафизикӣ аҳдофи ниҳоии инсон ва ҷаҳонро ба чолиш мекашад**”** [7, с. 23]. Мафҳуми модерн, ки бар асоси назарияи қудрат тавсеа ёфтааст, Нитсшеро водор мекунад, ки ба интиқоди ақл пардохта, алайҳи ақлгароии Ҳегел худро хориҷ аз уфуққои ақл қарор диҳад. Ӯ арзишҳоеро, ки дар иртибот бо фалсафаи ҳунари модерн тақвият пазируфтааст, ба расмият намешиносад ва муътақид аст, ки дидгоҳи ҳунарӣ имкон фароҳам меорад, то тавассути равишҳои илмӣ анҷом пазируфта, бинобар нигариши мовароуттабиӣ шаклгирии бадбиниву шаккокиро касб намояд. Фалсафаи ирода ба қудрат аз зумраи арзишҳоест, ки Нитсше иддаои тавоноии интиқод аз ғайритабииро пешниҳод менамояд. Шаккок донишманде, ки дунболи ифшои инҳирофоти ирода ба қудрат худро ба унвони вокунише матраҳ месозад ва бо истифода аз равишҳои инсоншиносӣ, равонӣ ва таърихӣ муосириятро дар заминаи қиёми неруҳои қудратиаш дар ҳеҷ сурат истиқбол нахоҳад кард. Аммо қудрат дар мафкураи урупоӣ, ки бо фарҳанги интиқод мусаллаҳ аст, ба маънии ихтиёр дарк мешавад, чунки ихтиёр дар умур маҳз ҳамон қудратеро иқтизо хоҳад кард, ки расман чун фармонравоӣ пазируфта шудааст: “Саранҷом, чи касе эътироз мекунад, ки фикре ворид шудааст, ки Ман магар андеша тавлид мекунад?.. Аз ин се воқеияти дохилӣ, ки зоҳиран зомини иллият будаанд, аввалин ва қонеъкунандатарин ҳақиқат ирода ба унвони иллат аст. Мафҳуми Ман ба унвони иллат баъдан мутаваллид шуд, пас аз он ки иллият бо таваҷҷуҳ ба иродае, ки дода шуд, ба унвони таҷрибӣ таъсис ёфт” [9, с. 779].

Мартин Ҳайдеггер саъй мекунад аз ҳавзаи нуфузи фалсафаи зеҳният хориҷ шавад, вале фаробунёдгароии таърихии ҳастӣ маълум мекунад, ки мавсуф бар тафаккур мутамарказ шуда, оқибат хешро аз пажӯҳиши бисёрҷониба канор мегирад. Номбурда бар тафовут, ки байни ақлу зеҳн вуҷуд дорад, таваҷҷуҳ намекунад. Пайомади дигаре аз фалсафаи баъдии Ҳайдеггер ҳамон хулосае хоҳад буд, ки нақди модерн ба таҳқиқи илмӣ истиқлоли зеҳнӣ мебахшад. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки улуми давраи муосирият иддаои ақлро канор гузошта, ҷиҳати тағйирёбии фановарӣ дар улуми табиатшиносӣ бозтобе амалист ва нахустин қудрати истеҳсолӣ маҳсуб мешавад. Муҳаққиқи яҳудиасли лаҳистонӣ Зигмунт Бауман, ки муқими Британиё пас аз ҷанги ҷаҳонӣ шуд, дар мақолае бо номи

“Баҳси постмодернизм” бештар аз лоиҳаҳо ва нусхабардориҳое ҳарф мезанад, ки таърихи ҷадиди башар ба онҳо рӯ овардаанд. Мавсуф зимни баррасии муосирият давраи муҳассилиашро ба ёд оварда, бо тааҷҷуб ба баррасии мавзӯи марбута оғоз менамояд, ки замони нав давраи кул нест, балки ҷуз бо ҳар баҳонае ҷиҳати муаррифии худ иқдом мекунад: “Шояд амиқтарин ва боарзиштарин вижагии замоне, ки мо маҷбур будем зиндагӣ кунем, шомили ин воқеият аст, ки на танҳо фикр намекунад, балки наметавонад худро ба унвони “пружа” тасаввур кунад. Маҳбубияти ногаҳонии арқом ва фаровонии исмҳо дар шумори афрод зоҳир мешавад, ки замоне фақат бар онҳо амал мекарду имрӯз мо ба пружаҳо зиндагӣ дорем ва машғули ҳалли мушкилоту мураттабсозии умур ҳастем, аммо на ин фаъолиятҳо, на танҳоӣ ё ҷамъӣ анҷом мешавад, на мушкилот ҷамъ мегардад. Муҳимтарин чиз ин аст, ки дар байнашон мушкилиҳо ҳеҷ вуҷуд надоранд” [3, с. 76]. Ба қавли ӯ, тамаддуни муосирро фақат тасодуми дохилӣ аз байн мебарад ва авомиле, ки ба зуҳури он боис шуданд, ҳамчунин барои нестшавии замони нав кумак хоҳанд кард. Агар ба мушкилиҳои ҷаҳони муосири Ғарб назар афканем, ба зудӣ пай мебарем, ки мушкилии асосӣ дар замони муосир сарпечии насли нав аз издивоҷ маҳсуб мешавад, дар ҳоле ки башар рӯз аз рӯз бинобар таваллуд ва таҳияи созмони хонаводагӣ афзун мегардад. Пас дар аҳди постмодернизм ҷомеаи Ғарбро, ки дар пояи бахши протестантии масеҳият ҳувияти фарҳангии мутааллиқро идома медиҳанд, чӣ пайомадҳо интизор аст? Тибқи андешаронии файласуфи нимаи дувуми садаи гузашта Мишел Фуко, барои пайдо кардани қудрат ҷамъият зарур мебошад. Ба қавли ӯ, таърих натиҷаи амал на аз авомили ақлонӣ ва огоҳона, балки аз неруҳои ғайримантиқӣ ва нохудогоҳ аст: “Мардум монанди меваҳои замин ва мутаносиб бо сарвату манобее, ки дар кори худ ба даст меоваранд, таксир мешаванд. Муддатҳост истидлол мешавад, ки агар кишваре мехоҳад сарватманд ва қудратманд бошад, бояд ҷамъияте дошта бошад. Ба ин ҳол, барои аввалин бор ҳадди ақал ба унвони як омили доимӣ ҷомеа иддао мекунад, ки оянда ва сарвати он на танҳо бо теъдод ва фазилати шаҳрвандон, на танҳо бо қавонини издивоҷ ва созмони хонаводаи онҳо, балки бо шевае, ки ҳар кадом аз онҳо робитаи ҷинсӣ доранд, ба унвони ҳадафи мудохила дар назар гирифта мешавад” [15, с. 120]. Инчунин, матраҳшавии масъала ҳанӯз аз баёнияҳои Ҳегел ва махсусан Нитсше сарчашма мегирад. Вақте ки дувумӣ зимни баррасии ирода ба қудрат ва он сӯйи некиву бадӣ масеҳиятро маҳвкунандаи инсон номида, гузашта аз он, қудратро дар маънии ихтиёр баррасӣ кард ва ба аҳволи ғарбиён тамасхур намуд, ки ҳар фарде аз афрод дунболи барпо кардани хонаводае умри гаронмояи хешро сипарӣ мекунад ва монанд ба ин баёнияҳо урупоиён муҷаррадиро аз оиладорӣ бартар донистанд. Агар Мансури Ҳаллоҷ “аналҳақ” гуфту сангсор шуд, аммо Нитсше ҷиҳати тақвияти худогоҳии инфиродӣ Ҳудоро мурда пиндошту исрор намуд, ки некӣ ҳомили бадӣ аст [9, с. 522]. Фуко ин марзҳоро гузашту муосиринро даъват намуд, ки барои расидан ба ҳувияти такмилёфта Яздонро бикушед, то дар худ бақо ёбед, аммо паҳншавии ин ақидаҳо инсонҳоро дар ихтиёрдорӣ мустаҳкам сохт, вагарна эътимоду эътиқоди мардум чун занҷирае онҳоро победа карда, дар ҳеҷ сурат намегузошт, ки шаҳди озодиро бичашанд. Бинобар ин, постмодернизм арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро куллан тағйир доду дигар арзишҳоро, ки қаблан дар замонҳои пеш истиқбол намеёфтанд, оммавӣ кард, яъне фарҳанги замони ҷадид ба куллӣ тағйир ёфту бараҳнагии маънавӣ мунташир шуда, марзҳои адабро мунҳасир сохт. Матлаби “марги Худо” маҷозист ва Худо ҳадафи зиндагӣ маҳсуб мешавад, ки бо даргузашти ӯ ҳаёти инсон дигар маънӣ надорад. Дар постмодернизм мафҳуми Худо намоде аз ҳузури иллати ҷомеаи ниҳоят аст ва истиораи марги Худо ба тартиб радди идеяи иллати хориҷӣ маҳсуб мешавад. Таносуби бархӯрд ва ҳамгироии муосирро дар ҷомеаҳои ғарбӣ Фуко чунин тасвир мекунад: “Ман комилан аз

ин воқеият огоҳ ҳастам, ки номуайянии хосе дар тарҳи ироашуда нуфуз мекунад. Ин хатар вуҷуд дорад, ки ин номуайянии мутасаввир дар зеҳни башар бояд ҳамаҷониба таҳқиқ шавад. Садҳо маротиб қаблан такрор кардаам, ки таърихи ҷомеаҳои ғарбӣ дар садсолаҳои ахир қудратҳои ғайримустабидро нишон медиҳанд. Ман суханронии хешро ба гунае сохтор додам, ки ин мафҳумро аз бозӣ истинбот кунам, дар ҳоле ки вонамуд кардам дар мавриди интиқоде, ки дар ҷойҳои дигар анҷом мешавад, чизе намедонам" [15, с. 179]. Ҷомеаҳои ғарбӣ дар даврони модерн ва постмодерн ғолибан ба интиқоди хирад иштиғол доштанд ва маҳз нақди ақлонӣ онҳоро рушд бахшид, аммо зуҳури афроди интеллектуал, ки дар кишварҳои Шарқ таҳти унвони рушанфикр дарк мегардад, пояҳои устуворе аз пешиниён дошт, чунки дар кишварҳои Ғарб аз аввал фикр бо воқеият пайваст буд ва ҳеҷ суханваре зимни баёни андеша дар осмон муаллақ набуд. Мишел Фуко бошад, дар рисолаи хеш таҳти унвони "Ирода ба ҳақиқат – дар тарафи дигари дониш, қудрат ва ҷинсият" интеллекти ҳақиқиро чунин ба қалам овардааст: "Вазифаи фарди интеллектуал ин нест, ки ба дигарон бигӯяд чӣ кор кунанд. Ба чӣ ҳаққе ин корро мекард? Лутфан, ҳама пешгӯиҳо, ваъдаҳо, дастурот ва барномаҳоеро, ки интеллект дар ду қарни гузашта тадвин кардаанд ва пайомадҳои онро акнун медонем, ба хотир биспоред. Вазифаи интеллект ин нест, ки иродаи сиёсии дигаронро шакл диҳад, балки ба кумаки таҳлиле, ки дар заминаҳои худ анҷом медиҳад, шавоҳиду фарзияҳоро дубора зери суол мебарад ҳамон тавре, ки шинохта шудааст. Қавонину муқарраротро муҷаддадан арзёбӣ кунед ва бар асоси ин мушкили муҷаддад (ҷое, ки вай ба унвони як рушанфикр тиҷорати хосси худро ирсол мекунад), дар шаклгирии бархе иродаҳои сиёсӣ мушорикат дошта бошед (ҷое, ки нақши худро ба унвони шаҳрванд ифо мекунад)" [15, с. 321]. Фуко, Деррида ва чандин файласуфони фаронсавӣ ҷиҳати баррасии баҳси муосирият "назарияи фаронсавӣ" – ро бунёд гузоштанд, ки дар фалсафаи муосирият бо номи "фалсафаи тафовут" машҳур мебошад. Деррида фалсафаро ба унвони шакле аз нақди матнӣ тамрин мекард, аммо муҳимтарин бахши фалсафаи постмодернизм сохторгароӣ ва нисбигароии маърифатӣ аст, ки ба истилоҳ воқеиятро таваҳҳум пиндоштаанд ва ба қавли онҳо, ҳақиқатро наметавон бидуни ибҳом фаҳмид. На танҳо интиқоди фалсафаи классикӣ, балки рушди устувори улуми табиатшиносӣ низ барои зуҳури муосирият замина ба вуҷуд овард.

Бузургтарин мунаққиди ақл Фридрих Нитсше алорағми ҳамаи муҳаққиқин дар садсолаҳои сипаришуда вақтро дар баробари фазо таҳлил намуда, муътақид аст, ки инкори вақт инкор кардани ҳастии хеш мебошад: "Ҳар касе, ки ба вақти худ ҳамла мекунад, ӯ фақат метавонад ба худии хеш ҳамлае анҷом диҳад. Қавитарин дороии ман ғалаба бар худ аст" [10, с. 728]. Шояд аз ҳамин хотир бошад, ки Жак Деррида дар китоби худ "Мактуб ва тамоиз" алорағми тазоди дохиливу хориҷӣ даъват ба амал меоварад, ки бояд дар системи классикӣ иқтисоди ҷадиде таҳия кард, ки бар нафъи тарафайн хидмат кунад. Номбурда ба бознигарии фикрӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ҷустуҷӯи фалсафаи ҷаҳонист, чунки эътимоди қавӣ дорад, ки фалсафаи урупоӣ ҷавҳари идеологияи таҳмилпазир мебошад. Бинобар ин, равиши хондани як матнро ба унвони бахше аз сохтори шаклӣ тавсеа медиҳад ва онро стратегияи чунин сохторе баррасӣ намуда, муътақид аст, ки муқаддамоти фалсафиро бо истифода аз ин сохтор метавон ҷудо кард: "Мо муътақидем, ки мафҳумҳои ҷадид ва моделҳои наве аз навъи иқтисодро ҷустуҷӯ кунем, ки аз системҳои мутақобили метафизикӣ фирор бинмояд. Мо мехоҳем иқтисодеро дар даруни ин система ошкор кунем, ки тавассути навъи хосе аз сохторгироӣ ба нафъи дигарӣ ба таври интиқодӣ пазируфта нашудааст" [5, с. 29].

Дидгоҳи дигар ҷиҳати муаррифии постмодерн ин ҷомеаи масрафкунанда аст. Ба

қавли муҳаққиқи фаронсавии постмодернизм Жан Бодрийёр, воқеиятҳои иҷтимоӣ ба унвони як табақа ё қавм аз байн мераванд. Мавсуф Амрикоро ҷомеаи масрафкунанда номида, муътақид аст, ки ин кишвар дар ҳоли табдил шудан ба як саҳрои иҷтимоӣ қарор дошта, он ҷо ҳамаи арзишҳои башарӣ маҳв мешаванд. Дар китобе бо унвони "Ҷомеаи масрафӣ" муҳаққиқи фаронсавӣ пояи асосии ҷомеаҳои навинро аз нодонӣ медонад: "Тибқи ҳамон тарҳ метавон гуфт, ки мушаххасан масраф ҳамон тавре, ки дар инҷо таъриф кардем, дониши ҷаҳон нест, аммо ҷаҳли комил низ онро ба унвони НАДОНИСТАН муаррифӣ мекунад" [2, с. 16]. Иддае аз муҳаққиқини ғарбӣ ва ғайриғарбӣ ҷомеаи Аврупоро чун ҷомеаи масраф муаррифӣ карда, ҷомеаи амрикоиро низ ҷомеаи исроф хондаанд, ки даъват ба қаноат дар онҳо маъное надорад. Воқеият дар кишварҳои тавсеаёфта ҳамин аст, ки бинобар сатҳи олии хидматрасонӣ дар тамоми соҳаҳо инсонҳо мутафаккир нестанд, чунки ба ҷойи ӯ амалҳояшро робот иҷро мекунад ва афзоиши бекорӣ низ дар баъзе манотиқи дунё омили асосии ҳиҷрати онҳо ба ҷомеаҳои рушдкунанда аст. Аз ин дидгоҳ метавон хулоса кард, ки тараққӣ айни замон инқироз асту буҳрон аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ногусастанист. Ясперс зимни баррасии фарҳангҳои бостонӣ муътақид аст, ки инсон он замон ҳанӯз ба худогоҳии воқеӣ нарасидааст, аммо бо таваҷҷуҳ бо замони муосирият як навъ дилсардиро дар ботини инсонҳо пайхас намуда, иртибот доштани онҳоро чунин баррасӣ менамояд: "Ба далели эътиқод ба аҳамияти иҷтимоъ, ки дар зиндагии рӯзмарра нуфуз карда, ба дилсардӣ ва ҳисси нобоварӣ ба ҳамдигар табдил ёфтааст, пайванди наздик байни мардум начандон дуртар аз замони мо вуҷуд дошт, ки ба нудрат иртиботро ба як мушкили хос табдил мекард. Мардум аз ин калимот розӣ буданд, ки мо метавонем бо ҳам дуо кунем, аммо бо якдигар суҳбат накунем" [19, с. 520].

Ҷомеашинос ва равонпизишк Эрих Фромм, ки дидгоҳи интиқодӣ ба Зигмунт Фрейд дорад, яке аз омилҳои буҳрони муосириятро дар табиати инсон мебинад, ки дар навбати худ омода аст ҷиҳати суд ёфтан зиён бар ҷомеа бирасонад. Номбурда бар ин бовар аст, ки инсонро табиат барои рафторҳои нопокаш маҳв мекунад: "Иштиёқ ба фатҳ ва хусумат инсонро кӯр кард ва монеъ аз дидани он шуд, ки манобеи табиӣ номаҳдуд нестанд ва метавонанд аз байн бираванд ва сипас, табиат барои рафтори ваҳшиёна аз инсон интиқом мегирад" [14, с. 11]. Кӯшишҳои инсон дар замони муосирият бештар ба худи ӯ иртибот доранд. Фарқ надорад, ки аз амали фарде афрод зиён мебинанд ё на! Ба қавли Фромм, инсон дигарбора ба ваҳшоният бармегардад ва шояд буҳрони ҳамаҷониба аз ҳамин хусусият шурӯъ шавад ва агар аз ин дидгоҳ ҳувиятҳоро баррасӣ кунем, хулоса ин хоҳад буд, ки тақвият ёфтани босуръати ҳувиятҳои фарҳангӣ гувоҳ аз он аст, ки онҳо рӯзе боз ба буҳрони шадиде гирифтор мешаванд. Ба қавли Тойнби, постмодернизм ба марҳилаи ниҳоии таърихи Аврупои Ғарбӣ табдил хоҳад шуд. Ҷаҳон билохира ҳамоҳангии худро аз даст хоҳад дод [12, с. 39].

Ин ҷо зарур донистем афкори ғайриғарбиро ҷиҳати баҳогузорӣ шудани муосирият матраҳ кунем. Ризо Доварии Ардаконӣ аз зумраи муҳаққиқине маҳсуб мешавад, ки нисбат баояндаи пурфоҷиаи ҷомеаҳои тавсеаёфтаи Ғарб изҳори ақида намудааст. Мавсуф дар таснифоте бо номи "Дар бораи илм" бидуни оҳанги маънавӣ мондани Аврупоро мутазаккир мешавад: "Мо акнун дар давраи постмодерн умр ба сар мебарем. Дар ин давра башар дигар чандон дар банди савдои тараққӣ нест ва бо ин ки зиндагӣ дар саросари олам ҳар рӯз ва рӯз ба рӯз дигаргун ва боз ҳам дигаргун мешавад, вале ин дигаргунӣ, бештар як амри қаҳрӣ аст, на дар ҷиҳати сохтану пардохтани ҷаҳоне, ки Ғарб дар қарни ҳаждаҳум ба он умед баста буд. Ғарб дигар оҳанг надорад" [1, с. 59]. Гузашта аз ин, муҳаққиқи эронӣ накди постмодернро баррасӣ карда, маҳвшавии асли фалсафаро аз

доираи имкон берун медонад: “Нақди постмодерн дарвоқеъ нақди субъективият аст. Албатта, ин бад-он маънӣ нест, ки субъективият аз миён рафтааст. Як асли фалсафа бо мухолифату баҳс ва чунучароии сирф аз миён намеравад, балки то асли дигаре ҷойи онро нагирад, он асл муассир ва маншаи асар аст. Аммо вақте дар асле аз усули фалсафа шак раво доранд, метавон ҳадс зад, ки футуре дар фалсафаи замон пайдо шудааст” [1, с. 109]. Файласуфи тоҷик Усмонзода Х.У. муҳтавои муосириятро дар маънии “беҳтар аз ҳама”, “беҳтар аз пешина” ва “танҳо ба ҳозира хос” дарк карда, зимни баррасии илмии муосирият эътироф мекунад, ки дар фалсафаи иҷтимоӣ чандин маънии вожаи мазкур пазируфта шудаанд: “1) муосирият – яъне дар зинаи инкишофи саноати сармоядорӣ қарор доштан ва ё ин марҳилаи инкишофро тай намудани ҷомеаҳо. Дар ин маврид таъкид мегардад, ки мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дар сафи пеши кишварҳое, ки ин марҳиларо пушти сар намуданд, қарор доранд... 2) муосирият – яъне бо пайравӣ аз намунаи рушди кишварҳои аврупоӣ ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи худро ба роҳ мондани кишварҳои ғайриғарбӣ... 3) муосирият – яъне табиӣ ҷараён гирифтани ҳаёти ҷомеаҳо дар марҳилаи муайяни замони нуҷумӣ, ки новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ ва сатҳи рушдашон ба ҳолати имрӯза алоқамандӣ дорад... 4) муосирият – яъне дар заминаи алоқамандии дастовардҳои тамаддуни саноатӣ ва анъанаҳои худӣ дар сатҳи “беҳтар аз пешина” ва хос ба ҳозиразамон ташкил намудани ҳаёти ҷамъиятӣ” [13, с. 29].

Чунин хулоса бармеояд, ки фарзияҳои ҷадид дар мавриди замони нав мухталифанд ва ҳар муҳаққиқе дар баёни консепсияи худ далел меоварад, аммо ин нукта бебаҳс мебошад, ки ҷомеаҳои тавсеаёфта ба мушкилиҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар ин, рушди бемайлон ва тавсеаёбии номаҳдуд башарро аз проблемаҳои пайдошуда озод намекунад. Ҳақиқати башар дар тасодум ошкор мешавад ва дар ҳеҷ сурат тафовут бинобар тараққии ҳангуфте аз байн намеравад.

**Муқарриз: *Музаффарӣ М.*- доктори илмҳои фалсафа, узви вобастаи АМИТ**

## АДАБИЁТ


1. Ардаконӣ Р. Дар бораи илм. – Душанбе: Дониш, 2010. - 350 с.
2. Бадрийяр Ж. Общество потребления / Ж.Бадрийяр. -М.: Республика, 2006. - 269 с.
3. Бауман З. Спор о постмодернизме, Социальний журнал, 4 ноября 1994 г., -С. 69-80.
4. Гегель Г.В.Ф. Философия права / Г.В.Ф. Гегель. - М.: Мысль, 1990. - 527 с.
5. Деррида Ж. Письмо и различие / Ж.Деррида. - М., 2000. - 495 с.
6. Дюргейм Э. О разделении общественного труда / Э.Дюргейм. -М., 1996. - 432 с.
7. Камю А. Бунтующий человек / А.Камю. - М.: Издательство политической литературы, 1990. - 418 с.
8. Лиотар Ж. Ф. Состояние постмодерна / Ж. Ф. Лиотар. - М.: Алетейя, 1998. -160 с.
9. Ницше Ф. По ту сторону добра и зла / Ф. Ницше. - М.: ЭКСМО, 2008. - 848 с.
10. Ницше Ф. Сочинение в 2 томах, том первый / Ф.Ницше. - М., 1990. - 830 с.
11. Нора П. Место памяти / П. Нора. -Издательство Санкт-Петербургского университета, - 1999, 328 с.
12. Тойнби А. Постижение истории (сборник). М.: Рольф, 2001. - 640 с.
13. Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият / Х.У. Усмонзода. – Душанбе: Дониш, 2020. -212 с.
14. Фромм Э. Иметь или быть? / Э.Фромм. - М.: Издательство АСТ, 2009, 442 с.
15. Фуко М. Воля к истине – по ту сторону знания, власти и сексуальности / М.Фуко. - М.: Касталь, 1996. - 448 с.
16. Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне / Ю. Хабермас. - М.: Весь Мир, 2003. - 248 с.
17. Хайдеггер М. Бытие и время / М.Хайдеггер. – Харьков: Фолио, 2003. - 503 с.
18. Ясперс К. Введение в философию / К. Ясперс. - М.: Пропилеи, 2000. - 192 с.
19. Ясперс К. Смысл и назначение истории / К. Ясперс. -М.: Политиздат, 1991. - 527 с.


## МУОСИРИЯТ ВА ВИЖАГИҲОИ ҲУВИЯТИ ФАРҲАНГӢ

Муосирият замони нав аст ва ғолибан онро бо вожаҳои “модерн” ва “постмодерн” муаррифӣ мекунанд. Назарияпардозони муосир консепсияҳои мукаммали фалсафаи муосириятро таҳия намуда, ҷиҳати ба буҳрон гирифтор омадани ҳувияти фарҳангӣ ва соири ҳувиятҳои дигар дидгоҳҳои мухталифро ироа намудаанд. Махсусан, назарияи пешниҳодшудаи ҷомеашиносони Ғарб, мисли Э. Эриксон, Э. Гидденс, С. Ҳантингтон, Ю. Хабермас ва дигарон оид ба фалсафаи постмодерн қобили таваҷҷуҳ мебошад. Яке аз

авомили муосирият рушди бемайлони иқтисод ва техника дар ҷомеаҳои Ғарб маҳсуб мешавад, аммо файласуфон муосириятро бо фарзияҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Фрейд ин замонро бо номи “нохудогоҳӣ” баррасӣ мекунад, Деррида Ғарби давраи постмодернро “ҷомеаи масраф” номидааст, лекин асоситарин консепсияи постмодерн сохторгароӣ ва нисбиятгароӣ аст. Дар илми муосир оид ба баҳогузории муосирият назарияи фаронсавӣ мавҷуд аст, ки дар натиҷаи пажӯҳишҳои Фуко, Лиотар, Деррида ва дигарон онро бо номи “фалсафаи тафовут” муаррифӣ мекунанд. Аммо пояи асосии муосирият таҳоҷуми интиқодӣ ба фалсафаи классикӣ мебошад, ки дар ин мақола дар ин маврид таҳқиқоти назаррас анҷом дода шудааст. Бояд иқрор намуд, ки фалсафаи постмодерн мансуб ба марзҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрикост, ки кишварҳои тавсеаёфта кунун давлатҳое дониста шудаанд, ки дар ҳудуди қитъаҳои мазкур мебошанд. Бинобар ин, назарияпардозиҳои мутааллиқ ба муосирият ғолибан ба ҷомеашиносони ин кишварҳо мансуб мебошанд.
**Калидвожаҳо**: муосирият, ҷомеаи масраф, нохудогоҳ, буҳрон, марҳилаи ниҳоии таърих, интиқоди хирад, эго-ҳувият.

## СОВРЕМЕННОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ КУЛЬТУРНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ

Современность - это новая эпоха, и ее часто называют словами «модерн» и «постмодерн». Современные теоретики разработали всеобъемлющие концепции современной философии и представили различные взгляды на кризис культурной идентичности и других идентичностей. В частности, предложенная теория западных социологов, таких как Э. Эриксон, Э. Гидденс, С. Хантингтон, Ю. Хабермас и др., о философии постмодерна заслуживает внимания. Одним из факторов современности является устойчивое развитие экономики и технологий в западных обществах, но философы изучали современность с различными гипотезами. Фрейд описывает этот период как «невежество», Деррида называл постмодернистский Запад «обществом потребления», но основные постмодернистские концепции - структурализм и относительность. В современной науке о современной оценке существует французская теория, которая в результате исследований Фуко, Лиотара, Деррида и других называет ее «философией различия». Но опорой современности является критическое вторжение в классическую философию, в которой в этом отношении было проведено значительное количество исследований. По общему признанию, постмодернистская философия относится к границам Западной Европы и Америки, где развитые страны теперь считаются государствами на этих континентах. Таким образом, теории современности - это во многом работа социологов этих стран.
**Ключевые слова**: современность, общество потребления, незнание, кризис, завершающий этап истории, критика мудрости, эго-идентичность.

## MODERNITY AND FEATURES OF CULTURAL IDENTITY

Modernity is a new era, and it is often called with words "modern" and "postmodern". Contemporary theorists have developed overarching concepts of modern philosophy and presented different views on the crisis of cultural identity and other identities. In particular, the proposed theory of Western sociologists such as E. Erickson, E. Giddens, S. Huntington, J. Habermas and others about the philosophy of postmodernism deserve attention. One of the factors of modernity is the sustainable development of economics and technology in Western societies, but philosophers have studied modernity with various hypotheses. Freud describes this period as "ignorance", Derrida called the postmodern West a "consumer society", but the main postmodern concepts are structuralism and relativity. In the modern science of modern assessment, there is a French theory, which, as a result of the research of Foucault, Lyotard, Derrida and others, call it "the philosophy of difference." But the mainstay of modernity is a critical intrusion into classical philosophy, in which a significant amount of research has been carried out in this regard. Admittedly, postmodern philosophy refers to the borders of Western Europe and America, where developed countries are now considered states on those continents. Thus, contemporary theories are largely the work of sociologists in these countries.
**Key words:** modernity, consumer society, ignorance, crisis, the final stage of history, criticism of wisdom, ego-identity.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Абдуллоҳ Машраб Сайфуллоҳ***– Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.Баҳоваддинови АМИТ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.Телефон: **904252067**; E-mail: **maabdullo@mail.ru.**

**Сведение об авторе:** ***Абдуллох Машраб Сайфуллох-*** Институт философии, политологии и права имени академика А.Баховаддинова НАНТ, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **904252067**; E-mail: **maabdullo@mail.ru.**

**Information about author**: ***Abdulloh Mashrab Sayfulloh***- Institute of Philosophy, Political Science and Law. A.M. Bakhovaddinova of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone:: **904252067**; E-mail: **maabdullo@mail.ru.**

**УДК: 575.8:13 (575.3)**

# ИДЕЯИ ТАҲАВВУЛОТГАРОИИ ГЛОБАЛӢ ДАР ФАЛСАФА ВА ИЛМИ МУОСИР

*Ибодов М. О., Раҷабов А.С.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар таърихи инкишофи фалсафаи илм ду тарзи тафаккур–метафизикӣ ва диалектикӣ ба таври амиқ дида мешавад. Тарзи тафаккури метафизикӣ ба баррасии ҳама намуди зуҳуроти олами атроф новобаста аз қувваю ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ба таври мустақил ва тағйирнопазир амал мекунад. Чунин назар ба инъикоси объективии тағйирнопазири ҷисмҳо равона гардида, ба мутлақияти ҳолатҳои алоҳидаи раванди томи маърифат алоқаманд дониста мешаванд. Албатта чунин раванд дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи фалсафа вобастаи давру замон сурат мегирифт. Бинобар сабаби он ки ин мафҳум, яъне метафизика дар замони Нав пайдо шуд, тафаккури метафизикии замони Нав ба таври методологӣ ба таҳқиқу омӯзиши назарияҳои нав дар ҷодаи маърифати олам тавассути назарияҳои илмӣ ба коркарди методҳои амиқи таҳқиқи табиат, монанди таҳлил, озмоиш, таснифот ва систематикунонии падидаҳои таҳқиқишавандаро муайян намуд. Дарки зиддияти дигари воқеияти объективӣ ба фаҳмиши ҳамеша дар ҳоли тағйирот ва инкишоф қарор доштани ҳастӣ алоқаманд мебошад, ки решаҳои ин хусусиятҳо аз фалсафаи атиқа, махсусан аз Гераклиту Эмпедокл сарчашма мегирад.

Диққати махсусро ба диалектика ҳамчун таълимот дар бораи инкишоф фалсафаи классикии немис равона кардааст. Қонунҳои диалектика, ки аз ҷониби Гегел коркард гардида буданд, ба принсипи инкишоф ва робитаи универсалӣ ҳамчун ибтидои моҳияти тамоми ҳастӣ, таълимоти он оид ба зиддият ҳамчун шарти маърифат ва асоснокии системаи нави категорияҳо заминаи назариявии амсилаи инкишоф гардиданд. Норасогиҳои диалектикаи Гегел, ки бештар аз мавқеи иделизм баромад мекард, дар фалсафаи марксистӣ зери танқид қарор дода шуда, онҳо ба таври дигар моҳияти материалистиро дар худ касб намуданд. Акнун ғояҳои диалектикӣ ба олами моддӣ, умуман тамоми ҳастӣ истифода ва татбиқ гардиданд, принсипҳо, қонунҳо ва категорияҳои диалектикӣ бошанд, ҳамчун инъикоси объективии хусусиятҳо ва робитаҳои хосси тамоми ҳастӣ баррасӣ гардиданд.

Бо туфайли ин, диалектика мақоми илм дар бораи қонунҳои умумитарини тараққиёти табиат, ҷамъият ва тафаккуро касб намуд. Дар натиҷа диалектика ҳамчун соҳаи дониши назариявӣ бо мазмуни амалӣ пурра гардида, ба воситаи тағйирёбии табиат, ҷамъият ва худи инсон мубаддал гардид. Дар ин замина, қайд мегардад, ки олам мутаҳаррик буда, инкишоф, ҳаракат ва тағйирёбӣ хосси тамоми дараҷаҳои ташкили материя ва олами ҳастӣ дониста мешавад, ки инро дар мисоли яке аз тамоюлҳои навин дар фалсафа ва илми муосир – таҳаввулот (эволютсия) ва таҳаввулотгароӣ дида мебароем.

Дар фарҳанги фалсафӣ мафҳуми таҳаввулот (лот. evolutio – худафзоишёбӣ, инкишофёбии пайдарпайи миқдорӣ) шарҳ меёбад ва назарияи таҳаввулот бошад, ибтидои худро аз доираи донишҳои биологӣ гирифтааст. Аслан, ҳама намуди категорияҳо ва мафҳумҳо аз доираи илмҳои алоҳида пайдо гардида, баъдан дар раванди нақши асосӣ ва умумиро дар маърифати ҳастӣ бозидан, моҳияти фалсафӣ ва умумиилмиро касб менамоянд. Чун категорияҳои сабаб ва сабабнокӣ, ки аз физика ба доираи фалсафа ва ҷаҳонбинӣ ворид гардидаанд, мафҳуми таҳаввулот (эволютсия) низ аз биология ба кулли соҳаҳои илми муосир паҳн гардида, моҳияти умумиилмӣ ва умумибашариро пайдо намудааст. Универсалӣ (глобалӣ) будани идеяи таҳаввулоти глобалиро истифодабарии он

ҳангоми омӯзиши равандҳои гуногуни худташкилёбӣ, худтағйирёбӣ ва худинкишофи низомҳо дар табиати зинда ва ғайризинда, таҳаввулоти олами беинтиҳо, зинаҳои инкишофи таърихии ҷомеа, дигаргуниҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва ғ. тасдиқ мекунад.

Таълимот дар бораи таҳаввулотгароӣ, чуноне ки қайд кардем, аз Эмпедокл, Гераклит, Арасту ва дигар мутафаккирони замони қадим оғоз ёфта, то ба имрӯз омада расидааст. Дар асарҳои Арасту «Зинаи табиат», «Категорияҳо», «Дар бораи пайдоиши ҳайвонот», «Таърихи ҳайвонот» ва дигарҳо аввалин тасаввуротҳо дар бораи шакли пайдарҳамӣ, болоравии зинагӣ доштани сатҳҳои ташкили табиати ғайризинда ва зинда баён гардидаанд. Баъдан таълимоти Арасту дар бораи «Зинаи табиат (лестница природы)» то асрҳои XVII-XVIII, яъне то давраи пайдоиши илм ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ идома ёфта, дар таълимоти ба он монанди Шарл Боне - «Зинаҳои мавҷудот» асоснок гардонида шуд [12, с. 30-35].

Дар нимаи дуюми асри XVIII файласуфони фаронсавӣ П. Голбах, Г. Дидро, Ж. Ламетри ва дигарон асари энсиклопедии «Низоми табиат» (Система природы)-ро аз чоп бароварданд, ки дар он таҳаввулоти низомҳои сода ва мураккабро дар олами моддӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд [3, с-4]. Назарияи таҳаввулотгароии фаронсавиро дар асри XIX Ж. Б. Ламарк идома додаст. Ӯ раванди таҳаввулоти низомҳои гуногуни ғайризинда ва зиндаро омӯхта, «Қонуни ташаккулёбӣ» (Закон градации)–ро пешниҳод намудааст, ки мутобиқи он раванди таҳаввулот пайваста ба самти мураккабшавӣ ва болоравии низомҳо равона шудааст. Низомҳое, ки дар раванди таҳаввулот бештар ба зинаи пайдоиши одам наздик ҷойгир шудаанд, аз ҳама муташаккил ва мураккабтар мебошанд. Дар ин маврид, ӯ бешубҳа ҷонибдори нуқтаи назари антропосентризм мебошад.

Минбаъд, дар асри XIX назарияи намоёни таҳаввулотгароиро олими англис Ч. Дарвин дар асоси омӯзиши фауна ва флораи кишварҳои Ғарбу Шарқ кор карда баромадааст. Ӯ соли 1859 дар асари машҳури хеш «Пайдоиши намудҳо» қонуни азими «интихоби табиӣ»-ро кашф намудааст. То кашф гардидани қонуни мазкури Ч. Дарвин, масъалаи гуногуншаклии табиати ғайризинда ва зинда, пайдоиши намудҳо дар раванди таҳаввулоти табиати зинда майдони муҳокимаҳои равияҳои гуногуни фалсафӣ, метафизикӣ, биологӣ, геологӣ, палеонтологӣ ва ғайра буд. Қонуни «Интихоби табиӣ»-и Ч. Дарвин на фақат ба масъалаи пайдоиши низомҳои зинда (намудҳо), инчунин дар фаҳмиши як қатор падидаҳои сохтори сатҳҳои гуногуни ташкили табиати зинда равшанӣ андохтааст. Ин қонун номаълум ва ноаён амал намуда, ҳар соат ва ҳар рӯз олами табииро аз назар гузаронида, мавҷудоти нодаркорро аз худ берун карда, мавҷудоти ба муҳити табиӣ мутобиқ ва тобоварро нигоҳ дошт [6, с. 330].

Аксари олимон ва муҳаққиқони соҳаи таҳаввулотгароӣ (Т. Неймер, И. И. Мечников, В. О. Ковалевский, А. Н. Северцов, И. И. Шмалгаузен ва дигарон) то аввали қарни XX ҷонибдори назарияи таҳаввулотии Ч. Дарвин буданд. Вале баъд аз пайдо шудани илмҳои нави биологияи молекулавӣ, генетикаи таҳаввулотӣ ва назарияи синтетики таҳаввулотӣ (НСТ), мутаассифона, маҳдудиятҳои назарияи таҳаввулотии Ч. Дарвин ошкор гардиданд. Аз ҷумла, олими Ҷапон Мтоо Кимура «Назарияи нейтралии таҳаввулоти молекулявӣ»-ро пешниҳод намудааст, ки мувофиқи он тағйиротҳои таҳаввулотӣ дар зинаи молекулявӣ бе иштироки интихоби табиӣ Ч. Дарвин дар зери таъсири омили тасодуф ба вуқӯъ мепайванданд. Дар сохтори ДНК нуклеотидҳои номаълуми «хомӯш» ҷой доранд, ки на аз рӯйи талаботҳои зарурияти воқеии раванди таҳаввулот, балки мутобиқи принсипи тасодуф дар дохили ген амал менамоянд [9]. Назарияи мазкурро инчунин олимони зерин дастгирӣ намудаанд: Д. Халл, Л. Кинг, Т. Ҷукс, В. В. Сухаделтс, Б. Медников. Ин ҳолати

бавуҷудомада зарурати ҳатман кор карда баромадани назарияи нави таҳаввулоти глобалӣ (универсалӣ)-ро, ки ба саволҳои пешниҳод доштаи илми муосир ҷавоб дода тавонад, ба миён овардааст.

Миёнаҳои асри XX-ум, ки бо пайдоиши самтҳои нави илм – кибернетика, назарияи умумии низомҳо, синергетика, кайҳоншиносии таҳаввулотӣ, генетикаи квантӣ ва дигар илмҳо алоқаманд аст, биниши навро нисбат ба олам тақозо менамояд. Бо пайдоиши ин илмҳо зарурияти ҳамгироии илмҳо ва истифодаи мафҳумҳои умумиилмӣ дарк карда шуд. Тавре маълум аст, дар илми классикӣ муддати зиёд масъалаи баҳамалоқамандии дараҷаҳои гуногуни ташкили материя кушода боқӣ монда буд. Акнун ғояи таҳаввулотгароӣ, ки дар миёнаҳои асри гузашта устувор гардид, мақоми калидиро соҳиб гашт, ки дар асоси он алоқаманд намудани дараҷаҳои гуногуни ҳаракати органикӣ, ғайриорганикӣ ва иҷтимоии материя имконпазир гардида, ба шарҳи умумияти сохторӣ ва генетикии таҳаввулоти кайҳонӣ, кимиёвӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ оварда расонид. Чунин ҳолат ҳамчун шарти ҷустуҷӯи ғояи универсалӣ, ки дар асоси он шарҳи равандҳои инкишофи дараҷаҳои гуногуни ташкили материя имконпазир аст, хизмат намуд. Ба сифати чунин ғоя идеяи таҳаввулотгароии глобалӣ ва универсалӣ пайдо гардид, ки дар асоси он принсипи инкишоф амиқият ва асоснокии нави илмиро соҳиб гардид.

Дар адабиёти илмӣ то имрӯз атрофи идеяи таҳаввулоти глобалӣ баҳсу мунозираҳо идома доранд, ақидаи ягонаи умумиэътирофшуда вуҷуд надорад. Масалан, дар тадқиқотҳои астрономии мактаби И. С. Шкловский гуфта шудааст, ки равандҳои тағйирёбӣ ва таҳаввулот дар Кайҳон ба итмом расидаанд, акнун раванди тадқиқотҳоро ба самти омӯзиши ҷиҳатҳои дигари моҳиятдори он равона сохтан лозим аст. Олимони астрофизик В. А. Амбартсумян ва В. В. Казютинский муқобили нуқтаи назари И. С. Шкловский баромад намуда, чунин мешуморанд, ки ҳоло оиди ба охир расидани донишҳои мо дар бораи Коинот сухан рондан асоси воқеӣ надорад, чунки мо дар ибтидои тадқиқотҳо дар ин ҷода қарор дорем. Кайҳон низоми томи беохир васеъшаванда ва инкишофёбанда мебошад. Ин гувоҳи он аст, ки таҳаввулоти умумии (глобалии) Кайҳон беохир идома хоҳад ёфт [12, с. 3].

Дар ин ҷода, тадқиқотҳои олимони рус А.А. Фридман ва В.И. Вернадский ҷолиби диққат мебошанд. А.А. Фридман дар ибтидои асри XX назарияи таҳаввулоти Коинотро дар мазмуни томият пешниҳод намуда буд. Мувофиқи ин назария дар аввали таҳаввулоти Коинот тахминан баъд аз 10- 43 сония «Таркиши Бузург» таносуби ибтидоии чор шакли таъсири мутақобилаи зерини дар олам ва табиат вуҷуддошта: пуриқтидор, электромагнитӣ, заиф ва гравитатсиониро бо ҳамдигар муттаҳид менамуд, вайрон гардид. Баъди «Таркиши Бузург» ин чор навъи таъсири мутақобилаи зикргардида имконияти дар алоҳидагӣ фаъолият намуданро пайдо карданд.

Тибқи назарияи мазкур, офаридани олам аз қабл материяи бешакли номуайян ибтидо мегирад. Баъдан аз қабл материяи бешакл шаклгирии зарраҳои элементарӣ сурат мегирад, ки дар раванди таҳаввулоти минбаъда ба пайдоиши кулли Олам оварда расонидаанд. Айни замон тадқиқотҳои кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ ва физикӣ ба муайян намудани сохти таркибии қабл материяи бешакл ва зарраҳои элементарӣ, ки дар ибтидои бунёдӣ ва таҳаввулотии Олам қарор доштанд, равона карда шудаанд. Акнун маълум гардид, ки қонунҳо, принсипҳо ва равандҳои таҳаввулот на танҳо ба сайёраи Замин, балки ба дигар сайёраҳо, галактикаҳо ва умуман Коиноти том хос мебошанд. Яъне, раванди таҳаввулот хусусияти глобалӣ (универсалӣ)–ро дорад.

Таҳлили идеяи таҳаввулоти глобалӣ ногузир ба гузориши масъала оид ба пайдоиши ҳаёт дар Кайҳон ва фаҳмиши принсипи антропӣ дар фалсафа ва илми муосир оварда

мерасонад. Мувофиқи маълумотҳои илми муосир дар Кайҳон принсипи антропӣ амал менамояд, ки тибқи он ҷисмҳои дар Галактика буда аз ҷиҳати сохти таркибиашон бо ҳамдигар монанд мебошанд. Чунин монандии сохтори таркибии онҳо имконият медиҳад, ки дар яке аз қисмати Кайҳони беинтиҳо ҳаёт ва одам пайдо шавад. Аввалин маротиба вуҷуд доштани принсипи антропиро дар Кайҳон олимон А.Л. Зелманов, Балашов Ю.А., А. Эдингтон дар солҳои 60-уми асри гузашта ба гардиши илмӣ ворид намудаанд. Аз ҷумла, А. Л. Зелманов дар мақолаи худ «К постановке космологической проблемы» (М. 1960) масъалаи имконияти пайдо шудани ҳаёт ва хусусиятҳои принсипи антропиро дар дигар галактикаҳо гузоштааст. Баъдан дар солҳои 80-уми ҳамон аср идеяи мазкур аз ҷониби табиатшиносон Б. Картер, И. Пригожин, В.В. Казютинский, Н.Н. Моисеев, Г.М. Идлис ва файласуфон Л.Б. Баженов, В.А. Шуков, Т.Я. Сутт, В.И. Аршинов, М.О. Ибодов ва дигарон дастгирӣ ёфтааст. Ба ақидаи онҳо, дар Кайҳон ду шакли принсипи антропӣ: «заиф» ва «зӯр» вуҷуд дорад. Мувофиқи шакли «заиф», мақоми инсон дар Кайҳон тавре муайян гардидааст, ки ӯ на танҳо натиҷаи раванди таҳаввулоти глобалӣ, балки иштирокчии фаъоли он ба шумор меравад. Тавсифи шакли «заиф» чунин аст, ки хусусиятҳои ибтидоии бунёдии Кайҳон дар зинаи муайяни таҳаввулоти худ барои пайдоиши одам ҳамчун субъекти маърифат шароити зарурӣ ба вуҷуд меоранд. Дар ҳолати каме тағийр ёфтани бузургиҳои ибтидоии пайдоиши Коинот аз ҳолати воқеӣ ва дигаргун гаштани сохтори он бузургиҳо, барои пайдоиши ҳаёт шароити зарурӣ муҳайё нахоҳад гашт.

Мувофиқи шакли «зӯр»-и принсипи антропӣ, Коинот бояд чунин бошад, ки дар он одам на танҳо натиҷаи таҳаввулоти глобалӣ, ҳамчунин мушоҳидачии он дониста шавад. Дар ҳарду ҳолат («заиф» ва «зӯр»)- и принсипи антропӣ саволҳои зерин ба миён меоянд: Олам дар ибтидо аз кадом «воҳид»-и худ оғоз гардидааст? Чаро Коинот чунин сохта шудааст, на ба таври дигар? Кадом бузургиҳои бунёдии Кайҳон барои пайдоиши ҳаёт мусоидат намудаанд? Таҳаввулоти глобалии имрӯзаи Кайҳон ба кадом самт нигаронида шудааст? Пайдоиши ҳаёт ва одам моҳияти кайҳонӣ дорад, ё танҳо ба сайёраи Замин хос аст? Одам натиҷаи таҳаввулоти глобалии Кайҳон аст, ё мушоҳидачии он? ва ғайра. Чуноне ки мебинем, саволҳои мазкур моҳияти фалсафӣ, физикӣ, астрофизикӣ, кайҳоншиносӣ, биологӣ, антропологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ доранд ва ҳалли онҳо дар доираи як фан имконнопазир аст. Ҷавоби баъзе саволҳои зикргардида ҳангоми таҳлили проблемаи таҳаввулотгароии глобалӣ дар фалсафа ва илми муосир баён мегарданд. Тадқиқи принсипи антропӣ дар алоқамандӣ бо идеяи таҳаввулотгароии глобалӣ дар доираи як мақола имконнопазир аст, аз ин рӯ омӯзиши минбаъдаи он мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки мавзӯи марказии ҳарду консепсияро хусусияти глобалӣ ва кайҳонӣ доштани пайдоиши ҳаёт ва одам ташкил додааст. Таҳлили синергетикӣ нишон дод, ки дар сохтори сатҳҳои ташкили (мартабавии) Коинот баъд аз ҳолати бифураксия, самти таҳаввулоти материя ба сӯйи пайдоиши одам–антропосентризм (одаммарказӣ) сурат гирифтааст. Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки пайдоиши ҳаёти органикӣ ва одам танҳо натиҷаи таҳаввулот дар рӯйи Замин набуда, балки натиҷаи амали тамоми равандҳои таҳаввулоти Кайҳон мебошад. Чунонки маълум аст, инсон чи дар сайёраи Замин ва чи дар Кайҳони беканор мақоми муайянкунандаро ишғол намудааст. Аз ин рӯ, баъзе тадқиқотчиён ба саволи оё инсон дар Кайҳон «мушоҳидачӣ» аст, ё «банақшагиранда», ҷавоби гуногун додаанд. Масалан, аз рӯйи ояндабинии илмии К. Э. Сиолковский мумкин аст, ки инсоният дар ояндаи дур имконияти «банақшагирии» хусусиятҳои алоҳидаи низомҳои кайҳониро пайдо намояд, чуноне ки ин корро ҳоло дар сайёраи Замин карда истодааст. Таҳлили маводҳои илмӣ нишон медиҳад, ки барои

дарёфти ҷавоб ба саволҳои зикргардида, аз натиҷаҳои тамоюли муттаҳидшавии байнфаннии (интегратсияи) илмҳо, ки дар он фалсафа нақши миёнаравро иҷро менамояд, истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Муттаҳидшавии байнифаннии илмҳо яке аз тамоюлҳои нави инкишофи илми муосир буда, бо ҳам омезиш ёфтани донишҳоро оид ба Кайҳон, табиати ғайризинда, табиати зинда, ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар бар гирифтааст. Дар раванди омезиш ёфтани донишҳои зикргардида, соҳаҳои нави илм пайдо гардида истодаанд, ки ба омӯзиши масъалаҳои байнифаннӣ равона карда шудаанд. Дар ҳақиқат мо имрӯз шоҳиди он ҳастем, ки дар натиҷаи омезиш ёфтани фанҳои физика ва биология, фанни нави «биофизика», химия бо биология «биохимия», экология бо химия «экохимия», экология бо физика «экофизика», геология бо физика «геофизика» ва ғайра ба вуҷуд омада истодаанд. Дар нимаи аввали асри ХХ олими маъруфи рус В.И Вернадский таълимоти таҳаввулотиро дар бораи «биосфера ва ноосфера» пешниҳод намуд, ки дар рушди илми муосир мақоми хоссаро ишғол намудааст. Ӯ идеяҳои геологи австриягӣ Э.Зюсс, файласуфи англис Ҷ.Бернал, олимони франсавӣ Э.Леруа, П.Тейяр де Шарден ва дигаронро оиди моҳияти сайёравӣ ва кайҳонӣ доштани ҳаёт асоснок намудааст. Мувофиқи тадқиқотҳои В.И.Вернадский, биосфера дар сарҳади болоӣ 15-20 км ва дар поён (дар қаъри Океани Ҷаҳонӣ) 11 км-ро дар бар гирифтааст. Ба равандҳо ва тағйиротҳои он на фақат хусусиятҳои хосси Замин, балки омилҳои кайҳонӣ ва антропогенӣ (фаъолияти одам) низ таъсир мерасонанд [1, с. 2]. Ба ақидаи ӯ, дар зери таъсири фаъолияти бошууронаи инсон биосфера (курраи ҳаёт) ба ҳолати нав - ноосфера (курраи хирад) таҳаввул менамояд. Таълимот дар бораи ноосфера ҳамчун курраи хирад аз ҷониби олимони муосир Н. П. Антонов, Э. В. Гирусов, И. В. Кузнетсов, Ф. И. Гиренок, Н. А. Киселёв, Ю. В. Олейников, А. А. Ивакин, М. А. Голубетс ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Онҳо хулосаи В.И. Вернадскийро дар бораи принсипи марказии ноосфера будани «хирад»-ро эътироф намуда, гузариши биосфераро ба ноосфера ҳамчун таҳаввулоти универсалӣ ба ҳайси барномаи тадқиқоти илмӣ пешниҳод намудаанд.

Универсалӣ будани идеяи таҳаввулоти глобалиро принсипи антропӣ ва фанни нави синергетика, ки дар боло зикр гардиданд, низ тасдиқ менамоянд. Акнун ҷараёни таҳаввулоти глобалӣ ҳамчун низоми худташкилшаванда, ки дигаргуниҳои кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ, биологӣ, антропологӣ, экологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайраро дар бар гирифтааст, яке аз асосҳои бунёдии илми муосир шинохта шудааст. Он аз рӯйи моҳияташ мақоми умумиилмӣ дошта, барои омӯзиши манзари илмии олам, стратегияҳои маърифатии илм ва инкишофи фалсафаи илм мусоидат хоҳад кард.

**Муқарриз:** ***Амондуллоев Б.С.*** **– кандидат философских наук, доцент ТНУ**

**АДАБИЁТ**


1. Вернадский В.И. Живое вещество.-М., Наука. 1978. 358 с.
2. Вернадский В.И. Размышления натуралиста. Книга 2.- М., Наука. 1977. 192 с.
3. Гольбах П. Система природы. - М., 1940.
4. Ламарк Ж. Б. Философия зоологии. - М., 1955.
5. Гиренок Ф.И. Экология: цивилизация: ноосфера. – М., Наука. 1987. 180 с.
6. Дарвин Ч. Происхождение видов. М., Л., 1937.
7. Ибодов М.О. Фаҳмиши манзараи илмии олам дар фалсафа ва илми муосир.–Кӯлоб. 2018. 64 с.
8. История биологии с древнейших времён до наших дней.-М., 1972. С. 30-35.
9. Кимура М. Молекулярная революция. Теория нейтральности.-М. МИР. 1985. 394 с.
10. Ибодов М.О. Направленность и прогресс в эволюции живой природы (методологический анализ).–Душанбе, 1990.
11. Ибодов М.О. Направленность и прогресс в эволюции живой природы как философско-методологическая проблема (методологический анализ) // Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки.–Куляб, 2009, №1.
12. История биологии с древнейших времён до наших дней. М., 1972. С. 30-35.
13. Шкловский И. С. Вселенная, жизнь, разум.-М. 1987. 320 с.

**ИДЕЯИ ТАҲАВВУЛОТГАРОИИ ГЛОБАЛӢ ДАР ФАЛСАФА ВА ИЛМИ МУОСИР**

Дар мақола яке аз хусусиятҳои навин дар инкишофи фалсафа ва илми муосир – идеяи таҳаввулотгароии глобалӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф пайдоиши ғояи таҳаввулотро ба фалсафаи атиқа алоқаманд дониста, зинаи инкишофи онро нимаи дуюми асри гузашта меҳисобад. Қайд мегардад, ки қонуни «Интихоби табиӣ»-и Ч. Дарвин, ки то нимаи дуюми асри гузашта ҳукмрон буд, танҳо ба масъалаи пайдоиши низомҳои зинда (намудҳо), инчунин дар фаҳмиши як қатор падидаҳои сохтори сатҳҳои гуногуни ташкили табиати зинда равшанӣ меандохт. Ин қонун номаълум ва ноаён амал намуда, ҳар соат ва ҳар рӯз олами табииро аз назар гузаронида, мавҷудоти нодаркорро дур карда, мавҷудоти ба муҳити табиӣ мутобиқ ва тобоварро нигоҳ медорад. Вале баъд аз пайдо шудани илмҳои нави биологияи молекулавӣ, генетикаи таҳаввулотӣ ва назарияи синтетикии таҳаввулотӣ (СТЭ), мутаассифона, маҳдудиятҳои назарияи таҳаввулотии Ч. Дарвин ошкор гардиданд. Аз ҷумла, олими ҷопонӣ Мтоо Кимура назарияи нейтралии таҳаввулоти молекулявиро пешниҳод намудааст, ки мувофиқи он тағйиротҳои таҳаввулотӣ дар зинаи молекулявӣ бе иштироки интихоби табиии Ч. Дарвин дар зери таъсири омили тасодуфӣ ба вуқӯъ мепайванданд. Дар сохтори ДНК нуклеотидҳои номаълуми «хомӯш» ҷой доранд, ки на аз рӯйи талаботҳои зарурияти воқеии раванди таҳаввулот, балки мутобиқи принсипи тасодуф дар дохили ген амал менамоянд. Назарияи мазкурро инчунин олимони зиёд дастгирӣ намуда, зарурати ҳатман кор карда баромадани назарияи нави таҳаввулоти глобалӣ (универсалӣ)-ро, ки ба саволҳои пешниҳод доштаи илми муосир ҷавоб дода тавонад, ба миён овард. Инчунин, дар мақола алоқамандии идеяи таҳаввулотгароӣ бо принсипи антропӣ нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** фалсафаи илм, таҳаввулот, ғояи таҳаввулотгароӣ, низом, табиат, принсипи антропӣ, синергетика.

**ИДЕЯ ГЛОБАЛЬНОГО ЭВОЛЮЦИОНИЗМА В СОВРЕМЕННОЙ ФИЛОСОФИИ И НАУКИ**

В статье рассматривается одна из новых особенных тенденций в развитии современной науки и философии – идея глобального эволюционизма. Автор, связывая возникновение эволюционных идей с античной философией, считает периодом их развития вторую половину прошлого века. Отмечается, что закон «Естественного отбора» Ч. Дарвина, который господствовал до второй половины прошлого века, мог объяснить проблемы возникновения живых систем (видов) в понимании целого ряда организационных уровней структуры живой природы. Этот закон, действуя опредленным образом каждый час и каждый день в природе уничтожает ненужные существа, сохраняет способные и адаптированные к окружающей природе организмы. Но после появления новых сфер наук молекулярной биологии, эволюционной генетики и синтетической теории эволюции (СТЭ), к сожалению, выяснилась ограниченность эволюционной теории Ч. Дарвина. Например, японский учёный Мтоо Кимура предлагал «Нейтральную теорию молекулярной эволюции», согласно которой эволюционные изменения на молекулярном уровне происходят без участия естественного отбора Ч. Дарвина под воздействием случайности. В структуре ДНК имеются неопределенные нуклеотиды, которые действуют не по необходимым требованиям реального процесса эволюции, а согласно принципу случайности внутри гена. Данной теории придерживались большинство учёных, что привело к необходимости разработки новой теории глобального (универсального) эволюционизма, которая могла бы ответить на поставленные вопросы современной науки. Также в статье показана связь идеи глобального эволюционизма с антропным принципом.

**Ключевые слова:** философия, эволюция, идея эволюционизма, система, природа, антропный принцип, синергетика.

**THE IDEA OF GLOBAL EVOLUTIONISM IN MODERN PHILOSOPHY AND SCIENCE**

The article examines one of the new special trends in the development of modern science and philosophy - the idea of global evolutionism. The author, linking the emergence of evolutionary ideas with ancient philosophy, considers the period of their development in the second half of the last century. It is noted that the law of "Natural selection" by Charles Darwin, which prevailed until the second half of the last century, could only illuminate the problems of the emergence of living systems (species), also in understanding a number of organizational levels of the structure of living nature. This law, acting in an unmanifested way, observing the natural world every hour and every day, overcoming unnecessary creatures, preserves capable and adapted organisms to the surrounding nature. But after the emergence of new areas of the sciences of molecular biology, evolutionary genetics and the synthetic theory of evolution (STE), unfortunately, the limitations of Charles Darwin's evolutionary theory emerged. For example, the Japanese scientist Mtoo Kimura proposed the "Neutral Theory of Molecular Evolution", according to which evolutionary changes at the molecular level occur without the participation of Darwin's natural selection under the influence of chance. There are indefinite zerootides in the DNA structure, which act not according to the necessary requirements of a real evolutionary process, but according to the principle of randomness within a gene. This theory was adhered to by most scientists, which led to the need to develop a new theory of global (universal) evolutionism, which could answer the questions posed by modern science. The article also shows the connection between the idea of global evolutionism and the anthropic principle.

**Key words:** philosophy of science, evolution, the idea of evolutionism, system, nature, anthropic principle, synergetics.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ибодов М.О.-*** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,

доктори илмҳои фалсафа, профессор кафедраи фалсафа,
***Раҷабов А.С.*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи фалсафа. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаро,16. Телефон: **985563604** E-mail: **asrajabov@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Ибодов М.О.*** **–** Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, доктор философских наук, профессор кафедры философии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафаров, 16.
***Раджабов А.С.*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, соискатель кафедры философии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафаров, 16. Телефон: **985563604** E-mail: **asrajabov@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Ibodov M.O.*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, Doctor of Philosophy, and Professor of the Department of Philosophy**. Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16.
***Radjabov A.S.*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant for the Department of Philosophy. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **985563604**
E-mail: **asrajabov@mail.ru**

**УДК: 141.8 (575.3)**

## ОЗОДИИ ВИҶДОН ҲАМЧУН РУКНИ МУҲИММИ ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ ВА ҲУҚУҚБУНЁД

***Одинаев С.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давлатҳои демократии муосир, аслан, ҷомеаҳои шаҳрвандию ҳуқуқие ҳастанд, ки ҳуқуқҳои шахси мушаххасро новобаста аз забон, миллат ва эътиқоди динӣ ҳимоя мекунанд. Давлати ҳуқуқӣ дар пояи меъёрҳои конститутсионию ҳуқуқии муқарраршуда қарор дорад.

Ба ин муносибат масъалаи муайян кардани тамоюли арзишӣ-мадании мамлакат, нигоҳ доштани айнияти забонӣ ва фарҳангӣ ва махсусияти халқ ниҳоят муҳим мебошад. Дар айни ҳол ҷаҳонишавиро мутлақо чун таҳдид ба манфиатҳои миллӣ ҳисобидан хатост. Ин раванди воқеии умумиҷаҳонӣ неруи мусбат низ дорад, ки қодир аст имкониятҳои рушду тараққии мамлакатро васеъ намояд. Дар ин иртибот, омӯхтани тамоюлҳои гуногуни рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, хоста гирифтани стратегияи қобили қабули ислоҳоти мамлакат ва бо дарназардошти хусусиятҳои тарзи тафаккури миллӣ ва анъаноти миллӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ дохил гардидани он зарур мебошад [4, с.91-94]. Пеша кардани чунин сиёсат дар давлати ҳуқуқбунёд ва демократии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол баръало мушоҳида мегардад…

Озодии виҷдон яке аз арзишҳои муҳимму зарурии инсоният, асоси ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Озодии виҷдон нишондиҳандаи асосии рушди демократия ва устуворию шукуфоии ҷомеа мебошад [8, с.135]. Ба ақидаи яке аз донишмандони маъруфи ин соҳа Е.Тарновский, озодии виҷдон бузургтарин неъмати инсоният аст, ки озодии худмуайянкунӣ, рушди озодонаи рӯҳ ва боварии инсонро ифода менамояд. Озодии виҷдон ба озодии дин, ақидаҳои динӣ, озодии фикрронӣ ва сухан оварда мерасонад [9, с.33].

Озодии виҷдон натиҷаи муборизаҳои чандинасраи аҳли башар аст ва танҳо дар асри гузашта ҷомеаи ҷаҳонӣ ба татбиқи амалии он ноил гашт. То миёнаи асри XIX дар афкори иҷтимоӣ-динӣ ин мафҳум ёдрас нагардидааст. Аз ин баъд ин мафҳумро файласуфон, таърихшиносон ва арбобони сиёсӣ хеле зиёд истифода мебаранд [9, с.33]. Мафҳуми “озодии виҷдон” ифодагари мустақилияти ҳаёти маънавӣ ва эътиқоду боварии одамон буда, ба маънои маҳдудаш чун озодии дину эътиқод истифода мешавад [1, с.585-587; 2, с.112-124]. Донишмандон асосан дар атрофи мафҳуми “виҷдон” фикру андешаҳои гуногун доранд. Мафҳуми “виҷдон” ҳамчун категорияи ахлоқӣ ба сифати эҳсоси масъулият доштан дар рафтору амали иҷтимоии худ ва иҷро намудани қарзи инсонию имонии худ арзёбӣ мешавад. Айни замон тамоми давлатҳои мутамаддин кӯшиш мекунанд, ки ба намояндагони ҳамаи дину эътиқодҳо муносибати якхела дошта бошанд ва ба ягон дину мазҳаб бартарӣ надиҳанд.

Китоби муқаддаси Қуръон таъкид мекунад: “Дар дин ҳеҷ иҷборе нест” (ояти 256-уми сураи Бақара). Ба ин маъно ки ҳеҷ касро аз эътиқодаш маҷбуран маҳрум кардан ва ё барои гаравидан ба ин ё он дин маҷбур намудан мумкин нест. Дар ояти 99-уми сураи “Юнус” низ

ин маънӣ равшан инъикос гардидааст: “Агар Худованди ту бихоҳад, ҳамаи касоне, ки дар рӯйи заминанд, имон меоваранд. Оё ту мардумро бо иҷбор вомедорӣ, ки имон биёваранд”. Ояти мазкур заминаи амалиро барои татбиқи озодии виҷдон ва эътиқод дар байни мусулмонон ба вуҷуд меорад. Аз ин ҷо метавон хулоса баровард, ки дини Ислом ҳама гуна роҳҳои маҷбурии гаравидан ба дин ва ё бор кардани афкори дигарро манъ менамояд.

Дар замони шӯравӣ ақидаи атеистӣ ҳукмрон буд ва давлати шӯравӣ ҳамчун давлати бедин машҳур гардида буд. Вақте ки болшевикҳо ба сари қудрат омаданд, аввалин коре, ки онҳо анҷом доданд, бастани дари калисову масҷид буд. Дар Тоҷикистон, мисли дигар давлатҳои шӯравӣ масҷидҳо баста шуда, аз фаъолият монда бозмонда буданд, ё ба сифати клубу амборхона истифода мегардиданд. Дин ба нақша ва ниятҳои коммунистон мувофиқат намекард, баъдан, идеологияи ҳизби коммунистӣ ва марксизм ба ақида ва афкори динӣ зид буд. Тамоми фаъолияти диндорон ба таври ҷиддӣ назорат карда мешуданд ва ҳамеша зери таъқибу фишор ва зӯроварӣ қарор доштанд. Сарвату моликияти диндорон мусодира гардида, ба мақсадҳои гурӯҳҳои ҳукмрон истифода мегардиданд. Ҳар китобе, ки бо ҳуруфоти ниёгон навишта шуда буд, новобаста ба динӣ ё дунявӣ буданашон, нобуд карда мешуданд. Ҳарчанд дар моддаи 52-юми Конститутсияи ИҶШС соли 1977 принсипҳои озодии виҷдон чунин дарҷ гардида буданд: «Ба шаҳрвандони ИҶШС озодии виҷдон, ҳуқуқи эътиқод доштан ё эътиқод надоштан ба ҳама гуна дин кафолат дода мешавад. Бадбинӣ ва душманӣ вобаста ба эътиқоди динӣ манъ аст». Ба ақидаи баъзе аз мутахассисон, яке аз сабабҳои барҳам хӯрдани Давлати Шӯравӣ, дар баробари омилҳои иқтисодӣ, муборизаи шадид ва мухолифат доштан ба дин, мардумро аз фарҳанги динӣ дур кардан, ба назар нагирифтани дин ва талаботи динии мардум мебошад.

Дар *Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муносибат ба дини ислом, дину мазҳабҳои дигар ва ташкилотҳои динии дар қаламрави худ амалкунанда дар асоси қонун ҷараён мегирад ва хеле муътадил мебошад.* Дар мамлакат шароити мусоиди амал намудани иттиҳодияҳои динӣ ва воқеӣ гардонидани фаъолияти гуногуни динӣ муҳайё аст. Ходимон ва иттиҳодияҳои динӣ метавонанд, ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти динӣ аз воситаҳои гуногун истифода намоянд. Дар алоқамандӣ ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ чунин қайд карданд: “Яке аз дастовардҳои мо озодии виҷдон аст, ки шакли муҳимми демократия маҳсуб меёбад ва дар ҷомеа торафт таҳким ёфта истодааст. Ин, бешубҳа, аз натиҷаҳои намоёни раванди сулҳ дар Тоҷикистон мебошад. Кофист ба ёд орем, ки танҳо чанд сол пеш дар кишвар атеизми давлатӣ ҳукмрон буд ва дар риояи заруратҳои динӣ ба озодӣ роҳ намедод. Дар Тоҷикистон 97 фоизи аҳолӣ мусулмон аст. Вале тибқи Конститутсия барои дигар ҷараёнҳои мазҳабӣ ҳам озодиҳо муқаррар шудаанд. Хушбахтии бузург аст, ки озодиҳои мазҳабӣ ва ҳуқуқи мо ба тарзи зиндагии дилхоҳ маҳдуд ва таъқиб карда намешаванд, агар дар онҳо қонуншиканӣ роҳ наёфта бошад. Ин принсип дар Конститутсия дарҷ шудааст ва нишонаи муҳиммтарини демократия дар Тоҷикистон мебошад. Он асоси зиндагии ахлоқии шаҳрвандони моро ташкил дода, пеши роҳи экстремизми диниро мегирад ва ба меъёрҳои демократияи ҷаҳонӣ мутобиқ аст” [13].

Дар Тоҷикистон барои татбиқ намудани озодиҳои виҷдон заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Конститутсияи Тоҷикистон мисли дигар ҷомеаи мутамаддин ҳуқуқу озодиҳои динии инсон, махсусан, озодии виҷдон ва эътиқоди диниро кафолат медиҳад. Дар банди 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад. *Пеш аз ҳама бояд таъкид кард, ки дунявияти давлати мо маънои зиддидинӣ надорад, балки барои фаъолияти самаранок, ватанхоҳона, башардӯстона ва тарбиявии муассисаҳои динӣ ва ходимони равшанфикри ислом имкониятҳои васеъ муҳайё мекунад. Чунонки дар мамлакати мо ҳамаи шаҳрвандон, қатъи назар аз мансубияти миллӣ, забонӣ ва динию мазҳабиашон озоданд, пайравони дини ислом низ озод буда, озодии онҳоро давлат кафолат медиҳад.*

Мафҳуми «дунявӣ» ба он маъно истифода мешавад, ки дар Тоҷикистон эътиқод доштан ба ягон дину мазҳаб ҳатмӣ ҳисобида намешавад, ягон дин ба сифати дини расмӣ шинохта нашудааст ва намояндагони ҳамаи дину мазҳабҳо баробарҳуқуқ мебошанд. Ин асос дар моддаи 8-уми Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам равшантар инъикос гардидааст. Мувофиқи моддаи 8-уми Конститутсия, «дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳхе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ дахолат карда наметавонанд. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ

ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст» [6, с.3].

Моҳияти озодии виҷдон дар моддаи 26-уми Сарқонуни кишвар хело содаю фаҳмо шарҳ дода шудааст, ки мувофиқи он ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд. Моддаи 28-уми Конститутсия фаъолияти одамонро дар ташкилотҳои динӣ муқаррар менамояд: "Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гарданд".

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» талаботҳои ҳуҷҷатҳои муҳимтарини сиёсӣ: «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар»-и СММ аз 10 декабри соли 1948, «Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» аз 16-уми декабри соли 1966 ва ғайраҳоро оид ба озодии афкор, виҷдон, дин ва эътиқод ба инобат гирифтааст. Қонуни мазкур вобаста ба шароити мушаххаси Тоҷикистон имконниятҳои озодона ба амал баровардани озодии виҷдон, дин, эътиқодро асоси ҳуқуқӣ мебахшад. Муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, ҷамоатҳо ва мазҳабҳои диниро танзим менамояд. Дар мавриди озодии виҷдон дар моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" чунин навишта шудааст: "Озодии виҷдон – ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои ихтиёрӣ ва мустақилона муайян намудани муносибати худ ба дин, ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ва ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб кардан ва тағйир додани иттиҳодияҳои динӣ, инчунин баён намудан ва паҳн кардани ҳама гуна эътиқоди марбут ба дин ва ҷаҳонбинии атеистӣ мебошад". Мувофиқи қонуни мазкур, ҳар як инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки озодона ва мустақилона ягон динро интихоб кунад ва ба он пайравӣ намояд, дар ибодати динӣ, адои маросимҳои динӣ ва таълими динӣ иштирок намояд. Пайравони дин ба мақсади якҷоя анҷом додани ибодат ва маросимҳои динӣ, таълими динӣ, инчунин паҳн намудани эътиқоди динӣ озодона ва ихтиёрӣ иттиҳодияи диниро ташкил карда метавонанд.

Бояд гуфт, ки «озодии виҷдон» ба маънои ихтиёрдории фардии инсон ба эътиқоди динӣ мебошад. Тибқи ҳамин меъёри демократӣ, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки эътиқоди фардии худро ба дигарон таҳмил кунад. Мувофиқи муқаррароти моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ", ҳеҷ кас уҳдадор нест, ки дар бораи муносибати худ ба дин маълумот диҳад. Шахс ҳангоми муайян кардани муносибати худ ба дин, ба пайравӣ ё дасткашӣ аз пайравии дин, ба иштирок кардан ё накардан дар ибодати динӣ, дигар расму оин ва маросимҳои динӣ, дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, дар таълими дин маҷбур карда намешавад. Монеъшавӣ ба амалӣ гардонидани ҳуқуқи ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, аз ҷумла бо истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс, бо тағйири ҳиссиёти шаҳрвандон вобаста ба муносибати онҳо ба дин, бо тарғиби афзалияти динӣ, бо маҳв намудани молу мулк ё осеб расонидан ба он ё бо таҳдиди анҷом додани чунин амалҳо манъ буда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад. Озодии пайравӣ ба дин тавассути қонун барои ҳимояи сохти конститутсионӣ, тамомияти марзӣ, ҳифзи амният, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқию ҷамъиятӣ, ҳамчунин ҳуқуқ ва озодии дигар шахсон метавонад маҳдуд карда шавад.

Дар моддаи 5-уми Қонуни мазкур омадааст, ки ҳеҷ як мафкураи динӣ ҳамчун мафкураи давлатӣ ва умумиҳатмӣ эътироф намешавад. Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо мебошанд, ба корҳои давлат ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дахолат карда наметавонанд. Давлат дар доираи Қонун бо иттиҳодияҳои динӣ ҳамкорӣ карда метавонад ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро барои эътиқоди динӣ ва фаъолияти динӣ маҳдуд намекунад, ба шарте ки, агар ба ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон ва амнияти иҷтимоӣ хатар эҷод накунанд. Мувофиқи моддаи 7-уми ин қонун, давлат таълими фанҳои диншиносиро, ки хусусияти иттилоотӣ–маърифатӣ дошта, бо анҷом додани ибодат ва расму оинҳои динӣ сурат намегирад, ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимии давлатӣ дохил карда метавонад.

Пас аз истиқлолияти Тоҷикистон давлат ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои динӣ тамоми ҳуқуқу озодиҳоро муҳайё намудааст. Дар Тоҷикистон, озодии виҷдон фароҳам омад, садҳо масҷидҳои нав бунёд шуда, сафи намозгузорон ба маротиб зиёд шуд ва ҳатто баъзе аз атеистҳо низ ба дин рӯ оварда, дар ин самт мақомҳои баландро соҳиб шуданд. Мувофиқи маълумоти Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, то 20-уми ноябри соли 2015 як маркази

исломӣ, 47 масҷиди ҷомеи марказӣ, 324 масҷиди ҷомеъ, 3558 масҷиди панҷвақта, як ҷамоатхонаҳо, ду адад кумитаи рушди ҷамоатхонаҳои шиаи имомии исмоилӣ, шаш мадрасаи мутавассита, 71 иттиҳодияи динии ғайриисломӣ, як ҷамоатхона, як ҷамоаи динии ғайриисломӣ, дар маҷмӯъ 4010 иттиҳодияи динӣ ба қайд гирифта шудааст ва ҳамаи онҳо тибқи талаботи қонун эҳтиёҷоти эътиқодии шаҳрвандонро қонеъ мегардонанд.

Имрӯз дар асоси ин муқарраротии конститутсионӣ шаҳрвандони кишвари мо эътиқоди худро озодона ва ихтиёрӣ амалӣ мегардонанд. Махсусан, сол аз сол ҷаҳонбинӣ, дониш, шуур ва худшиносии динии шаҳрвандон ташаккул меёбад. Аз тарафи давлат низ барои баланд бардоштани шуури динии шаҳрвандон як қатор тадбирҳо андешида шудааст. Масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон кардани соли 2009», таъсисёбии Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи исломии Тоҷикистон далели гуфтаҳои болост. Шахсоне, ки хоҳиши гирифтани таълими диниро доранд, метавонанд ба Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам — Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит ва Гимназияи исломии назди ин донишкада ҳуҷҷат супорида, дар он ҷо озодона ба таълими динӣ фаро гирифта шаванд.

Мутобиқи моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», гирифтани таълими динӣ дар хориҷи кишвар, аз ҷумла дар муассисаҳои олии динии хориҷӣ танҳо баъд аз гирифтани таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо розигии хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин ва оид ба соҳаи маориф иҷозат дода мешавад. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти № 662 «Тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар» тасдиқ карда шудааст, ки раванди гирифтани таълими динӣ дар хориҷаро пурра ба танзим медарорад. Шаҳрвандон метавонанд бо риояи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур дар хориҷа таълим гиранд.

Дин чун шакли шуури ҷамъиятӣ тамоми тағйиротҳои сифатии инкишофи ҷомеаро дар раванди таърих ифода менамояд. Сатҳи муносибатҳои динӣ аз ҳолати инкишофи раванду ҳодисаҳо ва воқеоти ҷамъиятӣ вобаста буда, ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири назаррас расонида метавонад. Дар олами муосир дин ва иттиҳодияҳои динӣ дар равандҳои сиёсӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ низ таъсири фаъол мерасонад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дин дар зиндагӣ ва амали шаҳрвандони мо нақши бузургро соҳиб аст. Эҳёи расму анъанаҳои миллӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба ислом алоқаманд мебошад, чунки солҳои пасошӯравӣ дар Тоҷикистон, чун дар ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ, раванди исломикунонии ҷомеа шурӯъ гардид. Суръати ин раванд дар Тоҷикистон нисбат ба ҷумҳуриҳои дигари ин минтақа аз ҳама зиёдтар буд. Мувофиқи маълумоти таҳқиқи иҷтимоии «International Foundation for Election Systems», ки солҳои 1996 ва 2010, дар ҷумҳурӣ гузаронида шуд, натиҷаҳои зерин ба даст омаданд: агар соли 1996-ум 27 фоизи пурсидашудагон намозҳои ҳаррӯзаро ба ҷо меоварда бошанд, соли 2010 теъдоди онҳо ба 63 фоиз расид. Зиёда аз ин, зимни пурсиши охирин 71 фоизи пурсидашудагон изҳор доштанд, ки ислом дар ҳаёти онҳо мақоми муҳимм дорад [5].

Дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои динӣ низ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд. Аз ин сабаб, баъзан ноогоҳии мардум аз арзишҳои дини ислом, паст будани сатҳи шуури динӣ ва роҳ ёфтани хурофот дар эътиқоди динии мардум, барои ҳар гуна таблиғоти ифротӣ ва экстремистӣ ҳамчун заминаи мусоид хизмат мекунанд. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз диндорон ҷонибдорӣ менамояд, барои амалӣ гардидани меъёрҳои озодии виҷдон тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад, аммо талаботи асосӣ ин аст, ки амнияти шаҳрвандон зери хатар гузошта нашавад. Ҳарчанд ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо бошанд ҳам, онҳо бо давлат ҳамкории зичро ба роҳ мондаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти шахсони алоҳидаи диндор ва он иттиҳодияҳои диние манъ карда мешавад, ки хусусияти нажодпарастӣ, хусумату бадбинии иҷтимоӣ ва тағйир додани сохтори конститутсионӣ доранд. Бо ин сабаб, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, мисли "Ҳизб-ут-таҳрир», "Салафия", "Ҳаракати исломии Ӯзбекистон" ва ғайра манъ карда шудаанд.

Президенти кишвар дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ чунин қайд карданд: "Озодии виҷдон ва дигар меъёрҳои демократӣ барои ба даст овардани ризоият дар кишвар имконият фароҳам сохтанд. Вале озодии виҷдон маънои суиистифода аз дину эҳсосоти мазҳабии мардумро надорад. Суиистифода аз дину мазҳаб боиси пайдо шудани экстремизми динӣ, экстремизми исломӣ ва монанди инҳо гардидааст. Дар асл ба дини мубини ислом нисбат додани экстремизм ба ҷуз ғаразҳои сиёсӣ, бадном кардани он ва мардуми мусулмон ҳадафи дигаре надорад. Аз тарафи дигар, гурӯҳҳо ва созмонҳои

экстремистие ҳастанд, ки гоҳо дар либоси динӣ намоён мешаванд, то ин ки ақидаву мақсадҳои онҳо дар байни мардуми диндор тарафдор пайдо намоянд.

Дар аксари мамлакатҳои мусулмонӣ чунин гурӯҳу созмонҳои ифротӣ аз тарафи ҷомеаи ин кишварҳо маҳкум шудаанд. Барои ин созмонҳо эҳсоси ватандӯстӣ ва миллӣ бегона аст, онҳо фақат манфиатҳои маҳдуд ва ғаразноки иқтисодию сиёсиро мақсади худ қарор додаанд ва пояҳои давлати миллиро заиф сохта, ба пешрафти иҷтимоӣ ва робитаи байни миллатҳо мамониат мекунанд, низои мазҳабию миллиро дар ҷомеа бармеангезанд. Манфиатҳои кишвару миллат тақозо мекунанд, ки бар зидди ҳизбу созмонҳои экстремистӣ дар доираи Қонун мубориза бурда, ҳуқуқу озодиҳои мардум ҳимоя карда шаванд. Дар Тоҷикистон, чунонки таъкид шуд, озодии комили эътиқоди динӣ дар асоси меъёрҳои гуногунандешӣ татбиқ шудааст" [13].

Паст будани сатҳи шуур ва фарҳанги динии шаҳрвандон барои ҷомеа хатари азим дорад. Гаравиши баъзе аз ҷавонон ба равияву ҷараёнҳои динии иртиҷоӣ аз ин манбаъ сарчашма мегирад ва номи исломро доғдор менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.01.2015) хеле бомаврид қайд намуданд: "... терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте бо дин, аз ҷумла бо дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёсиву ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад. Ман ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла аз минбари баланди СММ борҳо иброз дошта будам ва имрӯз бори дигар изҳор менамоям, ки номи поки исломро бо зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст" [10].

Барои бартараф намудани ин мушкилот мақомоти давлатӣ ва донишмандони илмҳои ҷомеашиносиро лозим меояд, ки тадбирҳои зарурриро андешанд. Барои баланд бардоштани сатҳи шуур ва фарҳанги динии шаҳрвандон мақомоти давлатӣ, ВАО, арбобони ҷамъиятию сиёсӣ ва зиёиён дар ҳамбастагӣ бо рӯҳониёни кишвар дар байни халқ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва маърифатиро ҷоннок гардонанд. Мақомоти салоҳиятдори ҷумҳурӣ бояд пеши роҳи ғайриқонунӣ маҳдуд гардонидани озодии виҷдонро гиранд ва низоми қонунгузории ин соҳаро ба талаботҳои замона такмил диҳанд. Маҳдуднамоие, ки баъзан бо зарурати вазъи иҷтимоӣ пеш меояд, бояд ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол накунад, ба манфиати ҷомеа ва барои ҳифзи амнияти шаҳрвандон бошад.

Аз ин таҳлили мухтасар дар доираи як мақола ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки озодии виҷдон яке аз бузургтарин дастоварди фарҳанги маънавӣ ва ҳуқуқии башарият, муҳимтарин падидаи эҳтироми арзиши умумиинсоният ва асоси таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Донишманди рус С.А. Бурянов дар ин бора дуруст қайд намудааст: "Озодии виҷдон–ин ҳуқуқи қонеъ гардонидани талаботҳои ҷаҳонбинӣ буда, ба ҳастӣ маънӣ медиҳад" [2, с.136-151].

Дар Тоҷикистон дар самти амалӣ намудани озодии виҷдон бо вуҷуди дастовардҳо боз як қатор мушкилот вуҷуд доранд, ки ба назари мо, ҳаллу фасли онҳо дар доираи қонунҳои батасвибрасида барои фазои солим ва амнияту ваҳдати миллату кишвар мусоидат менамояд. Аз ҷумла:

- дар ҷумҳурӣ то ба ҳол масъалаи озодии виҷдон дар давлати дунявӣ аз тарафи олимону ҷомеашиносон ба таври фарогир мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст;
- дар васоити ахбори омма озодии виҷдон, муносибати дин ва давлат ба таври холисона ва беғаразона инъикос карда намешавад ё ба ин масъала таваҷҷуҳи лозима намедиҳанд;
- мавқеъ ва нақши рӯҳониёни машҳур дар рушди давлати миллии мо то ҳол норавшан боқӣ мондааст;
- сиёсӣ гаштани исломи суннатӣ ва ба фазои динии ҷумҳурӣ ворид гардидани ҷараёну равияҳои динии иртиҷоӣ таҳқиқи ҷиддитар мехоҳад;
- шуур ва фарҳанги динии аксарияти шаҳрвандони мо дар сатҳи паст қарор доранд, ки аз ин гурӯҳҳои алоҳида барои амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ истифода менамоянд ва ғайра.

Татбиқ гардидани озодии виҷдон барои қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии шаҳрвандон, бартараф намудани зиддиятҳои иҷтимоӣ, ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, ҳамзистии осоиштаи намояндагони динҳои гуногун ва ташаккули рӯҳияи таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Апресян Р.Г. Совесть / Р.Г. Апресян // Новая философская энциклопедия.— М., 2001. -Т. 3. — С. 585-587.
2. Бурьянов С.А. Свобода совести как глобальная ценность. На пути к политическому единству и решению глобальных проблем / С.А. Бурьянов // Век глобализации. — 2009. — № 1. — С. 136-151.
3. Бурьянов С.А. Свобода совести как фактор обеспечения национальной и глобальной безопасности / С.А. Бурьянов // Политика и общество. —2004. — № 1. — С. 112-124.
4. Заҳруддинов И. Давлат ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ / И. Заҳруддинов // Паёми Донишгоҳи техникӣ. — 2008. — № 2. — С. 91-94.
5. Ислом ва буҳрони ҷаҳонбинии илмӣ дар Тоҷикистони пасошӯравӣ // Рӯзномаи "Садои мардум". — 2015. — № 16 (3317). http://sadoimardum.tj/maorif/islom-va-bu-roni-a-onbinii-ilm-dar-tojikistoni-pasos
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе, 2016. — 64 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009.
8. Мозговой С.А. Принципы взаимоотношений российских мусульман с обществом и государством / С.А. Мозговой // Право и политика. — 2002. — № 2 (26). — с. 135-143.
9. Новые вызовы свободы совести в современной России. Материалы Международной научно-практической конференции. Москва, Центральный Дом журналиста, 26 июня 2012 г. — М., 2012. — 168 с.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/8136
11. Свобода совести в России: исторический и современный аспекты. Выпуск 9. Сборник статей. — СПб.: Российское объединение исследователей религии, 2011. — 512 с.
12. Свобода убеждений, совести и религии в современной России: специализир. информ. аналит. докл.: [монография] / [Бабушкин А.В. и др]; [сост. и общ. ред. С.А. Бурьянов, Н.В. Костенко]. — М.: Московская Хельсинкская группа, 2007. — 272 с.
13. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ. 24.06.2004 // http://www.president.tj/node/6617
14. Тарновский Е. Четыре свободы / Е. Тарновский. — СПб.: Макет, 1995. — 192 с.

**ОЗОДИИ ВИҶДОН ҲАМЧУН РУКНИ МУҲИММИ ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ ВА ҲУҚУҚБУНЁД**

Дар мақола масъалаи озодии виҷдон чун яке аз арзишҳои муҳимму зарурии инсоният, асоси ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд мегардад, ки озодии виҷдон нишондиҳандаи асосии рушди демократия ва устуворию шукуфоии ҷомеа буда, омӯзиши васеи он баъди садаи XIX шурӯъ гаштааст. Худи "озодии виҷдон" ифодагари мустақилияти ҳаёти маънавӣ ва эътиқоду бовари одамон буда, ба маънои маҳдудаш чун озодии дину эътиқод истифода мешавад. Инчунин, дар мақола масъалаи озодии виҷдон ва виҷдон дар маҷмӯъ, дар давлатҳои муосир ва аз нигоҳи дин, махсусан дини ислом таҳлил шудааст.Мафҳуми «дунявӣ» ба он маъно истифода мешавад, ки дар Тоҷикистон эътиқод доштан ба ягон дину мазҳаб ҳатмӣ ҳисобида намешавад, ягон дин ба сифати дини расмӣ шинохта нашудааст ва намояндагони ҳамаи дину мазҳабҳо баробарҳуқуқ мебошанд. Қайд мешавад, ки эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон озод буда, аз ҷониби давлат ягон зӯроварӣ пешбинӣ нашудааст. Дунявияти давлати мо маънои зиддидинӣ надошта, баръакс, барои фаъолияти самаранок, ватанхоҳона, башардӯстона ва тарбиявии муассисаҳои динӣ ва ходимони равшанфикри ислом имкониятҳои васеъ муҳайё мекунад. Гузашта аз ин, қонунҳои дохилии Тоҷикистон бо қонунгузориҳои байналхалқӣ оид ба дин, эътиқоди динӣ ва озодиҳои шаҳрвандон ягон зиддият надоранд. Дар баробари ин, созмону ташкилотҳои ғайрирасмии динӣ, ки характери иртиҷоӣ доранд, дар давлат манъ буда, аъзоёни онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар дини ислом интихоби дин ва эътиқоди динӣ низ аз ҷониби одамон озод мебошад. Дар собиқ ИҶШС, ки сиёсати бехудоиро пеша карда буданд, тамоми озодиҳою эътиқоди динӣ пахш карда мешуданд ва ба андешаи як зумра муҳаққиқон, яке аз сабабҳои шикасти он маҳз чунин сиёсат ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** арзиш, озодии виҷдон, виҷдон, дунявӣ, эътиқод, атеизм, дин, ташкилотҳои динӣ, мазҳаб, давлати дунявӣ, Конститутсия, Қуръон, ислом, экстремизми динӣ, шуури динӣ, фарҳанги динӣ.

**СВОБОДА СОВЕСТИ КАК СУЩЕСТВЕННЫЙ ЭЛЕМЕНТ ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО И ПРАВОВОГО ОБЩЕСТВА**

В статье рассматривается проблема свобода совести как одной из существенных и необходимых ценностей человечества, основы права и свободы человека и гражданина. Подчеркивается, что свобода совести является основным показателем развития демократии и стабильного процветания общества и ее всестороннее изучение начинается после XIX века. Сам термин "свобода совести" в широком смысле означает самостоятельность духовной жизни, веры и убеждения людей, а в узком смысле данный термин используется как свобода религии и убеждениия. А также в статье проблема свободы совести и совести в целом в современных государствах анализируется с точки зрения религии, особенно религии ислама.Понятие "светское" используется в том понимании, что в Таджикистане не обязательно его использовать в отношении той или иной религии или секте, так как ни одна религия не может признаваться в качестве официальной, а представители всех религий и сект признаются равноправными. Подчёркивается, что религиозное исповедание в Таджикистане добровольно и со стороны государства в этом плане не используется насилие. Светский образ нашего государства не носит антирелигиозный характер, а, наоборот, создаёт широкие возможности для религиозных организаций и просвещенных служителей Ислама, способствует эффективному воспитанию в людях патриотических, человеколюбивых качеств. Причём, внутреннее законодательство Таджикистана не противодействует международным законам о религии, религиозных вероисповедениях, свободе выбора граждан. А также в государстве неофициальные религиозные организации и учреждения, имеющие реакционный характер, запрещаются и их представители привлекаются к ответственности. В религии ислама выбор религиозного вероисповедения со стороны людей также носит добровольный характер. В бывшем Советсом Союзе, который проводил атеистическую политику, все виды свобод и вероисповедований подавлялись, и, с точки зрения некоторых исследователей, реализация такой политики стала одной из причин распада бывшей системы.

**Ключевые слова:** ценность, свобода совести, совесть, светское, вера, атеизм, религия, религиозные организации, секта, светское государство, Конституция, Коран, Ислам, религиозный экстремизм, религиозное сознание, религиозная культура.

**FREEDOM OF CONSCIENCE AS AN ESSENTIAL ELEMENT OF A DEMOCRATIC AND LEGAL SOCIETY**

The article is devoted to the problem of freedom of conscience as one of the essential and necessary values of humanity, the basis of the rights and freedoms of man and citizen. It is emphasized that freedom of conscience is the main indicator of the development of democracy and stable prosperity of society, and its comprehensive study begins after the 19th century. The very term "freedom of conscience" means the independence of spiritual life, faith and conviction of people, and in a narrow sense it is used as freedom of religion and belief. And also, in the article the problem of freedom of conscience and conscience in general in modern states is analyzed from the point of view of religion, especially the religion of Islam.The concept of "secular" is used in the understanding that in Tajikistan it is not necessary to profess in one religion or another or a sect, more than one religion cannot be recognized as an official religion, and representatives of all religions and sects are equal. It is emphasized that religious confession in Tajikistan is voluntary, and the state does not use violence. The secular image of our state does not have an anti-religious character, but on the contrary, for the productive, patriotic, philanthropy and educational character of religious organizations and for the enlightened servants of Islam, it creates ample opportunities. Moreover, the domestic legislation of Tajikistan does not oppose international laws on religion, religious beliefs and freedom of citizens. And also, in the state unofficial religious organizations and institutions of a reactionary nature are prohibited and their representatives are held accountable.In the religion of Islam, the choice of religion and creed on the part of people is also a voluntary desire. In the former Soviet Union, which pursued an atheistic policy of all kinds of freedoms and religion were suppressed, and from the point of view of some researchers, one of the reasons for the defeat of that system is considered to be the implementation of such a policy.

**Key words:** value, freedom of conscience, conscience, secular, faith, atheism, religion, religious organizations, sect, secular state, Constitution, Koran, Islam, religious extremism, religious consciousness, religious culture.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Саидакрам Шамсуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919-50-18-15**. E-mail: **falsafa-TNU@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Одинаев Саидакрам Шамсуллоевич*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919-50-18-15**. E-mail: **falsafa-TNU@mail.ru**

**Information about the author:** ***Odinaev Saidakram Shamsulloevich*** - Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **919-50-18-15.** E-mail**: falsafa-TNU@mail.ru**

УДК: 377, 37.06

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ МОТИВАЦИИ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ СРЕДСТВАМИ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

*Миралèзода А. М., Афизов С.Х.*
**Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки**

Познавательная деятельность как категория имеет практическую реализацию на любом этапе жизненного цикла. Познавательная деятельность проявляется в каждом виде деятельности и общественных отношений, в частности, особенное влияние оказывает на процесс обучения студентов. Она определяет такие стороны деятельности, как эффективная и социальная, ценностно – ориентационная и художественно – эстетическая. Посредством проведения познавательной деятельности проводится исполнение разнообразных предметно-практических операций в процессе получения образования. В том числе проведение экспериментирования и проектирования, решение исследовательских и практических задач и т.д. Необходимо отметить, что только в процессе изучения познавательной деятельности термин «познание» получает свою точную формулировку, которая свойственна только лишь человеку в ходе учебно-познавательной работы либо учения.

Деятельность преподавателя согласно мотивации учебно-познавательной работы студентов способами информативных технологий в обстоятельствах кредитной системы образования невозможна без опоры на активность студентов. В дидактике в настоящее время признано, что проблема создания системы мотивации проведения учебно-познавательной работы студентов на основе применения современных информационных технологий в условиях, когда в стране перешли на кредитную систему образования, до сих пор требует всеобъемлющего исследования.

Важным дидактическим принципом в условиях кредитной системы образования является рассматриваемый комплекс по разработке методов мотивации учебно-познавательной работы студентов, причем важное значение имеет учет использования современных информационных технологий. При этом, к исследуемому дидактическому принципу можно отнести относится такие совокупности терминов, как «сознательность и динамичность», «сознательность, динамичность и самостоятельность», «сознательная динамичность и самостоятельность».

Исследование показывает, что особое значение для проведения учебного процесса в высших учебных заведениях имеет процесс реформирования и совершенствования концепции, определяющий роль и значение методов по мотивированию учебной деятельности как одного из определяющих элементов в используемой системе дидактических принципов. Кроме того, в современных условиях значительно возрастает и повышается его значимость как самостоятельного фактора, обуславливающего эффективность учебного процесса.

Значение такого фактора подчеркивается проведением учебного процесса в условиях кредитной системы образования, которая предназначена для того, чтобы у студентов повысилась предприимчивость, инициативность, возросло умение брать на себя личную ответственность при нахождении решения возникающих хозяйственных задач и определить направления для формирования активной жизненной позиции.

Для развития положения о роли и значении принципа мотивации рассмотрим возможные определения характеристики познавательной мотивации в педагогической литературе. В частности, она представляется как следующее:

- ✓ умение и желание для развития способностей к повышению инициативного овладения знаниями, посредством проявления упорных и регулярных волевых усилий в учебном процессе при кредитной системе обучения [18, с.52];
- ✓ свойство развития преобразовательного отношения субъекта к исследуемым объектам и явлениям [1, с.41];

- ✓ проявление волевой операции, развитие активного положения, которое определяет активную деятельность личности в сфере повышения познания [17, с.28];
- ✓ совокупность свойств, повышающих необходимость роста жизненных сил обучаемого [20, с. 24];
- ✓ качество подготовки обучаемого, в котором выражается его индивидуальность и совокупность мнений по характеру деятельности и склонности направлять имеющиеся нравственно-волевые усилия на то, чтобы повысить уровень знаний и умений посредством достижения учебно-познавательных целей [20, с.47].

Научные исследования по проблеме развития методов мотивирования в обучении показывают, что прослеживается направленность на объединение имеющихся основных аспектов стимуляции в первую очередь с отношением к объекту и процессу деятельности. При этом задача развития деятельности по мотивации как бы откладывается на второй план. Вместе с тем совершенствование методов мотивации учебно-познавательной деятельности студентов посредством применения информационных технологий в условиях кредитной системы образования направлено, прежде всего, на достижение цели деятельности учебного процесса. Если обратить внимание на развитие методов мотивации учебно-познавательной работы студентов на основе применения информационных технологий в условиях проведения кредитной системы, то можно сделать вывод, что требования потребностно-мотивационной области имеет прямую зависимость от цели деятельности, что обуславливает необходимость ее повышенной активности. Целевая направленность обучаемого должна стать движущей силой, которая совершенствует метод стимуляции и вид его применения и которой он должен подчинять свою систему.

Термин «активность личности» в педагогической литературе позиционируется как основная характерная черта личности, как способность выразить определенный уровень старания; как проявление напряжения интеллектуальных сил. Также под термином «активность личности» понимается умение и стремление реализации своей деятельности в динамичной последовательности; как важное условие для процесса формирования и развития самостоятельного отношения к предмету и методам исследования или как отношение отдельного субъекта к окружающей его действительности, предметам с учетом всех возможностей ее преобразования и т. д.

Исследование термина и понятия «активность студентов» показывает, что мы имеем очень обширное определение, которое имеет различные аспекты, в том числе социологический, философский, биологический, и психолого-педагогический. Исследуя психолого-педагогический аспект данного термина, можно отметить, что в психолого-педагогической литературе нет единого мнения по определению термина «мотивация» обучаемого в учебном процессе. Как правило, психологи, педагоги обращают внимание на какие-то особенности метода мотивации учебного процесса. В общем виде психолого-педагогическая литература определяют ее термином «напряжение интеллектуальных сил». Также применяется термин «выражение инициативы, интереса» или «возможность преобразовывать окружающую действительность в соответствии с личностными потребностями, взглядами, целями» и т. д.

Приведенные определения «активность студентов», несмотря на то, что и выявляют некоторые конкретные составляющие по вопросам мотивирования учебно-познавательной работы студентов, однако требует дальнейших исследований и уточнений, чтобы в полной мере дать полную характеристику, суть его изучаемого понятия. Анализируя приведенные обобщения тех определений, которые приведены в педагогической литературе, и исследуя общие характерные черты проведения обучающего процесса в условиях кредитной системы образования, и применяя информационные технологии, можно сделать вывод, что важно уточнить и конкретизировать определение обсуждаемого понятия, применительно к существующим условиям.

Вопросы разработки системы мотивирования учебно-познавательной деятельности студентов на основе использования современных средств и информационных технологий в условиях кредитной системы образования невозможно рассматривать без определения тесноты связи с их поведением в самостоятельной деятельности.

Независимость поведения студентов в обстоятельствах кредитной системы образования является следствием регулярной работы над информацией на занятиях и во внеаудиторное время, помогают формированию стимуляции. Эти два взаимосвязанных определения дополняют друг друга. Как правило, уже в самостоятельных действиях выражаются компоненты мотивации студентов, и наоборот, выражение мотивации ориентирует самостоятельность.

Мотивация учебно-познавательной деятельности студентов средствами информационных технологий в условиях кредитной системы образования бывает внешней (моторной) и внутренней (мыслительной).

Внешнюю стимуляцию учебно-познавательной работы студентов на основе приемов использования средств информационных технологий в условиях кредитной системы образования можно достаточно легко определить самому педагогу, так как внешние применяемые признаки достаточно активно проявляются через следующие факторы поведения студента:

- ✓ активен, что проявляется тем, он конспектирует текст лекций, делает заметки, а на практических занятиях решает поставленные педагогом задачи по тематике занятий, самостоятельно проводит практические действия на приборах;
- ✓ сконцентрирован, что проявляется его интересом, особенно через такие признаки внешнего выражения внимания, как сосредоточенность взгляда, мимика, жесты и т. д., которые направлены на один предмет или на одно явление.

Внутренняя мотивация учебно-познавательной деятельности студентов средствами информационных технологий в условиях кредитной системы образования отличается тем, что она содержит внешние мотивации. Помимо этого, ей характерны такие специфические признаки, как: напряжение интеллектуальных сил, мыслительных операций и операционного разбора, синтеза, сопоставления, обобщения; выражение стабильного внутреннего интереса к рассматриваемой на данном занятии теме, проявившейся учебной проблеме, ориентир на мыслительные операции и внимание, осмысление изучаемой информации. Слова педагога, тема учебного пособия могут быть осмыслены только тогда, когда студенты нацелены на свою аналитико-синтетическую деятельность, их внимание нацелено, чтобы понять, осмыслить эту информацию, т. е. мобилизуют свою внешнюю и внутреннюю активность. В конечном итоге, усвоение знаний зависит от динамики работы мыслительного процесса учащегося. Исследователями доказано, что если студенты просто запоминают прочитанную информацию, разбирают ее, то главные утверждения ее запоминаются лучше и надолго.

При выборе каких-либо методов мотивации учебно-познавательной работы студентов, приемов информационных технологий в обстоятельствах кредитной системы образования важно для начала нацеливаться на позитивный результат.

Проведение учебного процесс в вузе в современных условиях можно охарактеризовать как оптимальную комплексную совокупность методических подходов, состоящую из лекций, семинарских и лабораторных занятий, консультаций. Также в последнее время большое внимание уделяется проведению самостоятельной работы обучаемых с книгами, различными литературными источниками, необходимыми для выполнения исследовательских, курсовых, проектных и дипломных работ. Всю эту совокупность можно отнести к основным педагогическим обстоятельствам, которые предназначены для мотивировании проведения учебно-познавательной деятельности студентов на основе применения современных информационных технологий в условиях функционирования кредитной системы образования.

Для решения вопросов совершенствования высшей школы нашей страны, как очень важной и необходимой проблемы получения знаний на уровне современных требований, ставится задача обучения методике самостоятельной работы и мотивирования стремления студентов обновлять их на протяжении всей жизни.

Для претворения в практику учебного процесса в современной методике преподавания в высшей школе происходит реформирование традиционной системы, по которой ведется классно-урочный метод обучения в вузах, который использовался ещё в средние века. Современная мировая тенденция в процессе предоставления образовательного уровня состоит в переходе к подаче только лекций, имеющих установочный характер. Цель установочных

лекций направлена на воспроизводство соответствующей информации только об основных разделах курса. В частности, в этих лекциях освещаются современные достижения в тех областях знаний, которые ещё не были отражены в научной литературе, иначе говоря, следует последовательно определять тенденцию реализации принципа обучения на опережающем развитии обучаемых.

Исходя из изложенных предпосылок и теоретических оснований, в настоящее время внимание должно, на наш взгляд, в высшей школе обратиться к активным формам обучения, причем в достаточно малых группах, которые дают возможность проведения методов по мотивированию формирования таких навыков у студентов, которые развивают познавательные свойства.

Указанный подход показывает, что данный подход в технологии получения образования сменяет акценты, переводя рекомендации на его глубокое осмысление, в отличие от автоматического заучивания учебного материала. Практика показывает, что классическое обучение, которое направлено на слепое запоминание фактов, является препятствием на пути формирования творческих навыков и, в конечном итоге, возможна потеря талантов. Смена приоритетов технологии обучения показывает, что на первое место сегодня выходит развитие навыков усвоения методологических приемов развития знаний и работы с научным материалом. Таким образом, приоритетом является система выработки и закрепления методологической культуры работы обучаемого.

В ходе стимуляции учебно-познавательной работы студенты приемами информационных технологий в обстоятельствах кредитной системы образования о чтении лекций существует два мнения. Одни считают, что поскольку существует множество учебных пособий чтение лекций бессмысленно. Поскольку большинство материала студенты могут взять из книг или из интернета.

Необходимые профессиональные познания, которые важны для практического применения, невозможно приобрести, не проводя постоянный анализ изучаемых учебных материалов и других научных источников средств информационных данных. В то же время, учебный процесс показывает, что изучаемые учебные пособия не вполне могут заменить пояснения лектора и непосредственное обращение к обучаемым. Лекция, причем на новом материале, является очень важным элементом передачи знания от лектора к следующему поколению.

Среди педагогических обстоятельств мотивации учебно-познавательной работы студентов приемами информационных технологий в обстоятельствах кредитной системы образования лекции требует пристального внимания в создании методов, приемов стимуляции учебно-познавательной работы студентов приемами информационных технологий в рамках кредитной системы образования.

Как правило, в проведении учебных занятий, время, отведенное на чтение лекций, считают пассивным методом в образовании, и она, соответственно, имеет критическое отношение. Молодое поколение, если лекция не направлена на беседу преподавателя со студентами, не ставятся проблемные вопросы, не требует размышления, а просто пересказывает содержание научных положений, имеет к этому негативной отношение. При чтении лекций главный путь эффективности состоит в использовании различных приемов преподношения учебного материала, исключая простой монолог, что подтверждается анализом и опытом преподавания.

Западные исследователи в своих работах рассматривают интегрированный подход как через понятие «интегративное обучение», так и через «междисциплинарное» понимание данной проблемы. В некоторых случаях авторы не делают различия между этими понятиями. «Интегративное» и «междисциплинарное» обучение рассматриваются как синонимы. Ряд ученых оставляют за собой термин «междисциплинарный». включая связи между выводами, полученными из дисциплинарных перспектив. Для многих междисциплинарных специалистов эта связь достигается через интеграцию. «Интегративное обучение» встречается в работах западных исследователей общим термином для широкого спектра действий по установлению связей, которые могут включать дисциплинарные соединения.

Обзор научной литературы по интегративному обучению предлагает ряд подходов западных исследователей к рассмотрению и практическому применению интеграции в обучении, а именно:

- студентам предлагают объединить несколько учебных курсов в совместную учебную программу
- происходит исследование связей в рамках основной общеобразовательной программы, и интеграция опыта предыдущего обучения с новым материалом.

Также западный подход к проблеме интеграции в обучении отличается расстановкой акцентов. Одним из основных моментов является интеграция практического опыта в образовательный курс и обмен знаниями и опытом между преподавателем и студентом.

Например, Д. Бауд (D. Boud), Р. Коэн (R. Cohen) и Д. Уокер (D. Walker) считают, что опыт - центральный фактор всего обучения. Они утверждают, что обучение основывается на опыте и что обучение может происходить только в том случае, если опыт учащегося задействован, по крайней мере, на некоторых уровнях. Один из способов улучшить обучение студентов – это интеграция обучения и практики преподавателя.

Ряд исследований показали, что студенты, которых обучает преподаватель, обладающий практическим опытом, получают более высокие баллы по профессиональным характеристикам, чем студенты, которых учили преподаватели, не обладающие достаточным практическим опытом.

Возвращаясь к общей теории интеграционного подхода к обучению в современной дидактике, отметим, что некоторые исследователи отмечают то, что в последнее время в рамках системы образования в целом и высшего профессионального образования в частности происходит взаимодействие и взаимопроникновение традиционных научных дисциплин, что вызывает необходимость некоторого пересмотра устоявшейся структуры научного знания и впоследствии выработки новых подходов к процессу образования. Данная проблема находит одно из возможных решений в создании интегрированных курсов и программ.

**Рецензент*: Мирзоев А.Р.* – доктор педагогических наук, профессор ТНУ**

## ЛИТЕРАТУРА


1. Аминов, Т.М. Педагогическая теория «Аристотеля Востока» аль-Фараби / Т.М. Аминов, Л.Я. Аминова // Мир педагогики и психологии: международный научно-практический журнал. - 2020. - № 04(45). [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://scipress.ru/pedagogy/articles/pedagogicheskaya-teoriya-aristotelya-vostoka-al-farabi.html.
2. Белянкова, Н.М. Интегрированный подход к изучению материала по экономике в учебно-методическом комплекте «Школа России» / Н.М. Белянкова // Начальная школа. – 2005. - №3. – с. 48-56.
3. Еремкин, А.И. Педагогические основы междисциплинарного подхода в профессиональной подготовке учителя: автореф. дис. … д-ра пед. наук: 13.00.01 / Еремкин Александр Иванович. – Москва, 1991. – 44с.
4. История образования и педагогической мысли за рубежом и в России: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / И.Н. Андреева, Т.С. Буторина, З.И. Васильева и др.; под ред. З.И. Васильевой. – М.: Издательский центр «Академия», 2005. – 432 с.
5. Калимова, А.Д. Предпосылки развития интеграции в обучении / А.Д. Калимова, Г.К. Кудушева, Г.К. Байжунусова // The scientific heritage. – 2019. - №41. – с. 24 – 29.
6. Коменский, А.Я. Избранные сочинения / А.Я. Коменский. – М.: Учпедиздат, 1955. – 287 с.
7. Кудрявцева, О.М. Интегрированный подход в обучении иностранному языку детей младшего школьного возраста / О.М. Кудрявцева // Методика преподавания иностранных языков. – 2013. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://tp.uss.dvfu.ru/events/konferencija-2013/aktualnye-problemy-inojazychnogo-obrazov/metodika-prepodavanija-inostrannyh-jazyk/integrirovannyi-podhod-v-obuchenii-inost.html.
8. Логачева, Г.А. Интегрированное обучение как средство повышения эффективности образовательного процесса на уроках ОБЖ / Г.А. Логачева. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://infourok.ru/integrirovannoe_obuchenie_kak_sredstvo_povysheniya_effektivnosti_obrazovatelnogo_processa_na-525896.htm.
9. Максимова, В.Н. Межпредметные связи и совершенствование процесса обучения / В.Н. Максимова. – М.: Просвещение, 1984. – 192 с.
10. Мухитдинова, Ф.А. Проблемы воспитания и образования в трудах восточных мыслителей / Ф.А. Мухитдинова // Novainfo.Ru. – 2014. - №22-1. – с. 101 – 107. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://novainfo.ru/archive/?number=22&volume=1.
11. Новиков, А.М. Педагогика: словарь системы основных понятий / А.М. Новиков. – М.: Издательский центр ИЭТ, 2013. – 268 с.
12. Сухомлинский, В.О. Вибран. твори. В 5-ти томах. Том 3. Серце віддаю дітям. Народження громадянина. Листи до сина / В.О. Сухомлинский. – К.: Рад. школа. 1977. – 272 с.
13. Ушинский, К.Д. Педагогические сочинения. В 6-ти томах. / Сост. С.Ф. Егоров. – М.: Педагогика. 1989. – 312 с.
14. Черенкова, Б. В. Педагогическая мысль народов Средней Азии / Б. В. Черенкова, А. О. Бурмистрова // Молодой ученый. — 2016. — № 13.2 (117.2). — с. 69-71.


## МАРҲАЛАҲОИ РУШД ВА ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ ҲАМГИРО


Мақола ба татбиқи амалияи муосири ҳамгироии мундариҷаи таълими фанҳои табиатшиносӣ дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Яке аз принсипҳои асосии соҳаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии кишвар ҳамгироии системаи таҳсилоти олӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, инчунин дастгирии давлатӣ барои тайёр намудани мутахассисон оид ба таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва амалии илмӣ мебошад. Дар мақола зикр мегардад, ки роҳбарияти кишвар ба ҷорӣ намудани тамоми усулҳои пешқадами таълиму тарбия дар мактабҳои олӣ, омода намудани мутахассисони касбӣ ва рақобатпазир, бахусус илмҳои табиатшиносӣ аҳамияти калон медиҳад. Илова бар ин, таъкид мешавад, ки мафҳуми ҳамгироӣ ҳамчун раванде, ки дар доираи он донишҷӯ таҳти роҳбарии омӯзгор салоҳияти интиқоли пайдарпайи паёмро аз як забони омӯзишӣ ба забони дигар аз худ мекунад. Дар айни замон дониш азхуд карда мешавад, мафҳумҳо ташаккул меёбанд, дар ташкили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва эҷодӣ мазмунҳои шахсӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд меоянд, принсипи асосии илм дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамбастагии он бо раванди таълимии академӣ ва истеҳсолии илмӣ мебошад. Муаллифи мақола ба чунин хулоса меояд, ки дар раванди таълим чи дар самти «соҳаи илмӣ — соҳаи илмӣ» ва чи дар самти «тадкикоти назариявӣ — татбиқи амалӣ» принсипи ҳамгироро ба кор бурдан лозим аст. Мутахассисони оянда шаклҳои ҳамгирои таълимро қабул намуда, дар оянда дар фаъолияти минбаъдаи касбии худ дар доираи принсипи таълими пайваста принсипҳои ҳамгироии илмиро татбиқ намоянд.



**Калидвожаҳо:** ҳамгироӣ, фазои ҷаҳонии таҳсилот, табиатшиносӣ, методикаи таълим, тадқиқоти фундаменталӣ, тадқиқоти амалӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.


## ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ И ВНЕДРЕНИЯ ИНТЕГРАЦИОННОГО ПОДХОДА


Статья посвящена вопросам внедрения современной практики интеграции содержания обучения естественно-научных дисциплин в вузах РТ. Одним из основных принципов в области высшего и послевузовского образования в стране является интеграция системы высшего образования в мировое образовательное пространство, а также государственная поддержка подготовки специалистов фундаментальных и прикладных научных исследований. В статье отмечается, что руководство страны придает огромное значение внедрению всех передовых методик образования и обучения в вузах, для подготовки профессиональных и конкурентоспособных специалистов, особенно в естественно-научных областях наук. Кроме того, подчеркнуто, что понятие интеграции как процесса, в рамках которого обучающийся под руководством обучающего овладевает компетентностью последовательного перевода сообщения с одного учебного языка на другой. В этот момент происходит усвоение

знаний, формирование понятий, рождение личностных и культурных смыслов при организации научно-исследовательской и творческой работы, главным принципом науки в вузах РТ является ее интеграция с учебным процессом академической и отраслевой науки. Автором статьи сделан вывод о необходимости применения принципа интеграции в процессе обучения, как по линии «научная область - научная область», так и по линии «теоретические исследования – практическое применение». В статье отмечено, что одним из важнейших элементов психолого-педагогического подхода является проблема формирования готовности у будущих специалистов принятия интегрированных форм обучения, а затем применения принципов научной интеграции в своей дальнейшей профессиональной деятельности в рамках принципа постоянного обучения.

**Ключевые слова:** интеграция, мировое образовательное пространство, естественно-научные дисциплины, методы обучения, фундаментальные исследования, прикладные исследования, научно-исследовательская работа.

**STAGES OF DEVELOPMENT AND IMPLEMENTATION OF THE INTEGRATION APPROACH**

The article is devoted to the introduction of modern practice of integrating the content of teaching natural science disciplines in higher education institutions of the Republic of Tajikistan.One of the main principles in the field of higher and postgraduate education in the country is the integration of the higher education system into the world educational space, as well as state support for the training of specialists in fundamental and applied scientific research.The article notes that the country's leadership attaches great importance to the introduction of all advanced methods of education and training in universities, for the training of professional and competitive specialists, especially in the natural sciences.In addition, it is emphasized that the concept of integration is a process in which a student under the guidance of a teacher acquires the competence to consistently translate a message from one educational language to another. At this moment, there is the assimilation of knowledge, the formation of concepts, the birth of personal and cultural meanings in the organization of research and creative work, the main principle of science in the universities of the Republic of Tatarstan is its integration with the educational process, academic and branch science.The author of the article concludes that it is necessary to apply the principle of integration in the learning process, both in the line "scientific field - scientific field" and in the line "theoretical research – practical application".It is noted in the article that one of the most important elements of the psychological and pedagogical approach is the problem of forming the readiness of future specialists to accept integrated forms of training, and then applying the principles of scientific integration in their further professional activities within the framework of the principle of continuous training.

**Keywords:** integration, world educational space, natural science disciplines, teaching methods, fundamental research, applied research, research work.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Лутфуллои Саъдулло*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, ассистенти кафедраи асосҳои ТИИ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121

**Сведение об авторе:** ***Лутфуллои Саъдулло***- Таджикский государственный педагогический университет, ассисент кафедры основ ИКТ. . **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.

**Information about the author:** ***Lutfulloi Sadullo*** - Tajik State Pedagogical University, Assistant of the Department of ICT Fundamentals.. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121.

**УДК 37.0**

# БАЪЗЕ ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ БА РОҲ МОНДАНИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ БА АМАЛИЯ ТАМОЮЛДОШТАИ ХОНАНДАГОН

***Шаропов Ш.А., Турсуматова Р.А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров,**
**Донишгоҳи ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Омӯзиши ҳолати муаммои ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон дар назария ва амалияи педагогӣ имкон медиҳад, ки аз як тараф, заминаҳое, ки дар айни ҳол таҳкурсии назариявиро барои таҳқиқи муаммои мазкур ба вуҷуд меоранд, ошкор карда шаванд. Таълими ба амалия тамоюлдошта барои ташаккули шахсияти хонандагон дар ҷанбаи иштироки салоҳиятнок дар ҳаёт таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар, аз ҷониби мо таҷрибаи ташкили таълими ба амалия тамоюлдошта баррасӣ гардида, ақидаҳои афзалиятнок ҷудо карда шуданд. Асоси раванди ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагонро принсипи алоқаи таълим бо ҳаёт ташкил медиҳад.

Вазъи ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагонро дар назария ва амалияи педагогӣ омӯхта, мо моҳияти таълими ба амалия тамоюлдоштаро муайян

менамоем. Ба назари мо, таълими ба амалия тамоюлдошта раванди ҳамкории омӯзгор ва хонанда бо мақсади ташаккул ёфтани шахсият мебошад, ки аз як тараф, ба такмилёбии як қатор хислатҳои психологии хонанда (диққат, тафаккур, ангезанокӣ), аз тарафи дигар ба мустақилона аз худ карда тавонистани донишҳои нав аз тарафи хонандагон, ташаккули таҷрибаи амалии онҳо дар воқеияти муҳити атроф ҳангоми ҳаллу фасли масъалаю муаммоҳои ҳаётан муҳим, рушди ҷаҳонбинӣ ва имконоти эҷодии хонандагон равона гардидааст.

Дар тадқиқоти илмии мо дар баробари мафҳуми «таълими ба амалия тамоюлдошта» мафҳуми «ташкили таълими ба амалия тамоюлдошта» истифода карда шудааст. Дар зери мафҳуми **ташкили таълими ба амалия тамоюлдошта** мо ба тартиби муайян даровардани омӯзиши мазкурро мефаҳмем, ки дастрасӣ ба самаранокии ҳаддалимкон имонимконпазири ба амал баровардани ин таълимро бо назардошти шартҳои асосии дидактикӣ таъмин менамояд.

Пеш аз ҳама, кӯшиш менамоем, фаҳмем, ки зери мафҳуми шартҳои дидактикӣ чӣ дар назар дошта мешавад.

Дар фарҳанги забони русии С. И. Ожегов истилоҳи “шарт” «ҳолате дар назар дошта мешавад, ки аз он ягон чӣ вобаста бошад» [11, с.729].

Мазмуни фалсафавии мафҳуми «шарт» ин тавр эзоҳ дода шудааст: «он чизе, ки аз он чизи дигар вобаста аст (шартан); ҷузъи муҳимми маҷмӯи объектҳо (ашёҳо, ҳолати онҳо, ҳамкории байниҳамдигарӣ), ки аз мавҷудияти онҳо бо ногузирӣ вуҷуд доштани воқеияти мазкур амалӣ мегардад» [11, с.707].

Мувофиқан, истилоҳи «шарт»-ро ҳамчун ҳолат, ҷузъи муҳимми маҷмӯи объектҳо донистан мумкин аст, ки мавҷудияти падидаи муайянро таъмин мекунад.

Дар нашрияҳои педагогӣ ва тадқиқоти рисолавӣ нисбат ба муайян намудани мафҳуми «шартҳои дидактикӣ» муносибатҳои гуногун мавҷуд мебошанд.

В. И. Андреев [1,с.240], Б. К. Неворотов, Л. В. Беркова [2,с.191] чунин мешуморанд, ки шарти дидактикӣ натиҷаи ба даст омадани мақсади муайян мутобиқи ҷузъиёти интихобшудаи раванди таълим буда, аз мазмун, методҳо ва шаклҳои ташкилӣ иборат мебошад.

Леонтев А. Н. [7,с.23] ба мафҳуми матраҳшавандаро ҳамчун воситаи дарёфти имконоти таълим, ки ба рушди шахсият ва касбиёт мусоидат менамояд, таъриф медиҳад.

Ба андешаи М. В. Зверева [5,с.64], шартҳои дидактикӣ бисёртарафа буда, ҳар қадар бештар ҷузъиётҳое, ки қисми таркибии низоми таълимро ташкил медиҳанд, ҷудо карда баровarда шаванд, ҳамон қадар ба таври жарфтар метавонанд тасниф дода шаванд.

Таснифе, ки аз ҷониби А. В. Степанюк [13, с.72] дода шудааст, ҷанбаҳои дидактикии мафҳуми матраҳшавандаро инъикос мекунад, зеро шарти дидактикӣ ба он равона карда шудааст, ки дар хонандагон методҳои умумии маърифати илмӣ ташаккул дода шаванд.

Мантиқи тадқиқоти мазкурро ба инобат гирифта, мо ба мафҳуме, ки аз ҷониби Л.В.Беркова пешниҳод гардидааст, бартарӣ дода, онро мушаххастар менамоем. Зери мафҳуми *шарти дидактикӣ мо ҳамон гуна ҳолати ҳамкории таълимии омӯзгор ва хонандаро мефаҳмем, ки натиҷаи интихоби ҳадафнок буда*, аз ҷониби омӯзгор конструксия ва татбиқ намудани принсипҳо, унсурҳои мазмун, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкилӣ барои ба даст овардани мақсади ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон дар мактаби таҳсилоти умумӣ равона гардидаро дар назар дорад.

Дар асоси муқаррароти назариявии дар боло изҳоршуда, таҳлили муаммомҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои асосии соҳаи маориф, омӯзиши таҷрибаи педагогӣ, мо шартҳои зерини дидактикиро пешниҳод менамоем:

- ба таври фаъол манзур намудани мазмуни таълим;

- баррасии доимӣ ва муттасили ҷанбаҳои амалии донишҳо;

- ба амал баровардани робитаҳои байнимавзӯӣ.

Дар зер ҳар яке аз ин шартҳоро муфассалтар баррасӣ менамоем. Шарти аввали дидактикиро тасниф медиҳем: *ба таври фаъол манзур намудани мазмуни таълим.*

Ба сифати асоси методологии ба таври фаъол манзур намудани мазмуни таълим ҳангоми ташкили таълими ба амалия тамоюлдошта назарияи фаъолнокӣ (Б. Г. Ананев, Л. С. Виготский, Г. Я. Галперин, В. В. Давидов, Е. Н. Кабанова-Меллер, А. Н. Леонтев, С. Л. Рубинштейн, А. А. Смирнов, Б. М. Теплов, Г. И. Шукина, Д. Б. Элконин) ва назарияи ба он асосёфтаи муносибати фаъолнок нисбат ба таълим (М. Я. Басов, Л. С. Виготский, В. В. Давидов, А. Н. Леонтев, С. Л. Рубинштейн, Н. Ф. Тализина, Т. И. Шамова, Г. И. Шукина, Д. Б. Элконин) амал мекунанд.

Дар тадқиқот мо дар назди худ мақсад нагузоштаем, ки таҳлили ҳаматарафа ва жарфи муҳокимаҳои гуногун, хулосаҳо, нуқтаҳои назари олимони намоёнро нисбат ба масъалаи мазкур анҷом диҳем. Барои мо муҳим аст донем, ки татбиқи ғояи онҳо ҳангоми ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон имконпазир аст.

Фаъолият мавзӯи омӯзиши фалсафа, психология, педагогика буда, дар ҳар кадоме аз ин илмҳо шарҳи хосси мафҳуми мазкур вуҷуд дорад.

Дар фалсафа фаъолият чун «шакли махсуси муносибати фаъоли инсон нисбат ба муҳити атроф, ки ҳадафнок тағйир додан ва иваз намудани муҳити номбурда мазмуни онро ташкил медиҳад», дар назар дошта мешавад [2, с.151].

Фаъолият маънои мукаммалии универсалӣ, роҳи бунёди амалии ҷаҳони ашёиро дар назар дорад [2, с.151].

Дар бораи мазмун, ки мафҳуми фаъолиятро ифода мекунад, ҳарф зада, Э. Г. Юдин полифунксионалӣ будани онро қайд менамояд. Фаъолият функсияҳои зеринро иҷро менамояд:

- фаъолият ҳамчун принсипи шарҳдиҳӣ;
- фаъолият ҳамчун мавзӯи объективии омӯзиши илмӣ;
- фаъолият ҳамчун мавзӯи идоракунӣ;
- фаъолият ҳамчун мавзӯи банақшагирӣ;
- фаъолият ҳамчун арзиш [15, с.84].

Дар психологияи муосир мафҳуми фаъолият таърифи зеринро ба худ касб намуд: «Фаъолият – низоми динамикии ҳамкории субъект бо олам мебошад, ки дар раванди он дар объекти намунаи психикӣ ва амалишавии муносибатҳои субъекти ба воситаи онҳо дар воқеияти ашёӣ пайдо мегардад» [15, с.84].

С.Л. Рубинштейн фаъолиятро ҳамчун «раванде, ки ба воситаи он ин ё он муносибати инсон нисбат ба муҳити атрофи он, муносибат бо одамони дигар, муносибат нисбат ба вазифаҳое, ки ҳаёт дар назди онҳо мегузорад» [12, с.41] тавсиф намудааст.

Дарки умумии фаъолиятро ошкор намуда, С.Л. Рубинштейн [12, 106] қайд менамояд, ки инсон ва рӯҳияи ӯ бо фаъолият (аз аввал амалан) ташаккул меёбанд ва тавассути ифодаёбӣ бо фаъолият омӯхта мешаванд. Муаллиф дар ин хусус чунин қайд месозад: «Субъект дар кирдори худ, ҳангоми иҷрои аҳдҳои худфаъолиятии эҷодӣ на танҳо ошкор мегардад ва худро нишон медиҳад, балки вай дар онҳо баён меёбад ва муайян мегардад. Бинобар ин, бо он чи вай мекунад, онро аниқ кардан мумкин аст, ки вай кист; аз рӯйи самти фаъолияташ худи ӯро муайян намудан ва ташаккул додан мумкин аст» [12, с. 106]. Ба инобат гирифтан муҳим аст, ки принсипи аз ҷониби психолог С.Л.Рубинштейн муайяншудаи ягонагии шуур ва фаъолият асоси муносибати фаъолнок нисбат ба омӯзиш дар педагогика гардидааст.

А.Н.Леонтев, фаъолиятро чун «воҳиди ҳаёт, ки бо инъикоси равонӣ асоснок гардида,

функсияи воқеиаш аз он иборат аст, ки объектро дар олами ашёӣ ба самти дилхоҳ ҳидоят мекунад» муайян кардааст [7, с.82].

Таркиби психологии фаъолиятро таҳқиқ намуда, ҷузъиёти зерин муайян гардидаанд:

- талабот;
- ангеза;
- мақсад ва вазифа;
- шартҳо ва воситаҳои расидан ба мақсад ва вазифаҳо;
- ҳаракатҳо ва амалиётҳо;

Фаъолият хислати ашёӣ дорад ва ба бунёди маҳсулоти муайяни равонӣ ё моддӣ равона гардидааст. Ба сифати ашёи фаъолият ангеза баромад мекунад, ки ба ин ё он талабот ҷавобгӯй мебошад. Фаъолият ба ҳаракатҳои гуногун тақсим мешавад. Ҳаракат – «раванди ба тасаввурот дар бораи натиҷаи тобеъ, ки бояд дастрас гардад, яъне раванде, ки ба мақсади бошуурона тобеъ аст». Ҷанбаи амалиётии ҳаракатро баррасӣ намуда (чӣ гуна, бо чӣ тарз ягон чиро дастрас намудан мумкин аст), бояд вазифае ҷудо карда шавад, ки ҳаракати амалишаванда ба он ҷавобгӯй мебошад. Вазифа мақсадеро бо шартҳои муайян ифода менамояд. Бинобар ин, ҳаракати асосии «ифодакунанда» амалиёт - «тарзҳои ба амал баровардани ҳаракат» мебошанд.

Ба корҳои муҳаққиқи қабли такя намуда, В.В. Давидов таркиби аниқшудаи фаъолиятро ифода менамояд. Нисбат ба А.Н. Леонтев, вай пешниҳод менамояд, ки ба таркиби психологии фаъолият ҷузъиёти иловагӣ ҳамроҳ карда, диққати асосӣ ба мафҳуми эҳтиёҷ – ҳамчун «асоси жарфи талабот» дода шавад.

Бунёди илмӣ вобаста ба таҳияи назарияи фаъолият бо тадқиқоти олимони бузурги соҳаи педагогика С.Т.Шатский, А.С.Макаренко ва В. А. Сухомлинский ғанӣ гардид.

Фаъолият дар педагогика бештар аз ҳама ҳамчун «шакли муҳимтарини муносибати фаъолонаи инсон нисбат ба воқеияти атроф» шарҳу эзоҳ дода мешавад.

Ба таълимоти марксизм такя намуда, Г.И. Шукина [14,с.208] хосиятҳои моҳиятии феномени умумии фаъолиятро, ки ба дилхоҳ намуди он хос мебошад, ҷудо намудааст: ба мақсад такя намудан, хислатро тағйирдиҳанда будан, мавзӯӣ будан, хислати бошуурона. Танҳо алоқаи байниҳамдигарии ин падидаҳо шарти ягонагӣ ва мукаммалии намуди дилхоҳи фаъолият мебошад, ки инсон ҳамчун субъекти он баромад мекунад.

Аз нигоҳи мо, шавқмандии беандоза нисбат ба назарияи фаъолият имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд: фаъолият – ин раванди мураккаб ва бисёрҷониба мебошад. Шарти асосии нотамомии ин раванд ба мавҷудият, рушди ҳаматарафа ва муназзами башарият, аз тарафи ӯ вобаста ба талабот ва шавқмандиҳои худ тағйир додани воқеияти атроф мебошад.

Дар баробари таърифҳои гуногуни мафҳуми фаъолият, инчунин таснифҳои гуногуни намудҳои фаъолият низ вуҷуд доранд:

-дар психология - сенсорӣ, мнемоникӣ, тафаккурӣ ва ғайра;

-дар педагогика – меҳнатӣ, таълимӣ, маърифатӣ, бозингарӣ.

Мафҳуми фаъолияти таълимро ҳамчун асос қабул намуда, шарҳу эзоҳи онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

К.Маркова [9,с.34] дараҷаи рушди фаъолияти таълимиро мавриди омӯзиш қарор дода, шартҳои зарурии ба амал баровардани онро муайян менамояд: доштани донишҳо, тарзҳои истифодабарии онҳо; мустақилона таҳия намудани ин тарзҳо дар асоси вазифаи таълимии гузошташуда; аз худ кардани тарзҳои худро назорат кардан ва ба рафтори худ баҳо додан.

М.Блинов фаъолияти таълимиро ҳамчун низоми ҳаракатҳои таълимӣ баррасӣ

менамояд. Дар зери мафҳуми ҳаракати таълимӣ «заррачаи хурдтарини (унсури) фаъолияти таълимӣ, ки барандагони онро дар ҳамкории байниҳамдигариашон иваз менамояд» мефаҳмад [3, с.39].

Фаъолияти таълимиро ба нақша гирифта, зарур аст, ки ҳадафи нави арзишҳо дар низоми таълим ба инобат гирифта шаванд: муносибати фаъолнокӣ нисбат ба таълим муносибати манзурнамоиро танг карда мебарорад.

Бо сабаби он ки ҳам таълим ва ҳам маориф муносибати фаъолонаи маърифатӣ-фаъолнокиро ифода мекунанд («субъект-объект», «объект- субъект»), зарур аст ҷанбаи фаъолнокии мазмуни таълим ба инобат гирифта шавад. Мазмуни таълим унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- донишҳо дар бораи табиат, ҷамъият, техника, инсон, тарзҳои фаъолият;
- таҷрибаи ба амал баровардани тарзҳои маълуми фаъолият, дар якҷоягӣ бо донишҳо дар малакаю маҳорати шахсият таҷассум меёбанд;
- таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ;
- таҷрибаи муносибати эҳсосотӣ-арзишнокӣ нисбат ба воқеият [3, с.39].

Фаъолият ҳамон вақт ба мазмуни таълим мубаддал мегардад, ки ба мавзӯи рефлексия дар ҳолати омӯзиш – таълим табдил ёбад. Барои бунёди мазмуни таълим зарур аст, ки тарзҳои фаъолият барои хонандагон ба ҳайси мавзӯи омӯзиш баромад намоянд [3, с.39].

Муносибати фаъолнок нисбат ба омӯзиш, масъалаҳо оид ба таносуби донишҳо, малакаю маҳорати хонандагон ва рушди онҳо дар фаъолияти таълимиро ба вуҷуд овард.

Муттасилӣ ва пайдарҳамӣ дар таълим «аз худ кардани донишҳо, малакаю маҳоратро дар робитаи муайяни мантиқӣ дар назар дорад, зеро аломатҳои муҳимми падидаи омӯхташаванда аҳамияти муҳим доранд ва дар маҷмӯъ таълими мукаммал, низомро ифода мекунад» [3, с.259].

Алоқаи байниҳамдигарии фаннҳои таълимӣ яке аз муаммоҳои умдаи дидактикаи муосир мебошад. Дар ин мавзӯъ як қатор мақолаҳо ба нашр расида, рисолаҳо дифоъ гардидаанд (Ю.К.Бабанский, Ю.В.Василев, М.Н.Верзилин, Г.В.Воробев, Ю.И.Дик, И.Д.Зверев, С.Б.Катс).

Моҳияти робитаҳои байнифанниро баррасӣ менамоем. Муҳаққиқон мафҳуми мазкурро дар якчанд вазъ шарҳу эзоҳ медиҳанд. Таърифҳоеро, ки аз ҷониби муаллифони мақолаҳо ва рисолаҳо дода шудаанд, омӯхта, аз тарафи мо онҳое интихоб карда гирифта шуданд, ки ҷанбаҳои дидактикии онро тасниф медиҳанд.

Мувофиқи ақидаи В.Н.Максимова [8,с.43], алоқаҳои байнифаннӣ инчунин ба ҳайси шарти дидактикӣ, методи инъикос дар шуури фардии хонанда, алоқаҳои объективии шаклҳои гуногуни ҳаракати ҷаҳони моддӣ, ягонагии назария ва амаалия баромад мекунад.

Б.Кадиров [6, с.78] қайд менамояд, ки алоқаҳои байнифаннӣ дар раванди таълим ба сифати шарти дидактикӣ баромад карда, ба пурзӯр шудани шавқмандии хонандагон нисбат ба таълим ва ба доираҳои илмӣ оид ба қонуниятҳои табиат пайванд шудани онҳо мусоидат мекунанд. Ба ғайр аз ин, ба амал баровардани алоқаҳои байнифаннӣ, ба шарофати қобилияти хонандагон ҷиҳати дар мавридҳои дигар истифода намудани донишҳои гирифташуда ва дар амалия татбиқ намудани онҳо, сатҳу сифати ин донишҳоро баланд мегардонад.

Вобаста ба ин ҳолат бояд тахмин карда шавад, ки алоқаҳои байнифаннӣ ҳамчун шарти дидактикӣ модели алоқаҳоро ифода мекунанд, ки дар байни объектҳои табиат дар натиҷаи ҳаракат ва ҳамкории онҳо ба вуҷуд меоянд.

Алоқаҳои пешина барқарор намудани маводи фанҳои ба ҳамдигар наздики омӯхташударо дар назар дорад.

Алоқаҳои мафҳумӣ ба ҳамдигар мувофиқа шудани шарҳу эзоҳи мафҳумҳои илмиро ифода менамояд.

Пештар мо аллакай қайд намуда будем, ки алоқаҳои байнифаннӣ назария ва амалияро ба ҳам муттаҳид намуда, барои дар амал татбиқ намудани донишҳо мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, алоқаҳои байнифаннӣ дар атрофи се соҳаи муҳити воқеӣ: табиат, ҳаёт ва истеҳсолот муттаҳид гардида, ба ташаккул ва ғанигардонии дониши хонандагон дар бораи ҳодисаҳои табиат, татбиқи он дар ҳаёт ва истеҳсолот мусоидат менамоянд.

Ҳамаи гуфтаҳои болоро дар бораи алоқаҳои байнифаннӣ, ки дар раванди таълими хонандагон истифода мешаванд, ҷамъбаст намуда, бояд қайд намуд, ки ин имкониятҳо таҳкурсии зарурӣро барои ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон муҳайё менамоянд.

Шартҳои асосии дидактикӣ, ки дар боло оварда шудаанд, тамоми номгӯйи ҳолатҳои имконпазири раванди таълимро, ки ба самаранокии раванди таълими ба амалия тамоюлдошта таъсир мерасонанд, дар бар намегиранд, вале, ба андешаи мо, шартҳои асосӣ мебошанд.

Ин шартҳо дар байни ҳамдигар алоқамандӣ доранд ва ҳангоми ба амал баровардани яке аз онҳо, зарур аст, ки шартҳои дигар низ ба инобат гирифта шаванд. Дар баробари ин, истисно сохтани ақаллан яке аз шартҳо боиси имконнопазирии ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ мегардад.

Ҳамин тариқ, асосноккунии назариявии шартҳои асосии дидактикӣ имкон дод ошкор намоем, ки риоя намудани ин шартҳо ҳангоми ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон ба баландшавии самаранокии ин раванд таъсир мерасонад.

**Муқарриз: *Азизов А.А.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Андреев В.И. Эвристическое программирование учебно-исследовательской деятельности. / В.И. Андреев. - М.: Высшая школа, 1981.- 240 с.
2. Беркова Л.В. Дидактические условия воспитания мотивации учебной деятельности старшеклассников: дисс. канд. пед.наук. - Челябинск, 2000.-191 с.
3. Блинов В.И. Введение в педагогическую деятельность / В.И. Блинов. -М.: Юрайт, 2017. - 129 с.
4. Добрынин Н.Ф. О значимости получаемых учащимися знаний / Н.Ф. Добрынин //Вопросы психологии. - 1960. - №1. - С.42-50.
5. Зверева М.В. О понятии «дидактические условия»//Новые исследования в педагогических науках. Вып.1(49)/Сост. И.К.Журавлев. - М.: Педагогика, 1987. - 64 с.
6. Кадыров Б. Межпредметные связи: инновация и творческое мышление учащихся / Б.Кадыров. - Душанбе, 2004.
7. Леонтьев А.А. Коммуникативность: пришло или прошло ее время? / А.А. Леонтьев //Иностранные языки в школе. -1991. - №5.- С.22-23.
8. Максимова В.Н. Межпредметные связи в учебно-воспитательном процессе современной школы: [Учеб.пособие по спецкурсу для пед. ин-тов] / В.Н. Максимова. - М.: Просвещение, 1987. - 157 с.
9. Маркова А.К. Формирование мотивации учения / А.К. Маркова.– М.: Просвещение, 1990.-192 с.
10. Неворотов Б.К. Дидактические условия конструирования учебного материала в процессе изучения системы теоретических знаний: дисс. канд. пед.наук / Б.К. Неворотов. - Омск, 1996. - 213 с.
11. Ожегов С.И. Словарь русского языка: Ок.57000 слов/ С.И. Ожегов Под ред.чл.-корр. АН СССР Н.Ю.Шведовой.- М.: Русс.яз., 1986.-797 с.
12. Рубинштейн С.Л. Принципы творческой самодеятельности / С.Л. Рубинштейн // Вопросы психологии. - 1986.-№4.- С.101-108.
13. Степанюк А.В. Некоторые дидактические условия вооружения учащихся общими методами научного познания»//Новые исследования в педагогических науках. Вып.2(52)/Сост. И.К.Журавлев, В.С.Шубинский. [Текст]. - М.: Педагогика, 1988. - 72 с.
14. Щукина Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся / Г.И. Щукина. - М.: Педагогика, 1988. - 208 с.
15. Юдин Э.Г. Деятельность как объяснительный принцип и как предмет научного изучения / Э.Г. Юдин

//Вопросы философии.- 1976. - №5. - С.65-78.

## ОИДИ БАЪЗЕ ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ БА РОҲ МОНДАНИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ БА АМАЛИЯ ТАМОЮЛДОШТАИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола оиди баъзе шартҳои педагогии ба роҳ мондани раванди таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон баррасӣ шудаанд. Қайд мешавад, ки ҳангоми ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон он ҳолатҳои ҳамкории таълимии омӯзгор ва хонандаро ба инобат гирифтан муҳим аст, ки онҳоро шартҳои дидактикӣ меноманд. Таъкид мегардад, ки воситаҳои муҳимтарини ташкили таълими ба амалия нигаронидашуда –илмӣ, проблемавӣ, аёнӣ будан, фаъолнокӣ ва шуурнокӣ, дастрасӣ, муназзамӣ ва пайдарҳамӣ, робитаи таълим бо ҳаётро дар бар мегиранд. Дар мақола, шартҳои дидактикӣ муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардидаанд: ба таври фаъолнок пешниҳод намудани мазмуни таълим; баррасии муттасил ва пайдарҳами ҷанбаҳои амалии донишҳои таълимӣ; ба амал баровардани алоқаи байниҳамдигарии фанни таълимӣ бо силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва ғайра. Шартҳои асосии дидактикӣ, тамоми номгӯйи ҳолатҳои имконпазири раванди таълимро, ки ба самаранокии раванди таълими ба амалия тамоюлдошта таъсир мерасонанд, дар бар нагирифта, вале аз нуқтаи назари муҳаққиқ шартҳои асосӣ ҳисобида мешаванд. Дар баробари ин, истисно сохтани ақаллан яке аз шартҳо боиси имконнопазирии ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ мегардад. Хулоса мешавад, ки самаранокии раванди ташкили таълими ба амалия тамоюлдошта аз риоя намудани шартҳои асосии дидактикӣ вобаста мебошад.

**Калидвожаҳо:** таълими ба амалия тамоюлдошта, раванди таълим, салоҳиятнокӣ, шартҳои дидактикӣ, фоъолият, диққат, ангезанокӣ, ҳамкории омӯзгор бо хонанда, ташаккули шахсият, алоқаҳои байнифаннӣ.

## О НЕКОТОРЫХ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ ОРГАНИЗАЦИИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРАКТИКО-ОРИЕНТИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

В статье рассматриваются некоторые педагогические условия организации эффективности учебного процесса учащихся, склонных к практике. Отмечается, что при организации практико-ориентированного обучения учащихся важно учитывать условия учебного сотрудничества преподавателя и ученика, которые называются дидактическими условиями. Подчеркивается, что важнейшими принципами организации практико-ориентированного обучения являются: научность, проблемность, наглядность, активность и сознательность, доступность, систематичность и последовательность, связь обучения с жизнью. В статье определены и теоретически обоснованные дидактические условия: активно преподносить содержание обучения; последовательный и систематичный обзор практических аспектов образовательных знаний; реализация взаимодействия предмета с рядом гуманитарных наук. Основные дидактические условия не включают в себя весь перечень возможных ситуаций учебного процесса, влияющих на эффективность учебного процесса, но, с точки зрения исследователя являются основными условиями. При этом исключение хотя бы одного из условий делает невозможным достижение желаемого результата. Можно сделать вывод, что эффективность процесса организации практико-ориентированного обучения зависит от соблюдения основных дидактических условий.

**Ключевые слова:** практико-ориентированное обучение, учебный процесс, компетентность, дидактические условия, активность, внимание, мотивация, взаимодействие преподавателя и ученика, развитие личности, междисциплинарное общение

## ABOUT SOME PEDAGOGICAL CONDITIONS OF ORGANIZATION OF THE EFFECTIVENESS OF PRACTICE-ORIENTED TRAINING OF STUDENTS

The article discusses some of the pedagogical conditions for the organization of the effective educational process of students who are inclined to practice. It is noted that in the organization of practical training of students it is important to take into account the conditions of educational cooperation between teacher and student, which are called didactic conditions. It is emphasized that the most important tools for the organization of practice-oriented education - scientific, problem-based, visual, active and conscious, accessible, systematic and coherent, include the connection of education with life. In conclusion, the didactic conditions are defined and theoretically justified: actively present the content of education; consistent and systemic review of practical aspects of educational knowledge; implementation of the subject interaction with a series of humanities. The basic didactic conditions do not include the entire list of possible situations of the educational process that affect the effectiveness of the educational process, but from the point of view of the researcher they are the basic conditions. In this case, the exclusion of at least one of the conditions makes it impossible to achieve the desired result. It can be concluded that the effectiveness of the process of organizing practice-oriented learning depends on the maintaining of the basic didactic conditions.

**Keywords:** practice-oriented teaching, learning process, competence, didactic conditions, activity, attention, motivation, teacher-student interaction, personality development, interdisciplinary communication

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шаропов Шавкат Аҳмадович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **sharofzod54@mail.ru**

***Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна-*** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри

Хуҷанд, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17бинои №1. E-mail**-ranoxon.tursumatova@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Шаропов Шавкат Ахмадович*** – Худжандский государственный университет им.академика Б.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова 1 E-mail: **sharofzod54@mail.ru**
***Турсуматова Раъно Ахмаджановна*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики в городе Худжанд, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 микрорайон, здание №1. E-mail-**ranoxon.tursumatova@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sharopov Shavkat Akhmadovich*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy. **Address:** Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage 1 E-mail: **sharofzod54@mail.ru**
***Tursumatova Rano Akhmadzhanovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics in the city of Khujand, assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, microdistrict 17, building No. 1. E-mail:**ranoxon.tursumatova@mail.ru**

**УДК:372.879**

# ДАРСҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА МОҲИЯТИ ОН

*Абдураҳмонов Ғолибҷон*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар замони муосир фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим ба бахши муҳимми фаъолияти инсон дохил шудааст. Маърифат ва фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ ба муносибатҳои инсонии ҳар як фарди ҷомеа таъсири бевосита дорад ва дар тарбияти шахсияти ӯ нақши бориз хоҳад дошт. Тарбияи ҷисмонӣ як раванди педагогӣ буда, ба таъсиси ҷомеа бо ташаккули ҷисми солим инчунин, фаъолияти иҷтимоӣ равона карда шудааст. Омӯзиши фарҳанги ҷисмонӣ барои ҳамаи одамон зарур аст, зеро шароити зиндагӣ метавонад дар паст шудани сатҳи потенсиали инсонҳо нақш гузорад. Зиндагӣ бидуни омӯзиши фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчунин тарбияи ҷисмонӣ ба паст шудани фаъолияти равонӣ ва ҷисмонӣ оварда мерасонад, қобилияти баданро дар мубориза бо бемории коҳиш медиҳад. Муносибате, ки байни инсонҳо дар асоси тарзи ҳаёти солим ва тарбияи ҷисмонӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки инкишофи пурраи афродро таъмин намояд. Бояд қайд кард, ки тавассути ин омил инкишофи шахсият раванди мушаххасест, ки бо усулҳои дигар иваз карда намешавад. Усулҳои тарбияро дар ин раванд метавон аз ҷиҳатҳои зерин мушоҳида кард:

1. **Таълим ва тарбияи ахлоқӣ**. Дар рафти машқҳои варзишӣ шахс бештар таҷрибаи ҷисмониро зиёд мекунад. Ин дар инкишофи баъзе хусусиятҳо, аз қабили боварӣ ба худ, қатъият, истодагарӣ, худтанзимкунӣ, далерӣ нақши бузург мебозад. Махсусан мусобиқаҳои варзишӣ дар муҳит хислатҳои ахлоқӣ, аз қабили эҳтиром ба калонсолон, ростқавлӣ, покви҆ҷдониро тарбия мекунад [5, с. 186].

2. **Ақлонӣ.** Машғулияти мунтазам ва муттасил бо варзиш самаранокии рӯҳиро беҳтар мекунад. Дар давраи фаъолияти машғулияти ақлонӣ гузаронидани чорабиниҳои мунтазами варзишӣ зарур аст. Дар баробари ин, интихоби системаи машқ, усулу навъҳои он бо дарназардошти хусусиятҳои фардии шахс ва вазъи саломатии ӯ бояд сурат гирад.

3. **Эстетикӣ.** Ба воситаи машқҳои ҷисмонӣ ҷисми инсон на танҳо аз назари шакл, балки аз ҷониби ботин низ инкишоф меёбад. Инсон баъди машқҳои варзишӣ лаззати эстетикӣ дарёб мекунад. Ин фактор муҳиммияти тарзи ҳаёти солимро афзуда, инсонро барои ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоӣ қувват мебахшад.

4. **Меҳнат ва меҳнатдӯстӣ.** Тарбияи ҷисмонӣ ҷисми инсонро на фақат барои иҷрои

кори муфид, ҳатто меҳнати мушкил омода мекунад. Он дар ниҳоди инсон ҳадафҳои олиро тавлид намуда, масъулияти фардиро инкишоф медиҳад.

Дар баробари ин, тарбияи ҷисмонӣ принсипҳои худро дорад:

1. рушди ҳамаҷонибаи тан ва ҷисми инсон;
2. муносибати тарбияи ҷисмонӣ ва ҳаёти воқеӣ;
3. иртиботи тарбияи ҷисмонӣ ва ҳаёти воқеӣ;
4. фаъолияти солим.

Таъмини тарзи ҳаёти солим ва омӯзиши фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ дар якҷоягӣ роҳи пешрафти шахси воқеиро мушаххас мекунанд. Ин омилҳо на танҳо дар тағйирёбии мусбии ҷанбаи биологӣ, балки инкишоф додани ахлоқи неки инсон, одатҳо, инкишофи ҷаҳони маънавии инсонро таъмин менамояд. Бинобар ин, ҳар як инсон вазифадор аст, ки бораи пешбурди тарзи ҳаёти солим ва унсурҳои асосии он чораҳои зарурӣ андешад ва ба ҷисми худ сарбории ҷисмониро меафзояд.

**Дар бораи тарзи ҳаёти солим.** Таҳкими саломатии инсон вазифаи ҳар як шахс мебошад. Тарзи ҳаёти солим меҳнат, оила, хоҷагӣ ва хоҷагидорӣ, истироҳат ва фароғат, зарурияtҳои иҷтимоӣ ва монанди инҳо мебошад [8].

Нишонаҳои меҳварии тарзи ҳаёти солим инҳо мебошанд:

1. Инкишоф додани одатҳо ва малакаҳои солим аз даврони кӯдакӣ.
2. Нигоҳ доштани муҳити солим ва мусоид, ки ҷанбаи бехатарӣ дорад, инчунин маълумот дар бораи таъсири объектҳои атроф ва падидаҳо ба саломатии иинсон.
3. Бартараф кардани одатҳои бад.
4. Ташаккул ва татбиқи мунтазами қабули ғизои мувофиқ.

Дар баробари ин гузаронидани машқҳо бо назардошти хусусиятҳои синнусолии инсон, ҳолати инфиродӣ, риояи тартиботи гигиенӣ, доштани донишҳои технологияи аввалин муҳим буда, се масъала -маънавият, зеҳн ва эмотсия ба назар гирифта мешаванд [2, с.216].

**Ғизо.** Ду қонуни истеъмоли ғизо мавҷуд аст, ки бояд ҳар як шахс онро ба инобат гирад.

1. Неруи гирифташуда аз ғизо ва истеъмолшуда бояд мутавозин бошад. Ҳангоми гирифтани нерӯи зиёдатӣ аз ғизо дар шахс номуназзамӣ оғоз меёбад. Собит шудааст, ки дар рӯйи олам бештар аз 40%-и аҳолӣ ба ин мушкилот гирифтор шудаанд. Дар натиҷа дар ҷомеа бемориҳое, монанди диабети қанд, бемориҳои дил, гипертония ва монанди инҳо ривоҷ меёбанд. Ғизои шахс бояд аз навъҳои гуногун иборат бошад, ки тавонад ниёзҳои ҷисмониро таъмин кунад аз ҷумла, дар ғизои парҳезӣ, сафеда, равғанҳо, карбогидратҳо, витаминҳои гуногун бояд ҷой дошта бошанд. Дар ағлаб маврид ҳангоми тановул ғизо пурра дар организми инсон ҳазм намегардад ва онҳо ба рушди бемориҳои хатарнок имкон дода, дар баъзе маврид таҳдиди маргро низ дорад. Инсон бояд донад, ки маҳз риоя кардани меъёри ғизои ратсионалӣ барои таъмини тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунад.

Тановули дурусти ғизо дорои чор зина мебошад:

1. Субҳонаи якум 25% аз ҳаҷми меъёри умумӣ.
2. Субҳонаи дуюм 15%.
3. Таоми нисфирузӣ 40%.
4. Хӯроки шом 20%.

Инсон бояд на камтар аз 1,5 соат пеш аз хоб хӯрок хӯрад. Истеъмоли ғизо дар як шабонарӯз бояд дар як вақти муайян сурат гирад ва як рефлекси доимиро эҷод намояд. Ғизо барои ташаккули дурусти ҷисми инсон аҳамият дошта, саломатиро ҳифз мекунад ва самаранокии фаъолиятро меафзояд [11, с.66].

**Обутобдиҳӣ**. Обутоб додани бадан яке аз омилҳои табобати инсон буда, ба пешгирӣ намудани бемориҳои зиёд мусоидат мекунад. Ҳамчунин, он барои гардиши дурусти хун, баланд бардоштани потенсиали корӣ ва дароз шудани умри инсон судманд аст. Навъҳои гуногуни обутобдиҳии бадан мавҷуд аст, ки ҳар якеи онҳо ба организми инсон фоида мебахшад. Ҳангоми обутоб додани бадан риояи усулҳои амал ба хотири фоидаи бештар зарур аст. Аз ҷумла:

1. Обутоб додан ва варзиши бадан бояд системавӣ ва муттаҳид бошад.

2. Ҳангоми гузаронидани амалиёт бояд ба хусусиятҳои фардии шахс, вазъи саломатӣ ва ҳолати умумии эмотсионалӣ аҳамият дода шавад. Истифода аз об ба кам шудани шиддати системаи асаб ва дигар бемориҳо мусоидат мекунад. Махсусан барои бачагон он аҳамияти бештар дорад.

**Машқҳои варзишӣ.** Яке аз шартҳои асосии тарзи ҳаёти солим машқҳои варзишӣ (тренировка) мебошанд. Машғул шудан ба варзиш ва спорт имкон медиҳад, ки инсон тандуруст бошад, ҷисму танаш солим бошад, зуд пир нагардад. Рушди ҷисмонӣ бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешавад:

1. Баланд бардоштани дараҷаи неруи бадан.
2. Инкишоф ёфтани матонат, сабр, бардошт ва суръат.

Ин хусусиятҳо барои беҳдошти саломатӣ судманд буда, дар баробари ин метавонанд дар беҳдошти зиндагии инсон таъсирпазир бошанд. Барои муқовимати сахт бурдан бо бемориҳо ташаккул додани хусусиятҳое, монанди устуворӣ ва пуртоқатӣ зарур мебошанд [6, с.244].

**Фаъолияти бештари ҷисмонӣ.** Фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ, ки асоси фаъолияти инсон аст, омили муҳимми ҳавасмандкунӣ ба зиндагӣ мебошад. Бояд гуфт, ки ҳама гуна ҳаракатҳои ҷисмонӣ наметавонанд ҳамчун машқи ҷисмонӣ қобили қабул бошанд. Фаъолияти бештари ҷисмонӣ бояд аз рӯйи системаи муайяни инфиродӣ сурат гирад, ки мақсади он ислоҳ кардани камбудиҳои ҷисми инсон аст. Тарбия ва таҳсилоти ҷисмонӣ аз синни хурдсолӣ оғоз карда мешавад. Дар ин раванд риоя кардани се қоида ҳатмист.

1.Вобаста ба сатҳи саломатии инсон дуруст интихоб кардани системаи машқ.

2.Ҳангоми бемориӣ ё рӯзҳои аввали сиҳатшавӣ машғул шудан ба машқ қатъиян манъ аст.

3.Ҳамчунин, як соат пеш аз тановул ва ду соат баъди хӯрок хӯрдан машғулияти варзишӣ мумкин нест.

Мавриди зикр аст, ки машқҳои варзишӣ ҳамаи узвҳои дохилии инсонро фаъол мекунанд, ки дар натиҷа устухон ва мушакҳои организми инсон, ҳамчунин системаи асаби ӯ неруи тоза мегирад. Маҳз тавассути машқҳои муттасили варзишӣ сатҳи баланди омодагии инсон ба мушкилоти ҳаёт ба даст меояд. Дар ин маврид яке аз талаботи асосӣ риоя кардани принсипи тарзи ҳаёти солим мебошад [9, с.136].

**Гигиенаи варзиш.** Тарзи ҳаёти солим ҳамзамон маънои беҳатарии муҳити зисти ӯро дар назар дорад. Гигиенаи варзишӣ ташкили чорабиниҳои гигиениро дар бар мегирад, ки ба таҳкими масуният (иммунитет), баланд бардоштани самаранокӣ тобоварӣ ва инчунин ба дастовардҳои саривақтӣ ва шоиста мусоидат мекунад. Азбаски машқҳои гузаронидашуда на танҳо ба афзоиши ҳаҷми мушакҳо мусоидат мекунад, балки ба тамоми узвҳо ва системаи бадан таъсир мерасонад, аз ин рӯ, ба гигиенаи экологӣ диққати махсус додан ҳатмист [1, с.34].

**Гимнастика.** Унсури асосии тарбияи ҷисмонӣ гимнастика мебошад. Гимнастика як системаест, ки тавассути машқҳои ҷисмонии махсус тарҳрезӣ мешавад ва ба воситаи усулҳои махсус амалӣ карда мешавад. Вазифаи он рушди умумии ҷисмонӣ, инчунин

баланд бардоштани малакаҳои эчодӣ ва неруи корӣ мебошад. Якчанд намуди гимнастика мавҷуд аст:

1. **Машқи пагоҳирӯзӣ:** Ин як системаи машқи ҷисмонӣ мебошад, ки пас аз чоряк соати бедорӣ иҷро карда мешавад. Ин амал барои интиқоли шахс аз ҳолати ғайрифаъол ба ҳолати фаъол муҳим буда, ба инсон дар баробари нерӯ шодиву фараҳ меорад.

2. **Гимнастика ё машқи истеҳсолӣ:** Ин навъи машқ давоми даҳ дақиқа тавассути машқҳои одӣ иҷро карда мешавад, ки қобилияти бадани одамро ба ҳолати корӣ мутобиқ мекунад. Дар ҷараёни корӣ чунин машқҳо бояд якчанд маротиба гузаронида шавад, то хастагӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ ба даст оварда шавад. Ин навъи гимнастика барои ҳар як шахс махсус интихоб карда мешавад.

3. **Гимнастикаи касбӣ хусусияти амалӣ дорад**. Одатан ин навъи машғулият ба он равона карда шудааст, ки ба шахс ҳадди аксар малакаҳои меҳнатии касбро меомӯзонад.

4. **Гимнастикаи асосӣ.** Ин навъи гимнастика ба одам малакаҳои амалии ҳаракатдиҳиро меомӯзонад, аз ҷумла давидан, партофтан, ҳамчунин машқҳои гимнастикӣ ва акробатикӣ.

5. **Гимнастикаи ёрирасон.** Ин навъи гимнастика барои рушди сифатҳои муайяни ҷисмонӣ, ки ба намудҳои варзиш хосанд, равона карда мешавад.

6. **Гимнастикаи амалии ҳарбӣ**. Ин навъи гимнастика ташаккули малакаҳои ҷисмонӣ барои амалҳои фавриро бо назардошти хусусиятҳои ихгисосҳои ҳарбӣ таъмин месозад. Он махсусан дар шароити муосир арзиши бештареро касб намуда, имкон фароҳам меоварад, ки ҳарбиён ба дастовардҳо ва натиҷаҳои назаррас ноил шаванд.

7. **Варзиши атлетикӣ.** Ин намуди варзиш низ ба навъи гимнастика дохил шуда, аз системаи машқҳои вазн ва бидуни вазн иборат мебошад. Ин навъи варзиш барои ба даст овардани сурати зебои ҷисмонӣ ва инкишофи мушакҳо лозим мебошад.

8. **Гимнастикаи тиббӣ.** Ин навъи гимнастика барои барқарор кардани ҳаракат дар ҳолатҳои ҷароҳат бардоштани узвҳои бадан, инчунин бартараф кардани захму нуқсонҳо аз бадани инсон ва бемориҳо истифода мешавад [14].

**Машқҳои асосӣ.** Тарбияи ҷисмонӣ тавассути варзиш ба даст оварда мешавад. Онро метавон тавассути иҷрои мунтазами ҳама гуна машқҳои хурди судманд, ки пайваста иҷро мешаванд, роҳандозӣ намуд [12, с.49].

Дар ин маврид метавон якчанд навъи машқҳоро номбар кард:

1. **Роҳгардӣ давоми як дақиқа.** Ҳангоми иҷрои ин амал бояд нафаскашӣ ҳамвор бошад ва иҷрокунанда кӯшиш кунад, ки қоматаш рост бошад.

2. **Машқи мушак.** Барои иҷрои ин амал ба машқкунанда лозим аст, ки пойҳои худро ба ду тараф паҳн карда, қоматашро ба байни пойҳо хам кунад ва дастҳояшро ба камар гузорад. Сар бояд аввал ба тарафи рост ва баъд ба чап ҳаракатҳои даврӣ кунад (панҷборӣ). Чунин машқҳо бояд ба осонӣ ва оҳиста гузаронида шаванд.

3. **Машқи даст.** Барои иҷрои он дастҳоро бояд боло бардошт. Як дастро ба боло ва дасти дувумро ба як тараф дароз кард. Дастҳо бояд мавқеи худро иваз кунанд ва такрори даври амалҳо шаш маротиба бояд сурат гирад.

4. **Машқи китфҳо**. Шумо бояд тавре бархезед, то поятон дар як хат бо китфатон бошад. Дастонро мушт карда, дар як самт панҷ маротибагӣ ҳаракати даврӣ бояд анҷом дод. Мавқеи асосӣ ин хам шудани дасту пой ва дар сатҳи сандуқи сина ҷой кардан аст. Ба паҳлу ҳаракат карда, дастро рост карда, бозгашт онҳоро ба оринҷ хам кардан мебошад. Дар давоми машқ дастҳо бояд дар як сатҳи баробар ҷойгир шаванд.

Мақсади ин таҳқиқот як кӯшиши фарогирии ҳамаҷонибаи мушкилоти рушди

фарҳанги солимгардонӣ ва ба роҳ мондани тарзи дурусти ҳаёти солим дар хонандагони мактаб мебошад, ки имрӯз яке аз вазифаҳои афзалиятноки таълими муосир мебошад, зеро он ба нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани саломатии наврасон ва ташаккули фаҳмиши арзиши саломатӣ нигаронида шудааст.

Дар ҷараёни тадқиқот фаҳмиши феноменологияи фарҳанги умумӣ (ахлоқӣ, ҷисмонӣ, миллӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра) муайян карда шуд. Мактабе, ки марҳилаи пропедевтикии ташаккули фарҳанги солимии инсонро анҷом медиҳад, бояд дар хонандагон тарзи ҳаёти солимро тарбия кунад ва ҳавасмандиро барои нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани саломатии онҳо ташаккул диҳад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур собит мекунад, ки мактаби муосир метавонад ба тағйири сатҳи фарҳанги саломатии кӯдакон, бо назардошти имкониятҳои биологӣ, физикӣ, психологӣ, синнусолии ҳар як кӯдак таъсирбахш бошад [15].

Бо ишора ба сарчашмаҳои мушаххас, тадқиқот муайян мекунад, ки барои ташаккули фарҳанги солимии инфиродӣ чунин ҷузъҳо заруранд: огоҳӣ дар бораи саломатӣ ҳамчун арзиш; ташаккули фаҳмиши илмии моҳияти тарзи ҳаёти солим; ташкили системаи танзим дар шакли идеалҳои нави тарзи ҳаёти солим; фаъолияти озодонаи эҷодӣ барои ташаккул ва такмил додани тарзи ҳаёти солим. Дар асоси таҳлили мушкилоти баррасишаванда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки фарҳанги солимии хонандагон дар нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани ҳаёти солим дар асоси қабули стандартҳои фарҳангии солимии фарҳангӣ ва арзёбии дурусти омилҳои мустаҳкам ва вайронкунандаи он таъсири мусбӣ хоҳад расонад. Ҷамъбасти аломатҳои муҳимтарини фарҳанги саломатӣ имкон дод, ки ҷузъҳои тарбияи фарҳанги солимии мактаббачагон, ки ҷанбаи маърифатӣ доранд, рӯйи кор оянд. Аз ҷумла, огоҳии хонанда дар бораи зарурати эҷоди фарҳанги солим, эҳсосӣ-арзишӣ, аз ҷумла муносибати мусбии хонанда ба саломатии худаш ташаккули қобилият ва малакаҳои гигиении хонанда барои нигоҳ доштани саломатии онҳо ва ғайра.

Тарбияи фарҳанги солимии хонанда ҷараёни фароҳам овардани шароити педагогӣ мебошад, ки ташаккули шахсияти хонандаро ҳамчун як объекти фароғатӣ мувофиқи манфиатҳо, майлу рағбат, қобилият, тамоилҳои арзиш барои ҳифзи худ, инчунин дониш, малака ва қобилияти тарзи ҳаёти солим таъмин мекунад.

Таҳқиқот хусусияти раванди инкишоф додани фарҳанги солимии хонандагонро дар фарқ кардани ҳама равандҳои таркибии он нишон медиҳад, системаи мураккаби муносибатҳоро инъикос мекунад, ки як ҷузъи интегратсия, яъне як системаи умумии дониш, қобилият мебошанд, ки асосашонро дониши ҳамаҷонибаи донишҳои назариявӣ донистан мумкин аст.

Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи падидаи фарҳанги саломатӣ, меъёрҳо барои арзёбии ин падида, миқдор ва сифати саломатӣ муайян карда шуданд. Яъне, инсон комилан ҳамчун шахси солим эътироф карда мешавад, ки метавонад ба муҳити иҷтимоии худ ҳамоҳанг шуда, ҳамзамон дуруст рафтор кунад ва комилан дар он худро нишон диҳад [10]. Дар ташаккулёбии шахсияти хонанда ҳифзи саломатӣ ва рушди ҷисмонӣ нақш бориз доранд ва ин дар сурате имконпазир мегардад, ки дар мактаб дар заминаи барномаи махсус ва фазои мусоиди таълим дар ин самт корҳои ҳадафнок ва илмӣ ба роҳ монда шаванд. Дар натиҷаи омӯзиш таҳияи назариявии мафҳуми "фазои таълимии солим"-ро пешниҳод кардем, ки муҳити махсуси муташаккили таълимӣ мебошад, ки тавассути чорабиниҳои ба ҳам алоқаманди педагогӣ бо мақсади нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани солимии ҷисмонӣ, ақлӣ ва маънавии ҳар як хонанда ва рушди раванди таълимӣ дар дохили ҳамаи фанҳо рӯйи кор меояд ва тарзи ҳаёти солим ҳамчун шарти ҳамгиро дар ниҳоди ҳар як шахсе эҷод мешавад.

Натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ имкон доданд, ки як қатор шартҳои педагогӣ, ки барои таълими самарабахши фарҳанги солим дар хонандагон муҳиманд, ҷудо карда шаванд: аз ҷониби ҳайати омӯзгорони мактаб ҳамчун самти афзалиятнок ва муҳимтарин эътироф шудани дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки дар натиҷа ба гуманизатсияи ҷараёни таълим боис мегардад; фароҳам овардани шароити педагогӣ; риояи талаботи гигиении ташкили машғулиятҳои таълимӣ; бо назардошти омилҳое, ки ба саломатии кӯдак таъсир мерасонанд, ташкил кардани дарсҳои омӯзишӣ; ташаккули тарзи ҳаёти солим.

**Муқарриз:** ***Хоҷамбердиев Ч.Т.*** **– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Абзалов Р.А. Экология физической культуры человека / Р.А.Абзалов, А.И. Зиятдинова // Теория и практика физ. культуры. -1997. -№ 8. -С. 53.
2. Абуали ибн Сино Избранные произведения. Т.1. Под ред. М.С.Осимова и др. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 479 с.
3. Авеста. Перевод с пехлевийского -дари профессора И.М.Стеблина - Каменского и введение В.А.Лившица: –Душанбе: Адиб, 1990. –176 с.
4. Бальсевич В.К. Физическая подготовка в системе воспитания культуры здорового образа жизни человека (методологический, экологический, организационный аспекты) / В.К. Бальсевич // Теория и практика физ. культуры. -1990. -№1. -С. 22 - 26.
5. Давлатшоев И. Духовное воспитание школы на современном этапе. Монография / И. Давлатшоев. – Душанбе: Мавлави, 2006. – 252 с.
6. Качашкин В.М. Методика физического воспитания / В.М. Качашкин. – М.: Просвещение, 1980. – 304 с.
7. Книга учителя физической культуры. – М.: Просвещение, 1973. – 304с.
8. Лубышева Л.И. Ценности физической культуры в здоровом стиле жизни / Л.И.Лубышева, В.К.Бальсевич //Матер. междунар. конф. «Современные исследования в области спортивной науки». – СПб.: НИИФК, 1994.
9. Манжелей И. В. Педагогические модели физического воспитания: Учебное пособие / И. В. Манжелей. – М.: Научно-издательский центр «Теория и практика физической культуры и спорта», 2005. – 185 с.
10. Методические рекомендации по планированию внеклассной работы по физическому воспитанию, – Могилев, 1988.
11. Намозов Т. Педагогические основы воспитания здорового образа жизни у учащихся старших классов школ Республики Таджикистан / Т. Намозов. –Душанбе: Ирфон, – 102 с.
12. Суяркулов Т. История возникновения физической культуры и спорта в Таджикистане / Т. Суяркулов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 106 с.
13. Теория и методика физического воспитания / Под ред. Б.А.Ашмарина. – М.: Просвещение, 1990. – 287 с.
14. Физическая культура: Воспитание, образование, тренировка. - 2000 г. -№4,7.
15. Шаров В.Г. Исследование влияния внеклассных занятий физической культурой и спортом на укрепление здоровья и работоспособность учащихся: Автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / В.Г. Шаров. – М., 1972. – 18 с.


## МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА МОҲИЯТИ ОН


Дар мақола муаллиф машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва моҳияти онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки тарбияи ҷисмонӣ раванди ҳартарафаи ташкили фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ-солимгардонии хонандагон мебошад, ки ба ташаккули талабот ба машғулиятҳо аз фанни тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва дарки бошуури тарзи ҳаёти солим равона карда шудааст. Мақсади тарбияи ҷисмонӣ рушди мутаносиби шакл ва функсияҳои бадан ва мукаммалгардонии ҳаматарафаи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва нигоҳдории солимӣ мебошад. Инчунин муаллиф ба он ишора менамояд, ки дарки моҳият ва мақсадҳои тарбияи ҷисмонӣ дар ифодаи аниқи вазифаҳои асосии он ба монанди дарки саломатӣ ҳамчун арзиши муҳимми иҷтимоӣ ва шахсиятӣ, тарбияи шавқи устувор ва талабот дар машғулиятҳои мунтазам ва варзиш, пурзӯрсозии қувваи ҷисмонӣ ва солимӣ кумак менамояд, чунки маҳорату малакаҳои ҳаётан муҳим дар раванди иҷрои ҳаракатҳои муайян рушд меёбад, ва ин ба ташаккули сифатҳои муҳимми ҷисмонӣ мусоидат менамояд. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки амалисозии мақсад ва ҳалли вазифаҳои тарбияи ҷисмонии мактаббачагон бо истифодабарии тамоми маҷмӯи воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ алоқаманд мебошад.



**Калидвожаҳо:** машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, моҳияти машғулиятҳо, мақсадҳои тарбияи ҷисмонӣ, машғул шудан бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, мустаҳкамсозии солимӣ, рушди ҳамаҷонибаи шахсият.


## ЗАНЯТИЯ ПО ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЕ И ИХ СУЩНОСТЬ


В статье автор рассматривает занятия по физической культуре и их сущность. Автор отмечает, что физическое воспитание является многогранным процессом организации активной физкультурно-оздоровительной деятельности учащихся, направленной на формирование потребности в занятиях физической культурой и спортом и осознанной потребности в здоровом образе жизни. Целью физического воспитания является гармоническое развитие форм и функций организма и всестороннее совершенствование его физических способностей, и укрепление и сохранение здоровья. Автор также указывает на то, что понимание сущности и целей физического

воспитания позволяют сформулировать его основные задачи, как осознание учащимися здоровья как важнейшей социальной и личностной ценности, воспитание устойчивого интереса и потребности в систематических занятиях физической культурой и спортом, в укреплении своих физических сил и здоровья, обогащение учащихся системой знаний о сущности и личностном, общественном значении физкультуры и спорта и их влиянии на укрепление здоровья, всестороннее развитие личности, так как жизненно важные двигательные умения и навыки развиваются в процессе выполнения определенных движений , так как развитие двигательных умений и навыков способствует формированию важнейших физических качеств. Автор также отмечает, что осуществление цели и решение задач физической культуры учащихся связано с использованием всей совокупности средств физического воспитания.

**Ключевые слова:** занятия по физической культуре, сущность занятий, цели физического воспитания, занятия физической культурой и спортом, укрепление здоровья, всестороннее развитие личности.

**PHYSICAL EDUCATION CLASSES AND THEIR ESSENCE**

In the article, the author examines physical education classes and their essence. The author notes that physical education is a multifaceted process of organizing active physical culture and health-improving activities of students, aimed at the formation of the need for physical education and sports and the conscious need for a healthy lifestyle. The purpose of physical education is the harmonious development of the forms and functions of the body and the all-round improvement of its physical abilities and the strengthening and preservation of health. The author also points out that understanding the essence and goals of physical education makes it possible to formulate its main tasks as students' awareness of health as the most important social and personal value, fostering sustainable interest and the need for systematic physical education and sports, to strengthen their physical strength and health. , enrichment of students with a system of knowledge about the essence and personal, social significance of physical education and sports and their influence on health promotion, all-round personality development, since vital motor skills and abilities develop in the process of performing certain movements, since the development of motor skills and abilities contributes to the formation the most important physical qualities. The author also notes that the implementation of the goal and the solution of the tasks of physical culture of students is associated with the use of the entire set of means of physical education.

**Key words:** physical culture lessons, the essence of the lessons, the goals of physical education, physical education and sports, health promotion, all-round personality development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдураҳмонов Ғолибҷон Зафарович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, мудири кафедраи варзиш ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонии факултети тарбияи ҷисмонӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмонов Голибджон Зафарович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, заведующий кафедрой спорта и методики преподавания физической культуры факультета физического воспитания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the author:** ***Abdurakhmonov Golibjon Zafarovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Head of the Department of Sports and Methods of Teaching Physical Culture of the Faculty of Physical Education**. Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

**УДК:376.1(575.3-3)**

# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ТАРБИЯИ ОДОБУ АХЛОҚ ДАР ЭҶОДИЁТИ АДИБОНИ ҲАВЗАИ КӮЛОБ (АШӮР САФАР, ҲАҚНАЗАР ҒОИБ ВА САИДҶОН ҲАКИМЗОДА)

***Саодати Раҳмоналӣ***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб -Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода дар мероси адабию педагогии худ ба мавқеи тарбия дар ҷамъият баҳои дуруст дода, онро омили асосии инкишофи шахси ба камол расида ҳисобиданд. Вале, пеш аз он ки ба ин масъала равшанӣ андозем, зарур аст, муайян намоем, ки ин шоирони асил умуман ба тарбия ҳамчун мафҳуми асосии педагогика ва омили асосии инкишофи шахси комил ва фозили ҷамъият чӣ гуна баҳо додаанд, таҳти ин мафҳум чиро дар назар доранд. Бояд, ки Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода дар аксари мавридхо фикрҳои якдигарро тасдиқ намуда, дар маънои васеи ин мафҳум, пеш аз ҳама, парвариш намудан, нигоҳубин, навозишу меҳрубонӣ кардан ва таълим додану одоб омӯхтанро медонанд. Волидайн, мураббиён, тарбиядиҳандагон ва омӯзгорон ҳам, аз рӯйи нишондоди адибон, бояд бачагонро парастиш, ғамхорӣ ва нигоҳубин кунанд, таълим диҳанд ва одобу ахлоқ омӯзанд, то ки онҳо шахсони комил ва фозили ҷамъият шуда ба воя расанд. Дар ҳамаи сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ, чи педагогикаи ниёгон ва чи педагогикаи ҷаҳонӣ, тарбияи бачаро аз синни кӯдакӣ маънидод кардаанд. Ҳатто пайғамбари ислом Муҳаммад (с) дар

ҳадисе мефармояд: «Тарбияи инсон аз гаҳвора то ба гӯр идома меёбад». Ашӯр Сафар тарбияро дар сиришти бачагон аз овони хурдӣ самаранок мешуморад, ки баъд аз он ҷисми вай ба инкишофи дуруст сар мекунад, чунин мегӯяд:

*Тарбият дар баччагӣ ноаҳлро бахшад сафо,*
*Нақш дар лабҳои кӯза вақти хомӣ мекашанд [1,с.68].*
*Ин ақидаи шоирро Саидҷон Ҳакимзода тарафдорӣ намуда мефармояд:*
*Кӯдаки бадфеълро ислоҳ бояд кард зуд,*
*Чун шавад солортар, тарбияташ қин мешавад [5, с.213].*

Ҳанӯз соли 1983 адабиётшинос Абдураҳмони Абдуманнон эҷодиёти Ҳақназар Ғоибро таҳлил карда гуфта буд: «Шеърҳои Ҳақназар Ғоиб то имрӯз камтар диққати аҳли танқидро ба худ кашида бошанд ҳам, кайҳо дар дили хонандадагон роҳ ёфта, шеърҳояш аз меҳри гарми гӯяндаи онҳо ба зиндагӣ ва инсон, аз нигоҳи гарми ӯ ба рӯйдодҳои рӯзгор баҳравар буда, ҳам эҳсосу афкори хонандаро меангезад, шоирро муайян мекунад». Ин баҳоро метавон ба ҳамаи таълифоти пур аз ғояҳои инсондӯстонаи шоир мансуб донист [7, с.12].Ашӯр Сафар низ ба рушди ҳолатҳои рӯҳии инсон аҳамияти калон дода, дар ақидае устувор меистад, ки тарбия бояд, пеш аз ҳама, ба рушди маънавии инсон таъсир расонад. Аз ин ҷост, ки дар рушди маънавиёти инсон, пеш аз ҳама, шоир дар бачагон тарбия намудани хислатҳои неки инсонӣ ва сифатҳои наҷибро дар назар дорад. Ашӯр Сафар тавонистааст одамони бо сифатҳои бад инкишофёфтаро ошкор сохта, зери танқид қарор диҳад:

*Аз чӣ бошад, ин қадар бемеҳру бадбин гаштаӣ,*
*Мисли гурги гушнамонда сахт хашмин гаштаӣ.*
*Чашми худ каҷ кардаию дандон ба дандон мезанӣ,*
*Бар сари озодфикре тешаи кин гаштаӣ [4, с.81].*

Саидҷон Ҳакимзода бошад, тарбиядиҳандагонро ҳамеша аз хавфи нисбат ба хислатҳои нек рӯҳан таъсири бад расонидани шахсони ба ҷамъият зараровари қисми аз одамони тарбиянаёфтаро ба ҷавонон ва наврасон гӯшзад намуда, ба онҳо мефҳмонад, ки ин гурӯҳи одамон чӣ тавр бо рафтор ва кирдорҳои ношоямашон ба рушди маънавиёти бачагон таъсири манфӣ расонда, онҳоро ба роҳи хато мебаранд. Аз ин рӯ, барои он ки бадиҳо бисёр нашаванд, ба тарбияи ҳаёти рӯҳии бачагон ҷиддан машғул шудан лозим аст. Ин талаботи шоир нисбати падару модарони бачагон аҳамияти калон дорад:

*Гар писар бероҳа гардад, айбро ҷӯ аз падар,*
*Арз марди нотавон аз зердастонаш кунад [5, с.75].*

Устод Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода дар аксарияти шеърҳои худ ба ҳалли ин масъала диққати махсус додаанд. Онҳо иброз медоранд, ки тарбия қодир аст дар бачагон сифатҳои накуро ташаккул диҳад. Зеро, сифатҳои неку бад дар одамон аз насл ба насл ба таври мерос намегузаранд. Ҳатто танбалӣ, бесалоҳиятӣ барин сифатҳои нобоб меросӣ нестанд.

Адибони ҳавзаи Кӯлоб дар назди тарбия ва тарбиятгар вазифа мегузоранд, ки барои шахси комил ва фозили ҷамъият ба воя расонидани насли наврас мадад расонанд, то ки дар ҷомеа бадахлоқӣ, фисқу фуҷур барҳам хӯрда, дар ҷамъият баробарӣ ва адлу инсоф барқарор шуда, чунин муҳити иҷтимоӣ ҳукмрон гардад, ки ба ташаккули шахси баркамол мусоидат намояд. Чунки муҳит омили дигари инкишофи шахси камолёфтаи ҷамъият мебошад.

Таҳлили ашъори ин адибон моро ба хулосае меорад, ки дар инкишофи шахси баркамол ҷамъият низ ҳамчун омили асосӣ нақши муассир дорад. Аз рӯи нишондоди онҳо муҳит ба рушди ҳар як фарди ҷомеа таъсир расонда метавонад. Чӣ гуна шахс шуда баромадани инсон ҳақиқатан аз бисёр ҷиҳатҳо ба он вобаста аст, ки ӯ дар кадом муҳит ба воя расидааст.

Муҳити носолим ба кас имконияти ба мақсад расиданро надода, боиси ба ғаму андӯҳ гирифтор шудан, ҷисман ва рӯҳан хароб гардидани як гурӯҳи муайяни одамон мегардад. Дар ин бобат устод Ашӯр Сафар фикрҳои ҷолибе пешниҳод намудааст, ки аксарияти ҷавонони дар муҳити бад ба воя расидаи табақаҳои гуногуни ҷамъият ба ҳамин вазъияти ногувор гирифтор мешаванд. Шоир ба онҳо мурочиат карда мефармояд, ки ҳамеша дар ҳар муҳиту вазъияте ки набошанд, дӯстию вафодориро пешаи худ созанд, аз ҳар касе, ки хубӣ мебинанд, кӯшиш намоянд, ки бо эшон хубтар рафтор кунанд:

*Бароӣ бар сафар, бо ҳамсафар бош,*
*Гар ӯ хуб аст, аз ӯ хубтар бош.*
*Бигардад бар ту гар ҷону ҷигар вай,*
*Ту вайро рӯзу шаб ҷону ҷигар бош.*
*Лақаб чун бепадар бар беадабҳост,*
*Ба ҳар ҷое, ки бошӣ, бопадар бош! [3, с.30].*

Шоир дар мисраъҳои боло калимаи «бепадар»-ро ба маънои беадаб, яъне шахси аз тарбияи падар дурмонда истифода намуда, ба хонанда таъкид мекунад, ки дар ҳар муҳите, ки бошад «бопадар», яъне бо инсони аз тарбияву насиҳати падар обутобёфта бошад, аз одамони беадаб канорачӯӣ намояд.

Устод Ҳақназар ҳам муҳитро дар инкишоф додани шахси баркамоли ҷамъит аз омилҳои асосӣ ҳисобида, нишон медиҳад, ки бо тағйир ёфтани муҳити кӯдак дар рафтор, гуфтор ва амалиёти ӯ дигаргунии куллӣ ба вуҷуд меояд ва оҳиста-оҳиста муҳити бад ба ин хусусият ва характери бача таъсир расонида, дар натиҷа ӯро бадкирдор мегардонад.

Саидҷон Ҳакимзода оид ба хусусият ва характери чунин гурӯҳи одамони бадфеъл изҳори ақида менамояд, ки онҳо ба намуди зоҳирӣ ва ботиниашон аз инсон дида ба ҳайвон шабоҳат доранд, ҳам ҷисму ҳам қалб, ҳам рӯҳашон ба андозае нопок аст, ки бинанда нисбат ба онҳо адоват ва нафрат ба вуҷуд меоварад, дилро беҳузур ва табъро хира мегардонад. Шоир ба чунин гурӯҳи одам мефармояд, ки ба роҳи ростию хубӣ қадам гузоранд, зеро рӯзе мерасад, ки аз тамоми амалҳои нопоку ноҷои худ пушаймон мешаванд, он гоҳ суде надорад:

*Ҳар кӣ монад пои худ ноҷо агар дар зиндагӣ,*
*Мерасад рӯзе, ки сар бар санги хоро мезанад [6, с.65].*

Қайд кардан муҳим аст, ки шоир таъсири бади гурӯҳи одамони бадкирдорро нисбати мардум ошкор сохта, ба тарбиядиҳандагон нишон медиҳад, ки ҳангоми роҳбарӣ кардан ба рушди қобилиятҳои табиии бачагон ҳамеша бояд ба он диққат диҳанд, ки тарбиягирандагонашон ба таъсири муҳити шахсони бадкирдор наафтанд, вагарна тарбияи онҳо натиҷаи дилхоҳ набахшида, ба талаботи ҷамъият ҷавоб дода наметавонад.

Ҳақназар Ғоиб муҳитеро, ки ба ташаккули шахсияти инсон ҳамчун омили асосӣ таъсири дуруст расонида метавонад, чунин тавсиф намудааст:

*Сабақи мактабу падар дигар аст,*
*Дарси мардони сарбаланд дигар аст.*
*Бесухан гоҳ он чӣ омӯзӣ,*
*Ки наомӯзиё зи сад дафтар [10, с. 31].*

Ин адибон ба тарбиядиҳандагон рӯ оварда, таъкид мекунанд, ки барои ба таъсири чунин гурӯҳҳо наафтидани бачагони худ чораҳои зарурӣ андешанд. Агар шахс хоҳад, ки аз таъсири ин гурӯҳи одамон эмин монад, ӯро зарур аст, ки ба суҳбати онҳо ҳамроҳ нашуда, канорачӯӣ намояд, вагарна ҳамин ки ба онҳо наздикӣ кард, дар ӯ сифатҳои бад ташаккул ёфтан мегиранд.

Аз рӯйи нишондоди Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода, муҳити одамони хирадманд ва мадании ҷамъият ба ташаккули шахси баркамол таъсири самарабахш мерасонад. Барои ин, пеш аз ҳама, чунин муҳитро ташкил намуда, барои ташаккул ёфтани хислатҳои некӣ ахлоқӣ ва инкишоф додани дараҷаи қобилияти фикрии инсон шароити мусоид ба вуҷуд овардан даркор аст. Зеро, маҳз шароит метавонад ба рушди минбаъдаи ҳар як фарди ҷомеа ёрӣ расонад. Ашӯр Сафар барои тасдиқи фикраш дар мисраъҳои зер ибрози андеша мекунад, ки агар инсони комил аз муҳити одамони бадахлоқу дилсиёҳ дурӣ ҷуяд, рӯзгораш доимо осуда мешавад:

*Ҳаргиз сиёҳ нагардад дар рӯзгори тоза,*
*Он, ки намекунад гӯш ҳамроҳи дилсиёҳаш [4, с.44].*

Ҳатто муҳит, мегӯяд устод Ашӯр Сафар, қодир аст, ки ба рушди қобилияти фикрӣ, доираи донишандӯзии ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгорон таъсир кунад. Агар дар ин ва ё он гурӯҳ хонандагоне, ки аксарияташон ба дараҷаи инкишофи қобилияти ақлӣ соҳибанд, на танҳо омӯзгорро маҷбур мекунад, ки дарси хуб диҳад, балки дар қатори ин ӯро водор месозанд, ки бисёр омӯзад, ба дарс бо тайёрии пухта ояд.

Ҳақназар Ғоиб ҳам ба ин маънӣ ба таърих рӯ оварда, чунин иброз медорад: «Ҷомӣ ва шарикдарсонаш Камолиддини Шоҳҳусейн, Шамсуддини Соҳибкафш, Мавлоно Довуд ва

Муини Тунӣ муаллимашонро маҷбур сохтанд, ки ҷиддӣ ба худомӯзӣ пардозад, то ӯ ба инкишофи муайяни қобилияти фикрӣ соҳиб бошад. «Эй азизон,- хитоб кардааст муаллимашон ба онҳо – ман дар назди шумо оҷиз шудам ва чун аз уҳдаи сабақ гуфтани шумо берун наомадам…» ба мутолиа машғул шудам» [12, с.78].

Аммо бояд донист, ки Саидҷон Ҳакимзода дар маънои шахси комилан ба воя расида чӣ гуна одамро дар назар дорад? Оё одами комилан инкишофёфта аз рӯи нишондоди ӯ ба талаботи имрӯзаи илми педагогика – шахси ҳаматарафа ба таври гармоникӣ тараққикардаи ҷамъият, ки мо ин мафҳумро аз педагогикаи Ғарб қабул кардаем ва ин мафҳум ҳам аз он ҷо ба мо гузаштааст, мувофиқат мекунад? Ҳалли ин ин масъала дар айни замон дар таърихи илми педагогикаи тоҷик барои муайян намудани мавқеи адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва афкори педагогии онҳо аҳамияти калон дорад. Бояд тазаккур дод, ки шоир одамеро, ки дар рушди фикрию ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва ақлию зеҳнӣ нисбат ба одамони дигар дар дараҷаи инкишофи баландтар истода, ба амалиёт ва хизматҳояш ба ҷамъият ва худ манфиат мерасонад ва аз ҷиҳати эстетикӣ, зебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ мусаллаҳ мебошад, дар як ва ё якчанд соҳаҳои илм ба муваффақиятҳои беназир мушарраф мегардад, ба қатори шахси комилан ба воя расида дохил мекунад. Шоири маъруфи мо Озар нишон медиҳад, ки устод Ҳақназар Ғоиб бо хирадмандӣ, шеъргӯию шеърфаҳмӣ, хоксорӣ, ростию покӣ, инсонпарварӣ, ҳақиқатҷӯию ҳақиқатбаёнӣ, хуллас бо тамоми фазилатҳои инсониаш ба дигарон намунаи ибрат шуда метавонад. Ӯ бо эҷоди шеърҳои пурмуҳтаво, бо борикбинӣ ва нуктасанҷиҳояш ба садҳо ва ҳазорҳо ҷавонон таъсири пурзӯре бахшидааст. Озар дар бораи тамоми инкишофи фазилатҳои ин шахси бузург истода менависад, ки ӯ бо қобилияти баланди фикрӣ ва хислатҳои наҷиби инсониаш дар дилу дидаҳои мардум ҷой дорад;

*Шеъраш, ки ба ашки чашму хуни ҷигар аст,*
*Байни ду ҳазор шеър шеъраш дигар аст.*
*Монанди ҳақиқат аст бар халқ азиз,*
*Ғоиб зи назар нест, ки ӯ Ҳақназар аст [10, с.3].*

Хулоса, адибони ҳавзаи Кӯлоб таъкид мекунанд, ки ҳар як фард агар хоҳад дар байни халқ мавқеъ пайдо намояд, ӯро лозим аст, ки пеш аз ҳама, ба дараҷаи муайяни камолоти фикрию ҷисмонӣ ва ақлию касбӣ соҳиб бошад, вагарна зиндагии осудаҳолона ташкил карда, хурсандона ҳаёт ба сар бурда наметавонад. Обрӯ ва қадру қимати инсон ҳам ба дараҷаи камолоти касбии ӯ андоза карда мешавад. Андешаҳои онҳо моро водор месозад, бигӯем, ки ин адибони хушсалиқа оиди ҳалли ин масъала як қатор фикрҳои ҷолиби диққате баён кардаанд, ки тадқиқи ҳамаҷонибаи онҳо дар таърихи илми педагогика аҳамияти хеле калон дорад.

Масъалаи тарбияи одобу ахлоқ дар таърихи илми педагогика яке аз масъалаҳои хеле васеъ ва доманадор буда, дар давоми гузашти солҳои тӯлонӣ барои дар насли наврас парваридани хислатҳои наҷиби инсонӣ нақши бузурге гузоштааст. Дар педагогикаи халқӣ одоб мафҳуми васеъ дорад, зеро ки дар таҳти ин мафҳум дар бачагон тарбия намудани ҳисси баланди ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, инсонпарварӣ, накукорӣ, далерӣ, мардонагӣ, хоксорию саховатмандӣ, дӯстию рафоқат, хирадмандию халқпарварӣ, меҳнатдӯстию дигар сифатҳои беҳтарини инсонӣ фаҳмида мешавад.

Аз ин ҷост, ки адибони мо низ дар эҷодиёти худ ба масъалаи тарбияи одобу ахлоқ диққати калон додаанд ва бояд эътироф кард, ки ин масъала яке аз масъалаҳои асосии системаи ақидаҳои педагогии онҳоро ташкил мекунад.

**Одоби сухан ва тарзи баёни он.** Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода дар эҷодиёти худ ба мавқеи сухан ва тарзи баёни он диққати калон дода, таъкид кардаанд, ки муаллим ҳангоми дарс, муносибату муомила бо шогирдон вазифадор аст, ки ба одоби сухан ва тарзи баёни онро ҳамеша риоя кунад. Сухани зиндаи муаллим, одоби муоширати ӯ ба дарс ҳусну таровати тоза мебахшад. Талаба суханронӣ ва тарзи баёни онро дар мактаб аз муаллимаш меомӯзад, кӯшиш мекунад, ки ба муаллимаш баробар шавад. Аз ин ҷиҳат адибон кӯшиш кардаанд, ки дар ҷамъият қадри суханро баланд бардоранд. Устод Ҳақназар мегӯяд сухан, азбаски аз қалби инсон берун мебарояд, бояд ба рӯҳи шунаванда таъсир кунад ва аз тарфи дигар, судбахш ҳам бошад. Сомеонро ба ваҷд биёрад, вагарна он ҳеҷ қимате надорад. Сухан бо ҳамроҳии инсон дар инкишоф ва такомул аст. Сухан калиди ганҷ, наҷотбахшандаи рӯҳи одам мебошад, он оламу одамро зинда мегардонад, давлатро

поянда медорад. Қадру қимати ҳар як фард бо нуктадонию нуктасанҷиаш муайян мегардад. Адибони мо, пеш аз ҳама, фарқи одамро аз дигар мавҷудоти зинда дар сухан ва ҳусни баён медонанд. Сухани бад инсонро дилшикаста, рӯафтода ва ҳатто бемор мекунад. Сухани нарм бошад, инсонро хушҳолу рӯҳашро болида мегардонад. Ба ин маънӣ овардани ин панди рӯзгор хеле мувофиқ аст:

Дар оила ҷавоне бо хӯю хислатҳои баде тарбия меёфт. Ӯ тундмиҷоз ва дағал буд. Рӯзе падараш ба ӯ халтаи пур аз мехро медиҳаду мегӯяд: «Ҳар боре, ки ғазаби худро дошта наметавонӣ ба сутуни хона якто мех зан!».

Рӯзи якум дар сутуни девор чандто мех зад. Оҳиста-оҳиста ӯ худдорӣ намуда, ҳисоби меххоро камтар кард. Писар ба хулосае омад, ки қаҳру ғазаби худро дошта тавонистан, беҳ аз мех ба сутун задан аст.

Падар, ки ин ҳамаро мушоҳида мекард, ба ӯ гуфт: «Аз ин пас, ҳар дафъае, худдорӣ менамоӣ, аз сутун якто мехро бикан!»

Рӯзҳо гузаштанд. Писар ба назди падар омаду гуфт, ки дар сутун мех намондааст. Он гоҳ падар аз дасташ гирифт ва пеши сутун бурда гуфт:

- Корат бад нест, вале мебинӣ, ки дар сутун чӣ қадар ковокиҳо пайдо шуд? Ин сутун намуди пештараашро гирифта наметавонад. Ҳангоми муомилаи дурушт бо одам дар дили ӯ ҳам ҳам ҳамин хел захмҳо мемонанд, ки табобаташон маҳол аст.

Адибони мо низ дурушту дағалона рафтор кардану бо неши забон захмӣ кардани одамонро маҳкум карда, хонандаро бораи риояи одоби сухан, эҳтиром ба забони модарӣ ва хушбаёнию ширингуфторӣ даъват менамоянд.

Ҳақназар Ғоиб дар бораи қадри сухан, забон ва махсусан, мақоми забони тоҷикӣ суханони бағоят баланде гуфтааст ва забонро ба сухан сахт алоқаманд мекунад:

Забони тоҷикӣ! Тоҷи сари тоҷики ман бошӣ,<br>
Асал бошӣ ба кому тутии шаккаршикан бошӣ! [11, с.23].

Ӯ мегӯяд: - «Миллати тоҷик аз азал соҳибзабон ва соҳибмақом буд, забони тоҷикӣ забони ширину поку ноб аст, забони шеъру достонҳост, ки дирӯзу имрӯзу ояндаро ба ҳам мепайвандад.

Саидҷон Ҳакимзода низ ин мазмунро хело зебо тасвир намудааст:

*Шеър мегӯям ман умре бо забони тоҷикӣ,*<br>
*Чунки ширин асту дилкаш ҳамчу нони тоҷикӣ [7, с.48].*

Қимати педагогии сухан ба гуфти ӯ дар он аст, ки одам бо ёрии он аз гузашта, имрӯза ва ояндаи инсоният ҳарф мезанад. Аз ин рӯ, инсон бо сухан зинда аст. Бузургони давру замонҳои гуногун бо ҳамин суханонашон зинда мондаанд. Сирру асрори ниҳонии касро бо ёрии сухан дониста гирифта, аз мақсаду мароми ӯ ба хубӣ огаҳ шудан мумкин аст. Барои ҳамин шоир ба хулосае меояд, ки сухан барои ҳаёти инсон аз ҳама ганҷҳо дида афзалтар аст:

*Намирам, то сухансанҷу хирадманде маро ёр аст,*<br>
*Агар як лаҳза монам дур аз аҳли сухан мирам [6, с.42].*

Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода дар назди сухан як қатор талаботҳои педагогӣ мегузоранд. Сухан, пеш аз ҳама, безарар ва фоидаовар гуфта шавад. Худи сухани безарар фоидаовар аст. Сухани нарм ҳам қимати баланд дорад. Агар сухани нарм дуруст ифода карда шавад, ба гӯянда самар медиҳад, зеро шунавандаро шод мегардонад, ҳатто аз ҷиҳати моддӣ ҳам гӯяндаи онро таъмин мекунад. Ашӯр Сафар дар ҳамин ақида устувор истода, дар шеърҳояш борҳо аз хусуси қадри сухани фоиданок ва аҳамияти он дар ҳаёти моддӣ ва маънавии инсон маълумот дода, одамонро ба хушгуфторӣ даъват намудааст:

*Барои сулҳхоҳон аз ҳама бошад сухан беҳтар,*<br>
*Сухан некӯ фитад, рӯ гул кунад аз сад чаман беҳтар [2, с. 44].*

Аз рӯйи нишондоди шоир, сухани нек ба одам на танҳо рӯҳ ва илҳом мебахшад, балки ба одам таъсири тарбиявӣ расонида, сифатҳои ахлоқии ӯро тағйир медиҳад.

Бар хилофи ин, шоир ҳарзагӯӣ, бадгӯӣ, иғвогарӣ ҳангоми баён истеъмол кадани алфози қабеҳро манъ карда, одамонро ба покӣ, ростӣ ва ростгӯӣ даъват менамояд, зеро, мегӯяд ӯ, ҳар касе, ки ба роҳи рости зиндагӣ меравад, ростию покиро сипари худ мекунад, ҳатман ба мақсад мерасад:

*Ба мақсад мерасад оне, ки аз покӣ сипар дорад,*

*Ба монанди хаёл азбаски покӣ болу пар дорад [3, с.18].*

Саидҷон Ҳакимзода ҳам дар ҳамин ақида буда, дуруст изҳор менамояд, ки ҳеҷ як чиз ба мисли сухан самари хуб намедиҳад. Аз ин рӯ, аз сухангӯ талаб мекунад, ки ҳарчи мегӯяд, бояд санҷида гӯяд, дар назди одамон фикр карда сухан кунанд, зеро сухани бад метавонад ба кас зарар биёрад. Махсусан сухани бад монанди мор захр дорад, теғест, ки одамро захмӣ мекунад, ки баъд табобат кардани он мушкил аст. Аз ин рӯ ҳар касро мебояд одоби сухангӯиро риоя намуда, суханашро фикр карда баён кунад:

*Нест таъсири сухан дар ҳеҷ доруи дигар,*
*Аз ҳама одобҳо хуб аст одоби сухан [5, с.126].*

Агар одам, гуфтааст шоир, дониста сухан кунад, он қимати калон дорад. Ин аз дараҷаи баланди маданиятнокӣ ва донишмандии шахс ҳам дарак медиҳад. Баръакс, агар сухан бад гуфта шавад, одамонро бероҳат гардонида, нисбат ба худ дар шунаванда ҳисси нафрат ба вуҷуд меорад.

Ашӯр Сафар ҳам монанди Саидҷон Ҳакимзода одамонро аз оқибати беадабона сухан гуфтан огоҳ намуда, таъкид менамояд, ки инсон, то вақте ки ҷон дар бадан дорад, забони худро гум накунад, дар ҳар як шароиту вазъияте қарор дошта бошад, хушсухану хушрафтор бошад:

*Умр то дорӣ, забонро гум макун,*
*Бо забони худ баёнро гум макун.*
*Чун ба боло меравӣ дар зиндагӣ,*
*Пайрави болоравонро гум макун [2, с.48].*

Ин адибон таъкид мекунанд, ки ботаҳаммул сухан рондан лозим аст. Аз бемаврид ва беадабона сухан рондан дида кам гуфтан ва ё тамоман хомӯш мондан беҳтар аст. Зеро пургӯӣ ҳам аломати беодобист. Шахсе, ки кам сухан мекунад, ҳурмату эҳтиром мебинад. Аз нуқтаи назари Ашӯр Сафар, шахсони донишманд ҳам агар зиёд гӯянд, қадри худ ва қимати суханашонро паст мекунанд. Шахсе, ки хомӯш аст, нишонаи нодонӣ не, балки нишонаи хушахлоқӣ, баодобӣ, ботамкинӣ ва бисёр донистану тарбиятдидагии ӯ мебошад, зеро шоир мегӯяд:

*Гапи бисёр донад, он ки хомӯш аст,*
*Палав дар дег пӯхта зери сарпӯш аст [1, с.74].*

Шоир аз ноҷову бемаврид сухан гуфтан хомӯширо барои ҳар як фард фоиданок мешуморад. Шахси пургӯй ҳам беодоб аст. Аз донишманди соҳаи ахлоқ пурсиданд, ки аз рафторҳои шоистае, ки ҳамаи айбҳои одамро пӯшонида, аз ҳама офатҳо ӯро нигоҳ медорад, кадом аст? Ӯ ҷавоб додаст: «Хомӯшӣ».

Ин адибони бузург ба масъалаи дар бачагон тарбия намудани ростӣ ҳамчун яке аз сифатҳои беҳтарини ахлоқӣ аҳамияти хеле калон додаанд. Ростӣ аз рӯйи нишондоди онҳо, дар зиндагӣ барои инсон ниҳоят зарур аст. Касе, ки ростиро пешаи худ сохтааст, одами маданӣ, бомаърифат ва хушахлоқи ҷамъият мебошад. Ҳар як фард ҳам бо ростию росткориаш ҳамчун инсон шинохта шуда, дар байни мардум қадру қимат пайдо мекунад. Аз нуқтаи назари Ашӯр Сафар ростӣ он вақт фоидаовар аст, ки агар одам онро ҳамеша раҳнамои ҳаёти хеш сохта, дар фаъолияти ҳаррӯзааш аз вай истифода барад. Дар натиҷаи ҳама вақт пеша сохтани ростӣ дар ӯ малака ҳосил шуда, ба комёбиҳо соҳиб мешавад. Шоир дар маҷмӯаи «Базми садоқат» дар хусуси он, ки инсон аз каҷрафторӣ ба ҷое намерасад, дар байни мардум обрӯе намегирад, хонандаро ба ростию росткорӣ даъват мекунад:

*Зиндагонӣ ростӣ хоҳад каҷӣ н-ояд ба кор,*
*Чӯби каҷ дар оташ аз беқадриаш ҷо мешавад [2, с.18].*

Дар ҳақиқат одами каҷрафтор ва дурӯғгӯй ба чӯби каҷе мемонанд, ки ба ҳеҷ дарде намехӯрад ва оқибаташ ҳам дар дурӯғҳои худ сӯхтан аст.

Ҳақназар Ғоиб ҳам дар эҷодиёти худ ба ҳалли ин масъала аҳамияти калон дода, дуруст изҳори ақида мекунад, ки ҳар як шахс бояд дар зиндагӣ ва муносибат бо дигарон ростиро пеша кунад. Ростӣ одамро бахри ба мақсаду мaром расидан рӯҳбаланд мегардонад ва ба ӯ қуввату матонат мебахшад, дари бахту саодатро ба рӯяш боз мегардонад:

*Ҷаҳон, ки хилвати розу ниёз аст,*
*Дару даргоҳи Ҳақ аз сӯ боз аст.*

*Муяссар шуд касеро гар раҳи ишқ,*
*Чунинаш ҳам ба роҳи Ҳақ намоз аст [13, с.10].*

Хулоса, бузургони миллати тоҷик баҳри осуда зиндагӣ кардани инсоният ва дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ташаккул ёфтани ҷомеаи башарӣ орзуҳои беҳтарину олиро дар дил мепарвариданд. Ва ин ҳамаро ҳангоми мутолиаи ашъори пурғановаташон метавон пай бурд.

**Муқарриз:*Ҷ.Алимӣ*- доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Ашӯр Сафар. Мунтахабот.- Душанбе: Адиб, 2003.
2. Ашӯр Сафар. Хӯшаи нур.- Душанбе: Адиб, 1998.
3. Ашӯр Сафар. Базми салоқат.- Душанбе: Маориф, 1984.
4. Ашӯр Сафар. Хӯшаи нур.- Душанбе: Адиб, 1998.
5. Саидҷон Ҳакимзода. Куллиёт. - Душанбе: Адиб, 2009.
6. Саидҷон Ҳакимзода. Кӯҳпора. - Душанбе: Адиб, 1996.
7. Саидҷон Ҳакимзода. Фидоӣ.- Душанбе: Адиб, 2009.
8. Ҳақназар Ғоиб. Нафас то бар нафас овози вакт аст / Ҳ. Ғоиб. – Душанбе: Нур, 2005. – 418с.
9. Ҳақназар Ғоиб. Чашми Саҳар. –Душанбе: Адиб, 1989. - 154с.
10. Ҳақназар Ғоиб. Суруши Хатлон. – Кӯлоб: Сада, 1998. - 100с.
11. Ҳақназар Ғоиб. Барги сабзи ишқ. – Кӯлоб: Сада, 1995. - 98с.
12. Ҳақназар Ғоиб. Зинда бо гудозишҳо. – Душанбе: Адиб, 2004. - 253с.
13. Ҳақназар Ғоиб. Ашки отоб. – Душанбе: Адиб, 1999. - 272с.


## ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ТАРБИЯИ ОДОБУ АХЛОҚ ДАР ЭҶОДИЁТИ АДИБОНИ ҲАВЗАИ КӮЛОБ (АШӮР САФАР, ҲАҚНАЗАР ҒОИБ ВА САИДҶОН ҲАКИМЗОДА)


Муаллиф дар ин тадқиқот вижагиҳои хосси масъалаи тарбияи одобу ахлоқи инсониро дар эҷодиёти адибони ҳавзаи Кӯлоб -Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода дар иртибот бо ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои педагогӣ, ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб мавриди омӯзиш ва муқоисаи илмӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки замони муосир дар низоми тарбияи насли наврас ворид намудани навгонии педагогиро ба миён мегузорад. Вобаста ба ин, ашъори шоирони минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода хело назаррас аст. Айни замон муҳим аст, ки ба ҷанбаҳои тарбиявии эҷодиёти адибон диққати бештар дода шавад, чунки он барои ташаккули тарбияи одобу ахлоқи инсон шароит фароҳам меорад. Ба он ноил шудан даркор, ки одамон аз синни хурди мактабӣ на танҳо ашъори ватандӯстона аз худ кунанд, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ онҳоро истифода баранд. Аз ин нуқтаи назар қайд карда мешавад, ки асоси сифатҳои ахлоқии зикргардида дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб дар мактаббачагони хурдсол ташаккул дода мешавад. Дар мақола аҳамияти таъсири ашъори ватандӯстона инъикос гаштааст. Ба андешаи муаллиф, дар замони муосир аҳамияти тарбияи одобу ахлоқ ва тарғиби масоили ахлоқӣ дар ҷомеаи инсонӣ пайваста меафзояд. Тавре ки маълум аст ҳар фарди хушахлоқ дар ҳар муҳиту давру замон соҳиби иззату эҳтироми умум мебошад. Фарде, ки аз одобу ахлоқи ҳамида дур аст, ҳамеша тахти маломату сарзаниш қарор мегирад. Қоидаю меъёрҳои ахлоқ вобаста ба пешрафти ҳаёти ҷамъият ва иқтисоду илму фарҳанг тағйироти сифатӣ мепазиранд. Вале дар ҳар замону макон садоқат адолат, ҳурмату эҳтиром, дӯстӣ, ростӣ ва ғайра моҳияти худро чун меъёри худшиносӣ ва тақозои маънавии ҳаёти ҷамъиятӣ гум намекунанд.



**Калидвожаҳо:** одоб, тарбия, рушд, сухан, ростӣ, инсон, садоқат, ҳурмат, забон, хоксорӣ, покӣ, ҳақиқатҷӯӣ, ҳақиқатбаёнӣ, обрӯ, накукорӣ, далерӣ, мардонагӣ, саховатмандӣ, дӯстию рафоқат, хирадмандӣ, халқпарварӣ, меҳнатдӯстӣ.


## ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМ МОРАЛЬНО-НАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ ЛИТЕРАТОРОВ КУЛЯБА (АШУР САФАР, ХАКНАЗАР ГОИБ И САИДДЖОН ХАКИМЗОДА)


В данном исследовании автор исследовал специфику отражения проблем морально-нравственного воспитания в творчестве литераторов Куляба таких как Ашур Сафар, Хакназар Гоиб и Саиджон Хакимзода с опрой на исторические события, дидактические произведения и творчества поэтов и писателей Куляба. Автор отмечает, что современность вносит новшества в систему воспитания подрастающего поколения. В этом плане очень значима поэзия Ашура Сафара, Хакназара Гоиба и Саиджона Хакимзода. При этом важно уделять больше внимания воспитательным аспектам творчества писателей, так как это создает условия для формирования нравственности человека. Необходимо, чтобы люди с малых лет не только разучивали патриотические стихи, но и использовали их в повседневной жизни. С этой точки зрения отмечается, что основа этих нравственных качеств формируется в семье и школьной среде у младших школьников. В статье подчеркивается важность воздействия патриотической поэзии. По мнению автора, в наше время важность нравственного воспитания и продвижения нравственных проблем в человеческом обществе постоянно возрастает. Как известно, каждый хороший человек в любой среде и в любое время заслуживает всеобщего уважения. Человек, далекий от всеобщей морали, всегда является поводом для упреков и нареканий. Этические правила и нормы подвержены качественным изменениям в зависимости от развития общества, экономики, науки и культуры. Однако во все времена преданность,

справедливость, уважение, дружба, правдивость не теряют своей сущности как критерии самопознания и духовного развития общественной жизни.

**Ключевые слова**: манеры, воспитание, развитие, речь, правда, человек, верность, уважение, язык, смирение, чистота, правдивость, репутация, доброта, отвага, храбрость, щедрость, дружба, мудрость.

**REFLECTION OF THE PROBLEMS OF MORAL AND NAVAL EDUCATION IN THE WORKS OF THE KULYAB LITERATORS**
**(ASHUR SAFAR, HAKNAZAR GOIB AND SAIDJON HAKIMZODA)**

In this study, the author investigated the specifics of the reflection of the problems of moral and ethical education in the works of Kulyab writers such as Ashur Safar, Haknazar Goib and Saidjon Hakimzoda, relying on historical events, didactic works and works of poets and writers of Kulyab. The author notes that modernity is making innovations in the upbringing system of the younger generation. In this regard, the poetry of Ashur Safar, Haknazar Goib and Saidjon Hakimzoda is very significant. At the same time, it is important to pay more attention to the educational aspects of the writers' creativity, as this creates conditions for the formation of human morality. It is necessary that people from an early age not only learn patriotic poems, but also use them in everyday life. From this point of view, it is noted that the basis of these moral qualities is formed in the family and school environment among younger students. The article emphasizes the importance of the impact of patriotic poetry. According to the author, in our time, the importance of moral education and the promotion of moral problems in human society is constantly growing. As you know, every good person in any environment and at any time deserves universal respect. A person who is far from universal morality is always a reason for reproaches and complaints. Ethical rules and norms are subject to qualitative changes depending on the development of society, economy, science and culture. However, at all times, loyalty, justice, respect, friendship, truthfulness do not lose their essence as criteria for self-knowledge and spiritual development of social life.

**Key words:** manners, education, development, speech, truth, man, loyalty, respect, language, humility, purity, truthfulness, reputation, kindness, courage, courage, generosity, friendship, wisdom.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саодати Раҳмоналӣ*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, аспиранти кафедраи педагогика. **Суроға:** 735360,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров,16. Телефон: **988.41.46.61**

**Сведение об авторе:** ***Саодати Рахмонали*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, аспирант кафедры педагогики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова,16. Телефон: **988.41.46.61**

**Information about the author*: Saodati Rahmonali*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, postgraduate student of the Department of Pedagogy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone**: 988.41.46.61**

**УДК:371.01**

# ТАЪЛИМИ МУТТАСИЛ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Тагиров Н.С.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Таҳсилот – раванди муттасил аст, ки барои тарбия, рушди зеҳнии маънавии фарҳангӣ ва салоҳияти касбии аъзоёни ҷомеа равона карда шудааст. Фароҳамории шароитҳои зарурӣ барои ташаккул ва рушди шахсият дар асоси арзишҳои миллӣ ва умуминсонӣ вазифаи асосии таҳсилот мебошад. Низоми баландбардории ихтисосмандӣ «купрук» барои таҳсилоти муттасил мебошад. Ин звенаи зарурӣ байни таҷрибаи таълимӣ, илм ва таҳсилоти педагогӣ мебошад.

Омӯзгори замони муосир доимо дар ҷустуҷӯйи технологияҳои нави инноватсионӣ мебошад то шогирдони худро омода намуда, онҳоро дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда рақобатпазир гардонад. Таҳсилоти муттасили касбӣ воқеияти маълум аст ва имрӯз ҳам мубрам арзёбӣ мегардад. Ба омӯзгор зарур аст, ки аллакай баъд аз панҷ сол тахассуснокиашро баланд бардорад, чунки сатҳи салоҳиятнокии касбии ӯ бояд аз таҳсилоти пойгоҳӣ, ки дар макотиби таҳсилоти олии педагогӣ ба даст овардааст, баланд бошад. Таҳсилот раванди муттасил аст, ки барои тарбия, рушди зеҳнии маънавии фарҳангӣ ва салоҳияти касбии аъзоёни ҷомеа равона карда шудааст. Фароҳамории шароитҳои зарурӣ барои ташаккул ва рушди шахсият дар асоси арзишҳои миллӣ ва умуминсонӣ вазифаи асосии таҳсилот мебошад.[1,32]

Мафҳуми «таҳсилоти муттасил» аввалин бор дар соли 1968 дар маводи ЮНЕСКО –

Бунёди маориф ва илму фарҳанги СММ қайд гардидааст. Дар Россия дар тафсири ин истилоҳот ягонагии ақоид вуҷуд надорад, таърифи қонунан ба расмиятдаровардашудаи таҳсилоти муттасил танҳо дар моҳи сентябри соли 2005 қабул гардид. То ин лаҳза он асосан ҳамчун принсипи сиёсати давлатӣ танҳо дар соҳаи маориф баромад менамуд, на дар соҳаи меҳнат ва шуғлнокӣ[7,15]

Алоқаи мутақобила, ягонагии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳсилоти муттасил моҳияти марҳилаи - сзамимаи амалии консепсияи таҳсилоти муттасил мебошад, ки то имрӯз давом дорад. Инчунин худи тасаввурот оиди принсипи таҳсилоти муттасил аниқ ва мафҳуми он муайян карда мешавад. Соли 1984 аз ҷониби ЮНЕСКО – Бунёди маориф ва илму фарҳанги СММ шарҳи зерини пешниҳод гардидааст: "таҳсилоти муттасил маънии ҳар гуна амалиёти бошууронаро дорад, кик и якдигарро пурра намуда ва дар доираи ҳам низоми маориф ва ҳам берун аз он дар давраҳои гуногуни ҳаётӣ ҷорӣ мегарданд; ин фаъолият ба азхудкунии донишҳо, рушди тамоми паҳлӯҳо ва қобилиятҳои шахсият бо дарназардошти маҳорати таълим гирифтан ва тайёрӣ барои иҷрои уҳдадориҳои гуногуни иҷтимоӣ ва касбӣ, инчунин иштирок дар рушди иҷтимоӣ ҳам дар микёси мамлакат ва ҳам дар микёсӣ ҷаҳонӣ равона карда шудаасит".[1.,33]

Таҳсилоти муттасил дар шаклҳои гуногун қисмати ногузири татбиқи бомуваффақонаи инсон, рақобатпазирии ширкат ва ғункунии сармояи миллии инсонӣ мегардад. Дар асри XI, дар даврони иқтисоди донишҳо, таҳсилоти муттасили касбӣ дар намуди системаи корпоративии таълим ва рушди ҳайати кормандон қисмати муҳимми сохтори ташкилии корхона мегардад. Он қодир аст, ки дар даврони дарозмуддат масоилҳои рақобатпазирии ширкатро ҳал намояд, чунки ба тамоюлоти автоматикунонии равандҳои тиҷорат нигоҳ накарда, маҳз омили инсонӣ чун ҳамешагӣ меҳвар, ҳаракат ва қобили ҳаёт будани ширкатро муайян месозад.

**Таҳсилоти муттасил** ин раванди афзоиши иқтидори таҳсилотии (умумӣ ва касбӣ) шахсият дар тӯли тамоми ҳаёти ӯ дар асоси истифодабарии системаи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар мувофиқа бо талаботи шахсият ва ҷомеа мебошад. Зарурияти таҳсилоти муттасил бо пешрафти илм ва техника, истифодаи васеи технологияҳои инноватсионнӣ шартнок гардидааст.[10,23]

Таҳсилоти муттасил асосан дар ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогӣ баррасӣ мегардад, ки бо маънии муайян таҳсилотро аз ҷомеа бароварда, онро соҳаи худмухтори ҳаёти иҷтимоӣ мегардонад, ва бо ин ташаббускори ҳамгироии таҳсилот ба фазои ҳаётии инсони муосир ва имконияти нигоҳдории «суботро» дар шароити хатарҳои афзояндаи иҷтимоӣ ба миён меорад. Таҳсилоти муттасил давомати анъанаҳои «шахсияти маърифатноки» дорои маълумоти академиро нигоҳ дошта, ҷустуҷӯйи «маъниҳои шахсиятии таҳсилотро» мубрам мегардонад. Бо воситаи таҳсилоти иловагии касбӣ таносуби мутобиқатҳои фазоӣ-вақтӣ, маҳалли иҷтимоии шахсият ва таҷрибаи иҷтимоии ӯ муқаррар мегардад. Принсипи инсондӯстӣ ва баробарӣ ба «имконияти инноватсионикунонӣ» табдил гардида, таҷассуми худро дар фардикунонии маҳрукҳои иҷтимоӣ пайдо менамояд.[3.,4]

Низоми таҳсилоти касбии муттасил имконияти ошкорсозӣ ва ташаккули чунин мафҳумҳоро дар педагогика ба монанди:

- бисёрсатҳии муассисоти таҳсилотӣ;
- пайдарпайӣ ва маневрнокии барномаҳои таълимӣ;
- чандирии шаклҳои ташкилии таълим;
- ҳамгироии сохторҳои таълимӣ;
- азнавтайёркунии кадроҳои касбӣ;
- таҳсилоти ғайрирасмии калонсолон имконпазир мегардонад.[5,510]

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" гуфта шудааст, ки "таҳсилоти муттасил ин бадастории маълумотнокӣ дар тӯли ҳаёт ва мукамалгардонии донишҳо ва ҷаҳонбинӣ".[4,2]

Низоми таҳсилоти муттасили Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосгари соҳаи сохташудаи таҳсилоти миёна, олӣ ва баъдидипломии касбӣ мебошад.

Таърихи рушди таҳсилоти муттасили педагогиро дар марҳилаи кунунӣ баррасӣ намуда, метавон гуфт, ки мубрамияти махсусро дар ҳама давру замон масъалаҳои бо рушди мазмуни таҳсилот алоқаманд ва баландбардории сифати он дорои аҳамияти махсус буданд.

Низоми таҳсилоти муттасили педагогӣ имрӯз ба ҳалли масъалаҳои ташаккули касбӣ-шахсиятии омӯзгор, махсусияти намудҳои фаъолияти он ва доираи доимо тағйирёбандаи ӯҳдадориҳои функсионалии ӯ равона карда шудаанд. Он ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии педагогӣ мутобиқшавии самаранокро дар бозори меҳнат дар шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмин менамояд.

Намои касбии ҷаҳонро ҳамчун ҷанбаи таҳсилоти муттасили омӯзгори макотиби олӣ бояд ҳамчун барандаи самти ҳамарзиши ҳамагуна арзишмандии омӯзгори макотиби олӣ баррасӣ намуд. Ин самт бо он арзишҳои дорои аҳамияти умумӣ пешниҳод гардидааст, ки ба сифати маҳак ин ва ё он муносибати корозмуда бо худ, бо ҷаҳон ва ё одамони дигар баромад менамоянд. Дар мувофиқа бо махсусияти қайдгардидаи касби омӯзгори макотиби олӣ, фан ва соҳаи фаъолияти ӯ ба сифати шарти пешакӣ, ки характери ташаккули мазмуни арзишманди намои касбии ҷаҳонро муайян месозанд, мазмуни арзишманди фарҳанги тамаддуни рушди босубот ҳамчун предмети фундаменталии меҳнати омӯзгори макотиби олӣ муайян карда шуд. .[10.,12]

Рушди таҳсилоти касбии муттасил бо суръатбахшии пешрафти илмӣ-техникӣ, пайдоиши доимии технологияҳои нав ва воридшавии онҳо ба аксарияти соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон шартнок гардидааст.[5,66] Ин малакаву донишҳои нав, азнавсозии доимии донишҳои универсалии системавӣ ва малакаҳои касбиро талаб менамояд. Ин тамоюлот бо масоили бесаводии функсионалӣ наздик аст, вақте ки инсон нисбати ӯҳдадориҳои касбии худ ва ё шароити тағйирёбанда тайёр нест. Ғайр аз ин, сифати кори ҳайати кормандон ба менеҷменти ширкат таъсир мерасонад, ки сифати он яке аз омилҳои муҳимми фаъол мондан дар бозорҳои сатҳи рақобатнокиашон баланд мебошад.

Рушди мувофиқи касбӣ танҳо дар он сурат имконпазир аст, агар инсон ояндаи дилхоҳи худро лоиҳакашӣ намуда, ба арзишҳои дараҷаи баланди мавҳум такя намояд. Бинобар ин, кӯшишҳои бошуури шахси кордон оиди рушди ҷаҳони арзишноки шахсӣ, ки мақсади он баромад ба сатҳи муносибатҳои ҳаётӣ мебошад, ки бо принсипи аҳамиятноки ирсӣ танзим мегардад. Сухан оиди зарурият ва имконияти идоракунии рушди ҷаҳони арзишманд меравад, ки ин созишсозии доимии ҷаҳони мавҷудаи шахси кордонро бо самтнокии бунёдии рушди ҷаҳони арзишманд барои муқаррарсозии мутобиқат дар назар дорад; болоравии мақсаднок ба чунин сатҳҳои рушди он, ки бо умумияти баланд, мавҳумияти арзишҳо тавсиф меёбанд, ки асоси ҳама гуна муносибатҳои ҳаётӣ мебошанд. Дар баробари ин, мазмуни чунин кори мақсадноки шахси кордон қобилияти лоиҳакашии ояндаи дилхоҳи касбӣ бо такя ба арзишҳои дорои дараҷаи баланди умумият (мавҳумият) мебошад, ки он болоравии ӯро дар рушди касбӣ дар самти марҳилаҳои фаннӣ ба иҷтимоӣ-фарҳангӣ шартнок мегардонад. Чунин қобилият дар пажӯҳишҳо ҳамчун қобилияти шахси кордон нисбати идоракунии арзишманди асосноккардашудаи таҳаввулоти касбии худ мебошад. Мураккабият, харҷи зеҳнӣ ва энергетикии чунин идоракунӣ мурочиат ба таҳлили имконияти рушди чунин қобилиятро бо воситаҳои таҳсилот талаб менамоянд.

Таҳсилоти муттасил дар тӯли ҳаёт мафҳуми хеле васеъ мебошад, ки метавонад рушди нахустини кӯдак ва худомӯзии одамони пиронсолро бо ёрии китобҳо ва ё шабакаи Интернет дар бар гирад. Он имконияти мутобиқшавӣ ба шароитҳои тағйирёбандаи ҳаётро фароҳам меорад. Тақсимоти бамавриди таҳсилоти муттасил ба институтсионализатсияшуда (муассисаҳои таълимӣ, курсҳо, мафҳилҳо ва ғайра) ва ғайриинститутсионализатсияшуда (худомӯзӣ) бамаврид мебошад. Дар навбати худ, таҳсилоти институтсионализатсияшударо метавон ба расмӣ ва ғайрирасмӣ тақсим кард. Таҳсилоти расмӣ – ин таҳсилот дар доираи як навъ система мебошад, ки дар натиҷаи он инсон инсон номаи камол, диплом ва ё сертификат ба даст меорад, ки додани тахассус ва ё дараҷаро тасдиқ менамоянд. Тамоми дигар , таҳсилоти институтсионализатсияшударо метавон ғайрирасмӣ ҳисобид, чунки бо баитмомрасии таҳсил таҳо ҳуҷҷате дода мешавад, ки дар бораи додани тахассус ва ё дараҷа шаҳодат нахоҳад дод. Таҳсилоти муттасил ҳамчун таҳсилоти калонсолон дорои махсусияти худ мебошад, ва он дар доираи дархостҳо, технологияҳои таҳсилот ва чаҳорчубаҳои муваққатӣ нуҳуфтааст. Ин метавонад ҳам омӯзиши забони англисӣ барои худ, ва гирифтаи ҳуқуқи ронандагӣ ва азхудкунии таъминоти касбии барномавӣ ва ғайра бошад дар вақте ки таҳсилоти касбии муттасил ба мубрамисозии доимии малакаву донишҳои касбӣ равона карда шудааст.

Вақте ки сухан оиди таҳсилоти аҳолии калонсоли ҷомеа меравад, бояд фарқиятро аз таҳсилоти насли наврас ба инобат гирифт. Калонсолон, чун қоида, аллакай дорои таҷрибаи фаъолияти таҳсилотӣ мебошанд. Талаботи онҳо аниқ ва прагматӣ мебошад. Ғайр аз ин, таҳсилоти калонсолон дорои талаботи махсус нисбати ташкили таълим мебошад (доираҳои муваққатӣ, зарурияти ба ҳам мувофиқ кардани фаъолияти меҳнатӣ ва таҳсил).

Дар раванди фаъолияти касбӣ инсон доимо захираи донишу малакаҳояшоро пурра намуда, тахассуснокиашро баланд менамояд. Дар ҳолати мказкур дар асоси тайёрии касбӣ принсипи муттасилӣ нуҳуфтааст. Мақсади таҳсилоти касбии муттасил аз рушди мустақилият, мақсаддор будан ва масъулиятшиносии таълимгирандагон, пурзӯрсозии қобилияти мутобиқшавӣ ба дигаргуниҳо, ки дар иқтисод ва фарҳанги ҷомеа инчунин ҳаёти касбӣ ба миён меояд.

Байни масъалаҳое, ки ҳалли онҳо аз рӯи ақоиди олимон О.Л.Шор [12, 24]., ва Е.С.Сжёнова [9,95] барои рушди системаи таҳсилоти муттасил зарур аст, инҳоро бояд қайд намуд:

–азнавсозии пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори тасилот, иттилоотикунонии босуръати он;

–мукаммалсозии маҳорати «истифодабарандагии» омӯзгорон;

–таъсиси системаи баҳогузории экспертии «маҳсулоти» иттилооти омӯзгорон (машғулиятҳо, лоиҳаҳои шабакавӣ ва ғайра);

–таъмини характери инноватсионнии таҳсилоти касбӣ аз ҳисоби ҳамгироии таҳсилот илм ва истеҳсолот; коркарди лоиҳаҳое, ки бо рушди соҳаҳои гуногуни иқтисод, илми бунёдӣ бо азнавсозии мазмуни таҳсилот ва технологияи таълим алоқаманданд;

–гузариш ба присипи модулии барномаҳои талимӣ, ки ин имконияти таъмини чандирӣ ва вариативнокии таҳсилот, самтнокии шахсиятии он ва мувофиқати зиёдро ба талаботи бозор таъмин менамояд;

–сохтани системаи муосири мобилӣ ва чандири таҳсилоти касбии муттасил ҳамчун қисмати асосии системаи умумии таҳсилоти муттасил[12, 24].

Чунин дарки моҳияти касб зарурияти мурочиат ба методологияи муносибати «Инсон-Ҷаҳонро» муайян месозад, ки дорои қувваи барзиёди шарҳдиҳӣ дар ҷустуҷӯйи асосҳои мувофиқгардонии таҳаввулоти касбии омӯзгори макотиби олӣ бо воситаҳои таҳсилоти ӯ мебошад.[1,7] Такя ба принсипи методологии Ҳамаягонагӣ на танҳо аҳамиятнокии баррасии масоили касбикунонии инсонро дар ҳошияи равандҳои боз ҳам бузург (мавҷудияти ҷаҳон ва мавҷудияти инсон) на танҳо шартнок намуд, инчунин вазъро оиди самтнокии умумии тамоми ин равандҳо дар ҳошияи пайдоиши Ҷаҳони умум (батартибдарории амиқи дохилӣ байни унсурҳои ҷаҳон) мубрам гардонд. Дигар принсипи бунёдии методологияи муносибати «Инсон-Ҷаҳон» (принсипи рушд) муносибат ба таҳлили сабабҳои рушд, механизмҳои ҳалли мухолифат, алоқаи шароитҳои дохилӣ ва берунаи мавҷудият ва амаликунии инсон муайян намуда, инчунин аҳамиятнокии таҳлили рушди касбии инсонро дар ҳошияи рушди «Инсон-Ҷаҳон» ба қайд гирифт. Дарки тавсифоти моҳиятноки Ҷаҳон, Инсон, муносибати «Инсон-Ҷаҳон» аз ин мавқеоти методологӣ ба доираи таҳқиқот воридсозии мафҳуми «ҷаҳони ҳаётӣ», «таҷрибаи ҳаётӣ, «муносибати ҳаётӣ», «ҳаёти касбиро» тақозо намуда, инчунин тасдиқи адолати принсипҳои бунёдии мавҷудияти инсон барои дигарон, равандҳои миқёсан камро (масалан, мавҷудияти ӯ дар касбро) имконпазир гардонд.

**Муқарриз: *Мирзоев А.Р.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Алиев И.М. Непрерывное профессиональное образование. /И.М Алиев. М-2016 .
2. Арнаутов В. В., Сергеев Н. К. Историко-педагогический анализ становления и развития системы непрерывного педагогического образования./ В. В. Арнаутов, Н. К. Сергеев. Архивная копия от 25 мая 2017 на Wayback Machine
3. Ермакова, Л. И. Непрерывное образование: социальная практика дополнительного профессионального образования./ Л. И. Ермакова Автореф док. филос.наук: 09.00.11 М., 2005. -48
4. Жаркова Е.Н. Проблемы развития дополнительного профессионального педагогического образования в современных условиях / Е.Н. Жаркова. // Профессиональное образование в России и за рубежом. – 2012. – № 1 (5). – С. 6-10.

5. Закон Республика Таджикистан «Об образовании» 22.06.2013.
6. Кеспиков В.Н. Непрерывное профессиональное развитие педагогических работников в контексте особенностей введения федерального государственного образовательного стандарта среднего общего образования / В.Н. Кеспиков. Томск-2018
7. Климбей Л. В. Непрерывное образование в системе повышения квалификации педагогических работников. / Л. В. Климбей. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2017. — № 12 (146). — С. 509-511.
8. Mkrttchian, V. Training of Avatar Moderator in Sliding Mode Control / V. Mkrtt-chian, G. Stephanova // Project Management Approaches for Online Learning Design / G. Kurubacak & T. Vokan Yuzer (eds). - Hershey, PA : IGI Global, 2013. -P. 175-203.
9. Молокова А.В. Комплексный подход к информатизации образовательного процесса в начальной школе: монография/ А.В. Молокова. – Новосибирск: Изд-во НИПКиПРО, 2011. – 365 с.
10. Пономарёва, О. Н. Повышение квалификации учителей: проблемы и пути решения в российском образовании / О. Н. Пономарёва // Известия ПГПУ. Общественные науки. - 2012. - № 28. - С. 957-960.
11. Сжёнов Е.С. О разработке концепции непрерывного образования: основания и принципы/ Е.С. Сжёнов. //Высшее образование в России. – 2011. № 2. – С. 93-98.
12. Шафранова О. Е. "Непрерывное образование преподавателя высшей школы - основа оптимизации его профессионального развития" / О. Е. Шафранова Автореф дис д.п.н. Владивосток — 2012
13. Шеховцов В.В, Гоник И.Л. Проблемы и тенденции развития дополнительного профессионального образования / В.В Шеховцов, И.Л.Гоник. Новосибирск-2017
14. Шор О.Л. Телекоммуникационные технологии в системе повышения квалификации как средство развития медиакультуры педагогов:/ О.Л. Шор автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01. – СПб., 2011. – 24 с.

## ТАЪЛИМИ МУТТАСИЛ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола рушд ва ташаккули таълими муттасил таҳлил карда шудааст. Консепсия ва системаи таълими муттасил дода шудааст. Таълими муттасил ҳамчун таҳсилоти калонсолон (бо камбудиҳои муайян дар мактаб, таҳсилоти ибтидоӣ), ҳамчун шакли дониши иловагӣ қабул карда мешавад. Таълими муттасил ҳамчун як шакли зарурии такмили ихтисос ҳисобида мешавад, ки бо кори мустақими мутахассис алоқаманд аст. Таълими муттасил ҳамчун курсҳои такмили ихтисоси мутахассисон на танҳо дар доираи тахассус, балки дар доираи касб ба ҳисоб меравад. Таълими муттасил, соҳиби мақоми иҷтимоӣ, ҳамчун механизми мутобиқшавӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ҳар як калонсол барои ёфтани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа ва ҳаёти меҳнатӣ кӯмак мекунад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди фаъолияти касбӣ инсон доимо захираи донишу малакаҳояшоро пурра намуда, тахассуснокиашро баланд менамояд. Дар ҳолати мказкур дар асоси тайёрии касбӣ принсипи муттасилӣ нуҳуфтааст. Мақсади таҳсилоти касбии муттасил аз рушди мустақилият, мақсаддор будан ва масъулиятшиносии таълимгирандагон, пурзӯрсозии қобилияти мутобиқшавӣ ба дигаргуниҳо, ки дар иқтисод ва фарҳанги ҷомеа инчунин ҳаёти касбӣ ба миён меояд.

**Калидвожаҳо:** таълими муттасил, консепсия, система, рушд, раванд, омӯзгор, шахсият.

## НЕПРЕРЫВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализировано развитие и становление непрерывного образования. Автором дано разъяснение понятию системы непрерывного образования. Непрерывное образование осознаётся как образование взрослых (имеющих определённые пробелы в школьном базовом образовании), как форма получения дополнительных знаний. Непрерывное образование рассматривается как необходимая форма повышения квалификации, которая связана с непосредственной работой специалиста. Также автор отмечает, что непрерывное образование рассматривается как курсы повышения квалификации специалистов не только в рамках специализации, но и в рамках профессии. Непрерывное образование, приобретя социальный статус, рассматривается как механизм адаптационного характера, который помогает каждому взрослому человеку находить свое место в обществе, трудовой жизни. Автор также указывает на то, что в процессе профессиональной деятельности человек постоянно пополняет запас знаний и навыков, повышает квалификацию. В данном случае в основе профессиональной подготовки заложен принцип непрерывности. Цели непрерывного профессионального образования заключаются в развитии самостоятельности, целеустремленности и ответственности у обучающегося, укреплении способности адаптироваться к преобразованиям, происходящим в экономике, культуре, обществе в целом, а также в профессиональной жизни.

**Ключевые слова**: непрерывное образование, понятие, система, развитие, процесс, преподаватель, личность.

## LIFELONG EDUCATION IN THE EDUCATIONAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes the development and formation of lifelong education. The author explains the concept of the system of continuous education. Continuing education is understood as education of adults (with certain gaps in school basic education), as a form of obtaining additional knowledge. Continuing education is seen as a necessary form of professional development, which is associated with the direct work of a specialist. The author also notes that lifelong education is viewed as advanced training courses for specialists not only within the framework of specialization, but also within the profession. Continuing education, having acquired a social status, is viewed as an adaptation mechanism that helps every adult to find his place in society and working life. The author also points out that in the process of professional activity, a person constantly replenishes his stock of knowledge and skills, improves his qualifications. In this case, the principle of continuity is at the heart of vocational training. The goals of continuing professional education are to develop

independence, purposefulness and responsibility in the student, to strengthen the ability to adapt to the transformations taking place in the economy, culture, society as a whole, as well as in professional life.

**Key words:** continuing education, concept, system, development, process, teacher, personality.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тагиров Насимҷон Сайдуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail**: t.n.s.-23@mail.ru.** Телефон: **+992 92 729-55-33.**

**Сведения об авторе:** ***Тагиров Насимджон Сайдуллоевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail**: t.n.s.-23@mail.ru.** Телефон: **+992 92 729-55-33.**

**Information about the author:** ***Tagirov Nasimjon Saidylloevich*** **-** Khujand State University named after academician B.G. Gafurov, candidate of pedagogical sciences, associate professor. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1. . E-mail**: t.n.s.-23@mail.ru.** Phone: **+992 92 729-55-33.**

**УДК:371.7**

## ТАРЗИ ЗИНДАГӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА САЛОМАТӢ

***Сармусоқова Г.Н.***

**Филиали муассисаи давлатии Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд**

Барои ҳифз ва рушди неруи маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонӣ инсоният дар тӯли рушди худ институтҳои дахлдори иҷтимоиро ташкил додааст. Дар ҳифзи маънавиёти инсон нақши дин, санъат, адабиётро аз будаш зиёд нишон додан душвор аст. Иқтидори зеҳниро низоми маориф ва таълим, илм ҳифз ва рушд медиҳад. Масъулияти неруи ҷисмонӣ тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳифзи саломатӣ, низоми фаъолияти фароғатӣ ва ғайра мебошанд. Ба андешаи мо, таълим ва маърифати шахс бояд дар ташаккули фарҳанги шахсият, афзоиши неруи зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва маънавии инсон нақши назаррас дошта бошанд.

Яке аз омилҳои муҳим, ки саломатиро муайян мекунад, тарзи ҳаёти шахс мебошад. Метавон гуфт, ки тарзи зиндагӣ яке аз категорияҳои муҳимтарин аст, ки ғояҳоро дар бораи як навъи ҳаёти инсон муттаҳид мекунад. Тарзи зиндагӣ бо хусусиятҳои ҳаёти ҳаррӯзаи инсон тавсиф карда мешавад, ки фаъолияти меҳнатии ӯ, зиндагии рӯзмарра, шаклҳои истифодаи вақти холӣ, қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавӣ, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои рафторро дар бар мегирад. Тарзи зиндагӣ яке аз меъёрҳои пешрафти иҷтимоии инсон аст.

Ҳангоми таҳлили тарзи ҳаёти солим одатан ҷузъҳои гуногуни он, ба монанди касбӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар намудҳои фаъолият ба назар гирифта мешаванд. Намудҳои асосӣ фаъолияти иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва ҷисмонӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, чизи асосӣ дар тарзи ҳаёти инсон аз роҳҳо ва шаклҳои асосии ҳаёт, самтгирии он иборат аст. Бояд дар назар дошт, ки ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ дар тарзи зиндагӣ, арзишҳо, муносибатҳо, меъёрҳои рафтор ва ғайра аз якдигар тафовут доранд. Тарзи ҳаёт, ки ба андозаи зиёд бо шароити иҷтимоию иқтисодӣ муқаррар карда шудааст, аз ангезаҳои фаъолияти як шахс, хусусиятҳои психикаи ӯ, вазъи саломатӣ ва имкониятҳои функсионалии организм вобаста аст. Ин, аз ҷумла, имконоти гуногуни воқеии тарзи ҳаёти одамони гуногунро мефаҳмонад.

Аммо, тарзи зиндагии одамон монанд буда наметавонад, зеро ҳамаи мо гуногун ҳастем. Маълум аст, ки тарзи ҳаёти солим онест, ки инсонро ба давомнокии мувофиқии ҳаёт мерасонад. Ин танҳо дар ҳолате буда метавонад, ки шахс воқеан ба саломатии худ

таваҷҷуҳ дошта бошад ва онро идора карда тавонад [3, с. 39].

Барои ошкор кардани мундариҷа ва сохтори мафҳуми «ташаккули фарҳанги тарзи ҳаёти солим», мо ба як тартиби муайян ба истилоҳот зерин такя кардем: «саломатӣ», «тарзи ҳаёт», «тарзи солим», "бехатарӣ", "тарзи ҳаёти бехатар", "фарҳанг", "фарҳанги саломатӣ", "ташаккул", "ташаккули фарҳанги саломатӣ", "ташаккули фарҳанги тарзи ҳаёти солим". Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) солимиро ҳамчун ҳолати на танҳо набудани беморӣ ё нуқсонҳои мавҷудаи ҷисмонӣ, балки беҳбудии комили ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ таъриф медиҳад [8, с. 56].

И.И. Брехман саломатиро ҳамчун қобилияти нигоҳ доштани устувории шахс муайян мекунад, ки ба синну сол дар шароити тағйирёбии шадиди бузургии миқдорӣ ва сифатии ҷараёни сегонаи иттилооти сенсорӣ, шифоҳӣ ва сохторӣ мувофиқ аст [9, с.32].

Э.А. Чернявская саломатиро ҳамчун ҳолати динамикии солимии ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад, ки иҷрои пурраи вазифаҳои меҳнатӣ, ақлӣ ва биологии инсонро дар шароити ҳадди аксар дарозии умр таъмин мекунад [19, с. 57].

О.А. Александров [3, с. 43] ду самти бехатариро фарқ мекунад - самти тарзи ҳаёти зарурии бехатарӣ ва самти зиндагии кофии солим.

Самти тарзи ҳаёти зарурии бехатарро муқаррароти зерин тавсиф медиҳанд:

- ҳифзи ҷисмонӣ (солимии ҷисмонӣ) - фарҳанги ҷисмонӣ, амният, мудофиаи шаҳрвандӣ, чораҳои бехатарӣ, муҳофизат аз терроризм ва ғайра;
- муҳофизати равонӣ (солимии равонӣ) - қаноатмандӣ аз сатҳи маълумот ва аҳамияти минбаъдаи он;
- ҳолати санитарию гигиенӣ (экология), ташкили ҳифз ва назорати низомҳои санитарӣ.

Ба гуфтаи Ю.П. Лиситсин, тарзи ҳаёт як навъи муайяни таърихан муайяншуда, намуди фаъолияти ҳаётӣ ё тарзи муайяни фаъолият дар соҳаҳои маънавӣ ва моддии ҳаёти одамон мебошад [12, с. 33].

Дар самти психологӣ ва педагогӣ тарзи ҳаёти солим аз нуқтаи назари фаҳмиш, психологияи инсон, ҳавасмандӣ баррасӣ карда мешавад. Дигар нуқтаи назарҳо низ мавҷуданд (масалан, биотиббӣ), зеро онҳо ба ҳалли масъалаи беҳбуди саломатии шахс нигаронида шудаанд [4, с. 60].

Ю.П. Лиситсин менависад, ки тарзи ҳаёти солим на танҳо ҳама чизест, ки ба саломатии одамон таъсири судманд мерасонад. Дар ҳолати кунунӣ, дар бораи ҳамаи ҷузъҳои чорабиниҳои мухталиф сухан меравад, ки ба ҳифз ва солимгардонӣ нигаронида шудаанд [12, с. 33].

Проблемаи ҳифзи саломатӣ дар низоми арзишҳои иҷтимоӣ ва афзалиятҳои ҷомеа мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Тавре ки медонем, коҳиши сатҳи таваллуд, афзоиши фавт ва коҳиши дарози умрии аҳолии Тоҷикистон вақтҳои охир нигаронкунанда шудааст. Вазъи номусоиди демографӣ чораҳои ҳифз ва таҳкими саломатии аҳолии кишвар ва пеш аз ҳама ҷавононро ҳамчун афзалияти миллӣ ба миён мегузорад. Шароити муосири зиндагӣ ба саломатӣ ва қобилияти зеҳнии ҷавонон талаботҳои зиёдтарро пеш меорад. Дар шароити инқилоби илмию техникӣ ва дигаргунсозӣ дар мамлакати мо аҳамияти иҷтимоии инсонро маълумоти тахассусии касбӣ ва саломатӣ муайян мекунанд. Ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои такмил додан, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос бо таҳким ва ҳифзи саломатӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва қобилияти меҳнатии ҷавонон зич алоқаманд аст.

Дар баробари сатҳи касбӣ, вазъи саломатии хонандагон бояд ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи тайёрии мутахассисони баландихтисос, ҳамчун заминаи умри

дарозу созандаи кадрҳои илмӣ баррасӣ карда шавад. Сифати ҳаёт нишондиҳандаи ҷудонашавандаи фаъолияти ҷисмонӣ, психологӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоии инсон мебошад.

Тандурустӣ дар моҳияти худ бояд аввалин талаботи инсон бошад. Тибқи хулосаи табибон, танҳо 30% хонандагон ягон норасоии саломатӣ надоранд ва боқимондаро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: хонандагоне, ки дар онҳо мушкилоти психоэмотсионалӣ ва функсионалӣ танҳо дар шароити шадид пайдо мешаванд, масалан, дар аввали омӯзиш ё ҳангоми имтиҳонҳо; хонандагоне, ки аллакай пешгӯиҳои беморӣ доранд, бидуни шароити шадид, масалан, афзоиши даврии фишори хун ё сатҳи қанди хун; хонандагони дорои нуқсонҳои функсионалӣ; хонандагон бо нишонаҳои патологии устувор.

Бемори ин зуҳури раванди халалдоршудаи ҳаёт, ки дар натиҷаи ба организм таъсир расонидани ангезандаҳои шадид (омилҳои физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ ва иҷтимоии муҳити беруна) ё мавҷудияти нуқсонҳои рушд, дар сурати вайрон кардани ягон кас ва дигар механизмҳои мутобиқшавӣ бо қисман вайрон кардани озодии ҳаёт мебошад. Сабабҳои асосии ихтилофи назаррас дар вазъи саломатӣ ва рушди ҷисмонӣ дар байни хонандагон нодидани унсурҳои асосии тарзи ҳаёти солим, нокифоягии фаъолияти ҷисмонӣ, мавҷудияти одатҳои бад ва ғайра мебошанд.

Дар Энсиклопедияи Бузурги Тиббӣ саломатӣ ҳамчун ҳолати табиии бадани инсон тафсир карда мешавад, вақте ки функсияҳои тамоми узвҳо ва низомҳои он бо муҳити берунӣ мувозинат мекунанд ва тағйироти дардовар ба амал намеоянд. То ба имрӯз ягон таърифи ҳамаҷонибаи саломатӣ вуҷуд надорад. Ба маънои одии ҳаррӯза, ба ин савол аксар вақт бидуни андеша ҷавоб дода мешавад: "Саломатӣ он вақте аст, ки ҳеҷ чиз дард накунад.

"Ҳанӯз дар аввали солҳои 40-уми асри XX ба мафҳуми «саломатӣ» чунин таъриф дода шуда буд: «Одаме, ки бо рушди ҳамоҳанг фарқ карда мешавад ва ба муҳити ҷисмонию иҷтимоии атрофаш хуб мутобиқ аст, метавонад солим ҳисобида шавад». Тибқи таърифи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ), "саломатӣ ин вазъи солимии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ мебошад, на танҳо набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмонӣ." Аслан, ин идеалест, ки мо бояд ба он саъй кунем.

Тибқи гуфтаи В.П. Петленко ва Д.Н. Давиденко, ки аксари таърифҳои мафҳуми «саломатӣ»-ро, ки имрӯз мавҷуданд, ҷамъ овардаанд, гуфтан мумкин аст, ки саломатӣ ин: 1) ҳолати бадан, мувофиқати сохт ва вазифаи узвҳо, инчунин қобилияти низомҳои танзимкунанда барои нигоҳ доштани гомеостаз (муҳити доимии дохилӣ); 2) раванди ҳифз ва рушди қобилиятҳои ақлӣ, ҷисмонӣ ва биологии инсон, қобилияти кории мувофиқии ӯ, фаъолияти иҷтимоӣ; 3) қобилияти бадан дар нигоҳ доштани устувории мувофиқ ба синну сол дар шароити тағйирёбии шадиди бурузургиҳои миқдорӣ ва сифатии ҷараёни секунҷаи иттилооти сенсорӣ, шифоҳӣ ва сохторӣ; 4) ҳолати организм, ки қобилияти мутобиқшавии онро муайян мекунад ва заминаи ниёзмандӣ-ҳавасмандгардонӣ ва иттилоотии ҳаёти организмро ташкил медиҳад; 5) на танҳо мавҷуд набудани беморӣ ё норасоиҳои функсионалии бадан, балки мавҷудияти сатҳи баланди фаъолияти низомҳои гуногун, инчунин мувофиқати рушд; 6) чунин ҳолати бадан, вақте ки функсияҳои ҳама низомҳо бо муҳити беруна мувозинат мекунанд ва тағйироти дардовар ба амал намеоянд; 7) мавҷудият, ки ба иштироки ҳамаҷониба дар намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ ва ғайра имкон медиҳад; 8) ҳолати муқаррарии психосоматикии шахс, ки қобилияти дарк намудани нерӯи ҷисмонӣ ва рӯҳонияш қобилияти мувофиқии низоми эҳтиёҷоти моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро дорад. Тандурустӣ ҳамчун як масъалаи илмӣ маҷмӯи биотиббӣ,

тарбияи ҷисмонӣ ва тандурустӣ, илмҳои иҷтимоӣ ва психологиро дар бар мегирад [5, с. 36].

"Тандурустӣ ҳама чиз нест, аммо ҳама чиз бе саломатӣ ҳеҷ аст" (Суқрот). Асрҳо гузаштанд, аммо ақидаҳо дар бораи саломатӣ ҳамчун арзиши олӣ дар байни категорияҳои дигар (идеалҳо, хушбахтӣ, зебоӣ ва ғ.) тағйир наёфтанд. Гузашта аз ин, бо рушди ҷомеа, афзоиши сатҳи некуаҳволӣ арзиши саломатӣ меафзояд. Тандурустӣ ҳамчун яке аз шартҳои зарурӣ барои ҳаёти фаъол, созанда ва пурмазмун амал мекунад. Танҳо шахси солим, ки дорои саломатӣ, некбинӣ, устувории психологӣ, нишондиҳандаҳои баланди рӯҳӣ ва ҷисмонӣ мебошад, қодир аст, ки фаъолона зиндагӣ кунад, мушкилоти касбӣ ва ҳаррӯзаро паси сар кунад ва дар ҷаҳони муосири динамикӣ муваффақият ба даст орад.

Тарзи ҳаёт фаъолияти одамеро дар назар дорад, ки дар шароити мушаххаси зиндагӣ ба амал меояд, ба онҳо муносибат мекунад ва аз онҳо вобаста аст. Бояд дар назар дошт, ки тарзи зиндагии инсон ва оила вобаста ба шароит худ аз худ инкишоф намеёбад, балки дар тӯли ҳаёт мақсаднок ва доимо ташаккул меёбад. Тарзи ҳаёти солим тарзи ба нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани саломатии одамон нигаронида шудааст. Тарзи ҳаёти солим вазъи саломатии инсонро беш аз 50% муайян мекунад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим тавассути тағйир додани услуб ва тарзи ҳаёт фишанги асосии пешгирии аввалия дар таҳкими саломатии аҳолӣ, такмил додани он бо истифода аз донишҳои гигиенӣ дар мубориза бо одатҳои бад мебошад.

Дар айни замон, фарқ кардани якчанд ҷузъи саломатӣ одат шудааст: 1. саломатии ҷисмонӣ (соматикӣ) - ҳолати ҷории унсурҳои таркибии тамоми организм (ҳуҷайраҳо, бофтаҳо, узвҳо ва низомҳои узвҳои бадани инсон). 2. Солимии равонӣ ҳолати соҳаи равонии инсон мебошад. Асоси солимии равониро ҳолати тасаллои умумии равонӣ ташкил медиҳад, ки танзими муносиби рафторро таъмин мекунад. Ин ҳолат бо ниёзҳои ҳам табиати биологӣ ва ҳам иҷтимоӣ ва инчунин имкониятҳои қонеъгардонии онҳо муайян карда мешавад. Ташаккули дуруст ва қонеъ кардани ниёзҳои аввалия асоси солимии равонии инсон аст.Асоси ҷузъи ахлоқии саломатии инсонро низоми арзишҳо, муносибат ва сабабҳои рафтори шахс дар муҳити иҷтимоӣ муайян мекунад. Ин ҷузъ бо мафҳумҳои умумиинсонии ростӣ, некӣ, муҳаббат ва зебогӣ алоқаманд аст ва онро маънавиёт, дониш ва тарбияи инсон муайян мекунад.

Ҷузъи ахлоқии саломатӣ бо мувофиқати табиати ҳаёти инсон ва амалҳои ӯ ба қонунҳои умумиҷаҳонӣ муайян карда мешавад.

3. Саломатии касбӣ ин хусусияти умумиҷаҳонии саломатии шахс мебошад, ки дар шароити мушаххаси фаъолияти касбии ӯ баррасӣ карда мешавад, инчунин раванди ҳифз ва рушди хусусиятҳои танзимкунандаи бадан, некуаҳволии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоии ӯ.

4. Тандурустии иҷтимоӣ. Муносибати иҷтимоӣ ба саломатӣ ба таърифи манфии он асос ёфтааст. "Ҷамъияти солим" ҷомеаест, ки сатҳи "бемориҳои иҷтимоӣ" ҳадди ақал аст. Беморӣ, аслан, як падидаи биологӣ мебошад ва мафҳуми солимии иҷтимоӣ »аз ин рӯ, аз бисёр ҷиҳатҳо маънои маҷозӣ дорад. "Солимии иҷтимоӣ" чунин маъно дорад: аҳамияти иҷтимоии баъзе бемориҳо бо сабаби паҳншавии онҳо, зарари иқтисодии аз ҷониби онҳо расонидашуда, вазнинӣ (яъне таҳдид ба мавҷудияти аҳолӣ ё тарс аз чунин таҳдид); таъсири сохтори иҷтимоӣ ба сабабҳои бемориҳо, хусусияти ҷараён ва натиҷаҳои онҳо (яъне имконияти барқароршавӣ ё марг); арзёбии ҳолати биологии як қисми муайян ё тамоми аҳолӣ дар асоси нишондиҳандаҳои интегралии (ҷамъбастаи) оморӣ, ки ба истилоҳ омори иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Аслан, саломатӣ иқтидори биоиҷтимоии ҳаёти инсон аст. Ба андешаи В.А. Ананев (1999), фарқ кардани як қатор навъҳои неруи инсонӣ ба мақсад мувофиқ аст: 1. Иқтидори

ақли инсон (ҷанбаи зеҳнии саломатӣ) - қобилияти шахс дар рушди зеҳнӣ ва қобилияти истифода бурдани он. 2. Иқтидори иродаи шахс (ҷанбаи шахсии саломатӣ) - қобилияти шахс барои худшиносӣ; қобилияти гузоштани ҳадафҳо ва ноил шудан ба онҳо бо интихоби воситаҳои мувофиқ. 3. Иқтидори эҳсосотии инсон (ҷанбаи эҳсосии саломатӣ) - қобилияти шахс барои изҳори эҳсосоти худ, фаҳмидан ва қабул кардани эҳсосоти дигарон бидуни доварӣ. 4. Иқтидори бадани инсон (ҷанбаи ҷисмонии саломатӣ) ин қобилияти ташаккули ҷузъи ҷисмонии саломатӣ, «дарк кардани» ҷисми худ ҳамчун хусусияти шахсияти ӯ мебошад. 5. Иқтидори иҷтимоии инсон (ҷанбаи иҷтимоии саломатӣ) - қобилияти шахс барои ба шароит мутобиқ шудан; саъй кардан барои мунтазам баланд бардоштани сатҳи салоҳияти иртиботӣ; ҳисси мансубият ба тамоми инсоният. 6. Иқтидори эҷодии шахс (ҷанбаи эҷодии саломатӣ) - қобилияти шахс ба фаъолияти эҷодӣ, қобилияти эҷодкорона дар ҳаёт ифода кардани худ, аз доираи дониши маҳдуд берун баромадан. 7. Иқтидори маънавии инсон (ҷанбаи маънавии саломатӣ) - қобилияти ташаккул додани табиати маънавии инсон [5, с. 69]

Ҳамин тариқ, мафҳуми "саломатӣ" мураккаб буда, дарки дурусти саломатӣ ҳамчун падидаи бисёрҷузъӣ, албатта, аз фарҳанги умумӣ ва дониши инсон вобаста аст.

**Муқарриз:** ***Азизов А.А.*** **–доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Агаджанян И.А. Экологияи инсон. Китоби дарсӣ / И.А. Агаджанян, В.И. Горшин. – М., 1994.-200с.
2. Айзман Р. И. Асосҳои назариявии амнияти ҳаёт. Китоби дарс/ Р. И. Айзман, С. В. Петров, А. В. Тимкин, В. М. Ширшова. - Новосибирск: АРТА, 2011.-150с.
3. Александров О.А. Барномаи ҳамаҷонибаи тандурустӣ. Китоби дарсӣ/ О.А. Александров. – М., 1988. – 160с.
4. Амосов Н.М. Фикр дар бораи саломатӣ. Китоби дарсӣ/ Н.М. Амосов. – М., 1987.-80с.
5. Ананьев В.А., Волков В.Ю., Давиденко Д.Н. и диг. Асосҳои илмии тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим. Китоби дарсӣ/ зери таҳр.. проф. Д.Н. Давиденко. – М.: СПб.: СПбГТУ, 2001.-145с.
6. Апанасенко Г.Л. Ҳифзи саломатии одамони солим: баъзе мушкилоти назария ва амалия. Китоби дарсӣ / Г.Л. Апанасенко /-М.: СПб: Илм, 1993.-278с.
7. Апанасенко Г.Л. Эволютсияи биоэнергетика ва саломатии инсон. Китоби дарсӣ / Г.Л. Апанасенко. –М.: СПб: МГН «Петрополис», 1992. -96с.
8. Белов В.И. Валеология: саломатӣ, ҷавонӣ, зебоӣ, умри дароз. Китоби дарсӣ/ В.И. Белов, Ф.Ф. Михайлович. - М.: 1999.
9. Брехман И.И. Валеология илми саломатӣ мебошад. Китоби дарсӣ/ И.И. Брехман. - М., 1990. – 105с.
10. Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ [манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: http://www.who.int/publications/ru (санаи дастрасӣ 24.02.2021)
11. Колбанов В.В. Валеология. Китоби дарсӣ/ В.В. Колбанов. –М.: СПб., 1998. -83с.
12. Лиситсын Ю.П. Сухан дар бораи саломатӣ. Роҳнамои омӯзишӣ/ Ю.П. Лисицын. – М., 1993.-109с.
13. Лиситсин Ю.П. Гигиенаи иҷтимоӣ ва ташкили ҳифзи саломатӣ / Лексияҳои проблемавӣ: Китоби дарсӣ / Ю.П. Лиситсин. – М.: Тиб, 1992. – 241с.
14. Неклюдова Н.А. Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар низоми таълимии мактаб. Китоби дарсӣ / Н.А. Неклюдова. Вологда: Русь, 2000.- 215 с.
15. Коробкова В.В. Шароити омӯзгории рушди неруи таълимии оила тавассути фазои иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон. Китоби дарсӣ/ В.В. Коробкова. –М., 2011. - С.105
16. Попов С.В. Валеология дар мактаб ва хона. Китоби дарсӣ/ С.В. Попов. –М.: СПб., 1997. -200с.
17. Илйинича В.И. Физикаи ҷисмонии донишҷӯён: Китоби дарсӣ/ В.И. Илйинича. – М., 1999.-160с.
18. Чернявская Е.А. Мушкилоти солимии мактаббачагон ва роҳҳои ҳалли онҳо дар шароити мактаби муосир / Е.А Чернявская // Илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ. -2009. – №5 – С.13
19. Чумаков Б.Н. Валеология. Китоби дарсӣ/ Б.Н. Чумаков.– М., 1999. -300с.
20. Шухатович В.Р. Тарзи ҳаёти солим // Энсиклопедияи ҷомеашиносӣ / В.Р. Шухатович. - Минск: Хонаи китобҳо, 2003. -60с.

## ТАРЗИ ЗИНДАГӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА САЛОМАТӢ

Маҳз дар синни мактабӣ таҳкурсии солимӣ ва одати пешбурди тарзи ҳаёти солим гузошта мешавад. Стандарти насли нав ташаккули дониш, муносибат, роҳнамо ва меъёрҳои рафторро, ки ҳифз ва таҳкими саломатӣ, муносибати ғамхор ба саломатии худ, донистани омилҳои манфии хатари саломатиро таъмин менамояд, дер бар мегирад.Тандурустӣ аввалин ва муҳимтарин талаботи инсон аст, ки қобилияти меҳнатии ӯро муайян мекунад ва рушди ҳамоҳанги шахсро таъмин менамояд. Ин шарти муҳимтарин барои донистани ҷаҳони атроф, тасдиқи худ ва хушбахтии инсон маҳсуб меёбад. Умри дароз ва фаъол ҷузъи муҳимми омили инсонӣ мебошад.Одам офарандаи саломатии худ мебошад, ки барои он кӯшиш намудан лозим аст. Аз хурдӣ бояд тарзи ҳаёти фаъол, машғул шудан ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, ба ибораи дигар, нигаҳдории саломатӣ бо роҳҳои оқилона тарбия карда шавад. Тарзи ҳаёти солим ки ба принсипҳои ахлоқ асос ёфтааст ва имкон медиҳад, ки одам солимии маънавӣ, рӯҳӣ ва ҷисмониро то синни пиронсолӣ нигоҳ дорад ва ташаккули тарзи ҳаёти солим бояд пайваста ва мақсаднок бошад.

**Калидвожаҳо:** ташаккули фарҳанги тарзи ҳаёти солим, саломатӣ, тарзи ҳаёт, бехатарӣ, тарзи ҳаёти бехатар, фарҳанг, фарҳанги саломатӣ, ташаккул, ташаккули фарҳанги саломатӣ, ташаккули фарҳанги тарзи ҳаёти солим.

## ОБРАЗ ЖИЗНИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЗДОРОВЬЕ

Именно в школьном возрасте у школьников закладываются основы здоровья и привычки вести здоровый образ жизни. Стандарт нового поколения предусматривает формирование знаний, взглядов, руководящих принципов и норм поведения, которые защищают и укрепляют здоровье, бережное отношение к своему здоровью, осведомленность о негативных факторах риска для здоровья.Здоровье - первое и важнейшее требование к человеку, которое определяет его трудоспособность и обеспечивает гармоничное развитие личности. Это важнейшее условие познания окружающего мира, самоутверждения и человеческого счастья. Долголетие и активность - важная часть человеческого фактора, человек - создатель собственного здоровья, за которое он должен бороться. С раннего возраста необходимо рационально добиваться активного образа жизни, хорошего настроения, занятий физкультурой и спортом, личной гигиены, другими словами, здоровья.Здоровый образ жизни - это образ жизни, основанный на моральных принципах, рационально организованный, активный, трудолюбивый, темпераментный и в то же время защищающий от негативного воздействия окружающей среды, позволяющий человеку сохранять духовное, психическое и физическое здоровье до преклонного возраста. Формирование здорового образа жизни должно быть последовательным и целенаправленным. Особенно остро эта проблема стоит на уроках общего среднего образования, что связано с коренным изменением образа жизни школьника, формированием им новой социальной роли «ученика».

**Ключевые слова:** формирование культуры здорового образа жизни, здоровье, образ жизни, здоровый образ жизни, безопасность, безопасный образ жизни, культура, культура здоровья, формирование, формирование культуры здорового образа жизни, формирование культуры здорового образа жизни.

## LIFESTYLE AND ITS IMPACT ON HEALTH

It is at school age that the foundations of health and the habits of leading a healthy lifestyle are laid in schoolchildren. The new generation standard provides for the formation of knowledge, attitudes, guidelines and norms of behavior that protect and strengthen health, respect for their health, awareness of negative health risk factors. Health is the first and most important requirement for a person, which determines his ability to work and ensures the harmonious development of his personality. This is the most important condition for knowledge of the world around, self-affirmation and human happiness. Longevity and activity are an important part of the human factor, a person is the creator of his own health, for which he must fight. From an early age, it is necessary to rationally achieve an active lifestyle, good mood, exercise and sports, personal hygiene, in other words, health. A healthy lifestyle is a way of life based on moral principles, rationally organized, active, hardworking, temperamental and at the same time protecting from the negative impact of the environment, allowing a person to maintain spiritual, mental and physical health until old age. . the promotion of a healthy lifestyle must be consistent and focused. This problem is especially acute in the lessons of general secondary education, which is associated with a radical change in the lifestyle of the student, the formation by him of a new social role of the "student".

**Key words:** formation of a culture of a healthy lifestyle, health, lifestyle, healthy lifestyle, safety, safe lifestyle, culture, health culture, formation, formation of a culture of a healthy lifestyle, formation of a culture of a healthy lifestyle.

**Маълумот дар бораи муаллиф:*Сармусоқова Гулзора Нарзинбоевна*** –омӯзгори Филиали муассисаи давлатии Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд **.**

**Сведения об авторах:*Сармусокова Гулзора Нарзинбоевна* -** преподаватель Филиал Республиканского института повышения квалификации и переподготовки образования в Согдийской области.

**Information about the author: *Sarmusoqova Gulzora Narzinboevna*-** teacher Branch of the Republican Institute for Advanced Studies and Retraining of Education in the Sughd Region.

УДК:37.02:008

# ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ ИҶТИМОӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТҲО ВА СОХТОР

*Давлатзода Рустам*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар ҳама давру замон бо муошират рушди шахсият, азхудкунии таҷриба ва донишҳо, ташаккули малака, маҳорати амалӣ, ақида ва эътиқод таъмин карда мешавад. Танҳо ба шарофати муошират имконият пайдо мешавад, ки нафари дигарро омӯзонем, насиҳат кунем ё масъалаеро бо ӯ муҳокима намоем. Ҳамин тариқ, фарҳанги муошират қисми таркибии фарҳанги умумӣ ба ҳисоб рафта, диққати махсусро талаб менамонд.

Дар раванди рушди тамаддун шаклҳои муошират коркард гардидаанд, ки дар фаъолияти касбӣ истифода карда мешаванд. Ҳар як соҳаи мушаххаси фаъолият меъёр ва қонуниятҳои умумии муоширатро муайян менамояд, ки дорои хусусиятҳои худ мебошанд. Лекин ба ин нигоҳ накара, хусусиятҳои асосии фарҳанги муошират бетағйир боқӣ мондааст.

Фарҳанги муошироти шахсият ҳамчун падидаи мураккаби ҳаёти ҷамъиятӣ дорои мантиқи рушди худ мебошад. Он на танҳо ба таври доимӣ таҷдид мегардад, балки худро ба шарофати амали механизми давомот, ки тариқи институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ амалӣ мегарданд, нигоҳ медорад. Чунин институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳар як насли нав мероси фарҳангии марҳилаҳои гузаштаи таърихиро интиқол медиҳанд. Ягонагии анъана ва таҷдид гардидан – хусусиятҳои умумии ҳар як фарҳанг ба ҳисоб мераванд. Меъёрҳои фарҳанг тағйирпазир буда, худи фарҳанг хусусияти кушода ва озодро доро мебошад. Фарҳанг ҳамон тағйирот ва дигаргуниҳоеро, ки дар ҷомеа ба миён меоянд, таҷассум менамояд.

Фарҳанги муошират ҳамчун ҳалқаи пайвасткунандаи байни унсурҳои динамикӣ ва унсурҳои нисбатан устувори сохтори фарҳанги шахсият ба ҳисоб меравад. Дар раванди баррасии фарҳанги муошират зарур аст, ки мутобиқати қатори мафҳумӣ, ба монанди фарҳанг – фарҳанги шахсият – муошират – фарҳанги муошират – фарҳанги муошироти шахсият мавриди истифода қарор дода шавад. Танҳо дар ҳолати ба инобат гирифтани ин қатори мафҳумӣ, имконият пайдо мешавад, ки ҷанбаҳои мухталифи фарҳанги муошират ошкор гардида, мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Яке аз мафҳумҳои паҳнгардида – мафҳуми “фарҳанг” ба ҳисоб меравад, ки дорои таснифотҳои мухталиф мебошад. Фарҳанг ин низоми шуур мебошад, ки бо низоми муайяни этникӣ алоқаманд аст [15, с.91]; шакли муҳимми мустаҳкам ва интиқоли дастовардҳои рушд ба наслҳои минбаъда [15, с.92]; дороии ҷамъиятӣ, ки аз насл ба насл интиқол дода шуда, аз тарафи ҷомеа бунёд ва нигоҳдорӣ мешавад [2,с.18]; ҷамъи донишҳои коллективонаи одамон [3,с.45] мебошад.

Дар асоси ин таснифот, метавон қайд намуд, ки фарҳанг як низоми мураккаб аст, ки дар шароити махсуси ҷуғрофӣ, таърихӣ, технологӣ ва маишӣ ташаккул ёфта, таърихи худро паҳн менамояд, забони худро коркард мекунад, ҷаҳонбинии худро ташаккул медиҳад. Ба таври умумӣ, фарҳанг ҳамчун тарзи махсуси ҳаёт фаҳмида мешавад, ки ба ин ё он гурӯҳи одамон тааллуқ дорад. Одамон ба шарофати мансубият ба гурӯҳи алоҳидаи этникӣ фарҳангро аз худ менамоянд. Фарҳанг ҳамон қисми рафторро ташкил менамояд, ки инсон дар муносибат бо дигарон истифода менамояд.

Мафҳуми “муошират” дар аввал категорияи заминавии равоншиносии иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт. Дар луғати равоншиносӣ мафҳуми “муошират” ҳамчун ҳамкории ду ва ё

зиёда одамон, ки ба ивазнамоии иттилооти маърифатӣ ва ҳиссиётиву баҳогузорӣ равона гардидааст, муайян карда шудааст [9, с.309]. Муошират ба ҳамкориҳои амалӣ ворид гардида, банақшагирӣ, амалӣ намудан ва назорати онҳоро таъмин менамояд.

Муошират ҳамчун шакли муҳимми мустақили фаъолияти субъект дар интиқоли навъҳои фарҳанг дар фаъолияти якҷоя баромад менамояд.Дар раванди муошират ивазнамоии тарафайни фаъолияти инсонӣ, тасаввуротҳо, ғояҳо, эҳсосот амалӣ гардида, низоми муайяни муносибатҳо ба ҷаҳони субъективӣ ва объективӣ пайдо мешавад. Натиҷаи он ба дигаргуншавии муносибатҳои инсонӣ мебошад.

Муоширатро метавон ҳамчун навъи муҳимми фаъолият тасниф намуд, ки дар ин самт ду навъи он ҷудо карда мешавад: муошират ҳамчун фаъолияти коммуникативӣ ё муносибат фаҳмида мешавад, ки дар марҳилаи муайян ба таври мустақил баромад менамояд; муошират яке аз навъҳои фаъолият - фаъолияти нутқӣ баррасӣ карда мешавад, ки дар он тамоми унсурҳое, ки ба фаъолият хос мебошанд, истифода мешаванд [1,с.77-78].

Муошират дар шароити муосир ба як навъ “маркази мантиқӣ”-и низоми умумии масъалагузории психологӣ мубаддал гардидааст. Ин яке аз ҷанбаҳои тарзи ҳаёти инсон аст, ки нисбат ба фаъолият муҳимтар буда, бо тамоми ҷанбаҳои дигари ҳаёт алоқаманд аст. Маҳз ин ҷанбаро, дар психология ки ҳамчун ҷанбаи заминавӣ баромад менамояд, категорияи муошират таҷассум менамояд.

Тарафдорони ғояи ягонагии хусусияти фаъолият ва муошират тасдиқ менамоянд, ки муошират ҳамчун навъи муҳимми фаъолият, метавонад ҷанбаи он ё қисми таркибии он бошад. Алоқаманд намудани муносибати байни одамон бо раванди фаъолият асосан бо далелҳои зерин асоснок карда мешавад:

- ҳар як фаъолият шакли амалинамоии муносибат ба одамони дигар аст, ҳатто агар ин одамон воқеан дар лаҳзаи амалӣ намудани фаъолият ҳузур надошта бошанд;

-раванди субъект-субъектро метавон ҳамчун ду фаъолият – субъекти якумин бо дуюмин ва субъекти дуюминро бо якумин, баррасӣ намуд. Дар чунин ҳолат ҳар яке аз онҳо дар як ҳолат ҳам субъекти фаъол ва ҳамчун объекти ғайрифаъоли таъсиррасони фаъолиятӣ баромад менамоянд. Ҳамин тариқ, хусусияти субъект-объекти фаъолият дар раванди муошират ба навъи субъект-субъект мубаддал мегардад;

- муносибати байни одамон дар асоси шавқу рағбат ба фаъолияти якҷоя пайдо мешавад ва дар ҷараёни он рушд менамояд. Муродифи муошират мафҳуми “фаъолияти коммуникативӣ” ба ҳисоб меравад [5, с.76].

Дар асоси таснифоти мафҳуми “фарҳанг” ва “муошират” метавон мафҳуми “фарҳанги муошират”–ро тасниф намуд. Қайд намудан зарур аст, ки фарҳанги муошират раванди мураккаб ва пурихтилоф ба ҳисоб меравад, ки дар саъю кӯшиши таснифоти он ифода шудааст. Дар асоси таҳлили таснифоти фарҳанги муошират метавон гурӯҳҳои алоҳидаи онро ҷудо намуд: ҳамчун пайравӣ ба меъёрҳои дар ҷомеа муқарраргардидаи муносибати тарафайн [11, с.81]; ҳамчун қобилияти доштани эҳсосот нисбат ба атрофиён [7,с.107]; маҷмӯи донишҳо, малака ва маҳорати шахсият дар соҳаи воситаҳои муошират ва қонуниятҳои ҳамкории байнишахсӣ [12,с.67]; ҳамчун самтгирии ахлоқии муносибати шахсият [13,с.61]; ҳамчун сатҳи сифатии шакл ва воситаҳои муошират [8,с.18]. Қайд намудан зарур аст, ки чунин таснифоти мафҳуми “фарҳанги муошират” ба якдигар мухолифат надошта, баръакс якдигарро пурра менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили таснифоти мухталиф, мо ба чунин хулоса омадем, ки фарҳанги муошират ин сатҳ ва воситаи сифатии ҳамкории шахс бо одамони дигар аст ва натиҷаи иҷтимоигардӣ ва худинкишофнамоии шахсият ба ҳисоб меравад.

Фарҳанги муошират раванди мураккаб ва гуногунҷанба нисбати ба роҳ мондан ва

рушди алоқаҳо байни одамон ба ҳисоб меравад. Раванди муошират дар асоси талаботҳо ба фаъолияти якҷоя тавлид гардида, дар худ на танҳо иваз намудани иттилоот, балки коркарди стратегияи умумии ҳамкорӣ, фаҳмидан ва қабули нафари дигарро таҷассум менамояд. Дар муошират шахс талаботҳои худ, саъю кӯшиши амалӣ намудани худро ҳамчун аъзои ҷомеа, қонеъ намудани сифатҳои шарикӣ ва ташкилотчигӣ, муайян намудани нақши иҷтимоии худро амалӣ мегардонад.

Қайд намудан зарур аст, ки бо рушди касбҳои алоҳида меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботҳои касбӣ нисбати намояндагони ин соҳаи фаъолият ташаккул меёбанд. Ин талаботҳо дониш, маҳорат, малака қобилият ва сифатҳои муайяни шахсӣ, меъёрҳои муносибат ва унсурҳои мухталифи фаъолияти касбиро дар бар мегиранд. Ҳамаи ин дар мундариҷаи фарҳанги касбӣ, ки сатҳи азхудкунии меъёрҳои мазкурро пешниҳод менамояд, таҷассум мегарданд.

Мувофиқи мавқеи муаллифони гуногун, нишондиҳандаҳои ташаккули фарҳанги муошират бояд аз ҷанбаҳои зерин иборат бошанд:

- фаъолнокӣ дар фаъолияти коммуникативӣ;

- ташаббускорӣ дар раванди муошират;

-маҳорати гузаронидани ҳамсуҳбат аз мавқеи объект ба мавқеи субъект.

Ин нуқтаи назар бо иваз намудани диққат ба донистани техникаи муошират, ба ташаккули маҳорати нигоҳ доштани алоқаҳои байнишахсӣ ва бадастории мақсадҳои гузошташудаи коммуникативӣ тасниф карда мешавад.

Фарҳанги муошират ин сатҳи сифатии шакл ва воситаҳои ҳамкории гуфтугӯии одамон аст, ки натиҷаи иҷтимоигардӣ ва худинкишофнамоии шахсият ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фарҳанги муошрати шахсият як низоми кушода ва озод аст. Фарҳанги муошират мутобиқати духӯраи динамикии тарҳҳои анъанавии муоширатро, ки ба шарофати он устувории он нигоҳ дошта мешавад ва тарҳҳои инноватсиониро, ки тағйирпазирии онро таъмин менамоянд, пешниҳод менамояд. Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дар раванди воқеии рушди фарҳанг муошрати шахсият, ба таври диалектӣ давомоти анъанавӣ ва навовариҳо, устуворӣ ва тағйирпазирӣ пайваст карда мешаванд.

Хусусияти муҳимми фарҳанги муошират тағйирпазирии он ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеаи муосир шаклҳои анъанавии муошират тағйир ёфта, раванди муошрати бевоситаи муошират мавқеи худро ба муошрати бавосита медиҳад. Воситаҳои нави техникӣ доираи муошрати анъанавиро васеъ намуда, характери онро дигаргун намудааст. Воситаҳои техникӣ имконияти ҳамкории босуръатро тариқи забони махсус дар тартиби нави интерактивӣ ва гуфтугӯӣ пешниҳод менамояд. Дар чунин ҳолат, албатта, нисбат ба фарҳанги муошират талаботҳои нав пайдо мешаванд.

Фарҳанги муошират на танҳо аз шахсият, имкониятҳои коммуникативии ӯ, балки аз дониш, қобилият ва маҳорати ба роҳ мондани алоқаҳо вобаста аст. Муқаррароти коммуникативии шахсият дар муошират ба дигарон, ки ҳамчун арзиши олии ҷомеа баррасӣ карда мешавад, аҳамияти муҳим дорад. Фарҳанги муошират бо фарҳанги нутқ, яъне, бо қобилияти фард дар истифода намудани воситаҳои забонӣ ва меъёрҳои этикии мувофиқ дар вазъияти мушаххас алоқаманд аст.

Мувофиқи тасаввуротҳои муосир, фарҳанги муошират бо як қатор нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳо муайян карда мешавад:

-сатҳи такмил дар донистани низоми донишҳои коммуникативӣ;

-маҷмӯи шароитҳо, ки салоҳият ва салоҳиятнокии сатҳи баланд, инчунин сатҳи омодагии коммуникативии инсонро таъмин менамоянд;

-забон ва дигар воситаҳои ёрирасони коммуникативӣ, сатҳи мутобиқати забон ба меъёрҳои адабӣ;

-муқаррароти коммуникативӣ дар муошират бо одамони дигар ҳамчун арзиши олӣ;

- маҷмӯи талаботҳои ахлоқӣ, ки барои инсон қисми таркибии одатҳо ва малака мегардад ва дар услуби муошırати ҳаррӯзаи ӯ зоҳир мегардад;

-қобилияти истифодаи меъёрҳои этикии муошират, донишҳои коммуникативӣ мувофиқи хусусиятҳои этникиву равонии афрод, меъёрҳои ахлоқии ҷомеаи мушаххас ва бо назардошти арзишҳои умумиинсонӣ;

-низоми категорияҳо, муқаррарот, урфу одат, анъанаҳои эътирофгардида, ки муносибатҳои байнишахсиро танзим менамоянд.

Метавон қайд намуд, ки нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои зикргардидаи фарҳанги муошıратро метавон бо урфу одат ва дастурамалҳо, ки ба чунин ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ба монанди сохтори оила, тақсимоти меҳнат, муносибатҳои молумулкӣ, сохтори ҳокимияти сиёсӣ, этикаи муоширатӣ, эътиқод, рамзҳои динӣ, тасаввурот оид ба ҷаҳон, табиат ва мақоми инсон дар он дахл доранд, пурра намуд.

Нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои ҷудогардидаи фарҳанги муошират, инчунин унсурҳои он, ба монанди рамзҳо ва арзишҳоро метавон ҳам дар муошırати ғайрирасмӣ ва ҳам дар муошırати расмӣ истифода намуд.

Умуман, фарҳанги муошıратро метавон ҳамчун маҷмӯи донишҳои назариявӣ ва маҳорату қобилияти амалии ҳамкорӣ, муқаррарот, принсипҳо ва меъёрҳои этикиву равонӣ, ки дар ҷомеаи мушаххас хусусияти умумӣ доранд, тасниф намуд.

Фарҳанги муошират низоми донишҳои коммуникативӣ, ки ба амалияи муошират ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва этникиву равонӣ хизмат менамояд, маҷмӯи илм ва санъати муошират намудан, навъҳои гуногуни тавсияҳо нисбати бунёди раванди коммуникативӣ, ки арзиши илмиву амалӣ доранд, ба ҳисоб меравад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки фарҳанги муошират яке аз омилҳои ҳалкунандаи муваффақият дар бароҳмонии алоқаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асоси фарҳанги муошират маҷмӯи арзишҳои истеҳсолшудаи таърихӣ, арзишҳои ҷаҳони маърифатӣ-маънавии одамон гузошта шудааст, ки имконият медиҳанд талаботи инсон, аз он ҷумла талабот ба муошират, роҳу воситаҳои қонеъ намудани он баҳогузорӣ карда шаванд.

Ҷузъи таркибии азхудкунии фарҳанги шахс дар муносибатҳои воқеӣ арзишҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки барои ҷомеа ё фард аломатҳои мушаххаси ҳамкориҳоро тавсиф мекунанд. Роҳҳои гуногуни зоҳир гардидани арзишҳо мавҷуданд, ки дар муошират хусусияти мушаххас доранд.

Арзишҳо ҳамчун идеали иҷтимоӣ, ҳамчун тасаввуроти абстрактии бо шуур ва эътиқоди ҷамъиятӣ таҳияшуда оид ба унсурҳое мебошанд, ки барои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ заруранд. Дар чунин ҳолат оид ба чунин арзишҳои доимӣ, ба монанди ҳақиқат, зебоӣ, некӣ, адолат ва инчунин арзишҳои мушаххаси таърихӣ – тартиботи иҷтимоӣ ва демократия сухан меравад. Дар муошират идеал ин тасаввуроти нисбатан умумӣ оид ба сатҳи имконпазири рушди шахсият дар ҷомеа ва амалӣ намудани неруи коммуникативӣ дар раванди ҳамкорӣ ба ҳисоб меравад.

Фарҳанги муошират сохтори мураккабест, ки аз се зерсохтори асосӣ: зерсохтори маърифатӣ, аксиологӣ ва рафторӣ иборат аст.

Зерсохтори маърифатии фарҳанги муошират низоми донишҳо, маҳорату малакаро дар бар мегирад, ки самаранокии амалнамоии онро таъмин менамояд. Дар доираи зерсохтори маърифати фарҳанги муошират донишҳои равонӣ ҷудо карда мешаванд, ки

азхудкунии онҳо шарти васеъ намудани сарҳадоти худамалинамоии шахсият дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, дар ин зерсохтор, маҳорат ва малакаи коммуникативӣ ҷудо карда мешавад, ки истифодаи тамоми воситаҳои муоширатро мувофиқ ба мақсад, шароит ва шахсияти ҳамсуҳбат пешниҳод менамояд. Дар ин самт донистани қолабҳо ва стандартҳо, ки фарҳанги муоширатро танзим менамоянд, муҳим мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки шахс метавонад донишро бо роҳу воситаҳои мухталиф истифода намояд. Аз як тараф, дониш метавонад ба муошират дар сатҳи баланди маънавӣ, худшиносӣ, танзими бошуури ҳамкорӣ мусоидат намояд. Аз тарафи дигар, донистани қонуният ва механизмҳои муошират метавонад ҳамчун шакли имконпазири ҳокимият, махсусан дар ҳолате ки муносибат ба манипулятсия равона гардидааст, баромад намояд. Аз ин хотир, барои инкишофи фарҳанги муошират, азхудкунии донишҳо нокифоя аст, бояд дар раванди азхудкунӣ онҳо дарк гардида, дар ин замина муносибати арзишӣ ба ҷаҳон тағйир ёбад.

Зерсохтори аксиологӣ меҳвари фарҳанги муошират ба ҳисоб меравад. Нақши арзишҳо дар доираи фарҳанги муошират бузург аст. Арзишҳо, бе мавҷудияти фарҳанги муошират, ба таври пурра ё қисман маънои худро аз даст медиҳанд. Ба хотире, ки низоми арзишҳои шахс, ки фарҳанги муошироти ӯро муайян менамояд, аз арзишҳои ҷамъиятӣ сарчашма мегирад, пас мутобиқати ҷомеа ва фарҳанг бо шахсият бо мафҳуми "самтгириҳои арзишӣ" ифода карда мешавад.

Фарҳанги муошират дар сатҳи шахсӣ умумияти самтгириҳои ибтидоии арзишии субъектҳоро пешниҳод менамояд. Дар чунин ҳолат дар таркиби фарҳанги муошират вазифаҳои мутобиқгардӣ, ҳимоятӣ ва ифодакунӣ муҳиммият пайдо менамоянд.

Ҷудо намудани зерсохтори рафтории фарҳанги муошират имконият медиҳад, ки ду ҷанбаи асосии он – ҷанбаи меъёрӣ ва ҷанбаи шахсӣ-эҷодӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Ҷанбаи меъёрӣ азхудкунии меъёрҳо ва намунаҳои иҷтимоии мавҷударо пешниҳод менамояд. Дар доираи ҷанбаи шахсӣ-эҷодӣ муайяннамоӣ ва бунёди меъёр дар ҷараёни муошират зоҳир мегардад.

Меъёрҳои иҷтимоӣ, ки фарҳанги муоширати шахсиятро бо иҷозатдиҳӣ, нишондодҳо ва манънамоиҳо танзим менамоянд, аз рӯйи доираи худ метавонанд мухталиф бошанд. Онҳо метавонанд умумиинсонӣ ва миллӣ, гурӯҳӣ ва байнифардӣ бошанд. Иҷроиши онҳо бо сифати зуҳуроти онҳо вобаста аст: онҳо ҳамчун стандарти рафтор ва муошират ё ҳамчун интизориҳои рафтор баромад менамоянд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки меъёрҳои ин навъи фарҳанг хеле тағйирпазир ба ҳисоб меравand. Дигаргуниҳои ҷомеа ба тағйирёбии онҳо оварда мерасонад, ки бо роҳҳо ва воситаҳои мухталиф амалӣ мегардад.

Қайд намудан зарур аст, ки на ҳар як раҳнамоии меъёрҳои умумиқабулгардидаи фарҳанги муошират аз тарафи шахсият ба таври манфӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ҳолате ки ин ё он меъёр аллакай куҳна гардидааст ва мантиқи рушди ҷомеа аз нав баҳогузорӣ ё ҳатто рад намудани онҳоро талаб менамояд, рад намудани онҳо як навъ инкишоф қабул карда мешавад.

**Муқарриз: *Қодиров К.*-доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Андреева Г.М. Социальная психология / Г.М. Андреева. –М., 2005. -151 с.
2. Красных В.В. Основы психолингвистики / В.В. Красных. –М.: Гнозис, 2012. -332 с.
3. Клакхон К. Зеркало для человека: введение в антропологию / К. Клакхон. –СПб.: Евразия, 1998. -152 с.
4. Ломов Б.Ф. Общение как проблема общей психологии / Б.Ф. Ломов // Методологические проблемы социальной психологии. -М., 1975. -135с.
5. Лисина М.И. Проблемы онтогенеза общения / М.И. Лисина. –М., 1986. -76 с.

6. Найн А.Я. Педагогические инновации и научный эксперимент / А.Я. Найн // Педагогика. -1996. - № 5. – С. 10 -15.
7. Ночевник М.Н. Культура и этика общения / М.Н. Ночевник. –Ташкент, 1985. -192 с.
8. Попов И.А. Культура межличностного общения в социалистическом обществе / И.А.Попов. – Томск, 1987. – 188 с.
9. Психологический словарь / Ред.кол.: В.В. Давыдов, А.В. Запорожец, Б.Ф. Ломов. – М.: Педагогика, 1983. -329 с.
10. Рыданова И.И. Основы педагогики общения / И.И. Рыданова. – Минск,1998. -319 с.
11. Соколов Э.В. Урбанизация и общение / Э.В. Соколов // Социально-психологические проблемы научно-технического прогресса. –Ленинград 1982. – С.73–100.
12. Соколова В.В. Культура речи и культура общения / В.В. Соколова. – М.: Просвещение, 1995. –192 с.
13. Титаренко А.И. Нравственные основы общения / А.И. Титаренко. – М.: Знание, 1979. –64 с.
14. Формановская Н. Речевая ситуация и стереотипы общения / Н.Формановская // Дошкольное воспитание. -1990. -№ 3. – С. 64 – 68.
15. Уфимцева Н.В. Языковое сознание: динамика и вариативность / Н.В. Уфимцева. –М., 2011. -251с.

## ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ ИҶТИМОӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТҲО ВА СОХТОР

Дар мақолаи мазкур масъалаи фарҳанги муошират, моҳият, хусусиятҳо ва сохтори он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки фарҳанги муошират қисми таркибии фарҳанги умумӣ ба ҳисоб рафта, диққати махсусро талаб менамояд. Дар раванди рушди тамаддун шаклҳои муошират коркард гардидаанд, ки дар фаъолияти касбӣ истифода карда мешаванд. Ҳар як соҳаи мушаххаси фаъолият меъёр ва қонуниятҳои умумии муоширатро муайян менамояд, ки дорои хусусиятҳои хос мебошанд. Ягонагии анъана ва таҷдид гардидан – хусусиятҳои умумии ҳар як фарҳанг ба ҳисоб мераванд. Меъёрҳои фарҳанг тағйирпазир буда, худи фарҳанг хусусияти кушода ва озодро доро мебошад. Фарҳанг ҳамон тағйирот ва дигаргуниҳоеро, ки дар ҷомеа ба миён меоянд, таҷассум менамояд. Муошират ҳамчун шакли муҳимми мустақили фаъолияти субъект дар интиқоли навъҳои фарҳангӣ дар фаъолияти якҷоя баромад менамояд. Дар раванди муошират ивазнамоии тарафайни фаъолияти инсонӣ, тасаввуротҳо, ғояҳо, эҳсосот амалӣ гардида, низоми муйаяни муносибатҳо ба ҷаҳони субъективӣ ва объективӣ пайдо мешавад. Натиҷаи он ба дигаргуншавии муносибатҳои инсонӣ мувофиқ аст. Фарҳанги муошират раванди мураккаб ва гуногунҷабҳа нисбати ба роҳ мондан ва рушди алоқаҳо байни одамон ба ҳисоб меравад. Раванди муошират дар асоси талаботҳо ба фаъолияти якҷоя тавлид гардида, дар худ на танҳо иваз намудани иттилоот, балки коркарди стратегияи умумии ҳамкорӣ, фаҳмидан ва қабули нафари дигарро таҷассум менамояд.

**Калидвожаҳо:** фарҳанг, фарҳанги муошират, фарҳанги муошират шахсият, дониш, малака, қобилият, коммуникатсия, ҳамкории коммуникатсионӣ, муошират бевосита, муошират бавосита, шаклҳои анъанавии муошират.

## КУЛЬТУРА СОЦИАЛЬНОГО ОБЩЕНИЯ: СУЩНОСТЬ, ОСОБЕННОСТИ И СТРУКТУРА

В статье рассматривается культура общения, ее сущность, особенности и структура. Автор отмечает, что культура общения является неотъемлемой частью общей культуры и требует особого внимания. В процессе развития цивилизации сформировались формы общения, которые используются в профессиональной деятельности. Каждая конкретная сфера деятельности определяет общие нормы и законы общения, которые имеют свои особенности. Единство традиций и обновления - общие черты любой культуры. Нормы культуры гибки, а сама культура открыта и свободна. Культура воплощает те же изменения и трансформации, которые происходят в обществе. Общение как важная самостоятельная форма деятельности субъекта при передаче культурных форм в совместную деятельность. В процессе общения происходит взаимный обмен человеческой деятельностью, идеями, мыслями и чувствами, возникает определенная система отношений к субъективному и объективному миру. Результат согласуется с трансформацией человеческих отношений. Культура общения - это сложный и многогранный процесс установления и развития отношений между людьми. Процесс общения основан на необходимости работать вместе и включает не только обмен информацией, но и разработку общей стратегии сотрудничества, понимания и принятия другого человека

**Ключевые слова:** культура, культура общения, культура личного общения, знания, навыки, умения, коммуникация, коммуникативное сотрудничество, прямое общение, косвенное общение, традиционные формы общения.

## THE CULTURE OF SOCIAL COMMUNICATION: ESSENCE, CHARACTERISTICS AND STRUCTURE

The article examines the culture of communication, its essence, features and structure. The author notes that the culture of communication is an integral part of the general culture and requires special attention. In the process of development of civilization, forms of communication have been formed that are used in professional activities. Each specific field of activity determines the general norms and laws of communication, which have their own characteristics. Unity of tradition and renewal are common features of any culture. The norms of culture are flexible, and the culture itself is open and free. Culture embodies the same changes and transformations that occur in society. Communication as an important independent form of the subject's activity in the transfer of cultural forms into joint activities. In the process of communication, there is a mutual exchange of human activities, ideas, thoughts and feelings, a certain system of relations

to the subjective and objective world arises. The result is consistent with the transformation of human relationships. Communication culture is a complex and multifaceted process of establishing and developing relationships between people. The communication process is based on the need to work together and includes not only the exchange of information, but also the development of a common strategy for cooperation, understanding and acceptance of the other person.

**Key words:** culture, culture of communication, culture of personal communication, knowledge, skills, abilities, communication, communicative cooperation, direct communication, indirect communication, traditional forms of communication.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Рустам*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи методикаи таълим ва таҳсилоти ибтидоӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. Телефон: **918 31 11 31; 907 03 36 63**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Рустам*** **–** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры методики преподавания и начального образования. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3.Телефон: **918 31 11 31; 907 03 36 63**

**Information about the author*: Davlatzoda Rustam*** - Dangara State University, applicant for the Department of Teaching Methods and Primary Education. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipova street 3. Phone: **918 31 11 31; 907 03 36 63**

**УДК 371.012**

# ОМОДАГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БА ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ

***Азизов А.А., Алиева М.Н., Собирова М.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 26 январи соли 2021 баргузор гардид, вобаста ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, яъне соҳаҳои илму маориф, ки ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад, чунин қайд карда шуд: «...мо барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тамоми шароити заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баланд бардорем...Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ташаббусу таҷрибаи мактабҳоро доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар васеъ татбиқ намояд» [11, с.8]

«Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти миёнаро яке аз самтҳои афзалиятноки инкишофи мамлакат эътироф кардааст, ки кори доимӣ ва ҳадафмандро оид ба рушди минбаъда ва такмили низоми ватании маълумоти миёна тақозо мекунад. Илова ба таъсиси муассисаҳои нави таълимӣ, ки басо кори хеле муҳим аст, ҳамчунин ташкили инфрасохтори эҳё, баланд бардоштани сифату мӯҳтаво ва самарабахшии раванди таълим низ кори хеле зарурӣ ба шумор меравад» [9, с.125].

Пеш аз баррасии маълумтҳои назариявӣ дар ташаккули омодагии хонандагон ба худмуайянкунии касбӣ мо бояд ба таҳлили мафҳумҳои асосӣ, яъне «омодагӣ» «худмуайянкунӣ», «худмуайянкунии касбӣ» назар афканем.

Пеш аз он, ки худмуайянкунии касбии муҳассилин ташаккул дода шавад, бояд сараввал ба дониш, маҳорат ва малакаи касбии омӯзгори оянда назар кард. Вобаста ба масъалаи мазкур дар автореферати рисолаи илмии худ, дотсент М.А.Дадобоева чунин таъкид кардааст: «...Маҳорати ташкилӣ-педагогии омӯзгор, ки барои ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти эҷодӣ дар мактаб зарур аст: қобилияти ташкили раванди таълим; қобилияти ҳамкорӣ бо муҳассилин; қобилияти ташвиқ ва ҳавасмандгардонии муҳассилин; қобилияти ташкили фазои гарми эҷодӣ дар синф; қобилияти ҳис кардани ҳолати ҳаяҷонӣ ва равонӣ; қобилияти балоиҳагирӣ, пешгӯикунӣ, ташхис ва қабули қарорҳои оқилонаи педагогӣ дар раванди таълим; қобилияти ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим ва тарбияи муҳассилин ба раванди таълим» [5,

С.143]

Таҳлили назариявӣ ва амалӣ нишон дод, ки солҳои охир дар соҳаи илми педагогика ва психология баррасии мундариҷаи мафҳуми «худмуайянкунӣ» васеътар гардида, бо вуҷуди ин ҳам то ҳол тафсири ягона вобаста ба масъалаи таҳлилшаванда вуҷуд надорад.

Ҷанбаҳои психологӣ ва педагогиии масъалаи омода намудани омӯзгори оянда, муаммо ва ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии худмуайянкунии касбии хонандагон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии як қатор олимони ватаниву хориҷӣ аз ҷумда: А.А.Азизов, М.Н.Алиева, Б.Г. Ананьева, Л.И. Божович, М.А.Дадобоева, М.Н.Дадобоева, О.А.Исломов, Е.А. Климова, А.В. Петровский, Е.Ю.Пряжников, С.Раҳимов, Г.В.Резапкина, С.Л.Рубинштейн ва дигарон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

«Худмуайянкунӣ ҳамчун як раванде ҳисобида мешавад, ки дар он шахсият ташаккул меёбад, ки қобилияти мустақилона ва фаъолона сохтани ҳаёти худро дорад...Мушкилоти худмуайянкуниро дар алоҳидагӣ аз масъалаҳои муносибати инсон бо ҷаҳони атроф ҳал кардан мумкин нест, зеро муносибати шахс ба худ нуқтаи калидӣ дар фаҳмиши падидаи худмуайянкунӣ мебошад» [2, с. 233].

Мушкилоти худмуайянкуниро олими дигари рус Л.И. Божович дар

заминаи омӯзиши қолабҳои психологии ташаккули шахсияти муҳассилин дида, нуқтаи зар дорад, ки ҳалли масъалаи худмуайянкунӣ бидуни ташаккули ҷузъҳои шахсии фард, ки муҳимтарин зуҳури рушди равонии инсон мебошанд, ғайриимкон аст [3, с.25].

Дар мақолаи илмии худ, М.Н.Носирова ва дигарон вобаста ба масъалаи мазкур чунин ибрози ақида намудааст: «Худмуайянкунии касбӣ натиҷа ва омили рушди ахлоқӣ, рӯҳӣ, ақлӣ ҷисмонии хонанда ба ҳисоб рафта, марҳилаҳои асосии рушди касбӣ ҳамчун раванди ҷудонашаванда буда, аз марҳилаҳои худмуайянкунии касбӣ, омодагии касбӣ, одаткунии касбӣ ва маҳорати касбӣ иборат аст. Аз низоми мазкур маълум аст, ки худмуайянкунии касбӣ марҳилаи ибтидоии раванди рушди касбии шахсият ва қисми таркибии ҳамаҷонибаи рушди хонандагоне, ки вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад» [8, С.220-221]

Э.А. Климов худмуайянкунии касбиро ҳамчун зуҳуроти рушди рӯҳии инсон аз мавқеи «ҷустуҷӯи фаъоли имкониятҳо барои ташаккул додани худ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи« иҷрокунандагони »чизи муфид, ҷомеаи мутахассисон медонад» [6, с.32].

Инчунин нуқтаи назари олими дигари рус Т.В.Кудрявтсевро оид ба марҳилаҳои худмуайянкунии касбӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем: «...раванди худмуайянкунии касбӣ ҳамчун дарозмуддат, гуногунҷабҳа, хеле серҳаракат буда, мундариҷаи ташаккули худмуайянкунии касбии шахсро ба чор марҳилаи асосӣ коҳиш медиҳад: ташаккули ниятҳои касбӣ, омодагии касбӣ, мутобиқгардонии касбӣ ва қисман ё пурра дарк кардани шахс оид ба касбҳои интихобшуда» [7, с.123].

Аз нуқтаи назари мо ҷудокунии ташаккули худмуайянкунии касбии шахсро ба марҳилаҳои мазкур, ҳам аз нуқтаи назари динамикаи асосии ташаккули худмуайянкунии касбии шахс ва ҳам аз нуқтаи назари ташкили дурусти таъсири маҳоратҳои омӯзгорӣ ба шахс хеле муҳим арзёбӣ гардида, дар интихоби дурусти касб низ кӯмаки амалия мерасонанд.

Мафҳуми «омодагӣ» аз ҷиҳатҳои гуногун баррасӣ карда мешавад. Баъзе муҳаққиқон омодагиро ҳамчун шарти иҷрои бомуваффақияти фаъолият, ҳамчун фаъолияти интихобӣ, ки шахсиятро ба фаъолияти оянда мутобиқ мекунад, муайян мекунанд, муаллифони дигар омодагиро ҳамчун «ифодакунандаи ҳадафмандонаи шахсият» муайян кардаанд

Омодагии шахс ба худмуайянкунии касбӣ, ки ба татбиқи бошуурона ва мустақили мутаносиби интихоби касб мусоидат мекунад, дар ташаккули омодагии ахлоқӣ, психофизиологӣ ва дар амал татбиқ намудани орзуву ниятҳои касбӣ ифода меёбад.

Ҳамин тариқ, ба хулосае омодан мумкин аст, ки омодагӣ ба фаъолияти касбӣ нишондиҳандаи ҷудонашавандаи худмуайянкунии касбии муҳассилин ба ҳисоб меравад.

Олими рус О.Н. Литвин пешниҳод менамояд, ки сохтори омодагӣ ба интихоби касб ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои амалӣ, ахлоқӣ ва психофизиологӣ баррасӣ карда шавад. Барои муайян намудани сатҳи ташаккули ин ҷузъҳо олим меъёрҳои зерин: мусаллаҳ будан бо

донишҳои зарурӣ дар бораи дунёи меҳнат, оид ба касб, дар бораи худ, малака ва малакаҳои умумӣ ва махсус; муносибати эмотсионалӣ ва арзёбӣ ба дониши бадастовардашуда, малака ва маҳорат, дарккунӣ аз интихоби касб [10, с.13].

Олими дигари рус А.И.Суканов сохтори омодагӣ ба худмуайянкунии касбиро ба: «...арзишӣ-ҳавасмандӣ, маърифатӣ ва ҷузъҳои амалиётӣ-фаъолиятӣ» ҷудо мекунад [15, с.71].

Дар навбати худ, олими дигар С.Н. Чистяков дар сохтори омодагӣ ба касб ҷузъҳои худмуайянкунӣ ва меъёрҳои мувофиқро муайян мекунад:

1. Маърифатӣ-дар назар доштани мавҷудияти доираи манфиатҳои касбӣ; тасаввурот дар бораи хислатҳои шахсии фардӣ, мукаммалӣ ва фарқияти дониш дар бораи олами касбҳо; огоҳӣ аз талаботи касб ба хусусиятҳои фардии шахс; маҳорати кор бо манбаъҳои иттилоот;

2.Эҳтиёҷот ба ҳавасмандгардонӣ- мавҷудияти ангезаҳои интихоби касб; муносибати мусбат ба вазъи интихоби касб; мавқеи фаъоли донишҷӯ дар татбиқи раванди қабули қарор дар бораи интихоби касб;

3.Фаъолиятӣ-амалӣ дорои нишондиҳандаҳо: қобилияти гузоштани ҳадаф барои интихоби касб ва сохтани нақшаи дурнамо барои ноил шудан ба он; худтаҳлилкунии имконоти мавҷуда барои интихоби касб; худидоракунӣ ва ислоҳи нақшаҳои касбӣ; худтатбиқкунии имкониятҳои иқтидорӣ, ки барои қабули қарорҳо равона карда шудаанд [14, с.18].

Пеш аз гузаронидани корҳои озмоишӣ бояд моҳият, мақсади гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ муайян карда шавад. Мақсади асосии гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳқиқотии мо ин муайян намудани дараҷаи ташаккулёбии меъёрҳои омодагии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба худмуайянкунии касбӣ ба ҳисоб меравад.

«...Гузаронидани озмоиш оид ба тафтиши самарабахшии низоми муайяни тадбирҳо амалҳои зеринро дарбар мегирад: омӯхтани вазъи ибтидоии низом, ки дар он таҳлили сатҳи ибтидоии донишу маҳорат, парварида шудани сифатҳои мушаххаси шахсият ё коллектив ва ғайра гузаронида мешавад; омӯхтани вазъи ибтидоии шароитҳое, ки озмоиш дар онҳо гузаронида мешавад; тасвияи меъёрҳои самарабахшии низоми тадбирҳои пешниҳодшуда; додани дастурамал ба иштирокдорони озмоиш дар бораи тартибу шартҳои самарабахш гузаронидани он; сабти додаҳо дар бораи рафти озмоиш дар асоси буришҳои мобайнӣ, ки тағйирёбии объектро таҳти таъсири низоми озмоишии тадбирҳо тавсиф мекунад; нишон додани навоқиси эҳтимолию типӣ ва мушкилот дар рафти озмоиш; арзёбии харҷи ҷории вақту восита ва ҷидду ҷаҳд» [1, с.239-240].

Дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ мо меъёрҳои пешниҳодкардаи олим С.Н. Чистяковро мавриди истифода қарор додем. Дар асоси меъёрҳо мо сатҳҳои зерин: баланд, миёна ва пастро муайян кардем.

**Сатҳи баланди** ташаккули омодагӣ ба худмуайянкунии касбии муҳассилин ин доштани тасаввурот дар бораи қобилият, майлу рағбат, имконият ва сифатҳои муҳими касбии худ; донистани олами атроф оид ба меҳнати касбӣ; дарки амиқи интихоби донишҷӯ барои фаъолияти ояндаи касбӣ. Муҳассилинони мазкур дар раванди худтанзимкунии касбӣ, ки дар муносибати мусбии онҳо ба худи вазъи интихоби касб ифода ёфтааст, фаъолона иштирок карда, дар қабули қарорҳо, банақшагирӣ ва пешгӯии фаъолияти худ ташаббус, мустақилият, масъулият нишон медиҳанд. Онҳоро муносибати эҷодӣ ба меҳнат, саъйи доимӣ барои такмили дониш ва малакаҳои амалии худ, дараҷаи баланди ташаккули манфиатҳои касбӣ, амиқӣ ва огоҳии ниятҳои интихоби касб ва мувофиқати худӣ фарқ мекунанд.

**Сатҳи миёнаи** омодагӣ ба худмуайянкунии касбӣ бо тасаввури нокифояи возеҳи мактаббачагон дар бораи қобилиятҳо, майлҳо, сифатҳои муҳими касбии касбӣ ва сатҳи пасти дониши ҷаҳони касбҳо тавсиф карда мешавад. Наврасон одатан аҳамияти интихоби дурусти касби ояндаро мефаҳманд, аммо дар татбиқи он душвориҳои муайянро аз сар мегузаронанд, дар ин робита, фаъолияти муҳассилин дар қабули қарор дар бораи соҳаи интихобкардаи фаъолияти касбӣ хеле кам зоҳир шуда, доираи нисбатан хурди шавқу ҳавасҳои касбӣ доранд, ки бо амиқӣ ва устувории зиёд фарқ намекунанд, аммо бештар

зудбоваранд.

**Сатҳи пасти** омодагӣ ба худмуайянкунии касбӣ бо заифи сусти мактаббачагон дар бораи майлу рағбатҳо, қобилиятҳо, сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим ва сатҳи пасти дониши ҷаҳони меҳнати касбӣ хос аст. Дар наврасон амалан қобилияти гузоштани ҳадафҳои мушаххас барои худ, назорат ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти шахсӣ вуҷуд надорад ва инчунин мустақилона банақшагирӣ ва пешгӯии фаъолияти худро дошта наметавонанд. Манфиатҳои касбии наврасон сатҳӣ буда, ба тарзи эпизодӣ ба вуҷуд меоянд ва бо ҷаззобияти берунии як касби муайян алоқаманд буда, дар бораи омилҳои интихоби фаъолияти касбии оянда огоҳӣ надорад, дар робита ба ин, наврасон дар қабули қарор дар бораи интихоби касб беэътиборӣ карда, мустақилият, ташаббус ва муносибати эҷодӣ ба татбиқи фаъолиятҳои амалиро надоранд. Худбаҳодиҳӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

Дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ 28 нафар муҳассилини синфи 4-уми «Гимназияи Нур»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров фарогир карда шуданд.

Дар ҷараёни баҳодиҳии сифатии дониши наврасон дар бораи касбҳо маълум шуд, ки онҳо хусусиятҳои психологии фаъолияти касбиро суст дарк мекунанд. Аз 28 нафар мактаббачагони пурсидашуда танҳо 69% дар бораи мӯҳтавои меҳнати намояндагони касбҳои номбаркардаашон посухи кӯтоҳ доданд, 19% воситаҳои асосии меҳнат ва 12% - фароҳамоварии шароитҳои кориро номбар карда тавонистанд.

Натиҷаҳои ташхис нишон доданд, ки наврасон аз ҷаҳони касбҳо, соҳаҳои фаъолияти касбӣ, талаботи касбӣ каме бошад ҳам огоҳӣ доранд. Ба ҳисоби миёна, наврасони синфи 4 тақрибан 14 касб, аз ҷумла: омӯзгор, мусиқачӣ, фурӯшанда, бинокор, духтур, оташнишон, барқчӣ, кайҳоннавард, иқтисодчӣ ва ғайра Баъзе аз касбҳоро аксарият, яъне 79% ва 11%-и муҳассилин тавонистанд танҳо дар бораи танҳо 5-6 касб ҳисобот диҳанд. Аммо, 7%-и хонандагони мактабҳо аз 25 то 30 номгӯи касбҳо ба назар мерасиданд, инчунин гурӯҳи хурди муҳассилин, яъне 3% тавонистанд баъзе касбҳои нодир ва кӯҳнашуда, ба монанди баҳршинос, бостоншинос, дудкашҳо ва ғайра ва касбҳои нав: барномасоз, менеҷер, тарҳсоз, мӯдшинос ва ғайра.

**Ҷадвали №1 Дараҷаи ташаккулёбии меъёрҳои омодагии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба худмуайянкунии касбӣ**

| Дараҷаҳо | Меъёрҳои худмуайянкунии касбӣ бо % | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1.Маърифатӣ | | 2.Эҳтиёҷот ба ҳавасмандкунӣ | | 3.Фаъолиятӣ-амалӣ | |
| | Н | О | Н | О | Н | О |
| **Баланд** | 37 | 69 | 15 | 54 | 11 | 49 |
| **Миёна** | 21 | 19 | 37 | 24 | 33 | 31 |
| **Паст** | 42 | 12 | 48 | 22 | 56 | 20 |




**Диаграммаи 1. Сатҳи ташаккулёбии худмуайянкунии хонандагон дар гурӯҳи назоратӣ**




**Диаграммаи 2. Сатҳи ташаккулёбии худмуайянкунии хонандагон дар гурӯҳи озмоишӣ**

Дар раванди омодасозии мактаббачагон ба худмуайянкунии касбӣ хислат ва сифатҳои муҳими касбӣ ташаккул меёбанд. Аз ин лиҳоз, мо дар раванди корҳои таҷрибавӣ зуҳури меҳнат, интизом, мустақилият ва эҷодкориро дар кори хонандагон назорат намудем.

Ҳамин тариқ, мо сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти психологию педагогӣ оид ба масъалаҳои худмуайянкунии касбии муҳассилинро таҳлил ва баррасӣ намудем. Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро водор месозад, ки барои ташаккули омодагии муҳассилин ба худмуайянкунии касбӣ бояд аз зинаи ибтидоӣ оғоз ёбад ва омӯзгор бояд аз ҳамаи имконияту шароитҳои таълим фароҳам ва самаранок истифода баранд.

**АДАБИЁТ**

1. .Алиева М.Н. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба санҷидани қобилияти эҷодии хонандагон аз фанни санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ /М.Н.Алиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №-5, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020.-314.С. 238-243
2. .Ананьев Б.Г. Асарҳои психологии интихобшуда. -Т. 2. -М., 1981. - 292 с.
3. .Божович Л.И. Шахсият ва ташаккули он дар синни кудакӣ. - М.: Просвещение, 1968. - 464 с.
4. .Дадобоева М.А. Амсиласозии раванди ташаккули омодагии омӯзгорон ба фаъолияти эҷодӣ [Текст]: /М.А. Дадобоева, А.А. Азизов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2016.-С.222-224.
5. .Дадобоева М.А. Шароитҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти эҷодӣ дар мактаб [Текст]: /М.А.Дадобоева// дисс…номз. илмҳои пед.: 13.00.01.-Душанбе, 2010.-183 с.
6. .Климов Е.А. Психологияи худмуайянкунии касбӣ /Е.А.Климов// Ростов-на-Дону: Феникс, 1996. - 512 с.
7. .Кудрявсев Т.В.Таҳлили психологии динамикаи худмуайянкунии касбии шахсият /Т.В. Кудрявсев, В.Ю. Шегурова// Суолҳои психологӣ.-1983.-№2.-С.51-59.
8. .Носирова М.Н., Донишҳои донишҷӯён оид ба худмуайянкунии касбии хонандагон ва роҳҳои инкишофи он дар шароитҳои муосир /М.Н.Носирова,
9. М.Камолова, А.А.Азизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №-3, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019.-С.219-222.
10. .Неъматов Л.Х. Муносибати босалоҳият ба таълим дар зинаи ибтидоии таҳсил ва зарурати тағйири он /Л.Х.Неъматов, М.Н.Алиева, А.Н.Шамсиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар №-1/2 (74), Бохтар: ҶДММ «Матбаа», 2020.- С. 125-127
11. .Литвин О.Н. Ташаккули омодагии хонандагон ба интихоби касб дар раванди омӯзиши курси «Таълими меҳнат ва нақшакашӣ» /О.Н.Литвин// Автореф. дисс. ... номз.илм.пед..- Москва, 1993.- 18 с.
12. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26 январи соли 2021 http:jumhuriyat.tj
13. .Резапкина Г.В. Ман ва касби ман: барномаи худмуайянкунии касбӣ барои наврасон / Г.В. Резапкина. – М., 2000 – С. 309.
14. .Луғати иборaҳои хориҷӣ. –нашри 16. – М.: «Русский язык», 1988. - С.518.
15. .Чистякова С.Н., Журкина А.Я. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои омодагии хонандагон ба худмуайянкунии касбӣ / С.Н. Чистякова, А.Я.Журкина // - М.: Филология, 1997.- 80 с.
16. Цуканов А.И. Ташаккули омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба интихоби касб дар соҳаи «одам-техника» / А.И.Цуканова//Дисс. ... номз.илм.пед.- М., 1994.- 174 с.

## ОМОДАГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БА ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ

Дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои иҷтимоию иктисодӣ ба амал меоянд, ҳалли масъалаи ба ҳаёти мустақил қадам задани ҷавононро тезу тунд гардонд. Ин асосан зарурати дигаргун сохтани шаклҳои анъанавии кори педагогӣ, ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои нави баланд бардоштани раванди худмуайянкунии касбии мактаббачагон, роҳҳои баланд бардоштани ихтисоси касбии муаллимонро муайян мекунад. Ин масъаларо бо усули ба роҳ мондани кори мунтазами мақсадноки мутобиқшавии иҷтимоӣ ва худмуайянкунӣ ҳал кардан лозим аст.Дар

илми психологӣ мафҳуми худмуайянкунии касбӣ мафҳуми ягона нест. Дар энсиклопедияи таҳсилоти касбӣ раванди худмуайянкунии касбӣ ҳамчун ташаккули муносибат ба соҳаи меҳнат ва тарзи худтаъриxии он, ки тавассути ҳамоҳангсозии эҳтиёҷоти дохилишахсӣ ва касбӣ ба даст меояд, муайян шудааст. Худмуайянкунии касбӣ тамоми роҳи ҳаётӣ ва меҳнатии инсонро фаро мегирад ва бинобар ин метавон ҳамчун ҷузъи муҳими худмуайянкунии ҳаёт, яъне дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавқеи муайянро ишғол намуда, ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ дохил шудан, интихоби тарзи муайяни ҳаёт ва албатта, интихоби соҳаи фаъолияти меҳнатӣ ва касб мебошад. Ҳамин тавр, худмуайянкунии касбӣ сафарбар намудани қувва ва имкониятҳои ботинии шахс, дараҷаи муайяни инкишофи сифатҳои ихтиёриро талаб мекунад. Барои ба амал баровардани нияти касбии худ ба шумо лозим аст, ки худро ба азхудкунии касб фаъолона омода созед ва пайваста ба худомӯзию худтарбиякунӣ машғул шавед.
**Вожаҳои калидӣ:** касб, худмуайнкунӣ, худмуайянкунии касбӣ, омодагӣ, синфҳои ибтидоӣ, муҳассилин

## ГОТОВНОСТЬ ШКОЛЬНИКОВ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ К ПРОФЕССИОНАЛЬНОМУ САМООПРЕДЕЛЕНИЮ

Изменения, происходящие в социально и экономической сфере, обострили решение вопроса о вступлении молодежи в самостоятельную жизнь. Это во многом обуславливает необходимость преобразования традиционных форм педагогической работы, поиска новых методов и приемов активизации процесса профессионального самоопределения, школьников, способов повышения профессиональной квалификации педагогов. Нужно решить эту проблему путем проведения целенаправленной систематической работы по социальной адаптации и самоопределению.В психологической науке не существует единого определения понятия профессионального самоопределения. В энциклопедии профессионального образования процесс профессиональное самоопределение обозначен, как формирование отношения к трудовой сфере и способа его самореализации, достигаемой благодаря согласованию внутриличностных и профессиональных потребностей. Профессиональное самоопределение охватывает весь жизненный и трудовой путь человека и поэтому может рассматриваться, как важная составляющая часть жизненного самоопределения, то есть занятия определенного места в социальной структуре общества, вхождения в ту или другую социальную группу, выбора определенного образа жизни и, конечно, выбора сферы трудовой деятельности и профессии.Таким образом, профессиональное самоопределение требует мобилизации внутренних сил и возможностей личности, определенного уровня развития волевых качеств. Чтобы реализовать свое профессиональное намерение, нужно активно готовить себя к овладению профессией и постоянно заниматься самообразованием и самовоспитанием.
**Ключевые слова:** профессия, самоопределение, профессиональное самоопределение, готовность, начальный класс, ученики

## READINESS OF ELEMENTARY SCHOOLS FOR PROFESSIONAL SELF-DETERMINATION

The changes taking place in the social and economic spheres have aggravated the solution to the issue of young people entering an independent life. This largely determines the need to transform the traditional forms of pedagogical work, to search for new methods and techniques to enhance the process of professional self-determination, school students, and ways to improve the professional qualifications of teachers.It is necessary to solve this problem by carrying out purposeful systematic work on social adaptation and self-determination.

In psychological science, there is no single definition of the concept of professional self-determination. In the encyclopedia of vocational education, the process of professional self-determination is designated as the formation of an attitude towards the labor sphere and a way of its self-realization, achieved through the coordination of intrapersonal and professional needs.Professional self-determination covers the entire life and work path of a person and therefore can be considered as an important component of life self-determination, that is, occupying a certain place in the social structure of society, entering one or another social group, choosing a certain way of life and, of course, choosing the sphere of labor. activities and profession.Thus, professional self-determination requires the mobilization of the inner forces and capabilities of the individual, a certain level of development of volitional qualities. To realize your professional intention, you need to actively prepare yourself for mastering the profession and constantly engage in self-education and self-education.
**Keywords:** profession, self-determination, professional self-determination, readiness, primary grade, students

**Маълумот дар бораи муаллифон:*Азизов Абдулатиф Абдухалимович-*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.E-mail: **azizovsher@bk.ru.** Телефон: **(92-747-41-15)**

***Алиева Мунзифахон Насимовна*** –Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, докторант Ph.D, омӯзгори калони кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.E-mail**: m.alieva-92@mail.ru**.Телефон: **(+992) 92-980-74-36.**

***Собирова Мавзуна Салимовна-*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, муаллими кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.E-mail: **smavzuna.1984@mail.ru**.Телефон: **(+992) 92-708-09-29**.

**Сведение об авторах:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** **-** Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **azizovsher@bk.ru**. Телефон: **92-747-41-15**

***Алиева Мунзифахон Насимовна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова,

докторант Ph.D, старший преподаватель кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.E-mail: **m.alieva-92@mail.ru**.Телефон: **(+992) 92-980-74-36.**
***Собирова Мавзуна Салимовна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, преподаватель кафедры общей педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.E-mail: **smavzuna.1984@mail.ru**.Телефон: **(+992) 92-708-09-29**.

**Information about the authors:** ***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich*** - Khudzhan State University named after academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **azizovsher@bk.ru.** Phone: **92-747-41-15**
***Alieva Munzifakhon Nasimovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Ph.D. doctoral student, senior lecturer at the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, city of Khujand, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **m.alieva-92@mail.ru** Phone: **(+992) 92-980-74-36.**
***Sobirova Mavzuna Salimovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the Department of General Pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **smavzuna.1984@mail.ru** Phone: **(+992) 92-708-09-29.**.

**УДК:378.02**

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ШАҲРВАНДӢ ВА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН МУАММОИ ПЕДАГОГӢ

***Мирализода А. М., Давлатзода Ҷамила***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Коллеҷи омӯзгории Ҳисор, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳама медонанд, ки ҳангоми ба воя расидан ва таҷрибаи иҷтимоӣ ва ҳаётӣ гирифтан, инсон ҳамеша бо сатҳи бадастомада ва зарурати дониши минбаъдаи муҳит мухолифат мекунад. Дониши мавҷуда барои таҳлил ва дарки системаҳои атрофи зуҳуроти иҷтимоӣ, муносибатҳо, арзишҳо ва ғайра кофӣ буда наметавонад. Дар доираи ин усул, муаллим дарки хонандаро дар бораи дониш, принсипҳо ва меъёрҳои нави ҷомеа огоҳона ташкил мекунад. Ҳадафи ин раванд эҷоди дониши умумӣ дар бораи ҷаҳон аст. Намунаҳо аз ҳаёт, адабиёт, санъат ва матбуоти даврӣ хеле назаррас мебошанд. Роҳбарони синф, муаллимони фанҳо дар давоми дарсҳо, инчунин баъд аз дарсҳо метавонанд бо хонандагон дар мавзӯъҳои гуногун суҳбат,- кунанд. Аз ҷумла дар мавзӯъҳои "Донишҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ҳамзистии бехатарии инсон дар ҷаҳони муосир", "Оғози таърихи инсоният", "Таърихи ҷангҳо ва таърихи рушди тафаккур", "Хонаи умумии мо - сайёраи Замин", "Дониш ҳамчун моликияти зеҳнӣ", "Мубориэаи мардум барои озодӣ", "Технологияҳои иттилоотӣ ва ҷаҳони муосир" ва ғайра.

Тарбия ҷараёни мушаххаси ҳамкорӣ байни муаллимон ва муҳасилин мебошад. Онро метавон бо ду роҳи асоси амалӣ кард. Роҳи аввал субъективист.

Роҳи объективӣ мушкилтар аст. Он тағйироти мақсаднокро дар хаёти тарбиятгиранда дар бар мегирад, ки тавассути ин дигаргуниҳо хонандагонро ба ташаккули сифатҳои хусусияти иҷтимоӣ ва сифатҳои шахсӣ муайян мекунанд. Хусусияти муҳимми ин усул ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Он барои рушди қобилияти арзёбии донишмандон дар зуҳуроти олами атроф, амалҳои онҳо асос аст. Татбиқи бомуваффақияти ин усул дар ниҳоят ба он оварда мерасонад, ки хонанда мутаносибан мустақил ва субъективӣ мувофиқи системаи рейтингии дигарон амал мекунад.

Дар ҷараёни истифодаи усулҳои ташаккули шуури шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ як қатор қоидаҳо бояд риоя карда шаванд, ки боиси муваффақияти тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии наврасон мегарданд:

1. Зарур аст, ки ба раванди дарозмуддати андухтани дониш, малака ва қобилияти

хонандагони мактаб дар самти сифатҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ тамаркуз карда шавад. Усулҳое, ба монанди суҳбат, мусоҳиба, мубоҳисаҳо, КВН ва ғайра самаранок буда наметавонанд. Онҳо асосан барои ба даст овардани самараи тадриҷӣ нигаронида шудаанд.

2. Агар масъалаи фарогирӣ, масъалаи шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ расмӣ, руякӣ бошад, агар дар сатҳи тарғиботи одӣ бошад, ҳеҷ таъсире ба оқибати тарбиявӣ надорад. Таърихан, замонҳои шиорҳои баланд, вақте ки мо танҳо бо суханон метавонистем ба насли ҷавон муроҷиат намоем, гузашт. Имрӯз ҷавонон, хонандагон ба бисёр чизҳо шубҳа доранд ва ин тааҷҷубовар нест, зеро вазъи ҷамъиятию сиёсӣ тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст. Аз ин рӯ, агар мо дар бораи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ сухан ронем, пас бо интихоби калимаҳо ва мисолҳои дуруст ба таври ҷиддӣ ва бодиққат сухан гуфтан лозим аст.

3. Мо бояд ба хонандагон ва наврасон имконият диҳем, ки дар баҳодиҳии воқеии ҳодисаҳо, анҷом додани корҳои шахсӣ, хулоса баровардан озод бошанд.

4. Масъалаи муҳим интихоби намунаҳои пешниҳодшудаи мақоми фаъоли шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Хонандагони зирак ба зудӣ изҳороти шахсонеро ба ёд меоранд, ки барои ба даст овардани даромади ночиз ва зиндагии бад, бояд бисёр ва тӯлонӣ таҳсил кард. Ҳангоми оғози суҳбат дар мавзӯъҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, тағйиротҳои охирини идеалҳои хонандагонро бояд ба назар гирифт.

Бо мақсади гузарондани тадқиқот оид ба тамоюлоти арзиш, дар вақти гузаронидани корҳои баруназсинфӣ, мубоҳисаҳо, муколамаҳо, шомҳои мавзӯӣ, КВН, олимпиадаҳо, гуфтугӯҳо, дарсҳои кушод барои хонандагони синфҳои 5-9 ва 10-11 ширкат варзидем ва танҳо баъд пурсиш гузаронидем.

Пурсиш аз рӯйи 10 самти арзишӣ гузаронида шуд:

1. Муносибатҳои шахсӣ беҳтар шуда истодаанд.
2. Ҳисси коллективизм тақвият дода мешавад.
3. Эҳтиром ба гурӯҳ рушд мекунад.
4. Худшиносӣ ташаккул меёбад.
5. Фаъолияти суханрониро таъмин мекунад.
6. Қобилияти фикрронии мантиқӣ ташаккул ёфта истодааст.
7. Ҳамкорӣ ва ҳамдардӣ ба гурӯҳ рух медиҳад.
8. Ташаббус зиёд шуда истодааст.
9. Фаъолиятҳои маърифатӣ ва амалӣ мустаҳкам карда мешаванд.
10. Хонандагон қаноатмандӣ ва шавқро дар иштирок дар фаъолиятҳо эҳсос мекунанд.

Дар марҳилаи 1 тафовут дар посухҳои “ҳа” байни хонандагони синфҳои 10-и ноҳияҳои Фархор ва Муъминобод аз 0,8% то 3,9% буд; дар синфи 11 дар сатҳи 0.8% то 10.2%. Фарқи муқоисавии байни синфҳои 10 ва 11 аз посухҳои “ҳа” 0,8% то -8,6% буд.

Таҳлили ҷадвали 3 нишон дод, ки фарқияти натиҷаҳои ниҳоӣ дар зинаи 1-и ҷавобҳои "Ҳа" ба 0.3% (77.1 / 77.4%) баробар аст. Хонандагони синфи 10-и ноҳияи Муъминобод пешсафанд. Дар ҷавобҳои "Не" фарқият дар марҳилаи 1-ум 0,3% (22,9% 22,6%) буд, пешсаф дар посухҳои манфӣ хонандагони синфи 10-и ноҳияи Фархор мебошанд.

Дар марҳилаи 2, фарқияти ниҳоӣ 2,5% (90,6% / 88,1%), хонандагони синфи 11-и ноҳияи Фархор пеш гузаштанд. Дар посухҳои "Не" фарқият -2,5% (9,4% / 11,9%) буда, дар посухҳои манфӣ хонандагони синфи 11-и ноҳияи Муъминобод пешанд. Ҳангоми муқоисаи маълумоти ниҳоӣ байни хонандагони синфи 10 ва хонандагони синфи 11, фарқият -2.8% (-0.3% / 2.5%) буд, ки талабаҳои синфи 11 аз ноҳияи Фархор пешсаф буданд. Дар посухҳои

"Не" бо фарқияти 2,8% (0,3% / - 2,5%), хонандагони синфи 11-и ноҳияи Муъминобод дар посухҳои манфӣ пешсафанд.

Ҷавобҳои хотимавӣ "Ҳа" ва "Не" барои 10 самти арзиш дар марҳилаи 1:

Самтгирии арзиш:

1. Муносибатҳои шахсӣ беҳтар шуда истодааст.
2. Ҳисси коллективизм тақвият дода мешавад.
3. Эҳтиром ба гурӯҳ рушд мекунад.
4. Худшиносӣ ташаккул меёбад.
5. Фаъолияти суханрониро таъмин мекунад.
6. Қобилияти фикррониии мантиқӣ ташаккул меёбад.
7. Ҳамкорӣ ва ҳамдардӣ ба гурӯҳ рух медиҳад.
8. Ташаббус инкишоф меёбад.
9. Фаъолиятҳои маърифатӣ ва амалӣ мустаҳкам карда мешаванд.
10. Хонандагон аз иштирок дар фаъолиятҳо қаноатманданд ва шавқ зоҳир мекунанд (ниг. диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Такмили муносибатҳои байнишахсӣ**




Диаграммаи 1 ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки муносибатҳои байнишахсӣ байни хонандагони синфҳои 10-11 ҳангоми баҳсҳо, мубоҳисаҳо, гуфтугӯҳо, конфронсҳо, шомҳо, олимпиадаҳо, КВН ба роҳ монда мешаванд.

**Диаграммаи 2. Ҳисси коллективизм тақвият дода мешавад**




Диаграммаи 2 ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки ҳисси коллективизмро хонандагон дар синфҳои 10-11 ҳангоми баҳсҳо, мубоҳисаҳо, гуфтугӯҳо, конфронсҳо, бегоҳӣ, олимпиадаҳо, КВН чӣ гуна мустаҳкам мекунанд.

**Диаграммаи 3. Ташаккулёбии худшиносӣ**




Диаграммаи 3 ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки чӣ гуна худбаҳодиҳӣ дар байни хонандагони синфҳои 10-11 ҳангоми баҳсҳо, мубоҳисаҳо, гуфтугӯҳо, конфронсҳо, шомҳо, олимпиадаҳо, КВН ташаккул ёфтааст.

**Диаграммаи 4 Фаъолиятҳои маърифатӣ ва амалӣ**




Диаграммаи 4 ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ дар байни хонандагони синфҳои 10-11 ҳангоми баҳсҳо, мубоҳисаҳо, гуфтугӯҳо, конфронсҳо, шомҳо, олимпиадаҳо, КВН чӣ гуна тақвият меёбад.

**Диаграммаи 5. Эҳсоси қаноатмандӣ ва шавқ дар хонандагон ҳангоми иштирок дар фаъолият**




Диаграммаи 5 ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки чӣ гуна хонандагони синфҳои 10-11 дар баҳсҳо, мубоҳисаҳо, гуфтугӯҳо, конфронсҳо, шомҳо, олимпиадаҳо, КВН қаноатмандӣ ва ҳавасмандӣ зоҳир менамоянд.

Мебинем, ки дар ҷавобҳои "ҳа" фарқият 0,2% (78,8% / 78,5%), дар ҷавобҳо "не", фарқият 0,2% (21,2% / 21,5%) буд, дар посухҳои манфӣ хонандагони синфи 10-и ноҳияи Муъминобод дар пешанд.

Барои хонандагони синфи 11 дар посухҳои "ҳа" фарқият 0,5% (87,3% / 86,7%) ва дар посухҳои манфӣ "не" тафовут дар сатҳи -0.5% (12.75 / 13) буданд. 3%), дар пеш хонандагони синфи 11-и ноҳияи Муъминобод. Тафовути муқоисавии хонандагони синфҳои 10 ва 11 аз посухҳои "ҳа" дар сатҳи -0.3% (0.2% / 0.5%) буд, ки хонандагони синфи 11-и ноҳияи Фархор пешсаф буданд; дар посухҳои "не", хонандагони синфи 11-и ноҳияи Муъминобод пешсафанд.

Тафовут дар посухҳои "ҳа" байни хонандагони синфи 10 аз 0,8% то 3,9% аст; дар байни хонандагони синфи 11 дар сатҳи 0.8% то 1.6% аст.

Ҳангоми муқоисаи маълумоти ниҳоӣ байни хонандагони синфи 10 ва хонандагони синфи 11 дар марҳилаи 2, фарқияти посухҳои "ҳа" 0,3% (0,2% / 0,5%) буд, ки хонандагони синфи 11-и ноҳияи Фархор пешсаф буданд. Дар посухҳои "Не" бо фарқияти 0,3% (0.2% / 0.5%), хонандагони синфи 10-и ноҳияи Муъминобод дар посухҳои манфӣ пешсафанд.

Ҷавобҳои хотимавӣ "Ҳа" ва "Не" барои 10 самти арзиш дар марҳилаи 2:

1 Муносибатҳои байнишахсӣ ба роҳ монда шудаанд.

2. Ҳисси коллективизм тақвият дода мешавад.

3. Эҳтиром ба гурӯҳ рушд мекунад.

4. Худшиносӣ ташаккул меёбад.

5. Фаъолияти суханрониро таъмин мекунад.

6. Қобилияти фикррониии мантиқӣ ташаккул меёбад.

7. Ҳамкорӣ ва ҳамдардӣ ба гурӯҳ рух медиҳад.

8. Ташаббус зиёд мегардад.

9. Фаъолиятҳои маърифатӣ ва амалӣ мустаҳкам карда мешаванд.

10. Хонандагон қаноатмандӣ ва ҳавасмандӣ нисбати иштирок дар фаъолиятро доранд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки чӣ гуна фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ дар байни хонандагони синфҳои 10-11 ҳангоми баҳсҳо, мубоҳисаҳо, гуфтугӯҳо, конфронсҳо, шомҳо, олимпиадаҳо, КВН тақвият дода шудааст.

Усули ташкили фаъолияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ гурӯҳи дуюми усулҳои педагогӣ дар тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстии насли наврас мебошад. Он машқҳоро дар самти рушди фарҳанги шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстии хонандагон бо дарназардошти дарки афкори ҷомеа, пурзӯр намудани талабот ба таҳсил, гирифтани таҷрибаи амалии рафтори шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқӣ, амали ватандӯстӣ ва ғайра дар бар мегирад. Вазифа фароҳам овардани шароит барои омӯзиши мунтазами хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ мебошад.

Натиҷаи кор бо ин усул бояд ташаккули дониш ва одатҳои нав бошад, хонандагон унсурҳои рафтори шаҳрвандиро аз худ мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳаёти наврас дар гурӯҳ, ба ҳалли мушкилиҳои умумӣ, ки боиси ташаккули рафтори шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва амали ватандӯстона мегардад таъсир мерасонад.

Вазифаи мактаби муосир ташаккули шаҳрванд, шахсе мебошад, ки қодир аст амалҳои мустақил ва масъулиятнок дошта бошад.

ВАО дар ташаккули одатҳо нақши муҳим мебозанд. Дар маводҳои онҳо намунаҳои мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва и ватандӯстӣ зиёд мавҷуданд.

Таҳлили амалҳои инсонӣ махсусан арзишманданд. Наврас имконият пайдо мекунад, ки дар таҳлили зуҳурот, муқоиса кардани мавқеи онҳо ва дигарон, иштирок намоянд.

Табиист, ки ба ин васила мавқеи шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва ватандӯстии ӯ тақвият меёбанд.

Функсияи танзим дар ин самт талаботи методро иҷро мекунад, ки ба шуури наврасон масъулият нисбат ба ҷамъият ва масъулият барои амалҳои худ марбут аст.

Дар тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ вобаста ба мавқеъ ва мушкилоти вазифаҳои банақшагирифта ҳама шаклҳои талаботи педагогиро истифода бурдан мумкин аст.

Ташкили таҷрибаи амалии рафтори ҳатмии шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ метавонад ҳамзамон бо истифодаи фармоиш ва супоришҳои гуногун анҷом дода шавад. Аммо, бояд қайд кард, ки муҳтавои фармоишҳо ва дастурҳо бинобар тағйир ёфтани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ тағйир меёбанд.

Ҳангоми истифодаи методологияи дар боло зикршуда бояд дар хотир дошт, ки шаклҳои коллективӣ ва инфиродии иштироки шаҳрвандӣ, огоҳии ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ метавонанд фарқ кунанд ва зарур аст, ки хусусиятҳои ҷалби шаҳрвандӣ ба назар гирифта шавад.

Ҳавасмандгардонии рафтори шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ маънои ташвиқ намудани наврас ба танзими рафтори худ мувофиқи стандартҳо ва меъёрҳои дар ҷомеа қабулшударо дорад. Аз як тараф, хонанда бояд фаъолияти худро таҳлил карда тавонад. Аз тарафи дигар, вай бояд муҳтавои ин талаботро бидонад, вагарна таҳлил кардан ғайриимкон аст. Ҷанбаи муҳимми савум ин аст, ки омӯзгор бояд хусусиятҳои инфиродии хонандаи мушаххасро ба назар гирад ва дар асоси он бо истифодаи технологияи муосири таълим раванди тарбияро ба роҳ монад.

Аз ин рӯ, боз як гурӯҳи усулҳо - усули ҳавасмандгардонии рафтори шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро ба инобат гирифтан лозим аст.

Назорат ҳамчун роҳи таъсир ба ҷомеа ё омӯзгорон, ки барои танзими рафтори иҷтимоии шахс истифода мешавад, пешниҳод карда мешавад. Рафтори инфиродӣ дар ҳолатҳое, ки изҳори шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро талаб мекунанд, метавонад ба мундариҷа, тарғиб ё таъқиби он мувофиқат кунад.

Дар сурати истифодаи дуруст, оқилона ва босаводонаи усулҳои дар боло зикршуда омӯзгорон метавонанд тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагонро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

## АДАБИЁТ


1. Афзалӣ Ҳ. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 113 с.
2. Бабаков В. Г. Национальное сознание и национальная культура: методол. пробл. / В.Г. Бабаков, В. - М., Семенов. -М.: МГУ, 1996. - 70 с.
3. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно - воспитательного процесса в школе: учеб.пособие / Ю.К. Бабанский. - М.: Педагогика, 1982 - 192с.
4. Бабанский Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований / Ю.К. Бабанский. - М.: Педагогика, 1982. - 192 с.
5. Басюк С.В. Воспитание гражданско - правовой позиции старшеклассников средствами гуманитарного знания / С.В. Басюк. АКД. - М., 2010. - 22 с.
6. Дадобоева М. А. Педагогические условия подготовки будущих учителей к творческой деятельности в школе / М.А. Дадобоева. АКД. -Душанбе, 2010. - 21 с.
7. 124.Джандаров Дж.З. Патриотическое воспитание студентов средствами военно - прикладных упражнений / Дж.З. Джандаров. АКД. Махачкала, 2011. - 21 с.
8. Джонназаров Х. Д. Становление и развитие педагогического образования в Таджикистане в 1917 - 1941: дис. ... д - ра. пед.наук. / Х.Д. Джонназаров - Худжанд, 1996. - 289 с.
9. Зиёзода Т.Н. Теоретические проблемы стратегии гражданского образования в Республике Таджикистан / Т.Н. Зиёзода. Н.А. Кунтувдый. - Душанбе: Маориф, 2008. - 288 с.
10. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Омӯзгор. - №44. 03\11\2006.
11. Лутфуллоев М. Омӯзиши Қонуни асосӣ ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактаб / М. Лутфуллоев, Т.Н. Зиёев. - Душанбе, 2001. - 41 с.
12. Общечеловеческие духовно - нравственные ценности и воспитание молодежи: Сб. научн. тр. (К междунар. научн. - практ. конф. 23 - 25сент. 1996 г. Серпухов). - М.: Серпухов: МГПУ, 1996. - 117 с.

13. Тоторкулова К.А. Подготовка педагогов к гражданскому воспитанию учащихся средствами национальных традиций в системе повышения квалификации / К.А.Тоторкулова. АКД. -Владикавказ, 2012. - 24 с.
14. Традиции в современном обществе: Исследование этнокультурных процессов. - М.: Наука, 1990. - 348 с.
15. Турсунов А. Национальный дух. Историческое размышление /А. Турсунов / ЭхёиАча - М. -2001. -№ 2. с.

## ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ШАҲРВАНДӢ ВА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН МУАММОИ ПЕДАГОГӢ

Дар ин мақола муаллифон вазифаҳои ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстии донишҷӯёнро ҳамчун масъалаи педагогӣ баррасӣ кардаанд. Тадқиқоти мо имкон дод, ки робитаи хусусият ва вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандустӣи бо хусусиятҳои асосии мактаби хозира муқаррар карда шавад. Барои фароҳам овардани шароит барои ташаккули шаҳрвандии мактаббачагон дарсҳои махсуси методӣ ва корхои беруназсинфӣ зарур аст. Шароит ва вазъиятеро муҳайё кардан лозим аст, ки дар он ҳақиқат дар гуногунрангии афкор воқеъ бошад, таҷрибаи ҷамъиятии шахсӣ ба арзишҳои ҷамъиятӣ мувофиқ бошад. Сарчашмаҳои таърихӣ низ арзишманданд, ки дар онҳо на танҳо донишҳои махсус андӯхтаанд, балки малакаҳое низ ҷой доранд, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳанд, ки принсипҳои ахлоқии худ ва муносибатҳои худро бо дигар одамон ва давлат бунёд кунанд. Танҳо усулҳои фаъол ва интерактивии дарс бо истифода аз шаклҳои (индивидуалӣ ва коллективӣ) кор бояд асоси муваффақияти вазъият дар синф ва корҳои беруназсинфӣ оид ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандустӣ ва худидоракунӣ ва худшиносии хонандагон гардад. Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандустӣ дар синф бо тақозои арзишҳои демократӣ эҳтироми мавқеи худ, эҳтироми ҳуқуқи инсонро ба бор меорад ва ҳамеша ба муколамаи созанда ва муҳокимаи моҳирона асос меёбад.

**Калидвожаҳо:** ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстӣ, кори инфиродӣ, проблемаи педагогӣ, ташаккули шуури шаҳрвандӣ дар мактаббачагон.

## ФОРМИРОВАНИЕ ГРАЖДАНСКОЙ КУЛЬТУРЫ И ВОСПИТАНИЕ ПАТРИОТИЗМА У УЧАЩИХСЯ КАК ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

В данной статье авторами рассматриваются задачи формирования гражданской культуры и воспитания патриотизма у учащихся как педагогическая проблема. Наше исследование позволило установить взаимосвязь особенностей и функций гражданско- патриотического воспитания с основными характеристиками современной школы. Для создания условий для формирования гражданственности у школьников, требуются специальные методические занятия и внеклассные работы. Важно создание условий и ситуаций, в которых истина лежит в многообразии мнений, где личный социальный опыт соизмерим с социальными ценностями. Ценны и исторические источники, в которых не только приобретенные специальные знания, но и навыки, которые позволят гражданам строить свои моральные принципы и отношения с другими людьми и государством. Только активные и интерактивные методы урока с использованием (индивидуальных и коллективных) форм работы должны быть основой для успеха ситуации в классе и во внеклассной работе по гражданско - патриотическому воспитанию и самоуправлении и самореализации учащихся. Гражданско- патриотическое воспитание в классе, утверждая демократические ценности, приносит уважение к собственной позиции, уважения правам человека и всегда строятся на конструктивном диалоге и умелом ведениим дискуссии.

**Ключевые слова:** формирование гражданской культуры и воспитания патриотизма, индивидуальная работа, педагогическая проблема, формирование гражданственности у школьников.

## FORMATION OF CIVIL CULTURE AND EDUCATION OF PATRIOTISM IN STUDENTS AS A PEDAGOGICAL PROBLEM

In this article, the authors consider the tasks of the formation of civic culture and the education of patriotism among students as a pedagogical problem. Our research made it possible to establish the relationship between the characteristics and functions of civil-patriotic education with the main characteristics of the modern school. To create conditions for the formation of citizenship in schoolchildren, special methodological lessons and extracurricular activities are required. It is important to create conditions and situations in which the truth lies in the diversity of opinions, where personal social experience is commensurate with social values. Historical sources are also valuable, in which not only acquired special knowledge, but also skills that will allow citizens to build their moral principles and relationships with other people and the state. Only active and interactive lesson methods using (individual and collective) forms of work should be the basis for the success of the situation in the classroom and in extracurricular work on civil - patriotic education and self-government and self-realization of students. Civil-patriotic education in the class, asserting democratic values, brings respect for one's own position, respect for human rights and is always based on constructive dialogue and skillful discussion.

**Key words:** the formation of civic culture and education of patriotism, individual work, pedagogical problem, the formation of civic consciousness in schoolchildren.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мирализода Абдусалом Мустафо*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
***Давлатзода Ҷамила*** **-** Коллеҷи омӯзгории Ҳисор, Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори коллеҷ.

**Сведение об авторах:** ***Миралиизода Абдусалом Мустафо*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, доктор педагогических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16.
***Давлятзода Джамиля*** – Педагогический колледж города Гиссар, кандидат педагогических наук, директор. **Адрес:** 3509038, Республика Таджикистан, город Гиссар, улица Камола Худжанди, 2А

**Information about the authors:** ***Miralizoda Abdusalom Mustafo*** **-** Kulyab State University named after A. Rudaki, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, rector. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarov, 16.
***Davlyatzoda Jamilya*** **-** Pedagogical College of the city of Gissar, candidate of pedagogical sciences, director. **Address:** 3509038, Republic of Tajikistan, Gissar city, Kamola Khujandi street, 2A

**УДК:371.13**

# АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ЗИМНИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ОИД БА МАВЗУӢ «ГЕНЕТИКАИ ОДАМ» ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТӢ

***Баротзода К.А.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Кори мустақилона фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯи макотиби олӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии донишҷӯён зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилонаро бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд.

Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад.

Ҳар як омӯзгор зимни корҳои мустақилона аз роҳу усулҳои гуногун истифода бурда, бояд кӯшиш намояд, ки сифат ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) баланд бардошта шавад, то ин ки дар низоми кредитии таҳсилот ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гардад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати машғулиятҳои мустақилона дар низоми кредитии таҳсилот мавҷуд будани маҷмӯаи таълимӣ, аз он ҷумла васоити таълимию адабиётҳои таълимӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ ҳар як омӯзгор вобаста ба фанни таълимӣ аз рӯйи барнома ва барномаи корӣ (силлабус) маҷмӯаи таълимӣ тайёр намуда, аз рӯйи он машғулиятҳоро мегузаронад. Дар маҷмӯаи таълимӣ микдори мавзӯъҳои амалӣ, КМДРО ва КМД нишон дода шудааст ва донишҷӯён аз рӯйи он корҳои мустақилонаро иҷро менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки набудани маводи таълимӣ сифати гузаронидани машғулиятҳои мустақилонаро паст менамояд [2, с.3].

Бинобар ин, ки барои пурсамар гузаронидани машғулиятҳои мустақилона омӯзгорон бояд ба донишҷӯён маводи ёрирасони таълимиро пешниҳод намоянд. Ба маводи таълимии ёрирасон матни лексияҳо, саволҳои тестӣ, ҷадвал, графику диаграммаҳо, ҳалли масъалаҳо ва сайтҳои дахлдори интернетӣ дохил мешаванд, ки дар маҷмӯаи таълимӣ нишон дода шудаанд ва ин мавод самаранокии машғулиятҳои мустақилонаро бо роҳбарии омӯзгор таъмин менамоянд.

Зимни гузаронидани машғулиятҳои мустақилона таҳти роҳбарии омӯзгор чун дар машғулиятҳои лексионӣ нақши асосиро устод мебозад. Омӯзгор барои самарабахш гузаштани машғулиятҳои мустақилона ба донишҷӯён мувофиқи нақшаи кории таълимӣ аз худ намудани мавзӯи муайян ва ҳал кардани масъалаи тааллуқдоштаро вазифаи хонагӣ месупорад. Бо ин мақсад донишҷӯён мавзӯъро мухтасар конспект менамоянд, дар дафтарашон масъала ва тестро ҳал мекунанд ва ба омӯзгор пешниҳод менамоянд.

Дар ҳар фанни таълимӣ мувофиқи барномаи таълимӣ ба ғайр аз лексия, машғулиятҳои амалӣ барои корҳои мустақилона таҳти роҳбарии омӯзгор соат ҷудо карда шудааст. Донишҷӯён зимни КМДРО бо ёрии устод супоришҳои додашударо дар дарс аз худ менамоянд.

Масалан, барои омӯзиши фанни «Ҳалли масъалаҳои биологӣ» дар курси 4-уми ихтисоси биология ва биология-химия мувофиқи барномаи таълимӣ 4-кредит ҷудо шудааст. Аз ин миқдор 2 кредит барои дарсҳои амалӣ ва 2 кредит барои КМДРО тақсим

шудааст. Агар дар ҷараёни дарсҳои КМДРО донишҷӯён зимни ҳалли масъалаҳо душворӣ кашанд, он гоҳ бо ёрии омӯзгор аз мушкилӣ баромада метавонанд. Ҳоло дар зер масъалаҳо барои донишҷӯён таҳти роҳбарии омӯзгор дар мавзӯи «Генетикаи одам» пешниҳод мегарданд (фанни ҳалли масъалаҳои биологӣ):

**Масъалаи 1**. Дар таваллудхона ду духтарро бо ҳам монанд карда, аз кадом волидайн буданашро фарқ накарданд ва онҳоро шартан Алфа ва Бета ном монданд. Волидайни яке аз онҳо дорои хуни гурӯҳи I ва III буда, волидайни дуюм дорои гурӯҳи хуни I ва II аст. Ташхиси озмоишгоҳии хун нишон дод, ки хуни Алфа ба гурӯҳи I ва Бета ба гурӯҳи II тааллуқ дорад.

Муайян намоед, ки духтарҳо аз кадом волидайн ба дунё омадаанд.

***Ҳалли масъала***

Аллелҳои гении волидайнро бо ҳарфҳо ишора карда, масъаларо ҳал мекунем:

**Роҳи якум**

P OO BO



| ○\□ | B | O |
|---|---|---|
| O | BO | OO |
| O | BO | OO |

**Роҳи дуюм**

P OO AA



| ○\□ | A | A |
|---|---|---|
| O | AO | AO |
| O | AO | AO |

***Ҷавоб***. Алфа дорои хуни II буда, аз волидайни дорои гурӯҳи хуни I ва II таваллуд шудааст.

**Масъалаи 2.** Аз падару модари чашмаш солим, якчанд фарзанди солим ва як писари далтоник ба дунё омад (яъне ранги сурхро аз сабз фарқ намекард). Генотипи падару модар ва кӯдак чӣ гуна аст?

***Ҳалли масъала***

Маълум аст, ки барандаи касалӣ зан аст ва ин ген ҳам дар хромосомаҳои ҷинсии зан мавҷуд аст.

солим солим

P $X_AX_a$ $X_A$У

G $X_A$ $X_a$ $X_A$ У



$F_1$ $X_AX_A$ $X_A$У $X_AX_a$ $X_a$У

Фенотип солим касал

Ҷавоб: Генотипи кӯдак $X_a$У буда, касалро аз модар қабул кардааст.

**Масъалаи 3**. Агар дар падару модар резуси мусбӣ (аломатҳои доминантӣ) мавҷуд бошанд, аз онҳо кӯдаки резуси манфӣ таваллуд мешавад?

***Ҳалли масъала***

Резуси мусбӣ резуси манфӣ

P $Rh^+rh^-$ $Rh^+rh^-$

G $Rh^+$ rh- $Rh^+$ $rh^-$



$F_1$ $Rh^+$ $Rh^+$ $Rh^+$ $rh^-$ $Rh^+$ $rh^-$ $rh^-$ $rh^-$

Генотип 1 $Rh^+$ $Rh^+$ : 2 $Rh^+$ $rh^-$ : 1 $rh^-$ $rh^-$

Фенотип 3 резуси мусбӣ; 1 резуси манфӣ

Ҳамин тавр маълум шуд, ки зимни гетерозиготӣ будани гаметаҳои волидайн аз падару модари резусаш мусбӣ, кӯдаки резусаш манфӣ тавлид мешавад.

**Масъалаи 4.** Падар ба касалии гемофилия гирифтор аст. Модар солим аст. Духтар

гирифтори гемофилия аст. Оё дар ин маврид гуфтан дуруст аст, ки духтар гемофилияро аз падар мерос гирифтааст?

***Ҳалли масъала***

солим касал

P XX $X_1$У

G X X $X_1$ У 

Генотип $F_1$ $XX_1$ XУ

солим

**Масъалаи 5**. Зани солим, ки падараш далтоник буд, ба марди солим хонадор шуд. Дар ин оила кӯдакони далтоник таваллуд мешаванд ё не?

***Ҳалли масъала***

солим касал

P $XX_1$ XУ

G X $X_1$ X У 

Генотип $F_1$ XX XУ $X_1$X $X_1$У

солим касал

Аз ҳалли масъала маълум мешавад, ки дар ин оила кӯдакони далтоник таваллуд мешаванд.

**Масъалаи 5**. Аз оилаи муллатҳо (метист $A_1a_1A_2a_2$) чӣ гуна фарзандон бо чӣ хел ранги пӯст таваллуд мешаванд: пурра сиёҳ, миёна ё сафед?

***Ҳалли масъала***

P $A_1a_1A_2a_2$ $A_1a_1A_2a_2$ 

| ♀\♂ | $A_1A_2$ | $A_1a_2$ | $a_1A_2$ | $a_1a_2$ |
|---|---|---|---|---|
| $A_1A_2$ | $A_1A_1A_2A_2$ | $A_1A_1A_2a_2$ | $A_1a_1A_2A_2$ | $A_1a_1A_2a_2$ |
| $A_1a_2$ | $A_1A_1A_2a_2$ | $A_1A_1a_2a_2$ | $A_1a_1A_2a_2$ | $A_1a_1a_2a_2$ |
| $a_1A_2$ | $A_1a_1A_2A_2$ | $A_1a_1A_2a_2$ | $a_1a_1A_2A_2$ | $a_1a_1A_2a_2$ |
| $a_1a_2$ | $A_1a_1A_2a_2$ | $A_1a_1a_2a_2$ | $a_1a_1A_2a_2$ | $a_1a_1a_2a_2$ |

Генотип 1 $A_1A_1A_2A_2$: 2$A_1A_1A_2a_2$: 2$A_1a_1A_2A_2$: 4 A1a1A2a2: 1$A_1A_1a_2a_2$: 2 $A_1a_1a_2a_2$: 1 $a_1a_1A_2A_2$: 2 $a_1a_1A_2a_2$: 1 $a_1a_1a_2a_2$

Фенотип 1-сиёҳ : 4-сиёҳчатоб : 6-муллат: 4-сафедчатоб : 1-сафед

**Масъалаи 6**. Марди солими албинос ба зани солим, ки падараш гемофилик ва модараш албинос буданд, хонадор шуд. Дар ин оила чӣ гуна фарзандон ва бо кадом аломатҳо таваллуд мешаванд?

***Ҳалли масъала***

А-солим В-солим,

а-гемофилик в-албинос

P $X^A{}_B X^a{}_в$ $X^A{}_в$У 

$F_1$

| ♀\♂ | $X^A{}_в$ | У |
|---|---|---|
| $X^A{}_B$ | $X_{AB}X_{Aв}$ | $X_{AB}$У |
| $X^a{}_в$ | $X_{Aв}X_{aв}$ | $X_{aв}$У |

Генотип 1$X^A{}_B X^A{}_в$: 1$X^A{}_в X^a{}_в$: 1 $X^A{}_B$У : 1 $X^a{}_в$У

Фенотип 1-солими гемофилик:1-солими барандаи албинос:

1-солими барандаи гемофилик ва албинос:1-албинос

**Масъалаи 7.** Маълум аст, ки гени мичгони дароз доминантӣ аст. Аз зани мичгондароз ва марди мичгонкӯтоҳ 9- фарзанд таваллуд шуд, ки 4 нафари онҳо мичгони дароз ва 5- нафар мичгони кӯтоҳ доранд. Генотипи волидайнро ёбед.

***Ҳалли масъала***

А-мичгони дароз

а- мичгони кӯтоҳ

Р Аа аа



| ♀\♂ | а | а |
|---|---|---|
| А | Аа | Аа |
| а | аа | аа |

Генотип 2Аа : 2 аа

Фенотип 2 мичгони дароз : 2 мичгони кӯтоҳ.

**Масъалаи 8**. Зану мард чашмони солим доранд, аммо писари онҳо далтоник аст. Генотипи волидонро муайян кунед.

***Ҳалли масъала***

А-солим; а-далтоник

солим солим

Р $X_AX_a$ $X_A$У



| ♀\♂ | $X_A$ | У |
|---|---|---|
| $X_A$ | $X_AX_A$ | $X_A$У |
| $X_a$ | $X_AX_a$ | $X_a$У |

$F_1$ Генотип 1$X_AX_A$ : 1$X_AX_a$: 1$X_A$У:1 $X_a$У

Фенотип 75%- солим : 25%-касал (писарон)

**Масъалаи 9**. Аз хонадоршавии марду зани солим, писари гемофилик таваллуд шуданаш мумкин аст ё не? Генотипи волидайн ва писарро нависед.

***Ҳалли масъала***

**Дар ҳолати гомозиготӣ**

Р $X_AX_A$ $X_A$У



$F_1$

| ♀\♂ | $X_A$ | У |
|---|---|---|
| $X_A$ | $X_AX_A$ | $X_A$У |
| $X_A$ | $X_AX_A$ | $X_A$У |

Генотип 2$X_AX_A$ : 2$X_A$У .

**Ҷавоб:** гемофилик таваллуд намешавад.

**Дар ҳолати гетерозиготӣ**

А-солим, а-гемофилик

солим солим

Р $X_AX_a$ $X_A$У



$F_1$

| ♀\♂ | $X_A$ | У |
|---|---|---|
| $X_A$ | $X_AX_A$ | $X_A$У |
| $X_a$ | $X_AX_a$ | $X_a$У |

Генотип 1$X_AX_A$: 1$X_AX_a$: 1$X_A$У:1 $X_a$У

Фенотип 75%- солим: 25%-касал (писарон)

**Масъалаи 10.** Модар гурӯҳи хуни А ва падар гурӯҳи хуни В дорад. Гурӯҳи хуни фарзандони онҳо чӣ гуна аст?

***Ҳалли масъала***

Гурӯҳи I ; Гурӯҳи II ; Гурӯҳи III ; Гурӯҳи IV

ОО АА ё АО ВВ ё ВО АВ

**Роҳи якум**

Генотипи зан Генотипи мард

Р АА ВВ

G A A B B



Генотип $F_1$ AB AB

**Роҳи дуюм**

Генотипи зан Генотипи мард
P AO BO
G A O B O



Генотип $F_1$ AB AO BO OO

Аз ҳалли масъала маълум шуд, ки аз хонадоршавии падари гурӯҳи хуни III ва модари гурӯҳи хуни II дар оила фарзандон дорои гурӯҳи хуни I, II, III, IV ба дунё меоянд.

**Масъалаи 11**. Модар гурӯҳи хуни O ва кӯдак гурӯҳи хуни A дорад. Гурӯҳи хуни падар чӣ гуна аст?

***Ҳалли масъала***

Роҳи якум
Генотипи зан Генотипи мард
P OO AA



G O O A A
Генотип $F_1$ AO AO
Гурӯҳи хуни II

**Роҳи дуюм**

Генотипи зан Генотипи мард
P OO AO



G O O A O
Генотип $F_1$ AO OO

Бояд гуфт, ки тавассути иҷро намудани корҳои мустақилона (КМД ва КМДРО) донишҷӯён донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд ва дар онҳо мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбанд.

**Муқарриз: *Юлдошев Ҳ.* – доктори илмҳои биология, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алиханян С.И. Общая генетика / С.И.Алиханян, А. А.Акифьев, Л.С. Чернин. -М.: Высшая школа, 1985.
2. Байденко В.И. Болонский процесс: Курс лекций / В.И. Байденко. - М., 2004.
3. Байденко В.И. Болонский процесс: поиск общности Европейских систем образования (проект TUNING) / В.И. Байденко. - М., 2006.
4. Баум В. В. Система зачетных единиц (кредитов) как один из инструментов признания квалификаций / В. В. Баум. -М.: РУДН, 2007. -С. 12.
5. Баротзода К. Ҳалли масъалаҳои биологӣ. Китоби дарсӣ / К.А.Баротзода, С. Савлатов, М. Ғайратов, Н.Одинаев. -Душанбе, 2020. -225 с.
6. Бобоҷонов В.А. Асосҳои генетика / В.А. Бобоҷонов. - Душанбе, 1998.
7. Ватти К.В. Руководство к практическим занятиям по генетике / К.В. Ватти, М.М. Тихомирова. -М.: Просвещение, 1979.
8. Воронин А.С. Самостоятельная работа студентов. Учебно-методическое пособие для студентов. Учебник для педагогических вузов / Воронин А.С. -Екатеринбург, 2005.-255 стр.
9. Дубинин Н.П. Общая генетика / Н.П. Дубинин. –Москва: Наука, 1986.
10. Зубайдов У.З. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили корҳои мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён / У.З. Зубайдов, С.Ш. Алимов. - Душанбе, 2014.
11. Инге Вечтонов С.Г. Генетика с основами селекции. –Москва: Высшая школа, 1989.
12. Муртазин Г.М. Задачи и упражнения по общей биологии. Учебник для педагогических вузов / Г.М. Муртазин. -М.: Просвещение, 1988. -190 с.
13. Петров Д.Ф. Генетика с основами селекции / Д.Ф.Петров. -М.: Высшая школа, 1970.
14. Савлатов С. Генетика. Китоби дарсӣ / С. Савлатов, М. Ғайратов, К.А.Баротов. –Душанбе, 2010. -163с.
15. Сангинов Н.С. Кредитная система образования / Н.С. Сангинов, Н.С. Салимов. –Душанбе: Ирфон, 2005. -200с.


## АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ЗИМНИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ОИД БА МАВЗӮИ «ГЕНЕТИКАИ ОДАМ» ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТӢ


Дар мақола муаллиф оид ба асосҳои дидактикии тайёрии касбии омӯзгорони оянда зимни ҳалли масъалаҳо оид ба мавзӯи «Генетикаи одам» дар асоси низоми кредитии таҳсилот маълумот додааст. Барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши онҳо дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилона нақши басо бузург мебозад. Бо мақсади дар донишҷӯён тарбия намудани мустақилият ин низом ҳатмӣ талаб менамояд, ки аввалан, дар тафаккури донишҷӯён маърифати мустақилият инкишоф дода шавад, сониян, ба донишҷӯён омӯзонидани роҳу усулҳои мустақилона тавассути роҳнамоии омӯзгор дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии андухташон ниҳоят муҳим мебошад. Кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онон зиёд мегардад.

Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилона бо китоб, омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд. Хусусияти фарққунандаи низоми кредитии таҳсилот дар он аст, ки ба амиқтар омӯхтани донишҳо ва рушди унсурҳои эҷодкорӣ дар фаъолияти донишҷӯён равона шудааст. Низоми кредитии таҳсилот ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳайати омӯзгорону профессорон ва хусусан донишҷӯён мустақилият овард, муносибати ба фанҳои таълимӣ, интихоби курсҳои элективӣ тағйир ёфт, самаранокии азхудкунии донишҳои назариявӣ ва амалӣ тавассути рушди малакаҳои мустақили кории донишҷӯён баланд гардид. Ин ба донишҷӯён имкон дод, ки аз нуқтаи назари ихтисосҳои оянда ба омӯзиши фанҳои аз ҳама муҳим ва зарурӣ раҳнамоӣ шаванд.
**Калидвожаҳо**: корҳои мустақилона, кредит, низоми кредитӣ, омӯзгор, донишҷӯ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, ҳалли масъалаҳо.

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К РЕШЕНИЮ ЗАДАЧ ПО ТЕМЕ «ГЕНЕТИКА ЧЕЛОВЕКА» В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБУЧЕНИЯ

В этой статье рассматриваются дидактические основы профессиональной подготовки будущего преподавателя в процессе решения задач на тему «Генетика человека» на условиях кредитной системы обучения. С целью воспитания самостоятельности у студентов эта система обязательно требует развития самостоятельности,а также методов самостоятельного обучения под руководством преподавателя, чтобы они могли применять полученные теоретические знания на практике. Автор отметил, что самостоятельная работа в кредитной системе обучения считается творческой и индивидуальной деятельностью каждого студента высшего учебного заведения наряду с ее выполнением повышается их заинтересованность в учебе. Приобретение знаний требует у студентов выполнения самостоятельной работы с помощью книг и изучения научной, методической и общественной литературы. В кредитной системе обучения самостоятельная работа студентов считается фундаментом повышения уровня и качества знаний учащихся. В кредитной системе обучения самостоятельная работа студентов (СРС) имеет особое место, согласно государственным стандартам обучения для специальностей университета, в учебных планах специальностей составляет 50 % объема часов учебной нагрузки для студентов очного отделения. То есть в кредитной системе обучения уменьшили объем аудиторных работ, повысили значение и место самостоятельных работ студентов. Так как с помощью активизации самостоятельных работ студентов появляется возможность закрепления учебного материала, приобретения новых профессиональных знаний и формирования практических навыков.
**Ключевые слова:** самостоятельная работа, кредит, кредитная система обучения, преподаватель, студенты, самостоятельная работа студентов, самостоятельная работа студента под руководством преподавателя.

## DIDACTIC FOUNDATIONS OF PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS FOR SOLVING PROBLEMS ON THE TOPIC "HUMAN GENETICS" IN THE CONDITIONS OF THE CREDIT EDUCATION SYSTEM

This article examines the didactic foundations of the professional training of a future teacher in the process of solving a problem on the topic "Human genetics" on the terms of the credit education system. The author notes that independent work plays an important role in the comprehensive development of students' skills and abilities, as well as in improving the level and quality of their knowledge. In order to foster self-reliance among students, this system necessarily requires the development of knowledge of autonomy, as well as self-study methods through the guidance of a teacher, so that they can apply their theoretical knowledge in practice. The author noted that independent work in the credit system of education is considered to be the creative and individual activity of each student of a higher educational institution, along with its implementation, their interest to learn increases. Acquired knowledge requires students to perform independent work using books and studying scientific, methodological and public literature. In the credit system of education, independent work of students is considered the foundation for raising the level and quality of students' knowledge. In the credit system of education, independent work of students (IWS) has a special place in the same way according to state standards of education for university specialties and curricula for specialties is 50% of the volume of study load for full-time students. That is, in the credit system of training, the volume of audit work was reduced, the value and place of students' independent work increased. As with the help of activating the independent work of students, it becomes possible to strengthen educational material, the acquisition of new professional knowledge and the formation of practical skill.
**Keywords:**Independent work, credit, credit system of education, teacher, students, independent work of students, and independent work of a student with the guidance of a teacher.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Сведение об авторе:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Information about the author:** ***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, associate professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Негматова Ш.Р.*** Интересы России и Китая в регионе Центральной Азии………………………… *5*

***Ван Лин Лин*** Гуманитарная стратегия Китайской Народной Республики в Центральной Азии *12*

***Мамадалиев И.А., Фаттохзода С.*** Традиционный казият в Туркестанском крае и его модернизация……………………………………………………………………………………….. *26*

***Аюбов А.Р.*** Аз Зарафшон то Хуҷанд: назаре ба инъикоси ҳунарҳои мардумӣ дар топонимика *32*

***Абдуллоев М.Х., Абдуллоева Ҷ.М.*** Нақши истиқлолият дар рушди кадрҳои илмӣ ва омӯзгории Тоҷикистон........................................................................................................................ *38*

***Парвиз Шамолов, Маҳмадрасулов Бобоҷон*** Тоҷикистон дар 30 соли истиқлолият: мушкилот ва дурнамо *46*

***Рустамзода Завқиддин Рустам*** Давраҳои асосии ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқӣ ........................................................................................................................ *53*

***Ализода Алиҷон Анвар*** Ҳиндустон маҳди матбуоти форсӣ-тоҷикӣ.......................................... *60*

***Тиллобаева С. М.***Аз таърихи рушди илми геометрия дар Осиёи Маркази асримиёнагӣ........ *68*

***Бобоев Х., Раҳматова Р.Б., Исоев С.Қ.*** Саҳми академик П.Б. Бобоҷонов дар рушди илми астрономияи Тоҷикистон........................................................................................................ *75*


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Зиёев И. Г., Одинаев М. С.*** Общая характеристика философского наследия Афзалиддина Кашани *82*

***Ахмедов Саид*** Фалсафаи дин ҳамчун назария ва методологияи умумии диншиносӣ………… *89*

***Амирхон Ш.Т.*** Таснифоти илмҳо дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ...................................... *97*

***Абдуллоев И.П.*** Хирадгароии Имоми Аъзам Абӯҳанифа…………………………………………… *103*

***Заҳруддинов И. З.*** Истиқлолияти давлатӣ дар доираи глобализатсия…………………………… *110*

***Абдуллоҳ М. С.*** Муосирият ва вижагиҳои ҳувияти фарҳангӣ.................................................... *119*

***Ибодов М. О., Раҷабов А.С.*** Идеяи таҳаввулотгароии глобалӣ дар фалсафа ва илми муосир. *127*

***Одинаев С.Ш.*** Озодии виҷдон ҳамчун рукни муҳимми ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд....... *133*


### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ- ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Мирализода А. М., Афизов С.Х.*** Педагогические условия мотивации учебно-познавательной деятельности студентов средствами информационных технологий в условиях кредитной системы образования……………………………………………………………………………………….. *140*

***Рахманова М.Дж.*** Практика интегрированного обучения английскому языку…………………….. *150*

***Джумаева К.Т.***Психолого – педагогический аспект понятия «познавательный интерес» **………..** *157*

***Рузиева Л.Т., Тагоева М.Дж.*** Политехническая направленность в трудовом обучении учащихся - научно-практическая основа их технического творчества.............................................................. *162*

***Самадова И.Н., Икромова Д. В.*** Об особенностях формирования грамматических навыков на уроках синтаксиса в школьном курсе русского языка………………………………………………………. *171*

***Худойбердиева М.З.***К вопросу о патриотическом воспитании студентов в языковом вузе…………. *179*

***Мирализода А.М., Давлатов Р.М.*** Использонвание тестирования, рейтинговой системы посредством икт в процессе образования........................................................................................ ***185***

***Сатторов Б.А.*** Социально-экономические условия республики таджикистан и их влияние на рост правонарушений среди несовершеннолетних……………………………………………………………… ***191***

***Азизов Х.У. Абдуллоева М.И.*** Разработка электронного учебно-методического обеспечения для сопровождения студентов колледжа при обучении педагогическим дисциплинам…………………. ***201***

***Худойназаров М.А., Хаджибабаева М.Х.*** Эффективность содержания опытно-экспериментальной работы по развитию научного мировоззрения учащихся на основе использования инновационных технологий обучения ……………………………………………………………………………………….. ***209***

***Каримова И.Х., Ансори П.Б.*** Реализация педагогических условий развития профессиональной самостоятельности студентов педагогического вуза ………………………………………………… ***217***

***Асророва Н.Ч.*** Некоторые вопросы классификации и характеристика игровой деятельности учащихся………………………………………………………………………………………………. ***228***

***Лутфуллои Саъдулло*** Этапы развития и внедрения интеграционного подхода……………………. ***234***

***Шаропов Ш.А., Турсуматова Р.А.*** Оиди баъзе шартҳои педагогии ба роҳ мондани раванди таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон……………………………………………………… ***239***

***Абдураҳмонов Ғолибҷон*** Дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва моҳияти он……………………………… ***246***

***Саодати Раҳмоналӣ*** Инъикоси масъалаи тарбияи одобу ахлоқ дар эҷодиёти адибони ҳавзаи Кӯлоб (Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва Саидҷон Ҳакимзода)................................................. ***252***

***Тагиров Н.С.*** Таълими муттасил дар низоми Таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон....................... ***259***

***Сармусоқова Г.Н.*** Тарзи зиндагӣ ва таъсири он ба саломатӣ........................................................ ***264***

***Давлатзода Рустам*** Фарҳанги муошироти иҷтимоӣ: моҳият, хусусиятҳо ва сохтор................ ***270***

***Азизов А.А., Алиева М.Н., Собирова М.*** Омодагии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба худмуайянкунии касбӣ ............................................................................................................ ***276***

***Мирализода А. М., Давлатзода Ҷамила*** Ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамчун муаммои педагогӣ.................................................................. ***282***

***Баротзода К.А.*** Асосҳои дидактикии тайёрии касбии омӯзгорони оянда зимни ҳалли масъалаҳо оид ба мавзуӣ «генетикаи одам» дар шароити низоми кредитӣ …………………… ***289***

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

## ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(www.vestnik-tnu.com).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2021. №6**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.vestnik-tnu.comj**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 37,4 усл. п.л. 8
Подписано в печать 29.11.2021 г. Заказ №2020/30-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе,